**ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН**

**ТДУ: 342 (575.3)**
**ТКБ: 67.400 (2Т)**
**М-63**

**Бо ҳуқуқи дастнавис**

**МИРЗОЗОДА ШАҲРИЁР МУНАВАР**

# ТАНЗИМИ ҲУҚУҚӢ-КОНСТИТУТСИОНӢ ВА АМАЛИШАВИИ ҲУҚУҚИ ШАХС БА МЕҲНАТ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Д И С С Е Р Т А Т С И Я**

барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисосҳои 12.00.02 – Ҳуқуқи конститутсионӣ; ҳуқуқи мурофиаи судии конститутсионӣ; танзими ҳуқуқии ҳокимияти маҳаллӣ

**РОҲБАРИ ИЛМӢ:**

Доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ,
профессор **Диноршоҳ А.М.**

Душанбе – 2024

**НОМГӮЙИ ИХТИСОРАҲО ВА (Ё) АЛОМАТҲОИ ШАРТӢ**
**МУҚАДДИМА........................................................................ 4**
**БОБИ 1. АСОСҲОИ ҲУҚУҚӢ-КОНСТИТУТСИОНИИ ҲУҚУҚ БА МЕҲНАТ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**
1.1. Мафҳум ва моҳияти конститутсионии ҳуқуқ ба меҳнат…………. 22
1.2. Танзими ҳуқуқии ҳуқуқ ба меҳнат дар қонунгузории миллӣ ва санадҳои байналмилалӣ……………………………………………………… 42
1.3. Мавқеи ҳуқуқ ба меҳнат дар низоми ҳуқуқу озодиҳои инсон ва алоқамандии он бо дигар ҳуқуқҳои инсон……………………………………… 69
**БОБИ 2. МЕХАНИЗМИ АМАЛИГАРДОНИИ ҲУҚУҚИ КОНСТИТУТСИОНИИ ШАХС БА МЕҲНАТ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**
2.1. Тартиби амалишавии ҳуқуқи конститутсионӣ ба меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон…………………………………………………….... 97
2.2. Кафолатҳои давлатии ҳуқуқ ба меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон……………………………………………………………… 122
2.3. Маҳдудсозии ҳуқуқӣ-конститутсионии ҳуқуқи шахс ба меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон………………………………………………… 143
2.4. Шакл ва усулҳои ҳимояи ҳуқуқ ба меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон……………………………………………………........... 162
**ХУЛОСА……………………………………………………… 205**
**ТАВСИЯҲО ОИД БА ИСТИФОДАИ АМАЛИИ НАТИҶАҲОИ ТАҲҚИҚОТ................................................................................................ 215**
**РӮЙХАТИ АДАБИЁТ............................................................................ 217**
**ИНТИШОРОТ АЗ РӮЙИ МАВЗУИ ДИССЕРТАТСИЯ..................... 237**

## НОМГӮЙИ ИХТИСОРАҲО ВА (Ё) АЛОМАТҲОИ ШАРТӢ

**ҶТ – Ҷумҳурии Тоҷикистон**

**ИҶШС– Иттиҳоди Ҷумҳурии Шуравии Сотсиалистӣ**

**ҶШС Тоҷикистон- Ҷумҳурии Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон**

**СММ – Созмони Милали Муттаҳид**

**ТБМ–Ташкилоти байналмилалии Меҳнат**

**ИМА– Иёлоти Муттаҳидаи Амрико**

**ИДМ –Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил**

**ҶМШС – Ҷумҳурии Мухтори Шуравии Сотсиалистӣ**

**ҶШФСР – Ҷумҳурии Шуравии Федеративии Сотсиалистии Россия**

**ҶХДК– Ҷумҳурии Халқии Демократии Корея**

**КМ ҶТ – Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон**

**КМ ҶТ[1] – Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон**

**КҶ – Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

**АМО ҶТ – Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

**ФР – Федератсияи Россия**

**қ. – қисм**

**м. – модда**

**с. – саҳифа**

**С. – саҳифа**

**с. – сол**

**б. – банд**

**ғ. – ғайра**

# МУҚАДДИМА

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот.** Дар раванди ҷаҳонишавии манфиатҳо, ки дар он низоми иқтисодии кишварҳои ҷаҳон ба як шакл дароварда шуда, муҳоҷират рӯ ба афзоиш ниҳодааст, масъалаи фаъолияти меҳнатӣ аҳаммияти хоса касб намудааст. Ин намуди фаъолияти инсон ба манфиати худи шахс, оилаи ӯ ва аҳли ҷомеа нигаронида шудааст. Аммо, сарфи назар аз аҳаммияти фаъолияти меҳнатӣ дар рушди давлат, ҷомеа ва шахсият, зимни таъмин ва амалӣ намудани он дар сатҳи ҷаҳонӣ мушкилоти ҷиддӣ ба мушоҳида мерасанд. Мушкилоти бо кор таъмин намудан барои аксарияти кишварҳои ҷаҳон, сарфи назар аз намуди низоми иқтисодии давлат – хоҳ низоми маъмурӣ-фармондиҳӣ ва ё хоҳ иқтисодӣ-бозаргонӣ, масъалаи ҳалталаб ба ҳисоб меравад.

Дар баробари ин, ҷомеаи ҷаҳонӣ ба таъмин ва ҳифзи ҳуқуқ ба меҳнат таваҷҷуҳи хоса зоҳир мекунад. Як қатор санадҳои байналмилалӣ аз ҷониби мақомоти асосӣ ва махсуси СММ таҳия ва қабул карда шудаанд, ки дар маҷмуъ стандартҳои байналмилалӣ дар соҳаи таъмини ҳуқуқ ба меҳнатро ташкил медиҳанд. Ин муқаррарот дар Конститутсия ва қонунгузории меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон пайваста инъикос ёфтаанд. Бо вуҷуди ин, дар муносибатҳои меҳнатӣ мушкилоти таъмини озодии меҳнат, манъи меҳнати маҷбурӣ ва табъиз дар ин соҳа, муқаррар ва татбиқи намудҳои алоҳидаи ҳуқуқҳои конститутсионии инсон ва шаҳрванд дар соҳаи фаъолияти меҳнатӣ, ки бо консепсияи умумии ҳуқуқи конститутсионӣ ба меҳнат муттаҳид шудаанд, боқӣ мондааст.

Оид ба мавҷудияти мушкилоти ҷойдошта дар ин самт Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни Паёми худ ба Маҷлиси Олӣ аз 26 январи соли 2021 қайд намуданд, ки «дар сиёсати давлату Ҳукумати Тоҷикистон танзими муносибатҳои меҳнатӣ, рушди бозори меҳнат ва бо шуғл таъмин намудани аҳолӣ мавқеи асосӣ дорад. Вале бояд гуфт, ки тибқи таҳлилҳо,

сатҳи касбияти кормандон ҳанӯз ба талаботи бозори меҳнат ҷавобгӯ набуда, ин масъала ба ислоҳоти ҷиддӣ ниёз дорад»[1].

Муҳиммияти мавзуи таҳқиқот, пеш аз ҳама аз он иборат аст, ки дигаргуниҳои бунёдие, ки дар Тоҷикистон дар давоми 30 соли охир ба амал омадаанд, ба пояҳои иқтисодии давлатдорӣ таъсири назаррас расонидаанд. Ин дигаргунсозиҳо ба эътирофи конститутсионии шаклҳои гуногуни моликият, озодии фаъолияти соҳибкорӣ ва иқтисодӣ, рақобати озод асос ёфтаанд. Муқаррароти конститутсионии дарҷгардида ба мазмуни танзими конститутсионӣ-ҳуқуқӣ ва қонунгузорӣ дар соҳаи фаъолияти меҳнатӣ, аз ҷумла дар таъмини имконият ва эҳтиёҷоти инсон ва шаҳрванд барои интихоби озодонаи муносибати худ ба фаъолияти меҳнатӣ, таъмини ҳамаҷонибаи конститутсионии ҳуқуқу озодиҳо дар соҳаи меҳнат таъсири мусбат расониданд.

Дар Конститутсияи Тоҷикистон таҳкими чунин принсипҳо ва меъёрҳои байналмилалӣ дар соҳаи таъмини ҳуқуқ ба меҳнат, аз қабили «озодии меҳнат», «манъи меҳнати маҷбурӣ», «муҳайё намудани шароити мусоиди меҳнат» яке аз асосҳои конститутсионии гузариш аз иқтисоди фармондиҳӣ-маъмурӣ ба иқтисоди бозорӣ гардид. Дар шароити нави хоҷагидорӣ таҳқиқи моҳияти меҳнат, фаъолияти меҳнатӣ ва муқаррароти ба он алоқаманд дар бораи озодии меҳнат ва ҳуқуқ ба меҳнат; таносуби байни категорияҳои «озодии меҳнат» ва «ҳуқуқи меҳнат»; хусусиятҳои хос ва асосии стандартҳои байналмилалии меҳнат ва муқаррароти қонунгузории муосири конститутсионӣ; вазъи танзими ҳуқуқи-конститутсионии озодии меҳнат ва ҳуқуқи инсон ва шаҳрванд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, кафолатҳо, маҳдудиятҳо ва ҳифзи татбиқи онҳо масъалаи мубрам ба ҳисоб меравад.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ.** Масъалаҳои танзим ва татбиқи ҳуқуқ ба меҳнат яке аз мушкилоти мубрами ҳуқуқи конститутсионӣ, дар аксари давлатҳои ҷаҳон, аз ҷумла дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низ ба ҳисоб меравад.

---

[1] Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» аз 21-уми декабри соли 2021. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.president.tj. (санаи муроҷиат 02.02.2022 с.).

Фаъолияти Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳалли масъалаҳои таъмини шуғли аҳолӣ, фароҳам овардани фазои самараноки сармоягузорӣ ва ба ин васила баланд бардоштани некуаҳволии мардум нигаронида шудааст. Дар ин самт мавқеи хосаро фаъолияти илмӣ ишғол менамояд, ки дар доираи он таҳқиқоти гуногуни илмӣ гузаронида шуда, барои беҳтар намудани раванди танзим ва амалӣ гардондани ҳуқуқ ба меҳнат пешниҳодҳои заруриро манзур менамоянд.

Дар баробари ин, бояд таъкид кард, ки мутаассифона дар илми ҳуқуқшиносии ватанӣ ба таври кофӣ ба масъалаҳои танзими ҳуқуқӣ ва амалишавии ҳуқуқ ба меҳнат эътибор дода нашудааст.

Аз ҷумла, масъалаҳои ташаккул ва рушди қонунгузории меҳнат ва татбиқи меъёрҳои байналмилалӣ дар соҳаи меҳнат аз ҷониби муаллифони ватанӣ, ба монанди Г.М. Бобокалонов[2], Д.Қ. Назаров[3] ва дигарон таҳқиқ карда шудаанд. Ҳамзамон, бархе масъалаҳо оид ба амалишавии ҳуқуқ ба меҳнат дар асарҳои Р.Б. Бозоров[4], Э.Д.Кабутов[5], Д.Ш. Сангинов[6] М.З. Раҳимзода[7], Ш.Ҷ. Шарифов[8] ва Н. Шонасриддинов[9], таҳлил карда шудаанд. Танзими фаъолияти меҳнатии гурӯҳҳои алоҳидаи субъектҳо, аз ҷумла занон, кӯдакон ва маъюбон дар асарҳои С.Ю. Алимов[10], С.М. Бухориева[11],

---

[2] Ниг.: Бобокалонов Г.М. Становление и развитие трудового законодательства в Таджикистане (1917-1940 гг.): дис. … канд. юрид. наук. – Душанбе, 2004. – 198 с.

[3] Ниг.: Назаров Д.Қ. Санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ дар низоми сарчашмаҳои танзими ҳуқуқии меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: дис. ... номзд. илм. ҳуқ. – Душанбе, 2021. – 185 с.

[4] Ниг.: Бозоров Р.Б. Теоретические проблемы правового регулирования инвестиций в Республике Таджикистан: концепции правоприменение: автореф. дис. … д-ра юрид. наук. – Душанбе, 2018. – 49 с.

[5] Ниг.: Кабутов Э.Д. Проблемы часноправового регулирования отношений по оказанию услуг трудоустройства в Республике Таджикистан: дис. … канд. юрид. наук. – Душанбе, 2014. – 194 с.

[6] Ниг.: Сангинов Д.Ш. Предпринимательское право Республики Таджикистан: учебное пособие. – Душанбе: ЭР-граф, 2013. – 600 с.; Сангинов Д.Ш. Ҳуқуқи соҳибкории Ҷумҳурии Тоҷикистон: воситаи таълимӣ. – Душанбе: ЭР-граф, 2014. – 500 с.; Сангинов Д.Ш., Мирзоев П.З. Ҳуқуқи соҳибкории Ҷумҳурии Тоҷикистон: китоби дарсӣ . – Душанбе: Андалеб-Р., 2015. – 500 с.; Сангинов Д.Ш. Предпринимательская деятельность по оказанию социально-культурных услуг: проблемы правового регулирования: монография. – Душанбе: Мехрона -2017, 2019. – 424 с

[7] Ниг.: Рахимов М.З. Избранные труды по гражданскому и предпринимательскому праву. – Душанбе: Бухоро, 2014. – 638 с.; Раҳимзода М.З. Фаъолияти соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: назария ва танзими ҳуқуқӣ: монография. – Душанбе, 2018. – 392 с.; Раҳимзода М.З. Проблемаҳои мубрами ҳуқуқи соҳибории Ҷумҳурии Тоҷикистон: монография. – Душанбе: Дониш, 2019. – 557 с.

[8] Ниг.: Шарифов Ш.Ҷ. Танзими ҳуқуқии фаъолияти соҳибкорӣ дар бозори меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон: дис. ... номзд. илм. ҳуқ. – Душанбе, 2022. – 172 с.

[9] Ниг.: Шонасридинов Н. Бобокалонов Ғ.М. Тафсири кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикиситон. – Душанбе, 2020. – 823 с.

[10] Ниг.: Алимов С.Ю. Конституционные основы пенсионного обеспечения военнослужащих – участников боевых действий в зарубежных странах // Вестник Таджикского национального университета Серия

О.Э. Раҳмон[12], инъикос ёфтаанд. Таҳқиқоти диссертатсионии Х.Х. Давлатов[13], З.А. Икромӣ[14] ва Н.Р. Маҳмадуллозода (Н.Р. Маҳмадуллоев)[15] ба масъалаҳои ҳифзи ҳуқуқи муҳоҷирони меҳнатӣ бахшида шудааст.

Ҳуқуқ ба меҳнат дар заминаи ҳуқуқҳои субъективии инсон аз ҷониби ҳуқуқшиносони ватанӣ: А.М. Диноршоҳ[16], А.И. Имомов[17], И.Қ. Миралиев[18] , И.И. Саидов[19], С.М. Салоҳидинова[20], Б.А. Сафарзода[21], Г.Д. Солеҳзода[22], Д.С. Раҳмон[23] ва дигарон мавриди омӯзиш қарор гирифтааст.

Раванди амалишавии масъалаҳои кафолати ҳуқуқи инсон, маҳдудиятҳо ва шаклҳои ҳимояи он аз ҷониби муҳаққиқон, ба монанди З. Ализода[24], У.А. Азиззода[25], Б.С. Гадоев[26], Ҷ.М. Зоир[27], С.И. Ибрагимов[28],

---

социально-экономических и общественных наук 2018. №11. – С.190-195.

[11] Ниг.: Бухориева С.М. Правовая политика Республики Таджикистан в сфере прав и свобод женщин. дис. … канд. юрид наук. – Душанбе, 2020. – 207 с.

[12] Ниг.: Рахмонова О.Э. Развитие законодательства о правах и свободах женщин в Таджикистане (1917–2011 гг.): дис. … канд. юрид наук. – Душанбе, 2012. – 187 с.

[13] Ниг.: Давлатов Х.Х. Международно-правовая защита трудящихся-мигрантов и членов их семей: дис. … канд. юрид. наук. – Душанбе, 2022. – 172 с.

[14] Ниг.: Икрами З.А. Правовые аспекты трудовой миграции в Российской Федерации и в Республике Таджикистан (сравнительная характеристика): дис. ... канд. юрид. наук. - М., 2006. – 160 с.

[15] Ниг.: Махмадуллоев Н.Р. Правовое регулирование трудовых отношений трудящихся - мигрантов в Республике Таджикистан-члене евразийского экономического союза: дис. ... канд. юрид. наук. – М., 2013. – 186 с.

[16] Ниг.: Диноршоҳ А. М. Конституционная регламентация и реализация прав и свобод человека и гражданина: монография. – Душанбе, 2015. – 209 с.

[17] Ниг.: Имомов А.И. Вазъи ҳуқуқии инсон ва шаҳрванд: ҳуқуқ, озодӣ ва вазифаҳои асосӣ. – Душанбе: Офсет Империя, 2013. – 224 с.; Имомов А.И. Ҳуқуқи конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон: китоби дарсӣ. Нашри чорум бо тағйироту иловаҳо. – Душанбе, 2017. – 766 с.

[18] Ниг.: Миралиев И.К. Правовое государство и прав человека: монография. – Душанбе, 2015. – 258 с.

[19] Ниг.: Саидов И.И. Развитие личных и политических прав человека в Таджикистане: историко-правовой и общетеоретический анализ: дис. … канд. юрид. наук. – Душанбе, 2015. – 209 с.

[20] Ниг.: Салохидинова С.М. Право на предпринимательскую деятельность в конституционном праве Республики Таджикистан: дис … канд. юрид. наук. – М., 2016. – 200 с.

[21] Ниг.: Сафаров Б.А. История воплощения концепций и международных стандартов в области прав человека в правовую систему Республики Таджикистан: дис. … д-ра юрид. наук. – 2015 – 359 с.; Диноршоев А.М., Сафаров Б.А. Формирование прав человека в Таджикистане: история и современность. – Волгоград, 2014. – 295 с.

[22] Ниг.: Солехзода Г.Д. Конституционно-правовые основы Республики Таджикистан как социального государства. дис. … канд. юрид. наук. – Душанбе, 2021 – 220 с.

[23] Ниг.: Сафаров Д.С. Права человека и глобализация в контексте исламской правовой культуры. – Душанбе, 2014. – 228 с.

[24] Ниг.: Ализода З. Защита прав и свобод человека посредством органа Уполномоченного по правам человека / З. Ализода // Развитие судебного права, уголовного права и правоохранительной деятельности в Республики Таджикистан. – Душанбе, 2015. – С. 22-30.

[25] Ниг.: Азизов У.А. Конституционные основы судебно-правовой политики в Республике Таджикистан // Судебная правовая политика в России и зарубежных странах: коллективная монография. – СПб, 2019 – С. 435-439.

[26] Ниг.: Гадоев Б.С. Масоили такмили Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикисон соли 1994 // Конститутсия заминаи ташаккули ҳуқуқ ва қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон (Маводҳои конфронси илмӣ-амалӣ бахшида ба 20 – солагии қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон) (Зери назари д.и.ф., профессор А.А. Шамолов. Муҳаррирони масъул н.и.ҳ., ҳуқуқшиноси шоистаи Тоҷикистон, дотсент А.И. Имомов, Б.С. Гадоев). – Душанбе, 2014. – С. 49-62; Гадоев Б.С. Нақши Конститутсия дар таъмини таҳкими Ваҳдати миллӣ \ Инкишофи падидаи конститутсионализм дар даврони истиқлолияти Тоҷикистон.

Ш.Х. Камолов[29], М.А. Маҳмудзода[30], Х.М., Мирзамонзода[31], У.К. Муъминов[32], З.З. Нозакзода[33], Х.О. Ойев[34], Р.С. Одиназода[35], И.Х. Саидзода[36], М.С. Сулаймонов[37], Д.С. Раҳмон[38], К.Н. Холиқов[39], А.Г. Холиқзода[40], И. Шодиев[41], Д.Х. Элназаров[42] ва дигарон мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст.

Дар баробари ин, бояд қайд кард, ки таҳқиқоти ҳамаҷониба ва маҷмӯӣ дар бораи ҳуқуқи конститутсионии шахс ба меҳнат аз тарафи олимони ватанӣ то ҳол сурат нагирифтааст. Таҳлилҳо нишон дод, ки донишмандони ватанӣ танҳо ба баъзе паҳлуҳои мавзуи баррасишаванда таваҷҷуҳ зоҳир кардаанд. Бо назардошти нокифоя таҳқиқ гардидани ин масъала дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, зарурати омӯзиши муфассали масъалаи мазкур ба миён омадааст.

---

(Маводҳои конфронси байналмилалии илмӣ-амалӣ) // Зери таҳрири н.и.ҳ., дотсент Диноршоев А.М. – Душанбе, 2014. – С.100-112.

27 Ниг.: Зоиров Д.М. Таджики: от государства Саманидов до суверенной государственности. (Историко-правовой анализ). СПб: Реноме, 2014. – 287 с.

28 Ниг.: Ибрагимов С.И. Административная юстиция в центрально-азиатских государствах: проблемы становления и развития: дис. ... докт. юрид. наук. – М., 2013. – 459 с.

29 Ниг.: Камолов Ш.Х. Конституционно–правовая регламентация институтов защиты прав и свобод человека и гражданина в Республике Таджикистан: автореф. дис.. канд. юрид. наук.. – Душанбе, 2019. – 26 с.

30 Ниг.: Махмудзода М.А. Сиёсати ҳуқуқӣ ва давлати демократӣ – Душанбе, 2017. – 632 с.

31 Ниг.: Гафуров Х. М. Судебная система Республики Таджикистан: современное состояние и перспективы развития. – Душанбе, 2007. – 186 с.

32 Ниг.: Муминов У.К. Конституционно-правовые основы статуса иностранных граждан в Республике Таджикистан и роль органов внутренних дел в его обеспечении: дис. … канд. юр. наук. – М., 2020. – 213 с.

33 Ниг.: Нозакзода З.З. Институт профессиональных союзов в Таджикистане (Историко-правовое и сравнительно – правовое исследование): дис … канд. юрид. наук. – Душанбе 2023. – 213 с.

34 Ниг.: Ойев Х., Сафаров Б.А. Механизмҳои ҳимояи ҳуқуқи инсон ва шаҳрванд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон – Душанбе, 2013. – 256 с.

35 Ниг.: Одинаев Р.С. «Возникновение и развитие институтов административного правосудия в Таджикистане (историко-правовое исследование)»: дис. … док. юрид. наук: 12.00.01 / Рамазон Сафарович Одинаев. – Душанбе, 2021. – 350 с.;

36 Ниг.: Саидов И.Х. Конституционное право граждан на обращение и его реализация в Республике Таджикистан. – М., 2014. – 160 с.

37 Ниг.: Сулаймонов М.С. Конституционно-правовой статус Президента Республики Таджикистан//– Душанбе, 2019. – 156 с.

38 Ниг.: Рахмон Д.С. Правовая природа актов Конституционного суда Республики Таджикистан – Душанбе, 2020. 184 с.

39 Ниг.: Холиков К.Н. Конституционный суд и конституционное судопроизводство в Таджикистане /– Душанбе, 2014. – 336 с.

40 Ниг.: Холикзода А.Г., Маджидзода Дж.З., Одиназода Р.С. Права человека и конституционно-правовое развитие Таджикистана. – Душанбе: Мехрона, 2019. – 488 с.

41Ниг.: Шодиев И.Р. Развитие судебной системы в Таджикистане (вторая половина XIX – нач. XXI вв.): дис. … канд. юрид. наук. – Душанбе, 2009. – 176 с.

42 Ниг.: Эльназаров Д.Х. Правовое регулирование прав и свобод человека и гражданина в Республике Таджикистан (конституционно-правовой аспект). – Душанбе: РТСУ, 2009. – 224 с.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо ва ё мавзуъҳои илмӣ.** Диссертатсия дар доираи нақшаи корҳои илмӣ-таҳқиқотии кафедраи ҳуқуқи конститутсионии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дар мавзӯи «Масъалаҳои ҳуқуқӣ-конститутсионии танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ ва такмили қонунгузорӣ» барои солҳои 2017-2023 анҷом дода шудааст.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Мақсади таҳқиқот.** Мақсади таҳқиқот ба муайян кардани хусусиятҳои умумӣ ва мушаххаси асосҳои назариявӣ ва ҳуқуқӣ-конститутсионии ҳуқуқи шахс ба меҳнат, таносуби байни мафҳумҳои «ҳуқуқ ба меҳнат» ва «озодии меҳнат», танзими ҳуқуқии он дар қонунгузории миллӣ ва санадҳои байналмилалӣ, муайян кардани робитаи мутақобилаи ҳуқуқ ба меҳнат бо дигар ҳуқуқҳои инсон ва муқаррар намудани мавқеи он дар низоми ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, омӯзиши механизми амалишавии ҳуқуқи конститутсионӣ шахс ба меҳнат, бо муқаррар намудани кафолатҳо, маҳдудиятҳо, унсурҳои ҳифз ва ҳимояи онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон нигаронида шудааст.

**Вазифаҳои таҳқиқот.** Барои ноил шудан ба ҳадафҳои таъиншудаи таҳқиқот вазифаҳои зерин гузошта мешаванд:

- омӯзиши мафҳумҳои асосии назариявӣ, ки заминаи ҳуқуқии ҳуқуқи конститутсионии шахсро ба меҳнат ташаккул медиҳанд;

- омӯзиши таҳаввулот ва танзими ҳуқуқӣ-конститутсионии ҳуқуқ ба меҳнат дар Конститутсия ва қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин дар санадҳои байналмилалӣ;

– муқаррар намудани мавқеи ҳуқуқи шахс ба меҳнат дар низоми ҳуқуқу озодиҳои инсон ва муайян намудани робитаи он бо дигар ҳуқуқҳои инсон;

– таҳқиқи мафҳум, моҳият, мазмун ва шаклҳои амалишавии ҳуқуқи конститутсионии шахс ба меҳнат;

– муайян намудани самтҳои асосии амалишавии кафолатҳои давлатӣ-ҳуқуқӣ дар соҳаи таъмини ҳуқуқ ба меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон;

– муайян намудани моҳият, шакл ва нақши маҳдудиятҳои ҳуқуқӣ-конститутсионии ҳуқуқи шахс ба меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- муайян намудани усул ва методҳои асосии ҳифз ва ҳимояи ҳуқуқи шахс ба меҳнат.

**Объекти таҳқиқотро** муносибатҳои ҳуқуқӣ-конститутсионие ташкил медиҳанд, ки дар ҷараёни танзим ва амалишавии ҳуқуқи конститутсионии шахс ба меҳнат ба вуҷуд меоянд.

**Мавзуи таҳқиқотро** омӯзиши таълимоти назариявӣ оид ба мафҳумҳои ҳуқуқие, ки мазмуни ҳуқуқи шахсро ба меҳнат ташкил медиҳанд, санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ, маводи амалияи судӣ доир ба мазмун, моҳият ва хусусиятҳои хоси ҳуқуқ ба меҳнат ҳамчун муқаррароти асосии конститутсионӣ дар соҳаи меҳнат ташкил медиҳанд.

**Марҳила, давра ва макони таҳқиқот.** Доираи фарогирии таҳқиқоти диссертатсионии мазкур ду марҳилаи танзими ҳуқуқӣ-конститутсионии ҳуқуқи шахс ба меҳнатро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бар мегирад: 1) давраи шуравӣ (1924-1991); 2) давраи истиқлолият (1991–то имрӯз). Таҳқиқоти диссертатсионӣ давраи аз соли 1991 то соли 2023-ро дар бар мегирад.

**Асосҳои назариявии таҳқиқот.** Асоси назариявии таҳқиқотро асарҳои олимони ватанӣ ва хориҷӣ дар соҳаи ҳуқуқи конститутсионӣ, аз қабили С.А. Авакян, З. Ализода, С.Ю. Алимов, М.В. Баглай, Г.Ю. Вдовин, Б.С. Гадоев, Г.А. Гаджиев, А.М. Диноршоҳ, А.И. Имомов, В.И. Крусс, Ҷ.М. Зоир, Х.М. Мирзамонзода, У.К. Муъминов, Н.Г. Мишин, Ф.М.Рудинский, Б.А. Сафарзода, И.И. Саидов, М.С. Сулаймонов, Д.С. Раҳмон, С.М. Салоҳидинова, Б.Н. Топорнин, В.А. Туманов, В.Е. Чиркин, Д.Х. Элназаров, Д.Н. Ярошенко ва дигарон ташкил медиҳанд.

**Асосҳои методологии таҳқиқот.** Асоси методологии таҳқиқотро усулҳои умумиилмӣ (таҳлил, синтез, моделсозӣ, диалектика) ва усулҳои махсуси илмӣ (таърихӣ, ретроспективӣ, муқоисавӣ-ҳуқуқӣ, мантиқӣ-расмӣ, оморӣ) ташкил

медиҳанд, ки ба омӯзиши ҳамаҷониба ва асосноки масъалаҳои ба миён гузошташуда мусоидат кардаанд.

Хулосаҳо ва пешниҳодҳои назариявие, ки дар доираи таҳқиқоти мазкур баён шудаанд, масъалаҳои мубрами замони муосирро пурра инъикос мекунанд, ки дар рисолаҳои муаллифони ватанӣ ва хориҷӣ дар соҳаи ҳуқуқи конститутсионӣ ва меҳнатӣ, инчунин назарияи давлат ва ҳуқуқ инъикос ёфтаанд.

**Заминаҳои эмпирикӣ.** Заминаҳои эмпирикии таҳқиқотро Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ, қонунҳои конститутсионӣ, кодексҳо, қонунҳо, фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил медиҳанд. Аз нуқтаи назари таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии масъалаҳои калидии мавзуъ дар рисола ба конститутсияҳо, қонунҳо ва дигар санадҳои ҳуқуқии давлатҳои хориҷӣ ҷойи махсус дода шудааст.

Инчунин, заминаҳои эмпирикии таҳқиқоти диссертатсиониро баъзе маълумотҳои сотсиологӣ ва оморӣ оид ба вазъи муносибатҳои меҳнатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва кишварҳои хориҷӣ, қарорҳои Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар маводи амалияи судӣ ташкил кардаанд.

**Навгонии илмии таҳқиқот.** Навгонии илмии таҳқиқот бо омӯзиши ҳамаҷонибаи моҳият ва мазмуни ҳуқуқи конститутсиони шахс ба меҳнат дар шароити муосири иқтисодиёти бозоргонӣ, таҳкими меъёрҳои асосии байналмилалӣ дар соҳаи таъмини ҳуқуқи шахс ба меҳнат дар Конститутсия ва қонунгузории кишвар, муайян намудани мавқеи ин ҳуқуқ дар низоми ҳуқуқҳои инсон, кафолатҳои давлатӣ-ҳуқуқӣ, маҳдудиятҳои ҳуқуқӣ ва шаклҳои ҳифзу ҳимоя ҳамчун унсурҳои амалишавии ҳуқуқи шахс ба меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсиф мешавад.

**Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда.** Муқаррароти зерин ҳамчун навгонӣ барои дифоъ пешниҳод карда мешаванд:

1. Танзими ҳуқуқӣ-конститутсионии ҳуқуқи шахс ба меҳнат дар таҷрибаи ҷаҳонӣ ба ду намуд: бавосита ва мустақим, ҷудо мешавад. Намуди якум маънои дар конститутсия мавҷуд набудани танзими мустақили ин ҳуқуқро ҳамчун ҳуқуқи субъективии мустақил дорад. Ин ҳуқуқ ба мазмуни ҳуқуқҳои дигар (масалан, ҳуқуқ ба пешбурди фаъолияти иқтисодӣ) дохил мешавад. Намуди дуюм маънои онро дорад, ки ҳуқуқи шахс ба меҳнат ва унсурҳои асосии он бевосита дар конститутсияи давлат мустаҳкам шудааст. Ҳамзамон, ин танзимнамоӣ метавонад чаҳор равиш дошта бошад – танзими мусбат (ҳуқуқ ба меҳнат), танзими манфӣ (озодии меҳнат), ҳамчун дастури арзишӣ (ҳамчун принсипи асосҳои сохтори конститутсионӣ) ва ҳамчун уҳдадории конститутсионӣ.

2. Мафҳуми ҳуқуқи шахс ба меҳнатро ҳамчун ҳуқуқи субъективӣ метавон ба таври зайл баён намуд: ин ҳуқуқест, ки аз ҷониби давлат дар асоси баёни озоди шахс, имконияти ӯро баҳри амалӣ намудани фаъолияти меҳнатӣ дар шаклҳои муқаррарнамудаи қонун, ки бо низоми кафолатҳои давлатии дар қонунгузорӣ муқаррар шудааст, таъмин карда мешавад. Ҳуқуқ ба меҳнатро дар фаҳмиши болозикр тавсиф намуда, бояд қайд кард, ки асоси онро ифодаи ихтиёрии шахс ба фаъолияти меҳнатӣ ташкил медиҳад. Дар баробари ин, вобаста ба хусусияти амалӣ намудани ҳуқуқи шахс ба меҳнат ду гурӯҳи ваколатҳо вуҷуд доранд - а) ҳуқуқ-ваколатҳое, ки татбиқи онҳо бо ифодаи иродаи субъекти ҳуқуқ ба меҳнат муайян карда мешавад, аз ҷумла, ҳуқуқи ихтиёрдории озодона ба қобилиятҳои худ дар меҳнат, интихоби намуди фаъолият ва касб, ҳуқуқ оид ба баҳсҳои меҳнатии инфиродӣ ва коллективӣ, ба монанди ҳуқуқ ба корпартоӣ; б) ҳуқуқ-даъвоҳое, ки татбиқи онҳо бо ифодаи иродаи субъектҳои дигари ҳуқуқ, аз ҷумла ҳуқуқи ҳар кас ба меҳнат дар шароите, ки ба талаботи бехатарӣ ва санитарӣ ҷавобгӯ мебошад, ҳуқуқ ба музди меҳнати баробар барои кори якхела, ҳуқуқ ба ҳимоя аз бекорӣ, ҳуқуқи ҳар кас ба истироҳат.

3. Танзими конститутсионии ҳуқуқи шахс ба меҳнат ба ду намуд: мустақиман ва бавосита, ҷудо карда мешавад. Ин ҳуқуқ бевосита дар моддаи

35 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар гардида, унсурҳои зеринро дар бар мегирад: ҳар кас ба меҳнат, интихоби касбу кор, ҳифзи меҳнат ва ҳимояи иҷтимоӣ ҳангоми бекорӣ ҳуқуқ дорад. Музди кор аз ҳадди ақалли музди меҳнат набояд кам бошад. Дар муносибатҳои меҳнатӣ ҳама гуна маҳдудият манъ аст. Барои иҷрои кори якхела музди баробар дода мешавад. Ҳеҷ кас ба меҳнати маҷбурӣ ҷалб карда намешавад, ба истиснои мавридҳое, ки қонун муайян кардааст. Танзими бавоситаи ҳуқуқ ба меҳнат бошад дар моддаҳои 12 28, 37 ва 39-и Конститутсия мушоҳида мешавад.

4. Танзими ҳуқуқ ба меҳнат дар санадҳои байналмилалӣ ба ду гурӯҳ тақсим мешавад: санадҳои ҳуқуқии байналмилалии дорои хусусияти умумӣ ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалии махсусгардонидашуда дар соҳаи меҳнат. Ба гурӯҳи якум тамоми санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки ҳуқуқи инсонро ба таври умум танзим мекунанд, аз қабили Эъломияи умумии ҳуқуқи башар, Паймони байналмилалӣ дар бораи ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ ва Паймони байналмилалӣ дар бораи ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангиро мансуб донистан мумкин аст. Гурӯҳи дуюмро санадҳое ташкил медиҳанд, ки мавзуи танзими онҳо ҷанбаҳои гуногуни ҳуқуқ ба меҳнат - Конвенсия дар бораи ҳифзи ҳуқуқҳои ҳамаи муҳоҷирони меҳнатӣ ва аъзоёни оилаҳои онҳо, Конвенсияҳо ва тавсияҳои ТБМ мебошанд.

5. Танзими ҳуқуқи шахс ба меҳнат дар қонунгузории соҳавии меҳнатӣ дорои як қатор хусусиятҳо мебошад, ки онро аз қонунгузории дигар соҳаҳо фарқ мекунонад. Вобаста ба он ки ҳуқуқи шахс ба меҳнат доираи васеи муносибатҳоро фаро мегирад, танзими онҳо дар доираи маҳдуди санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ имконнопазир аст. Дар баробари ин, ҳангоми таҳлили қонунгузории амалкунандаи меҳнат як хусусиятро қайд кардан лозим аст, ки санадҳои меъёрӣ дар шакли қонунҳо (аз ҷумла, Кодекси меҳнат), чун қоида, талаботи умумиро барои таъмини ҳуқуқ ба меҳнат муқаррар мекунанд, ки минбаъд дар санадҳои зерқонунӣ ва ё дар санадҳои локалии ташкилотҳо, муассисаҳо ва дигар шахсони ҳуқуқӣ баён карда мешаванд. Дар асоси ин

хулоса баровардан мумкин аст, ки танзими соҳавии ҳуқуқ ба меҳнат дар санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии зерин амалӣ карда мешавад:

- қонунҳо, аз ҷумла кодификатсияшуда;

- санадҳои меъёрии ҳуқуқии зерқонунӣ (фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, низомномаҳо ва дастурҳои вазорату идораҳои гуногун);

- созишнома ва шартномаҳои локалӣ.

6. Дар натиҷаи таҳқиқоти анҷомдодашуда мо ба хулосае омадем, ки ҳуқуқ ба меҳнат ба гурӯҳи ҳуқуқҳои иқтисодии шахс дохил шуда, дорои хусусиятҳои зерин мебошад: ба воситаи ҳуқуқ ба меҳнат моҳияти иҷтимоии давлат ошкор мегардад; ҳуқуқ ба меҳнат бо ҳуқуқҳои дигари инсон зич алоқаманд буда, метавонад ҳамчун ҳуқуқ ва кафолат баромад намуда, амалишавии онҳоро таъмин намояд; ҳуқуқ ба меҳнат дар низоми ҳуқуқҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ самти умумииҷтимоӣ дорад, зеро он ҳамчун воситаи тасдиқи инсондӯстӣ ва адолат амал мекунад.

7. Тавре таҳлили робитаи мутақобилаи ҳуқуқи шахс ба меҳнат бо дигар ҳуқуқҳо нишон медиҳад, он дар ду асос бунёд ёфтааст. Аввалан, робитае, ки дар натиҷаи он кафолати ҳам ҳуқуқ ба меҳнат ва ҳам дигар ҳуқуқҳои субъективӣ таъмин мешавад, яъне робитаи мутақобилаи муҳофизатӣ-ҳимоявӣ. Ба ибораи дигар, ин навъи муносибат дар асоси он ташаккул меёбад, ки амалишавии ҳуқуқ ба меҳнат татбиқи ҳуқуқи дигари субъективиро кафолат медиҳад ва баръакс. Дувум, робитае, ки дар натиҷаи он барои амалишавии ҳуқуқ ба меҳнат ва дигар ҳуқуқҳои субъективӣ чораҳои мусоидатӣ ба вуҷуд меоянд, яъне робитаи таъминотӣ. Дар ин замина муносибатҳои мутақобила ба он асос ёфтааст, ки амалигардонии ҳуқуқ ба меҳнат, инчунин, имкони амалӣ шудани ҳуқуқи субъективии дигарро ба вуҷуд меорад ва баръакс.

8. Таҳти механизми амалишавии ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар соҳаи муносибатҳои меҳнатӣ бояд маҷмуи воситаҳои ҳуқуқии танзимкунанда ва муҳофизатии сатҳҳои гуногун фаҳмида шавад, ки бо ёрии онҳо ҳуқуқи

субъективӣ дар амал татбиқ шуда, дар рафтори воқеии субъектҳо таҷассум меёбад. Ба сифати унсурҳои механизми амалишавии ҳуқуқ ба меҳнат инҳо баромад мекунанд: кафолати ҳуқуқу озодиҳои инсон, масъалаҳои маҳдудкунии ҳуқуқи инсон ва механизмҳои ҳимояи ҳуқуқи инсон. Раванди ба амал баровардани ҳуқуқ ба меҳнат ду марҳаларо дар бар мегирад - муқарраршавӣ ва таъминотӣ. Марҳилаи муқарраршавӣ масъалаҳои таҳкими ҳуқуқии механизмҳои татбиқ, вазъи ҳуқуқии шахси иштирокчии муносибатҳои меҳнатӣ ва мушаххас кардани доираи ҳуқуқу уҳдадориҳои корманд ва корфарморо дар бар мегирад. Марҳилаи таъминотӣ раванди амалишавии ҳуқуқҳои меҳнатии шахсро тавассути истифода аз усулҳо ва методҳои мувофиқ, ки ба кафолат ва ҳифзи ин гурӯҳи ҳуқуқҳо нигаронида шудааст, дар назар дорад.

9. Таҳти кафолатҳои ҳуқуқ ба меҳнат воситаҳо, усулҳо ва шароитҳое, ки дар қонунгузории меҳнат муқаррар шудаанд, фаҳмида мешавад, ки тавассути онҳо татбиқи ҳуқуқҳои ба корманд дар соҳаи меҳнат додашуда бевосита таъмин карда мешаванд. Кафолатҳои таъмин ва амалӣ намудани ҳуқуқи шахс ба меҳнатро метавон ба се гурӯҳ тақсим кард: кафолатҳое, ки пеш аз муносибатҳои меҳнатӣ амалӣ мешаванд, кафолатҳое, ки дар раванди фаъолияти меҳнатӣ татбиқ карда мешаванд ва кафолатҳое, ки барқароркунии ҳуқуқҳои вайроншудаи меҳнатиро таъмин мекунанд.

10. Масъалаи танзими конститутсионии маҳдудиятҳои ҳуқуқ ба меҳнат дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо роҳи якҷоякунии банди умумӣ ва тавзеҳҳои мушаххас ба амал бароварда мешавад, яъне асосҳои умумии татбиқи маҳдудиятҳо дар моддаҳои 14 ва 47 Конститутсия муқаррар гардида, қайдҳои мушаххас бошад, дар қисмҳои 2 ва 4 моддаи 35 Конститутсия мустаҳкам шудаанд, яъне Конститутсияи кишвар дар мавриди маҳдудиятҳои ҳуқуқи меҳнат ҳам талаботи умумӣ ва ҳам махсусро муқаррар намудааст. Ба ибораи дигар, Конститутсияи кишвар ҳуқуқи шахс ба меҳнатро мустаҳкам намуда, барои татбиқи ин ҳуқуқ сарҳадҳои аниқро муқаррар кардааст.

Таҳлили меъёрҳои Конститутсия ва қонунгузории кишвар нишон медиҳад, ки маҳдудиятҳои ҳуқуқ ба меҳнат метавонад ҳам ҷанбаи объективӣ ва ҳам ҷанбаи субъективӣ дошта бошад. Дар мавриди аввал сухан дар бораи ҳолатҳое меравад, ки ҳудуди фаъолияти меҳнатиро муқаррар мекунанд. Масалан, озодии фаъолияти соҳибкорӣ ҳамчун як намуди фаъолияти меҳнатӣ танҳо бо иҷозатномаи дахлдор имконпазир аст. Маҳдудиятҳои ҳуқуқи меҳнатӣ аз рӯи ҷанбаи субъективӣ муқаррар намудани маҳдудиятҳоро барои як гурӯҳи муайяни шахсон дар назар дорад. Ҳамин тавр, қисми 4-уми моддаи 35 Конститутсия, ки дар боло зикр гардида буд, ду гурӯҳи субъектҳоеро, ки ба корҳои вазнин ва зеризаминӣ ҷалб карда намешаванд – занон ва ноболиғонро, амиқ муқаррар кардааст.

11. Дар заминаи таъмини ҳуқуқ ба меҳнат ду мафҳум ҷудо карда мешавад: «ҳифзи ҳуқуқ ба меҳнат» ва «ҳимояи ҳуқуқ ба меҳнат». Мафҳуми якум хусусияти пешгирикунанда дорад, дуюм бошад, хусусияти барқароркунанда аст. Ин далел дар мисоли ҳуқуқ ба меҳнат, ки дар он категорияи «ҳифзи ҳуқуқ ба меҳнат» ҳамчун маҷмуи тадбирҳое амал мекунад, ки аз ҷониби мақомоти ваколатдор оид ба таъмини шароити мувофиқи меҳнат андешида мешаванд, равшан дида мешавад. Дар навбати худ, «ҳимояи ҳуқуқ ба меҳнат» ҳамчун механизми барқарорсозӣ дар ҳолати вайрон кардани ҳуқуқҳои меҳнатӣ баромад мекунад. Ин тадбирҳо аз ҷониби субъектҳои дахлдор бо шакл ва усулҳои муқаррарнамудаи қонунгузорӣ амалӣ карда мешаванд.

12. Усулҳои ҳимояи ҳуқуқи шаҳрвандон ба меҳнат дар се зернизом, вобаста ба нақш ва дараҷаи иштироки давлат дар механизми ҳуқуқи инсон ташаккул меёбанд. Аввалан, ин усулҳои ҳимояи ҳуқуқҳои меҳнатӣ мебошанд, ки дар онҳо иштироки давлат маҳдуд аст, яъне давлат дар ҳалли мушкилоти бамиёномада бевосита иштирок намекунад – ин муҳофизати инфиродӣ, ҳимояи дастаҷамъона ва ҳимоя аз ҷониби иттифоқҳои касаба мебошанд. Усули дуюм, нақши давлатро дар ҳалли баҳсҳои меҳнатӣ ҳамчун ҳаками мустақил – арбитражи меҳнатӣ, ҳимояи судии ҳуқуқҳои меҳнатӣ тавсиф

мекунад. Сеюм бошад, усули ниҳоӣ ин иштироки бевоситаи давлат дар ҳалли ҳолатҳои баҳсноки меҳнатӣ тавассути мақомоти худ мебошад.

**Дар натиҷаи таҳқиқоти илмии анҷомдодашуда муаллиф тавсияҳои зерини хусусияти амалидоштаро пешниҳод кардааст:**

1. Қонунгузории меҳнат бештар ба тадбирҳои ҳифзкунанда оид ба таъмини ҳуқуқ ба меҳнат нигаронида шудааст, дар ҳоле ки тадбирҳои муҳофизатӣ-барқароркунанда пурра инъикос нагардидаанд. Ба ин муносибат мо пешниҳод менамоем, ки ба қонунгузории кишвар тағйироти дахлдор ворид карда шавад. Ҳамин тавр, мо дар асоси омӯзиши танзими конститутсионии ҳуқуқи шахс ба меҳнат дар кишварҳои хориҷӣ пешниҳод менамоем, ки моддаи 35 қисми 5-и Конститутсия бо мазмуни зайл илова карда шавад: «Шаҳрвандон ба ҳимояи ҳуқуқҳои меҳнатӣ барои таъмини манфиатҳои иқтисодӣ ва иҷтимоии худ ҳуқуқ доранд, аз ҷумла ҳуқуқи муттаҳид шудан ба иттифоқҳои касаба, бастани созишнома ва шартномаҳои коллективӣ ва ҳуқуқ ба баҳсҳои меҳнатии инфиродӣ ва коллективиро бо истифода аз усулҳои муқаррарнамудаи қонун барои ҳалли онҳоро доранд".

2. Бо мақсади баланд бардоштани самаранокии ҳимояи маъмурии ҳуқуқи шаҳрвандон ба меҳнат ва мутобиқати он ба талаботи моддаҳои 14 ва 35 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод менамоем, ки ба қисми 3 моддаи 7, қисми 2 моддаи 23, қисми 3 моддаи 31, қисми 1 моддаи 54, қисми 1 модаи 55, қисми 1 моддаи 56, қисми 1 моддаи 225, сархати 5 қисми 1 моддаи 291, қисми 3 моддаи 342-и Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон тағйиру иловаҳо ворид карда шуда, баъди калимаи “суд” ибораи “ва мақомоти ваколатдори давлатӣ дар соҳаи меҳнат” ворид карда шавад. Ҳамчунин, ба қисми 2, моддаи 15-и Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон баъд аз ибораи “санади судӣ,” ибораи “санади мақомоти ваколатдори давлатӣ дар соҳаи меҳнат” низ ворид карда шавад.

3. Дар татбиқи меъёрҳои танзимкунандаи соҳаи меҳнат, ба ақидаи мо, як қатор носозгориҳо мавҷуданд, ки шарҳи дурустро тақозо мекунанд. Мисол, мутобиқи талаботи банди 2-и қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27

априли соли 2018, № 197 “Дар бораи Номгӯйи соҳаҳо, истеҳсолот, кор, касб ва вазифаҳо (мансабҳо), шароити пешниҳод ва давомнокии рухсатӣ барои собиқаи кории давомнок” ба кормандоне, ки дар як соҳа ё дар як ташкилот муддати дароз кор карда, дорои собиқаи кории давомнок мебошанд, аз ҷониби корфармо дар мувофиқа бо намояндагони кормандон то 10 рӯзи тақвимӣ рухсатии иловагӣ дода мешавад. Талаботи қарори мазкур дар хусуси собиқаи кории давомнок дар як соҳа ё як ташкилоти айни ҳол фаъолияткунанда ё пештар фаъолияткарда норавшан буда, нофаҳмиҳоро ба вуҷуд меорад.

Мушкилоти дарболоовардашуда равшан нишон медиҳад, ки барои амалишавии ҳуқуқ ба меҳнат танзими ҳуқуқӣ аҳаммияти аввалиндараҷа дорад. Аз сабаби норавшании муқаррароти санадҳои меъёрии ҳуқуқии пешниҳодшуда ҳолатҳое ба миён омада метавонанд, ки боиси вайрон шудани ин ҳуқуқ мегарданд. Аз ин лиҳоз, мо чунин мешуморем, ки бо мақсади дастгирии иҷтимоии синфи корманд ба қарори мазкур ё ба моддаи 1-и Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон тағйиру иловаҳо ворид карда шуда, мафҳуми собиқаи кории давомнок дар шакли «Собиқаи кории давомнок-фосилаи бетанаффуси вақтест, ки корманд тибқи шартномаи меҳнатӣ дар як соҳа ё як ташкилот кор кардааст» ифодаи худро ёбад.

4. Зарур мешуморем, ки ба қ. 2 моддаи 7 Қонуни ҶТ «Дар бораи вазъи ҳуқуқии шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» тағйиру иловаҳо ворид карда, он дар шакли зайл баён карда шавад: «Шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд, ки барои истиқомати доимӣ ва ё муваққатан ба Ҷумҳурии Тоҷикистон омадаанд, метавонанд ба фаъолияти муайяни меҳнатӣ машғул шаванд, ба шарте ки ин ба мақсади ба Ҷумҳурии Тоҷикистон омадани онҳо мувофиқ бошад”.

**Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот.** Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот аз он иборат аст, ки хулосаҳои дар рафти таҳқиқот бадастомада маводи консептуалиеро, ки танзим ва татбиқи ҳуқуқи меҳнатро ҳамроҳӣ мекунанд, рушд ва мукаммал мегардонанд, ҷанбаҳои муҳимми

танзими қонунгузории ин ҳуқуқро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон равшан карда, онро аз нав дида мебароянд. Таҳқиқоти диссертатсионӣ, дар маҷмуъ ба ташаккули консепсияи дарки мазмуни илмии категорияи «ҳуқуқ ба меҳнат» мусоидат намуда, заминаи мавҷудбударо барои рушди қонунгузорӣ ва таҳқиқоти илмии минбаъда пурра менамояд.

**Аҳаммияти амалии таҳқиқот** дар он аст, ки хулосаҳои дар рафти таҳқиқот бадастомада ва пешниҳодҳои амалие, ки дар асоси онҳо оид ба татбиқи фаъолияти қонунгузорӣ таҳия шудаанд, ба тасдиқи равиши аз ҷиҳати илмӣ асоснок ҳангоми таҳияи заминаҳои меъёрӣ-ҳуқуқии танзимкунандаи ҳуқуқ ба меҳнат дар Тоҷикистон мусоидат хоҳанд кард.

Маводҳои диссертатсияро ҳангоми таълими фанни ҳуқуқи конститутсионӣ, ҳуқуқи меҳнат, курсҳои махсус ва семинарҳо истифода бурдан мумкин аст.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот.** Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот бо таҳқиқи объективӣ, ҳамаҷонибаи назариявӣ ва амалии танзими ҳуқуқӣ ва татбиқи ҳуқуқ ба меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ мешавад. Эътимоднокӣ, инчунин, дар натиҷаи таҳлили муфассали категорияҳои ҳуқуқӣ ва хулосаҳои илмии аз рӯи онҳо қабулшуда зоҳир мегардад. Дурустии хулосаҳои бадастомадаро пешниҳоду тавсияҳои назариявӣ ва амалии дисертант, ки дар раванди таҳлили муқоисавии қонунгузории миллӣ ва меъёрҳои ҳуқуқии байналмилалӣ, омӯзиши равандҳои муосир, дурнамо, роҳу усулҳои навсозии масъалаҳои баррасишуда ташаккул ёфтаанд, тасдиқ мекунанд.

**Мутобиқати рисола ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Мавзӯъ ва мундариҷаи таҳқиқот ба шаҳодатномаи ихтисоси 12.00.02 – Ҳуқуқи конститутсионӣ; мурофиаи судии конститутсионӣ; танзими ҳуқуқии ҳокимияти маҳаллӣ, ки аз тарафи Комиссияи Олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда шудааст, мувофиқат мекунад.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.** Саҳми шахсии довталаб барои гирифтани унвони илмӣ дар таҳқиқот бо якчанд омилҳо

муайян карда мешавад: аввалан, натиҷаҳои илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ, аз ҷумла хулосаҳои назариявӣ, муқаррароти асосии ҳимояшаванда ва тавсияҳои амалӣ аз ҷониби муаллиф мустақилона ба даст оварда шудаанд; дуюм, саҳми шахсии муаллиф дар навгонии илмие, ки ҷиҳати ҳалли масъалаҳои мубрами марбут ба мафҳумҳо ва мазмуни махсуси ҳуқуқ ба меҳнат ва роҳҳои татбиқи он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод шудаанд, ифода меёбад.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои таҳқиқот.** Рисолаи илмӣ дар кафедраи ҳуқуқи конститутсионии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон таҳия шуда, борҳо дар ҷаласаҳои кафедра мавриди баррасӣ қарор гирифта, ба ҳимоя тавсия шудааст.

Ҷанбаҳои гуногуни таҳқиқоти диссертатсионӣ дар шакли мақола ва маъруза дар конференсияҳо ва семинарҳои илмию амалии байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ пешниҳод карда шуданд:

**а) байналмилалӣ**

- Конфронси байналмилалии илмӣ-амалии «XII хониши Ломоносов” бахшида ба рӯзи илм тоҷик ва 30 - солагии барқарорсозии муносибатҳои дипломатӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Россия. Дар мавзӯӣ “Робитаи ҳуқуқ ба меҳнат ва озодии фаъолияти соҳибкорӣ” Душанбе 2022 с.;

- Конфронси байналмилалии илмӣ-амалӣ «Тоҷикон дар оинаи таърих» бахшида ба 115 -солагии академик Б. Ғафуров дар мавзуи «Худмуҳофизатӣ ҳамчун шакли ҳимояи ҳуқуқ ба меҳнат» – Душанбе, 2023.

**б) ҷумҳуриявӣ**

-Конфронси ҷумҳуриявии илмӣ-амалии “Конститутсия ва низоми ҳуқуқии муосири Тоҷикистон: алоқамандии илм, ҳуқуқэҷоднамоӣ ва амалия”. Дар мавзӯӣ “Мафҳум ва мазмуни ҳуқуқ ба меҳнат тибқи Конститутсия ва қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон” Душанбе, 2020 с.;

- Конфронси ҷумҳуриявии илмӣ-амалии “30 - солагии Исқлолият: марҳилаҳои роҳи тайкарда, воқеият ва пешомадҳо”. Дар мавзӯӣ “Танзими конститутсионии ҳуқуқ ба меҳнат” Душанбе, 2021 с.;

- Конфронси ҷумҳуриявии илмӣ-амалии “Конститутсия ҳамчун омили устувории давлат”. Дар мавзӯӣ “Ташаккули танзимнамоии конститутсионии ҳуқуқ ба меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” Душанбе, 2022 с.;

**Интишори натиҷаҳои диссертатсия.** Натиҷаҳои таҳқиқоти пешниҳодшуда дар асарҳои нашршудаи муаллиф, аз ҷумла дар 14 мақолаи илмӣ, ки 8-тои онҳо дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 6 мақола дар нашрияҳои дигар ба табъ расидаанд, инъикос ёфтаанд.

**Сохтор ва ҳаҷми рисола** ба ҳадаф ва вазифаҳои таҳқиқот мувофиқат мекунад. Рисола аз номгӯи ихтисорот, муқаддима, ду боб, ҳафт сархат (зербоб), хулоса, тавсияҳо ва рӯйхати сарчашмаҳо ва адабиёти истифодашуда иборат аст. Ҳаҷми умумии рисола 241 саҳифаро ташкил медиҳад.

# БОБИ 1. АСОСҲОИ ҲУҚУҚӢ-КОНСТИТУТСИОНИИ ҲУҚУҚ БА МЕҲНАТ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## 1.1. Мафҳум ва моҳияти конститутсионии ҳуқуқ ба меҳнат

Дар қисми 3-юми моддаи 1-и Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6-уми ноябри соли 1994 пешбинӣ шудааст, ки «Тоҷикистон давлати иҷтимоӣ буда, барои ҳар як инсон шароити зиндагии арзанда ва инкишофи озодонаро фароҳам меорад»[43]. Дар асоси моддаи ишорашуда, Тоҷикистон ҳамчун давлати иҷтимоӣ муаррифӣ гардида, сиёсати он ба фароҳам овардани шароити зиндагии арзанда ва инкишофи озодонаи шахс нигаронида шудааст. Дар ҳамин замина Г.Д. Солеҳзода қайд менамояд, ки «бо мустаҳкам намудани муқаррароти мазкур дар Конститутсия, давлат уҳдадор мешавад, то шароит ва заминаҳоеро фароҳам орад, ки барои расидан ба зиндагии арзанда ва рушди озодонаи шахс мусоидат намоянд. Дар асоси ин меъёри конститутсионӣ давлат барои таъмини адолати иҷтимоӣ ва баробарии шаҳрвандон уҳдадорӣ ба зимма мегирад»[44]. Ҳамин тариқ, ҳангоми мавҷудияти давлати иҷтимоӣ, дар он манфиат ва ҳуқуқҳои шахс дар мадди аввал гузошта шуда, онҳо ҳамчун унсури марказӣ баромад менамоянд. Ба вуҷуд овардану таъмин намудани шароит барои инкишофи озодонаи шахс ва шоиста зиндагӣ намудани он, инчунин, кафолати таъмини амнияти иҷтимоии шаҳрвандон аз зумраи вазифаҳои аввалиндараҷаи давлат маҳсуб меёбад. Давлати иҷтимоӣ бояд ҳамчун субъекти ҳифзи иҷтимоӣ манфиатҳои шаҳрвандони дар қаламрави он сукунатдоштаро новобаста аз мансубияти нажодӣ, миллӣ, динӣ ва ғояҳои идеологӣ мавриди ҳифз қарор диҳад[45].

Ба муҳим будани масъалаи мазкур Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид намуда, аз ҷумла, зимни ироаи Паёми худ ба Маҷлиси Олӣ аз

---

[43] Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 ноябри соли 1994 бо тағйиру иловаҳо аз 26 сентябри соли 1999, 22 июни соли 2003 ва 22 майи соли 2016 (бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ). – Душанбе: «Ганҷ», 2016. – 136 с.

[44] Солехзода Г.Д. Конституционно-правовые основы Республики Таджикистан как социального государства: дис. … канд. юрид. наук. – Душанбе, 2021. – С. 5.

[45] Ниг.: Трудовое право России: учебник / под ред. Ю.П. Орловского, А.Ф. Нуртдинова. 3-е изд. – М.: Юрид. фирма «Контракт»: «ИНФРА-М», 2010. – С. 9.

23 декабри соли 2022 иброз намуданд, ки «давлат ва Ҳукумати Тоҷикистон ҳанӯз аз оғози соҳибистиқлолӣ пешрафти бомароми соҳаҳои муҳимми ҳаёти ҷомеа – ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, илму маориф, тандурустӣ ва фарҳангро яке аз самтҳои асоситарин ва афзалиятноки сиёсати худ қарор дода, барои расидан ба ин ҳадафҳо ҳамаи тадбирҳои зарурииро амалӣ карда истодааст»[46].

Бояд қайд намуд, ки амалишавии сиёсати иҷтимоии давлат бо татбиқи ҳуқуқҳои конститутсионии инсон, ки дар асоси моддаи 5 Конститутсия арзиши олӣ эътироф шудаанд, алоқамандии ногусастанӣ дорад. Дар ҳамин замина Т.И. Ау қайд менамояд, ки «меъёри баҳодиҳии давлати иҷтимоӣ, инчунин, асоси давлати иҷтимоиро ҳуқуқҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва дигар ҳуқуқҳои инсон ва шаҳрванд ташкил медиҳанд, ки дар Конститутсия мустаҳкам гардидаанд»[47]. Дар навбати худ, муҳаққиқони ватанӣ А.М. Диноршоҳ, С.М. Салоҳидинова, Г.Д. Солеҳзода иброз менамоянд, ки "татбиқи ҳуқуқҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва фарҳангӣ, ки ба иҷрои вазифаҳои иҷтимоии давлат мусоидат менамоянд, ба ҳалли вазифаҳои зерин нигаронида шудаанд:

– қонеъ намудани талаботи моддии шахс;

– қонеъ намудани талаботи иҷтимоии шахс (ҳуқуқҳое, ки ба инсон зиндагии шоистаро кафолат медиҳанд, ҳуқуқҳое, ки инкишофи муътадили ҷисмонии шахсро таъмин менамоянд, ҳуқуқҳое, ки баҳри ноил шудан ба шарикии иҷтимоӣ дар ҷомеа мусоидат менамоянд);

– мусоидат ҷиҳати ташаккули ҳолати маънавии шахс»

Дар низоми ҳуқуқҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии инсон ҳуқуқ ба меҳнат мавқеи махсусро соҳиб буда, ба ҳар шахс ҳуқуқи машғул шудан ба фаъолияти меҳнатиро, ки худи ӯ онро озодона интихоб менамояд ва ё ба он розигӣ медиҳад, фароҳам меорад. Ҳуқуқи ишорашуда эҳтиёҷоти доимии инсонро ифода намуда, барои ба вуҷуд овардани заминаҳои нахустини моддӣ

---

[46] Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» аз 23-юми декабри соли 2022. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://prezident.tj (санаи муроҷиат: 04.02.2023 с.).
[47] Ау Т.И. Проблемы социальной государственности в Республике Казахстан (в контексте сравнения с опытом Российской Федерации): дис. ... канд. юрид. наук. – Москва, 2014. – С. 64.

ҷиҳати мавҷудияти инсон, ҳамзамон, таъмини рушди ҳамаҷонибаи шахс мусоидат менамояд.

Бояд қайд намуд, ки меҳнат раванди мураккаб ва гуногунҷанбаи инсон бо табиат аст. Меҳнат сарчашмаи асосии муваффақияти иҷтимоӣ дар ҷомеа ба ҳисоб меравад. Бо ин назардошт, нақш ва аҳаммияти меҳнат дар ҳаёти инсон бебаҳс мебошад. Дар ҳамин замина Д.С. Тишков қайд менамояд, ки «аҳаммияти фаъолияти меҳнатӣ дар он зоҳир мегардад, ки натиҷаи он арзишҳои моддӣ ва маънавиро таъмин намуда, барои қонеъ кардани талаботи аъзои ҷомеа мусоидат менамояд. Арзи ҳастӣ намудан ва ташаккул ёфтани соҳаи иқтисодӣ ба истеҳсоли сарватҳои моддӣ вобаста буда, расидан ба ин ҳадаф фаъолияти мақсадноки одамонро тақозо менамояд»[48].

Категорияи «меҳнат»-ро намояндагони ҳам илмҳои табиатшиносӣ (биология) ва ҳам ҷомеашиносӣ (ҳуқуқшиносӣ, фалсафа, психология, сотсиология, иқтисодиёт) дар самтҳои гуногун мавриди омӯзиш қарор медиҳанд. Масалан, дар биология меҳнатро ҳамчун ҷараёне маънидод менамоянд, ки дар байни инсон ва табиат ба вуҷуд омада, дар он инсон тавассути фаъолияти миёнаравӣ мубодилаи моддаҳоро миёни худ ва табиат ба танзим медарорад[49]. Бо ин назардошт, меҳнат омили муҳимми ташаккулёбии инсон ҳамчун мавҷудоти биологии инкишофёфта маҳсуб меёбад. Дар психология бошад, меҳнат ҳамчун раванди амал ва инкишофи одам ба ҳайси субъекти фаъолияти касбӣ (объективӣ), инчунин, ҳамчун фарди алоҳида, ки дорои хислатҳои психологии зерин аст, баромад менамояд: пешгӯии бошууронаи натиҷаи арзишҳои муҳимми ҷамъиятӣ; дарки уҳдадориҳо барои расидан ба ҳадафи аз ҷиҳати иҷтимоӣ муайяншуда; бошуурона интихоб кардан, истифода бурдан, такмил додан ё офаридани асбоб ва воситаҳои фаъолият; вобастагии шуурӣ ва ташкили муносибатҳои байнишахсӣ («ҷисмонӣ» ва «моддӣ»)[50]. Дар чунин маврид таъсири

---

[48] Тишков Д.С. Право каждого на труд: понятие и конституционно-правовое регулирование // Алтайский юридический вестник. – 2016. – № 2 (14). – С. 49-53.

[49] Ниг.: Большая Советская Энциклопедия: в 30 томах. Т. 26 / Гл. ред. А.М. Прохоров. – 3-е изд. – М.: Сов. энцикл., 1977. – С. 264.

[50]Толочек В.А. Современная психология труда. – СПб: Питер, 2005. – С. 29, 31-32.

психофизиологӣ ва равонии фаъолияти меҳнатӣ нисбат ба инсон мавриди омӯзиш қарор дода мешавад. Дар адабиёти иқтисодӣ мафҳуми меҳнат ҳамчун раванд мавриди баррасӣ қарор мегирад, яъне фаъолияти инсон барои истеҳсоли мол ва захираҳо, ё ҳамчун як намудани захираҳои иқтисодӣ[51]. Дар сотсиология мафҳуми меҳнат ҳангоми омӯзиши шаклҳои иҷтимоӣ ва шароити меҳнат, ташкили иҷтимоии меҳнати муштарак – коллективӣ ё инфиродӣ, ҷанбаҳои мухталифи ҷалби иҷтимоию психологии шахс ба фаъолияти меҳнатӣ, яъне самтҳои арзишӣ, ангезавӣ ва ғ. мавриди истифода қарор мегирад[52].

Аз нигоҳи ҳуқуқ ҷанбаҳои иқтисодӣ ва иҷтимоии меҳнат аҳаммияти бештарро доро мебошад. Бо мақсади тасдиқи ин гуфтаҳо як қатор меъёрҳои конститутсиониро далел меорем, ки масъалаи ишорашударо танзим намудаанд. Меҳнат асоси иқтисодиёти ҶХДК маҳсуб ёфта, дар сатҳи Конститутсия он ҳамчун «меҳнати мустақилона ва эҷодии меҳнаткашони аз истимор ва зулм озодшуда» муайян карда шудааст (моддаи 29 Конститутсияи ҶХДК)[53]. Дар қисми 1-уми моддаи 35 Конститутсияи Ҷумҳурии Озарбойҷон бошад, «меҳнат асоси некуаҳволии шахсӣ ва иҷтимоӣ» маънидод карда шудааст[54]. Аз моҳияти моддаи 4 Конститутсияи Италия бармеояд, ки дар он ҷо меҳнат ҳамчун фаъолият ё иҷрои вазифаҳое маҳсуб меёбад, ки ба рушди моддӣ ва маънавии ҷомеа мусоидат менамояд[55].

Бо назардошти гуфтаҳои болозикр, метавон иброз намуд, ки ҳуқуқ ба меҳнат ифодакунандаи моҳияти иҷтимоӣ ва иқтисодии мафҳуми ишорашуда мебошад. Аз ин рӯ, комилан аён аст, ки фаъолияти меҳнатӣ барои рушди ҷомеа нигаронида шуда, аз давлат тақозо менамояд, то ба самти мазкур

---

[51]Ниг.: Шаталова Т.Н., Еленваренко А. Теоретические аспекты в исследовании понятия «труд» с позиции процесса и экономического ресурса // Вестник ОГУ. – 2007. – № 4. – С. 71, 73.
[52]Ниг.: Тощенко Ж.Т., Цветкова Г.А. Социология труда. Учебник для вузов. – М.: Центр социального прогнозирования и маркетинга, 2012. – С. 50-51.
[53]Конституция КНДР принята на I сессии Верховного Народного Собрания КНДР пятого созыва 27 декабря 1972 года с изм. от 9 апреля 1992 г. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: URL: http://vkpb.ru/old/kndr/const_kndr.shtml (санаи муроҷиат 02.09.2014 с.).
[54]Конституции государств Европы: в 3-х т. Т. 1 / Под общ. ред. Л.А. Окунькова. – М.: Изд-во НОРМА, 2001. – С. 137.
[55]Конституции зарубежных государств: Великобритания, Франция, Германия, Италия, Соединенные Штаты Америки, Япония, Бразилия: учебное пособие / сост. сб. В.В. Маклаков. - 7-е изд. – М.: Волтерс Клувер, 2010. – С. 270.

таваҷҷуҳи бештарро равона созад, зеро давлат уҳдадории идоракунии тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятиро бар дӯш гирифтааст. Бо ин мақсад, қариб дар тамоми давлатҳои дунё ба танзими муносибатҳои меҳнатӣ диққати махсус зоҳир карда шуда, тавассути меъёрҳои конститутсионӣ мавриди танзим қарор гирифтааст.

Дар кишвари мо ҳуқуқ ба меҳнат бори нахуст моҳияти конститутсионии худро дар Конститутсияи ҶШС Тоҷикистон аз соли 1937 пайдо намуд, ки он дар заминаи Конститутсияи ИҶШС аз соли 1936 қабул гардида буд. Дар Конститутсияи мазкур ҳуқуқ ба меҳнат ҳамчун ҳуқуқи кафолатноки музднок вобаста ба миқдор ва сифат пешбинӣ гардида, бо меҳнат таъмин намудани шаҳрвандон ва пардохти музди муносибро уҳдадории ҷамъият маънидод менамояд. Конститутсияи ҶШС Тоҷикистон соли 1978 дар асоси муқаррароти Конститутсияи соли 1977 ИҶШС ҳуқуқи баррасишавандаро дар шакли васеъ ва воқеӣ танзим намуда, пешбинӣ кард, ки ҳуқуқ ба меҳнат на танҳо ҳуқуқи шаҳрванд ба гирифтани кори кафолатнок, балки ҳуқуқи интихоби касб, навъи машғулият ва меҳнат мувофиқи ихтисос, қобилият, тайёрии касбӣ, таҳсили ба эҳтиёҷоти иҷтимоӣ асосёфтаро фарогир аст. Баъдан Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон низ моҳияти ҳуқуқ ба меҳнатро дар ҳамин шакл танзим намуд. Инчунин, кафолатҳои иҷтимоӣ ва иқтисодии ҳуқуқ ба меҳнат дар дигар ҳолатҳо мавриди танзим қарор гирифта буданд. Вазифаи конститутсионии шаҳрвандони қобили меҳнат ба меҳнат ва ҳуқуқ ба меҳнат ҳамчун аксиома эътироф карда шуд.

Ҳуқуқ ба меҳнат танзими ҳуқуқии худро дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз соли 1994 пайдо намудааст. Конститутсия ҳамчун қонуни асосии давлат меъёрҳои мушаххасеро пешбинӣ менамояд, ки ба амалигардонии фаъолияти меҳнатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон нигаронида шудааст.

Дар ҳамин замина бояд ёдовар шуд, ки танзими конститутсионии ҳуқуқ ба меҳнат бар хилофи аксарияти ҳуқуқҳои инсон дар давлатҳои дунё якранг танзим нагардидааст. Ҳолати мазкур бо он вобаста мебошад, ки дар

давлатҳои сайёра барои муайян намудани мазмуни ҳуқуқ ба меҳнат муносибатҳои гуногун ҷой доранд ва ҳамон тавре ишора кардем, он ба асосҳои иқтисодӣ ва иҷтимоии давлат вобастагӣ дорад.

Масъалаи ишорашударо К.М. Худолей мавриди омӯзиш қарор дода, чор намуди танзими конститутсионии ҳуқуқ ба меҳнатро ҷудо намудааст. Ба гурӯҳи якум давлатҳое шомиланд, ки дар конститутсияшон ҳуқуқ ба меҳнат танзим нагардида (ИМА, Япония) [56], он моҳияти худро дар ҳуқуқи машғул шудан ба фаъолияти иқтисодӣ пайдо кардааст. Гурӯҳи дуюм дар сатҳи конститутсионӣ озодии меҳнатро танзим намудаанд. Бо чунин мазмун дарк намудани ҳуқуқ ба меҳнат барои бештари давлатҳои Аврупо ва баъзе аз давлатҳои Амрикои Лотинӣ (Руминия, Хорватия, Венгрия, Албания, Мексика ва ғ.) хос мебошад[57]. Гурӯҳи сеюм ҳуқуқ ба меҳнатро ҳамчун ҳуқуқи насбӣ ба давлат алоқаманд медонанд. Он ҳамчун ҳуқуқи ба даст овардани кори кафолатдодашуда фаҳмида мешавад. Имрӯз дар «шакли соф» бо чунин мазмун маънидод намудани ҳуқуқ ба меҳнат, ҳатто дар давлатҳои сотсиалистӣ ба назар намерасад, зеро дар ин давлатҳо ҳуқуқи ишорашуда дар як вақт ба сифати уҳдадорӣ низ муаррифӣ карда шудааст (ҶХДК)[58]. Гурӯҳи чорум ҳуқуқ ба меҳнатро ҳамчун принсипи муайяни сохти конститутсионии давлат, ки дорои хусусиятҳои мураккаб аст, муаррифӣ менамоянд, зеро ҳуқуқ ба меҳнат дар як маврид уҳдадории шаҳрванд ба меҳнат карданро ифода менамояд. Дар баробари ин, худи ҳуқуқ ба меҳнат ба сифати принсипи сохти конститутсионӣ маънидод карда шудааает[59].

Дар навбати худ, А.А. Алпатов масъалаҳои танзими конститутсионии ҳуқуқ ба меҳнатро ба панҷ гурӯҳ ҷудо менамояд.

Ба гурӯҳи якум ҳамон конститутсияҳое шомиланд, ки дар онҳо ҳуқуқ ба

---

[56] Конституционное (государственное) право зарубежных стран. Часть общая: Конституционное (государственное) право и его основные институты / отв. ред. Б.А. Страшун. – М., 2000. – Т. 1-2. – С. 156

[57] Конституционное (государственное) право зарубежных стран. Часть общая: Конституционное (государственное) право и его основные институты / отв. ред. Б.А. Страшун. – М., 2000. – Т. 1-2. – С. 160; Конституции государств Центральной и Восточной Европы / отв. ред. Н.В. Варламова. – М., 1997. – С. 56.

[58] Конституционное (государственное) право зарубежных стран. Часть общая: Конституционное (государственное) право и его основные институты / отв. ред. Б.А. Страшун. – М., 2000. – Т. 1-2. – С. 158.

59 Ниг.: Алпатов А.А. Право человека на вознаграждение за труд в контексте соотношения экономики, права и справедливости (теоретико-правовые вопросы): дис. … канд. юрид. наук. – Волгоград, 2005 – 179 с.

меҳнат моҳияти худро пайдо кардааст ё нияти фароҳам овардани шароит барои татбиқи пурраи он пешбинӣ гардидааст (масалан, Венгрия, Юнон)[60].

Дар гурӯҳи дуюми конститутсияҳо, пеш аз ҳама, озодии меҳнат танзим шуда, ҳуқуқ ба меҳнат ё зикр намудааст ё дар ҷойи дуюм қарор дорад (масалан, Олмон)[61].

Ба гурӯҳи сеюм, конститутсияҳои давлатҳое шомиланд, ки ҳуқуқ ба меҳнат бевосита пешбинӣ нашуда, вале шароити қонунии машғул шудан ба фаъолияти меҳнатӣ кафолат дода шудааст (масалан, Босния ва Герсеговина)[62].

Ба гурӯҳи чорум, конститутсияҳое шомиланд, ки уҳдадории давлатро барои аз байн бурдани бекорӣ ё таъмини шуғли пурра пешбинӣ менамоянд, яъне кафолатҳои ҳуқуқ ба меҳнат (масалан, Испания, Португалия)[63].

Ниҳоятан ба гурӯҳи панҷум конститутсияҳои марбутанд, ки на танҳо ҳуқуқ ба меҳнат, балки уҳдадории меҳнатиро пешбинӣ менамоянд (масалан, Сан-Марино, Франсия)[64].

Бо назардошти гуфтаҳои боло чунин хулоса намудан мумкин аст, ки танзими конститутсионии ҳуқуқ ба меҳнат бояд ба ду намуд ҷудо карда шавад, яъне бавосита ва бевосита. Гурӯҳи якум маънои онро дорад, ки танзими мустақили ҳуқуқ ба меҳнат дар конститутсия ҳамчун ҳуқуқи субъективии мустақил ҷой надорад (ИМА, Япония). Ин ҳуқуқ моҳияти худро дар таркиби дигар ҳуқуқҳо (масалан, ҳуқуқи машғул шудан ба фаъолияти иқтисодӣ) пайдо менамояд.

Гурӯҳи дуюм маънои онро ифода менамояд, ки ҳуқуқ ба меҳнат ва унсурҳои марказии он бевосита дар конститутсияи давлат дарҷ ёфтаанд. Дар баробари ин, танзими мазкур метавонад чор равиш дошта бошад – танзимнамоии мусбат (ҳуқуқ ба меҳнат), танзимнамоии манфӣ (озодии меҳнат), ҳамчун самти арзишӣ (ба ҳайси принсипи асосҳо сохтори

[60] Конституции государств Европы. В 3-х т. Т.3. – М., 2001. – С. 121.
[61] Конституции государств Европы. В 3-х т. Т.1. – М., 2001. – С. 305.
[62] Ҳамон ҷо: – С. 435, 436
[63] Ҳамон ҷо: – С. 59.
[64] Ҳамон ҷо: – С. 431.

конститутсионӣ) ва ҳамчун уҳдадории конститутсионӣ. Дар чунин шакл ҷой доштани навъҳои гуногуни танзими конститутсионии ҳуқуқ ба меҳнат сабабу шароити худро дорад, ба мисли таърихӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, идеологӣ ва ғ. Масалан, аз диди таърихӣ яке аз падидаҳое, ки инсоният дар масири ҳастии худ бо он мубориза бурдааст, ғуломӣ ва ё кори маҷбурӣ ба ҳисоб меравад. Баъдан ҳангоми гузаштан аз сохти феодалӣ ба сохти капиталистӣ масъалаи додани музди муносиб барои меҳнати мувофиқ, фароҳам овардани шароити қобили меҳнат ва ғ. ба миён омаданд, ки бо интихоби форматсияи иқтисодӣ аз тарафи давлат алоқаманд мебошанд. Масъалаҳои ишорашуда баъдан боиси ташаккули мазмуни асосии ҳуқуқ ба меҳнат гардида, дар сатҳи конститутсионӣ ва байналмилалӣ-ҳуқуқӣ танзим шуданд, ки мо болотар оиди он сухан рондем.

Ҷой доштани шаклҳои мухталифи танзими конститутсионии ҳуқуқ ба меҳнат боис бар он гардиданд, ки дар муҳити илмӣ як қатор масъалаҳои баҳсбарангез ба вуҷуд оянд ва асоси онҳоро муайян намудани меҳнат дар шакли ҳуқуқ ё озодии субъективӣ ташкил медиҳад.

Ин тавре маълум аст, мафҳумҳои «ҳуқуқи инсон» ва «озодии инсон» мазмуни гуногун доранд. Масалан, муаллифони китоби «Ҳуқуқи инсон: механизмҳои ҳимояи байналмилалӣ ва россиягӣ» ҳуқуқи инсонро ҳамчун имкониятҳои аз ҷониби давлат эътироф ва кафолатдодашудаи амалҳои инсон дар соҳае, ки қонун пешбинӣ кардааст, маънидод менамоянд. Дар зери мафҳуми «озодии инсон» онҳо соҳаҳои фаъолияти инсонро дарк менамоянд, ки давлат набояд ба онҳо дахолат намояд[65]. Дар навбати худ, Е.А. Лукашева қайд менамояд, ки «таҳлили қонунгузории конститутсионӣ нишон медиҳад, ки истилоҳи «озодӣ» барои имконоти васеътари интихоби инфиродӣ, бидуни натиҷаи мушаххас пешбинӣ шудааст, дар ҳоле ки истилоҳи «ҳуқуқ» амалҳои муайяни шахсро ифода менамояд»[66]. А.М. Диноршоҳ бошад қайд менамояд, ки «ҳуқуқи инсон ин як соҳаи мушаххаси самти фаъолияти инсон буда, аз

[65] Ниг.: Азаров А., Ройтер В., Хюфнер К. Права человека. Международные и российские механизмы защиты. – М., 2003. – С. 23-24.
[66] Права человека / Под ред. Е.А. Лукашевой. – М., 1999. – С. 133.

ҷониби давлат муқаррар ва кафолат дода мешавад. Озодии инсон доираи муносибатҳои ҳуқуқиест, ки давлат муқаррар намудааст ва шахс дар доираи онҳо рафтори худро мустақилона муайян карда, давлат ба мазмуни ин муносибатҳои ҳуқуқӣ дахолат наменамояд»[67].

Ҳамин тариқ, дидгоҳҳои ишорашударо ҷамъбаст намуда, ба хулосае омадан мумкин аст, ки мафҳуми «ҳуқуқи инсон» хусусияти мусбатро дорост, яъне мазмун ва миқёси татбиқи он бевосита ба иродаи давлат вобаста мебошад. Дар навбати худ, мафҳуми «озодии инсон» хусусияти манфӣ дорад, яъне давлат доираи рафтори иҷозатдодашударо муайян менамояд, аммо ба мазмуни ҳуқуқи мушаххас дахолат карда наметавонад.

Масъалаи шакли танзими конститутсионии муносибатҳои меҳнатӣ дар давлатҳои пасошуравӣ аз лаҳзаи пошхӯрии ИҶШС ва таъсиси ИДМ ба миён омад. Т.Д. Гулаева ва Т.А. Смирнова қайд менамоянд, ки «дар зери таъсири таърихии омилҳои гуногун муносибат ба меҳнат дар кишварҳои мо тағйир ёфт. Дар ибтидо меҳнат вазифаи истисноии ҳар як аъзои ҷамъияти сотсиалистӣ маҳсуб меёфт, баъдан дар сатҳи конститутсионӣ ҳуқуқи ҳар кас ба меҳнат муайян карда шуд, ҳарчанд вазифаи меҳнат истисно набуд ва танҳо дар охири асри XX ба ин ҳуқуқ тобиши озодии меҳнатро раво донистанд»[68].

Дар робита ба ин К.М. Худолей ишора менамояд, ки «айни замон ҳуқуқи шаҳрванд ба меҳнат танҳо дар конститутсияҳои Белорусия, Тоҷикистон, Туркманистон, Молдова ва Ӯзбекистон муқаррар гардидааст. Дар бештари конститутсияҳои давлатҳои ИДМ ва ҷумҳуриҳои назди Балтика ба ҷойи ҳуқуқ ба меҳнат озодии меҳнат пешбинӣ карда мешавад. Аммо ҳатто кишварҳое, ки дар сатҳи конститутсионӣ ҳуқуқ ба меҳнатро ҷой додаанд, маънои ин ҳуқукро, ки он дар замони шуравӣ доро буд, ифода намекунад. Ёдовар бояд шуд, ки дар замони шуравӣ бо кор таъмин намудани ҳар як шаҳрвандро давлат кафолат медод»[69]. Мавсуф оид ба танзими ҳуқуқи

---

[67] Диноршоев А.М. Права человека. Учебник для Вузов. – Душанбе, 2011. – С. 60.
[68] Трофимова Г.А. Право на труд и свобода труда: проблемы соотношения // Трудовое право в России и за рубежом. – 2014. – № 2. – С. 24-26.; Чиканова Л.А. Право на труд: конституционный и международный аспекты // Журнал российского права. – 2018. – №5. – С. 5-15.
[69] Худолей К.М. Трудовые права в системе конституционных прав и свобод граждан зарубежных стран СНГ

баррасишаванда дар конститутсияҳои давлатҳои пасошуравӣ таҳлили мухтасар гузаронида, ба чунин хулоса меояд:

Якум, ҳарчанд ҳуқуқ ба меҳнат дар конститутсияҳои Туркманистон ва Ӯзбекистон пешбинӣ шудааст, аммо муҳтавои он ифшо нагардидааст, дар ҳоле ки ҳуқуқ ба меҳнат дар конститутсияҳои Озарбойҷон, Белорусия ва Молдова, воқеан, бо озодии меҳнат баробар карда шудааст.

Дуюм, дар конститутсияҳои Озарбойҷон, Белорусия ва Молдова меъёрҳое, ки ҳуқуқ ба меҳнатро ифода менамоянд, ба ҷуз аз муқаррарот дар бораи озодии меҳнат, инчунин, кафолати ҳифзи шаҳрвандон аз бекорӣ ва табъиз дар соҳаи меҳнат, ҳифзи ҳуқуқҳои меҳнатӣ, таъмин намудани шароити бехатар ва солими меҳнатро дар худ ҷой додаанд.

Бо назардошти гуфтаҳои боло, ӯ ба хулосае меояд, ки ҳуқуқ ба меҳнат дар як қатор давлатҳои ИДМ бавуҷудорандаи маҷмуи ҳуқуқҳо буда, бо озодии меҳнат алоқамандии ногусастанӣ дорад ва барои кафолати татбиқи ҳуқуқҳои меҳнатии шаҳрвандон хизмат менамояд. Дар чунин шакл дарк намудани ҳуқуқ ба меҳнат бо стандартҳое, ки Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ аз соли 1966 муқаррар кардааст, мувофиқат менамояд[70].

Дар фазои илмии кишварҳои пасошуравӣ нуқтаҳои дигар низ пешниҳод шудаанд, ки онҳоро ба чор гурӯҳ ҷудо намудан мумкин аст. Мувофиқи мавқеи якум, «ҳуқуқ ба меҳнат» унсури таркибии «озодии меҳнат» мебошад[71]. Муаллифоне, ки ҷонибдори ин мавқеъ ҳастанд, ба ду далели асосӣ такя менамоянд. Якум, қонунгузор нахуст озодии меҳнатро муқаррар намуда, баъдан ҳуқуқҳои асосии шаҳрвандон (ҳуқуқи озодона интихоб кардан, ҳуқуқ ба шароити бехавф ва ғ.)-ро пешбинӣ менамояд. Дуюм, ҳуқуқ ба меҳнат муносибати инсонро нисбат ба меҳнат ифода намуда, озодии меҳнат муносибатро ба ҳар гуна шуғл дар назар дорад. Дар натиҷа онҳо ба хулосае меоянд, ки мафҳуми «озодии меҳнат» нисбат ба мафҳуми «ҳуқуқ ба меҳнат»

---

и Балтии // Вестник Пермского университета. – 2010. – № 1 (7). – С. 171-178.

[70] Ниг.: Ҳамон ҷо

[71] Ниг.: Анишина В.И., Попонов Ю.Г. Свобода труда или право на труд? // Журнал российского права. – 2007. – № 4. – С. 86-96

васеътар мебошад. Дар байни муҳаққиқони ватанӣ мавқеи мазкурро А.М. Диноршоҳ ҷонибдорӣ менамояд. Мавсуф моҳияти категорияҳои ишорашударо баррасӣ намуда, қайд менамояд, ки «мафҳуми якум аз консепсияи шуравии ҳуқуқи инсон бармеояд ва ифодакунандаи ҷой надоштани бекорӣ аст. Дар ин асос, кафолатҳои он низ муайян гардидаанд: мавҷуд набудани бекорӣ, ба ҳар кас имконияти мувофиқи касбу ихтисоси ба кор даромадан ва додани музди одилонаи меҳнат. Озодии меҳнат мафҳуми васеътар буда, доираи бештари муносибатҳоеро фарогир аст, ки ба таъминнамоӣ эҳтиёҷ доранд. Ҳангоми таҳлил намудани ин мафҳумҳо бояд зикр намуд, ки «ҳуқуқ ба меҳнат» нисбат ба «озодии меҳнат» мафҳуми маҳдуд аст. «Озодии меҳнат» на танҳо кафолати ҷойи кор ва муҳайё намудани шароити мувофиқи меҳнат, балки имконияти интихоб намудани кор кардан ё накарданро низ медиҳад»[72].

Гурӯҳи дуюми муаллифон назари баръаксро манзур менамоянд. Ба ақидаи онҳо, «озодии меҳнат» як қисми таркибии «ҳуқуқ ба меҳнат» мебошад. Онҳо андешаи худро бо он асоснок мекунанд, ки «ҳуқуқ ба меҳнат» бар хилофи «озодии меҳнат» маънои онро дорад, ки давлат барои таъмини он уҳдадор мебошад, яъне ин меъёр на танҳо ҳуқуқи интихоби амал кардан, балки инчунин таъмин намудани онро аз ҷониби давлат дар бар мегирад. Маҳз ҳамин нукта мафҳуми «ҳуқуқ ба меҳнат»-ро васеъ менамояд.

Дар адабиёти илмӣ андешаҳое низ ҷой доранд, ки мувофиқи онҳо «ҳуқуқ ба меҳнат» ва «озодии меҳнат» ду мафҳуми алоҳида ва аз ҳам ҷудо мебошанд, аммо онҳо дар робитаи мутақобила қарор доранд[73].

Нуқтаи назари ниҳоие, ки дар адабиёт ба мушоҳида мерасад, ин айният доштани мафҳумҳои «ҳуқуқ ба меҳнат» ва «озодии меҳнат» аст. Аз нигоҳи В.В. Федин, мафҳуми «ҳуқуқ ба меҳнат»-ро бо мафҳуми «озодии меҳнат» қиёс кардан мумкин аст. Дар баробари ин, озодии меҳнат ҳамчун принсипи асосӣ

---

[72] Диноршоев А.М. Конституционная регламентация и реализация прав и свобод человека и гражданина. – Душанбе, 2015. – 209 с.
[73] Ниг.: Канакова А.Е. К вопросу соотношения категорий свобода труда и право на труд в конституционной доктрине и решениях конституционного суда Российской Федерации // Пробелы в юридическом законодательстве. Юридический журнал. – 2015. – №5. – С. 40-44.

ҳангоми ба вуҷуд омадани муносибатҳо дар рафти фаъолияти меҳнатӣ баҳогузорӣ карда мешавад. Ҳуқуқ ба меҳнат ҳамчун ҳуқуқи субъективӣ ва унсури мақоми ҳуқуқии шахс ба ҳисоб меравад.

Дар асоси омӯзиши мавқеъҳои пешниҳодшуда ба хулосае омадан мумкин аст, ки масъалаи танзими муносибатҳои меҳнатӣ ҳамчун «ҳуқуқ» ё «озодӣ» аз нақш ва дараҷаи иштироки давлат дар ин раванд сарчашма мегирад. Ҳамон тавре болотар ишора кардем, мафҳуми «ҳуқуқ» хусусияти маҳсулӣ, яъне ҷанбаи позитивӣ дорад, дар ҳоле ки мафҳуми «озодӣ» хусусияти табииро дорост, яъне аз ҳолати табиати инсон бармеояд. Бо ин назардошт, феҳристи ҳуқуқҳои инсон фарогирандаи маҷмуи ҳуқуқу озодиҳои инсон мебошад. Дар заминаи танзими муносибатҳои меҳнатӣ баъзе аз муҳаққиқон онро ҳамчун ҳуқуқи фитрӣ муаррифӣ намудаанд[74], дар ҳоле ки ба андешаи бархе дигар ҳуқуқу озодиҳое, ки дар сатҳи қонунгузорӣ муайян ва танзим шудаанд, хусусияти позитивиро доро мебошанд[75].

Дар ҳамин замина муносибатҳои меҳнатӣ, ба андешаи мо, аз доираи умумии ҳуқуқҳои инсон бармеояд, зеро мазмуни онро ваколатҳое фарогиранд, ки ҳам ба «ҳуқуқи инсон» ва ҳам ба «озодии инсон» марбут мебошанд. Аксари муҳаққиқон бар ин назаранд, ки «озодии меҳнат» дар худ ҳуқуқи интихоби озоди фаъолияти касбӣ ва ихтиёрдории озодонаи имкониятҳои худро ҷой додааст, дар ҳоле ки «ҳуқуқ ба меҳнат» як қатор ҳуқуқҳои аз тарафи умум эътирофшудаи муносибатҳои меҳнатиро фаро мегирад: амалӣ намудани фаъолияти меҳнатӣ аз ҷониби шахс танҳо бо ризоияти ӯ, музди меҳнати муносиб, шароити бехатари меҳнат, роҳ нadодан ба табъиз, манъи меҳнати маҷбурӣ, ҳуқуқ ба муттаҳидшавӣ ва дигар ҳуқуқҳо. Аммо ҳангоми баррасӣ намудани ҳуқуқи конститутсионии шахс ба меҳнат аз нуқтаи назари ҳуқуқҳои фитрӣ, мо ҳама гуна омилҳои объективие, ки дар

---

[74] Ниг.: Пономаренко Е.В. Концепция естественного права в конституционно-правовой науке и естественные права и свободы человека // Конституционное и муниципальное право. – 2006. – № 4. – С. 26-29.; Вдовин Г.Ю. Реализация конституционного права граждан на труд в Российской Федерации в современных условиях: автореф. дис. … канд. юрид. наук. – М., 2009. – С. 12.

[75] Ниг.: Беймлер П.Ю. Конституционно-правовое регулирование права человека и гражданина на труд в условиях, отвечающих требованиям безопасности: автореф. дис… канд. юрид. наук – Челябинск, 2012.– С. 10.

доираи озодии баён зуҳур намуда, уҳдадориро ба вуҷуд оварда, имконияти ҳифзи ҳуқуқро муқаррар менамоянд, ғайримақсаднок мешуморем. Дар ин ҷо ба андешаи О.И. Сибулевский метавон розӣ шуд, ки «ҳуқуқи инсон на танҳо ҷанбаи ҳуқуқӣ, балки ахлоқӣ низ дорад. Ҷанбаи ахлоқӣ асоси ҳуқуқи инсон буда, фарогирандаи ҳолати руҳӣ ва идеологӣ мебошад. Ҷанбаи ҳуқуқӣ бошад, хислатҳои хоси инсонро ифода менамояд» [76]. Чунин андешаро муҳаққиқи ватанӣ А.М. Диноршоҳ низ дастгирӣ намуда, қайд менамояд, ки «дар марҳилаи кунунӣ консепсияи нави ҳуқуқи инсон ташаккул ёфта истодааст, ки онро метавон шартан ҳамчун консепсияи инсондӯстии ҳуқуқи инсон маънидод намуд. Консепсияи мазкур дар заминаи консепсияи ҳуқуқҳои табиӣ ва позитивӣ бунёд гардидааст. Ҳуқуқҳои табиии инсон то асри XX моҳияти байналмилалӣ касб намуда, дар сатҳи санадҳои меъёрии ҳуқуқии байналмилалии марбут ба ҳуқуқи инсон инъикос ёфтаанд, яъне хусусияти универсалӣ ва мусбатро касб намуда, баъдан дар сатҳи миллӣ, аниқтараш дар конститутсияҳои давлатҳо, бо баинобатгирии махсусиятҳои ҳар яке аз он, мустаҳкам карда шудаанд» [77].

Дар доираи ҳуқуқ ба меҳнат, ки мо мавриди баррасӣ қарор додем, моҳияти табиии муносибати мазкур бо он алоқаманд аст, ки шахс метавонад кор кунад ё накунад, дар баробари ин, дигар муносибатҳои меҳнатӣ хусусияти позитивӣ пайдо намуда, аз мавҷудияти давлат дар танзими муносибатҳои меҳнатӣ вобаста мебошад. Далели мазкур бо он асоснок мегардад, ки ҳуқуқ ба меҳнат шомили ҳуқуқҳои барномавии инсон буда, амалӣ гардидани он комилан аз давлат вобаста мебошад. Н. Шонасридинов ва Ғ.М. Бобокалонов қайд менамоянд, ки «ҳуқуқ ба меҳнат, ҳуқуқи истисноии инсон буда, танҳо ба ӯ тааллуқ дорад ва давлат бояд барои амалӣ гардидани он тамоми шароити заруриро муҳайё намояд»[78].

---

[76] Цыбулевская О.И. Нравственные основания современного российского права: автореф. дис. … д-ра юрид. наук. – Саратов, 2004. – С. 12

[77] Диноршоев А.М. Конституционная регламентация и реализация прав и свобод человека и гражданина: монография. – Душанбе, 2015. – 209 с.

[78] Шонасридинов Н. Бобокалонов Ғ.М. Тафсири кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикситон. – Душанбе, 2017.– С. 28.

Бо назардошти гуфтаҳои боло, метавон иброз намуд, ки муносибатҳои ҳуқуқии мазкур хусусияти комплексӣ доранд, яъне ҳуқуқ ба меҳнат новобаста ба моҳияти табиӣ-ҳуқуқӣ доштанаш, инчунин, унсурҳои ҳуқуқи позитивиро дар худ мустаҳкам намудааст. Аз нигоҳи мо, «ҳуқуқ ба меҳнат» ва «озодии меҳнат» ифодакунандаи як мафҳум буда, ба танзими ҳуқуқӣ-конститутсионӣ муносибатҳои меҳнатӣ нигаронида шудаанд.

Масъалаи дигаре, ки ба он бояд таваҷҷуҳ зоҳир намуд, муайян кардани мазмуни мафҳуми «ҳуқуқ ба меҳнат» ҳамчун ҳуқуқи субъективии шахс мебошад. Ин ҳуқуқ дар моддаи 35 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда шуда, мувофиқи он «ҳар кас ба меҳнат, интихоби касбу кор, ҳифзи меҳнат ва ҳимояи иҷтимоӣ ҳангоми бекорӣ ҳуқуқ дорад. Музди кор аз ҳадди ақалли музди меҳнат набояд кам бошад.

Дар муносибатҳои меҳнатӣ ҳама гуна маҳдудият манъ аст. Барои иҷрои кори якхела музди баробар дода мешавад.

Ҳеҷ кас ба меҳнати маҷбурӣ ҷалб карда намешавад, ба истисноии мавридҳое, ки қонун муайян кардааст.

Дар корҳои вазнин, зеризаминӣ ва шароити меҳнаташон зарарнок истифодаи меҳнати занон ва ноболиғон манъ аст»[79].

Ҳамин тариқ, ҳуқуқ ба меҳнат яке аз унсурҳои асосии низоми иерархияи арзишҳои конститутсионӣ мебошад. Мустаҳкам намудани ҳуқуқи ҳар як шахс ба меҳнат унсури зарурӣ ва аз ҷониби давлат кафолат додашудаи мақоми ҳуқуқии шахс мебошад, ки онро қонуни асосии давлат муайян кардааст. Меъёрҳои конститутсионӣ дар самти ҳуқуқи ҳар як шахс ба меҳнат хусусияти ташкилӣ доранд. Онҳо мундариҷаеро, ки барои стандартҳои соҳавӣ ҳатмӣ мебошанд, муқаррар намуда, дар таҳкими меъёрии ин ҳуқуқ дар қонунгузории соҳавӣ саҳм мегузоранд.

Ҳамин тавр, вақте сухан дар бораи мазмуни ҳуқуқ ба меҳнат меравад, як қатор масъалаҳоро ҳаллу фасл кардан лозим меояд. Якум, фароҳам овардани

---

[79] Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 ноябри соли 1994 бо тағйиру иловаҳо аз 26 сентябри соли 1999, 22 июни соли 2003 ва 22 майи соли 2016 (бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ). – Душанбе: «Ганҷ», 2016. – 136 с.

шароит ҷиҳати амалӣ гардонидани қобилияти инсон дар самти фаъолияти меҳнатӣ; дуюм, фароҳам овардани шароит ҷиҳати ҳавасмандгардонӣ ва сеюм, баҳои одилона додан ба натиҷаи меҳнати шахс. Дар навбати худ, кафолати бо кор таъмин гардидан ва гирифтани музди меҳнати сазовор аз зумраи вазифаҳои асосии давлат маҳсуб меёбад, зеро дар асоси моддаи 5 Конститутсия давлат ҳуқуқу озодиҳои инсонро эътироф намуда, татбиқ гардидани онҳоро аз рӯи мазмун ва самти фаъолият кафолат медиҳад. Давлат бояд ҷойҳои корӣ ташкил намуда, корҳоеро пешниҳод намояд, ки мардум интихоб ва озодона қабул намоянд. Эътирофи ҳамаҷонибаи ҳуқуқ ба меҳнат бо татбиқи сиёсати иқтисодию иҷтимоӣ алоқаманд буда, мақсад аз он мусоидат намудан ба шуғли пурмаҳсул ва озодона интихобшуда мебошад. Ин нуктаро Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21 декабри соли 2021 таъкид намуданд: «Сифати таҳсилот ва касбомӯзӣ дар муассисаҳои таълимӣ беҳтар карда, ихтисосу ҳунарҳое, ки барои бозори меҳнат заруранд, таъсис дода, ҷиҳати бо шуғл таъмин намудани сокинони мамлакат, бахусус, ҷавонон ва занону бонувон тадбирҳои қатъӣ андешида шаванд»[80].

Ҳуқуқи ҳар кас ба меҳнат аз нигоҳи субъективӣ ба категорияи ҳуқуқҳое тааллуқ дорад, ки он ҳамчун намуд ва андозаи рафтори эҳтимолии иштирокчии муносибатҳои мушаххаси ҳуқуқӣ, ки бо қувваи давлатӣ таъмин карда мешавад, алоқаманд аст[81]. Н.Г. Александров ҳуқуқи субъективиро ягонагии се имконият мешуморад: имконияти рафтори соҳиби ҳуқуқ; имконияти талаб кардани рафтори муайян аз шахси уҳдадор; имконияти истифода аз қувваи маҷбуркунии давлатӣ ҳангоми риоя накардани талабот аз ҷониби шахси уҳдадор[82].

[80] Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» аз 21-уми декабри соли 2021. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.president.tj. (санаи муроҷиат: 02.02.2022 с.).
[81] Ниг.: Кулапов В.Л. Теория государства и права: учебник. – Саратов: Изд-во ФГБОУ ВПО «СГЮА», 2011. – С.182
[82] Ниг.: Александров Н.Г. Законность и правоотношения в советском обществе. – М.: Госюриздат, 1955. – С. 108-109.

Бо назардошти мазмуни меъёрии ҳуқуқи конститутсионии шахс ба меҳнат, бояд қайд намуд, ки доираи имкониятҳои субъектро шакли татбиқи ҳуқуқи мавриди назар муайян мекунад. Тавре маълум аст, амалишавии ҳуқуқи субъективӣ бевосита ба имконият ва хоҳиши субъект вобаста мебошад. Ҳуқуқ ба маънои субъективӣ меъёрҳои мушаххаси ҳуқуқҳои объективиро нисбат ба шароит ва вазъияти муайян таъмин менамояд. Мақсади асосии ҳуқуқи субъективӣ таъмин намудани қобилияти шахс ҷиҳати қонеъ гардонидани талаботҳоест, ки дар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ пешбинӣ шудаанд, инчунин, ҳимоя кардани онҳо тавассути фаъолияти механизмҳои давлатӣ мебошад. Бо муқаррар намудани ҳуқуқҳои субъективӣ давлат муайян менамояд, ки субъектҳои муносибатҳои ҳуқуқӣ кадом эҳтиёҷоти муҳимми иҷтимоиро, ки аз тарафи ӯ дастгирӣ мегарданд, метавонанд татбиқ намоянд. Бар хилофи ҳадаф татбиқ намудани ҳуқуқи субъективӣ боиси вайрон гардидани таносуб дар муносибатҳои ҷамъиятӣ гардида, ҳамчун ҳуқуқвайронкунӣ баҳогузорӣ карда мешавад. Қонеъ гардонидани талаботи шахсии субъекти муносибатҳои ҳуқуқӣ, ки ба ӯ ҳуқуқи субъективӣ дода шудааст, бо роҳи пешбинӣ намудани уҳдадориҳои дахлдор амалӣ карда мешавад. Ҳамин тариқ, метавон ба хулосае омад, ки ҳуқуқи субъективии як субъекти муносибатҳои ҳуқуқӣ, пеш аз ҳама, тавассути вогузоштани уҳдадорӣ ба зиммаи ӯ ҷиҳати иҷрои амалҳои муайян ё худдорӣ аз иҷрои онҳо, инчунин, ба ҷавобгарӣ кашидани ӯ ҳангоми дар шакли дахлдор иҷро накардани уҳдадорӣ муайян карда мешавад.

Дар асоси омӯзиши Конститутсия ва қонунгузории соҳаи меҳнат, ҳуқуқ ба меҳнатро ҳамчун ҳуқуқи субъективӣ метавон чунин муайян кард, ки он аз ҷониби давлат дар асоси иродаи озоди шахс кафолат дода шуда, имконияти дастрасӣ доштани ӯро ба шаклҳои фаъолияти меҳнатӣ, ки қонун муқаррар намуда, ба низоми кафолатҳои давлатӣ дохиланд, пешбинӣ менамояд.

Ҳуқуқ ба меҳнатро дар чунин шакл маънидод намуда, бояд ишора кард, ки асоси онро ба таври ихтиёрӣ интихоб намудани меҳнат ташкил медиҳад. Бо назардошти гузаштан ба сиёсати нави давлатӣ-ҳуқуқӣ дар соҳаи меҳнат,

фаъолияти меҳнатии шахс аз категорияи «вазифа» ба категорияи «ҳуқуқ» гузашт. Ин маънои онро дорад, ки шаҳрвандон ҳуқуқи истисноии ихтиёрдории қобилиятҳои худро барои кори пурсамар ва эҷодӣ доранд. Инчунин, ба истиснои баъзе аз ҳолатҳо, дар Тоҷикистон меҳнати маҷбурӣ дар ҳеҷ шакл иҷозат дода намешавад. Ғайр аз ин, дар сатҳи давлатӣ муқарраароте вуҷуд дорад, ки мувофиқи он барои бекорӣ нисбат ба шаҳрванд ҷавобгарии маъмурӣ ва ё навъи дигари ҷавобгарӣ татбиқ карда намешавад. Агар шаҳрванд барои пеш бурдани фаъолияти меҳнатӣ қарор қабул намояд, давлат ба вай имконият медиҳад, то шакли муайяни фаъолияти меҳнатиро интихоб намояд.

Ҳуқуқ ба меҳнат ба он маъное, ки дар моддаи 35 Конститутсияи ҶТ шарҳ дода шудааст, ҳамчун қисми ибтидоии низоми ваколатҳои инфиродӣ, ки бо фаъолияти меҳнатӣ алоқаманданд, маънидод намудан лозим аст. Барои тасдиқи ин гуфтаҳо ҳаминро бояд қайд намуд, ки бидуни амалӣ намудани фаъолияти меҳнатии шахс ҳамчун яке аз шаклҳои амалишавии ҳуқуқ ба меҳнат, дар бораи дигар ҳуқуқҳои корманд сухан рондан аз мантиқ берун мебошад, ба мисли ҳуқуқи сари вақт ва пурра бархӯрдор гардидан аз музди меҳнат, ҳуқуқи истироҳат, рухсатии меҳнатӣ ё ҳуқуқи бастани шартномаҳои коллективӣ. Ваколатҳои мазкур дар натиҷаи муносибатҳои ҳуқуқии муайяннамудаи байни корманд ва корфармо ба вуҷуд меоянд, ки дар натиҷа шаҳрванд ҳуқуқ ба меҳнати худро дар шакли фаъолияти меҳнатӣ татбиқ менамояд.

Бо ин мақсад, вобаста ба шакли татбиқи ҳуқуқӣ дар мазмуни меъёрҳои ҳуқуқ ба меҳнат, ваколатҳои меҳнатии умумӣ ва махсусро ҷудо намудан мумкин аст. Ваколатҳои умумӣ дар шакли ҳуқуқ ба меҳнат, интихоб намудани фаъолият ва касб, ҳуқуқи ҳимоя аз бекорӣ дар ҳамаи шаклҳои ҳуқуқии татбиқи конститутсионии ҳуқуқ ба меҳнат ба вуҷуд меояд. Ваколатҳои махсус тавассути ҳуқуқ ба меҳнат дар шароите, ки ба талаботи бехатарӣ ва гигиенӣ ҷавобгӯ аст, ҳуқуқ ба музд бидуни ҳеҷ гуна фарқиятгузорӣ, ҳуқуқи дар алоҳидагӣ ва ё дастаҷамъона иштирок намудан

дар баҳсҳои меҳнатӣ, ҳуқуқ ба корпартоӣ, ҳуқуқ ба истироҳат – асосан барои татбиқи ҳуқуқи конститутсионии шахс ба меҳнат дар шакли хизмати кироя ва хизмати ҷамъиятӣ ба вуҷуд меояд.

Ҳамин тариқ, ҳуқуқ дар соҳаи меҳнат, ки дар моддаи 35 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мустаҳкам шуда, мазмуни ҳуқуқ ба меҳнатро дар шаклҳои гуногун муайян менамояд, дар навбати худ, ба шакли ҳуқуқии амалисозӣ вобастагӣ дорад.

Дар баробари ин, В.А. Бережной муносибатҳоро дар соҳаи амалишавии ҳуқуқ ба меҳнат ба инобат гирифта, принсипҳои конститутсиониро дар соҳаи меҳнат ҷудо менамояд, яъне инҳо принсипҳои озодии меҳнат, озодии муттаҳидшавӣ ва роҳ надодан ба фарқиятгузорӣ мебошанд[83].

Дар баробари ин, таҳлили мазмуни моддаҳои 10, 14 ва 17 Конститутсияи ҶТ имкон медиҳад, ки принсипҳои зерини вазъи конститутсионии инсон ва шаҳрвандро ҷудо намоем: эътироф ва кафолати ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд тибқи принсипҳо ва меъёрҳои умумиэътирофшудаи ҳуқуқи байналмилалӣ, амали бевоситаи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, баробарии ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, ки айни замон як гурӯҳ олимон (Г.Н. Комкова, Ю.А. Дмитриев) онро ҳамчун баробарии ҳама дар назди қонун ва суд, баробарии ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, сарфи назар аз ҷинс, нажод, миллат, забон, насаб, моликият ва мақоми давлатӣ, ҷойи истиқомат, муносибат ба дин, эътиқод, узвият ба иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, инчунин дигар ҳолатҳо, баробарҳуқуқии мард ва зан, баҳогузорӣ менамоянд[84].

Ба андешаи мо, тақсимшавии принсипҳо дар соҳаи меҳнат, инчунин, алоқамандии низомноки моддаҳои 10, 14 ва 17 бо моддаи 35 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон имкон медиҳад, ки принсипҳои зерини

[83] Ниг.: Бережной В.А. Конституционные принципы и права в сфере труда и их защита в Российской Федерации: автореф. дис. … канд. юрид. наук. – М., 2007. – С. 7.

[84] Ниг.: Комкова Г.Н. Понятие равенства и неравенства в российском конституционном праве // Ленинградский юридический журнал. – 2012. – № 3. – С. 21.; Конституция Российской Федерации: доктринальный комментарий (постатейный) / Под ред. Ю.А. Дмитриева. - М.: «Деловой двор», 2009 г. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: URL: http://base.garant.ru/5697462/2/ (санаи муроҷиат: 06.04.2020 с.).

конститутсиониро дар соҳаи меҳнат ҷудо намоем: эътироф ва кафолати ҳуқуқҳои конститутсионӣ дар соҳаи меҳнат мувофиқи принсипҳо ва меъёрҳои умумиэътирофшудаи ҳуқуқи байналмилалӣ, амали бевоситаи ҳуқуқҳои конститутсионӣ дар соҳаи меҳнат, баробарии ҳуқуқҳои конститутсионӣ дар соҳаи меҳнат. Инчунин, як қатор принсипҳо бевосита аз мазмуни моддаи 35 Конститутсия бармеоянд: ҳифзи меҳнат, манъи меҳнати маҷбурӣ.

Ба ақидаи А.М. Лушников, дар ибтидои асрҳои XX-XXI тамоюли инкишофи ҳуқуқҳои меҳнатӣ ба назар мерасад, ки он ба ивазшавии шахси «иқтисодӣ» ба шахс ва манфиатҳои шахсии ӯ алоқаманд буда, дар баробари ин чунин ҳуқуқҳоро фаро мегирад: ҳуқуқи гирифтани таҳсилоти касбӣ ва такмили ихтисос; ҳуқуқ ба «пешравии хизматӣ», ҳавасмандгардонии маънавӣ, баҳо додан ба муваффақиятҳои меҳнатӣ; ҳуқуқ ба дахлнопазирӣ ва ҳифзи маълумоти шахсӣ; ҳуқуқ ба гирифтани маълумот дар бораи шароити меҳнат; ҳуқуқ ба ҳифзи шаъну шараф ҳангоми кор ва ҳифз аз таҳқир[85].

Ба андешаи мо, ин ҳуқуқҳо дар натиҷаи алоқамандии дохилинизомии ҳуқуқҳои шахсӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодӣ бо муқаррароти моддаи 35 Конститутсияи ҶТ ба вуҷуд омада, дар ҳамин замина онҳоро метавон конститутсионӣ ҳисоб намуд. Аз ҷумла, робитаи низомноки моддаи 35 бо қисми 3 моддаи 18 ва моддаи 41 Конститутсияи ҶТ имкон медиҳад, ки арзишҳои ҳавасмандгардонии маънавӣ барои дастовардҳои меҳнатӣ, инчунин, арзишҳои баланди касбӣ ва эътирофи онҳо ба таври иловагӣ таъкид карда шаванд.

Ҳамин тариқ, ваколатҳои баррасишавандаро вобаста ба хусусиятҳои татбиқи ҳуқуқ ба меҳнат ба ду гурӯҳ ҷудо кардан мумкин аст: а) ҳуқуқ-ваколатҳо, ки татбиқи онҳо бо иродаи субъекти ҳуқуқ ба меҳнат муайян карда мешавад, аз ҷумла ҳуқуқи озодона ихтиёрдорӣ кардани қобилияти меҳнатӣ, интихоби намуди фаъолият ва касб, ҳуқуқ ба баҳсҳои меҳнатии шахсӣ ва коллективӣ, аз ҷумла ҳуқуқ ба корпартоӣ; б) ҳуқуқ-даъвоҳо, ки татбиқи онҳо бо иродаи субъектҳои дигари ҳуқуқ муайян карда мешавад, аз

[85] Ниг.: Лушников А.М. К вопросу о ценностных приоритетах в содержании трудовых прав // Вестник Пермского университета. – Выпуск 1 (1). – 2008. – С. 112.

ҷумла ҳуқуқи шахс ба меҳнат дар шароите, ки ба талаботи бехатарӣ ва гигиенӣ ҷавобгӯ аст, ҳуқуқ ба музди меҳнат бидуни ҳеҷ гуна тафриқагузорӣ, ҳуқуқи ҳимоя аз бекорӣ, ҳуқуқи ҳар шахс ба истироҳат.

Инчунин, аз моҳияти гуфтаҳои боло бармеояд, ки ҳуқуқ ба меҳнат бо чунин арзишҳои конститутсионӣ, аз қабили давлати ҳуқуқбунёд ва иҷтимоӣ дар алоқамандӣ қарор дорад. Илова бар ин, бо назардошти он ки ягонагии фазои иқтисодӣ дар худ ягонагии бозорро мустаҳкам менамояд, маънои на танҳо ҳаракати озоди мол, хизматрасонӣ ва захираҳои молиявӣ, мусоидат ба рақобат, озодии фаъолияти қонунии иқтисодӣ дар саросари давлат ва пешгирии фаъолияте, ки ба монополия ва рақобати беинсофона нигаронида шудааст, доро мебошад, балки он маънои ҳаракати озоди қувваи меҳнат (яъне, ягонагии бозори меҳнат, зеро меҳнат ба андозаи муайян ҳамчун мол боқӣ мемонад)-ро низ ифода намуда, муносибати ҳуқуқи конститутсионии шахс ба меҳнатро бо фазои ягонаи иқтисодӣ ба вуҷуд меорад.

Бо дарназардошти гуфтаҳои боло, метавон қайд намуд, ки ҳуқуқ ба меҳнат унсури марказии вазъи ҳуқуқии шахс дар ҶТ ба ҳисоб меравад. Инчунин, он дар низоми имкониятҳои ҳуқуқии шахс, ки аз ҷониби давлат дар соҳаи меҳнат дода шудааст, функсияи бунёдиро иҷро менамояд, аз қабили ҳуқуқи сари вақт ва пурра гирифтани музди меҳнат, ҳуқуқ ба шароити бехавфи меҳнат, ҳуқуқ ба истироҳат ва як қатор ҳуқуқҳои дигар. Бар хилофи давраи шуравӣ, айни замон низоми танзими ҳуқуқии фаъолияти меҳнатӣ, асоси амалишавии ҳуқуқи ҳар як шахсро ба меҳнат ба изҳори ихтиёронаи иродаи ӯ марбут дониста, таъмини он бо низоми кафолатҳои иқтисодӣ, сиёсӣ, идеологӣ ва ташкилӣ-ҳуқуқии ҳаёти ҷамъиятӣ алоқаманд мебошад.

### 1.2. Танзими ҳуқуқии ҳуқуқ ба меҳнат дар қонунгузории миллӣ ва санадҳои байналмилалӣ

Танзими ҳуқуқӣ-конститутсионии ҳуқуқ ба меҳнат, ки тавассути санадҳои меъёрии зиёд мавриди танзим қарор гирифта, барои таъмини риояи вазифаҳои иқтисодӣ ва иҷтимоии давлат пешбинӣ шудааст, се вазифаи

муҳимро иҷро мекунад. Якум, он метавонад заминаи ҳуқуқиеро фароҳам созад, ки ба бунёди муносибатҳои меҳнатии истеҳсолӣ равона гардида, баҳри равнақ додани натиҷаҳои яксхела, саривақтӣ ва боэътимоди ин муносибатҳо мусоидат намояд. Дуюм, он метавонад ҳамчун воситаи муҳимми ташаккули демократия дар муҳити корӣ баромад намуда, ба фароҳам овардани замина барои ҳамкорӣ бо корфармоён, кормандон ва намояндагони онҳо хизмат кунад. Сеюм, он метавонад ҳамчун ёдраскунандаи доимӣ, кафолати принсипҳо ва ҳуқуқҳои бунёдӣ дар ҷои кор, ки тавассути раванди қонунгузории миллӣ дастгирии васеи иҷтимоиро соҳиб гардидаанд, баромад намояд ва чи гуна татбиқ гардидани ин принсипҳо ва ҳуқуқҳоро муайян созад.

Мутобиқи моддаи 2 Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба меҳнат ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон асос ёфта, аз Кодекси меҳнат ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин, санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф намудааст, иборат мебошад. Ҳамзамон, дар моддаи 3 Кодекси мазкур муқаррар карда шудааст, ки вазифаҳои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба меҳнат ин фароҳам овардани шароити зарурии ҳуқуқӣ мебошад, ки барои ноил шудан ба баробарии манфиатҳои тарафҳои муносибатҳои меҳнатӣ, рушди иқтисодӣ, самаранокии истеҳсолот ва баланд бардоштани некуаҳволии одамон равона гардидааст.

Дар адабиёти ҳуқуқӣ оид ба танзими муносибатҳои меҳнатӣ, ки аз мазмуни ҳуқуқи конститутсионии инсон ба меҳнат бармеоянд, ду мавқеи асосиро муайян кардан мумкин аст, ки онҳоро метавон шартан ба «маҳдуд» ва «васеъ» ҷудо намуд. Дар доираи мавқеи аввал, муаллифон қайд мекунанд, ки байни қонунгузории меҳнат ва дигар санадҳои фарогирандаи меъёрҳои ҳуқуқи меҳнатӣ, ки одатан хусусияти комплексӣ доранд, бояд фарқият гузошт[86]. Ба ин гуна санадҳо муаллифон муқарраротӣ қонунгузории

[86] Ниг.: Сыроватская Л.А. О предстоящем реформировании трудовых отношений // Трудовое право. – 1998. –

гражданӣ, маъмурӣ ва ҷиноятиро марбут медонанд. Дар доираи мавқеи дуюм, қонунгузории меҳнат ин ҳама санадҳои меъёрии ҳуқуқие мебошанд, ки муносибатҳои меҳнатиро танзим намудаанд[87]. Ба ин мавқеъҳо дар алоҳидагӣ истода намегузарем ва танҳо бояд қайд намоем, ки ин баҳсҳо аз доираи соҳаҳои мушаххаси ҳуқуқӣ баромада, муаллифон дар онҳо таҳқиқотҳои илмии худро анҷом додаанд. Тарафдорони мавқеи аввал одатан мутахассисони соҳаи ҳуқуқи меҳнат мебошанд, ки ба ҳамин васила мустақилияти қонунгузории меҳнат ва дар заминаи он мустақилияти ҳуқуқи меҳнатиро ҳамчун як соҳаи ҳуқуқ асоснок мекунанд. Тарафдорони мавқеи дуюм, чун қоида, мутахассисони соҳаҳои ба ҳам алоқаманди ҳуқуқ мебошанд, ки барои онҳо муносибатҳои меҳнатӣ ҳамчун объекти омӯзиш дар муносибатҳои гражданӣ, ҷиноятӣ ва маъмурӣ ба инобат гирифта мешаванд.

Барои расидан ба мақсадҳои таҳқиқоти худ мо дар зери танзими ҳуқуқии ҳуқуқ ба меҳнат доираи васеи санадҳои меъёриеро дар назар дорем, ки ҷанбаҳои мухталифи ин ҳуқуқро ошкор ва танзим менамоянд.

Ҳамин тариқ, омӯзиши адабиёти ҳуқуқии ватанӣ ва хориҷӣ нишон медиҳад, ки танзими ҳуқуқӣ-конститутсионии ҳуқуқ ба меҳнат аз се марҳила иборат аст:

1. Дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон;

2. Дар санадҳои ҳуқуқии байналмилалии марбут ба ҳуқуқи инсон, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст;

3. Дар қонунгузории соҳавӣ.

Ба таври муфассал танзими ҳуқуқии ҳуқуқ ба меҳнатро дар санадҳои ҳуқуқии ишорашуда баррасӣ менамоем.

Дар илми ҳуқуқ далели эътирофшудае вуҷуд дорад, ки дар асоси он низоми миллии сарчашмаҳои ҳуқуқ ҳамчун анъана аз конститутсия маншаъ гирифта, он на танҳо асосҳои сохтори конститутсионии давлатро муқаррар карда, ҳуқуқҳои бунёдии инсонро эътирофу кафолат медиҳад ва ваколатҳои

---

№ 2. – С. 75.

[87] Ниг.: Снигирева И.О. Трудовой кодекс Российской Федерации и наука трудового права // Трудовое право в России и за рубежом. – 2012. – № 2. – С.8

мақомоти давлатиро муайян менамоянд, балки асосҳои конститутсионии соҳаҳои ҷудогонаи ҳуқуқ, аз ҷумла ҳуқуқи меҳнатиро мушаххасан нишон медиҳад. Конститутсия ҳуқуқ ба меҳнатро ҳамчун ҳуқуқи субъективӣ мустаҳкам карда, барои таҳкими ҳуқуқии он замина фароҳам оварда, принсипҳо ва самтҳои асосии ташаккули қонунгузориро дар соҳаи муносибатҳои меҳнатӣ муайян мекунад.

Танзими конститутсионии ҳуқуқ ба меҳнат дар таҷрибаи ҷаҳонӣ яксону якранг нест. Чунин ҳолат бо раванди танзими ҳуқуқи инсон дар ҷаҳон, ки дар асри XX ҷой дошт, алоқаманд мебошад. Давлатҳое, ки ба консепсияи пайдоиши табиии ҳуқуқи инсон бартарият медоданд, ба танзими конститутсионии ҳуқуқҳои шахсӣ ва сиёсӣ афзалият дода, аксар маврид ҳуқуқҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангиро сарфи назар мекарданд. Инҳо давлатҳое мебошанд, ки дар адабиёти шуравӣ ҳамчун кишварҳои капиталистӣ муаррифӣ мешудаанд. Танзими ҳуқуқ ба меҳнат (ё озодии меҳнат) дар ин давлатҳо аз миёнаҳои солҳои 50-уми асри XX оғоз меёбад. Дар навбати худ, давлатҳои пайравикунанда ба консепсияи позитивии ҳуқуқи инсон танзими ҳуқуқҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангиро дар ҷойи аввал гузошта буданд. Аз ин рӯ, ҳуқуқ ба меҳнат ҳанӯз дар ибтидои солҳои 20-уми асри XX эътирофи конститутсионӣ пайдо намуд. Ба онҳо метавон давлатҳои сотсиалистӣ, махсусан ИҶШС-ро дохил намуд.

Масъалаи мазкурро як қатор олимони ҳуқуқшинос, аз ҷумла В.В. Чиркин ва Д.М. Худолей мавриди омӯзиш қарор дода, қайд менамоянд, ки «ҳуқуқ ба меҳнат ҳамчун ҳуқуқи конститутсионии шаҳрванд таърихи начандон дароз дорад. Ба таври умум пазируфта шудааст, ки ҳуқуқ ба меҳнат дар конститутсияҳои даври сеюм, яъне пас аз Ҷанги Дуюми Ҷаҳонӣ моҳияти худро пайдо намудааст. Аммо дар Иттиҳоди Шуравӣ ин ҳуқуқ пештар моҳияти конститутсионӣ пайдо намуд, ки бо омилҳои дохилӣ вобаста мебошад. Давлатҳои Аврупо ва Амрикои Лотинӣ зарурати дар сатҳи конститутсионӣ мустаҳкам намудани ҳуқуқ ба меҳнатро дар миёнаҳои асри XX дарк намуданд. Албата, дар ин самт таъсири Ҷанги Дуюми Ҷаҳон, аз

байн рафтани фашизм, идеологияи либералӣ, ки дар бисёр давлатҳои ҷаҳон ба мушоҳида мерасид, назаррас мебошад»[88].

Тоҷикистон дар солҳои 20-уми асри ХХ ҷузъи ҷудонашавандаи давлати Шуравӣ гардида, дар танзими ҳуқуқӣ-конститутсионии ҳуқуқҳои инсон, аз ҷумла ҳуқуқ ба меҳнат ба консепсияи ҳуқуқи инсон, ки дар Иттиҳоди Шуравӣ арзи ҳастӣ менамуд, пайравӣ мекард. А.М. Диноршоҳ қайд менамояд, ки «инкишофи ҳуқуқи инсон дар Тоҷикистон бо ҷараёни мазкур, ки дар дигар ҷумҳуриҳои иттиҳод ҷой дошт, монанд мебошад. Махсусан, дар нахустин марҳилаи тараққиёти қонунгузории конститутсионӣ Тоҷикистон ба таҷрибаи ҶШСФР такя менамуд. Конститутсияи ҶШСФР аз соли 1918 нақши муҳимро дар бунёди конститутсионии Тоҷикистон гузоштааст. Нахустин конститутсияҳои Тоҷикистон хусусият ва шароити миллиро инъикос намуда, дар танзими муносибатҳои нави ҷамъиятӣ меъёрҳои Конститутсияи ҶШСФР ба роҳбарӣ мегирифтанд»[89]. Чунин ақида аз ҷониби олимони ватанӣ Ф.Т. Тоҳиров[90] ва Ғ.М. Бобокалонов[91] низ баён шудааст.

Дар баробари ин, муаллифоне, ки танзими конститутсионии муносибатҳои меҳнатиро дар нахустин санадҳои шуравӣ, аз ҷумла конститутсияҳои онҳо мавриди омӯзиш қарор додаанд, иброз менамоянд, ки он на ҳамчун ҳуқуқи шахсӣ, балки ҳамчун уҳдадорӣ бар зиммаи шахс вогузор гардида буд. Аз ҷумла, О.И. Чистякова қайд менамояд, ки ҳуқуқ ба меҳнат дар Конститутсия муқаррар нагардида буд, зеро «давлат бо додани ин ё он ҳуқуқи конститутсионӣ ба шаҳрванд ба зиммаи худ уҳдадорӣ мегирифт ва дар амалишавии ин ҳуқуқ масъулият дошт. Чунин уҳдадориро давлат дар он вақт бар зиммаи худ гирифта наметавонист. Маҳз ба ҳамин хотир, Конститутсия ҳуқуқ ба таҳсил ва меҳнатро пешбинӣ накарда буд»[92]. Бинобар

---

[88] Конституционное право зарубежных стран / отв. ред. В.В. Чиркин. – М., 1997. – С. 34.; Худолей Д.М. Конституционализация права на труд в зарубежных государствах // Вестник пермского университета. – 2010. – № 1(7). – С.168.

[89] Диноршоев А.М. Закрепление прав и свобод человека в Конституции Республики Таджикистан. – Душанбе, 2014. – С. 12-13.

[90] Ниг.: Тахиров Ф.Т. Становление советского права в Таджикистане. – Душанбе, 1987. – С. 86.

[91] Ниг.: Бобокалонов Г.М. Становление и развитие трудового законодательства в Таджикистане (1917-1940 гг.): дис. … канд. юрид. наук. – Душанбе, 2004. – С. 11.

[92] Чистяков О.И. Конституция РСФСР 1918 года Учеб. пособие. 2. изд., перераб. – М.: Зерцало-М, 2003. – С. 95.

ин, мо ҷонибдори андешаи муаллифоне ҳастем, ки иброз менамоянд: «Танзими ҳуқуқӣ-конститутсионии ҳуқуқ ва озодиҳо дар муносибатҳои меҳнатӣ танҳо баъди ҳамчун уҳдадорӣ инъикос ёфтани он дар Конститутсияи ҶШСФР аз соли 1918 рӯ ба ташаккулнамоӣ овардааст»[93].

Инкишофи минбаъдаи танзими конститутсионии ҳуқуқ ба меҳнат бо қабули Конститутсияи ИҶШС аз соли 1936 ва дар заминаи он қабул гардидани конститутсияҳои ҷумҳуриҳои иттифоқ, аз ҷумла Конститутсияи ҶШС Тоҷикистон аз соли 1937 алоқаманд мебошад.

Таҳкимёбии ҳуқуқи мазкурро дар Тоҷикистон муҳаққиқи ватанӣ А.И. Имомов пажуҳиш намуда, иброз менамояд, ки «бори нахуст дар собиқ ИҶШС ҳуқуқ ба меҳнат дар Конститутсияи ИҶШС соли 1936 ва Конститутсияи ҶШС Тоҷикистон соли 1937 пешбинӣ шуда буд. Дар онҳо ҳуқуқи шаҳрванд ба меҳнат, яъне ҳуқуқи кори кафолатнок доштан, ки маздаш мувофиқи миқдору сифати он дода мешавад, муайян гардида буд»[94]. Дар ҳамин замина Ғ.М. Бобокалонов[95] иброз менамояд, ки «дар Конститутсияи ҶШС Тоҷикистон аз соли 1937 боби алоҳида, яъне боби 9 ҳуқуқ ва уҳдадориҳои асосии шаҳрвандонро пешбинӣ менамуд, аз ҷумла моддаҳои 103-105 он фарогирандаи ҳуқуқҳои меҳнатии шаҳрвандон буд»[96].

О.В. Борисов масъалаи танзими конститутсионии ҳуқуқ ба меҳнатро дар Конститутсияи соли 1936-и ИҶШС таҳлил намуда, 4 хусусияти асосии онро муайян мекунад: якум, кафолати соҳиб шудан ба кор; дуюм таъини музди меҳнат мувофиқи хусусиятҳои миқдорӣ ва сифатӣ муайян карда мешуд; сеюм, ҳуқуқ ба меҳнат ҷиҳати ташкили иҷтимоии хоҷагии халқ, афзоиши

---

[93] Алексеева Л.В. Исторический генезис конституционного права на труд // Юридическая наука. – 2011. – № 4. – С. 4.

[94] Имомов А.И. Ҳуқуқи конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2017. – С. 432.

[95] Ниг.: Бобокалонов Г.М. Становление и развитие трудового законодательства в Таджикистане (1917-1940 гг.): дис. … канд. юрид. наук. – Душанбе, 2004. – С. 58.

[96] Дар моддаи 103 пешбинӣ мегардад, ки «шаҳрвандони ҶШС Тоҷикистон ҳуқуқ ба меҳнат доранд, яъне ҳуқуқи гирифтани кори кафолатнок бо музди меҳнати мувофиқ дар асоси ҳаҷм ва сифати он. Ҳуқуқ ба меҳнат барои ташкили иҷтимоии хоҷагии халқ, афзоиши бемайлони қувваҳои истеҳсолкунанда дар ҷомеаи шуравӣ, барҳам додани муфлисшавии иқтисодӣ ва аз байн бурдани бекорӣ муосидат менамояд». Дар қисми якуми моддаи 104 муқаррар гардидааст, ки «шаҳрвандони ҶШС Тоҷикистон ҳуқуқ ба истироҳат доранд». Дар қисми дуюм бошад, пешбинӣ мегардад, ки «ҳуқуқ ба истироҳат бо роҳи то 7 соат кӯтоҳ кардани вақти корӣ барои аксарияти меҳнаткашон, пешниҳод намудани рухсатии ҳарсолаи музднок ба коргарон ва хизматчиён, ба коргарон пешниҳод намудани осоишгоҳҳо, хонаҳои истироҳатӣ ва марказҳо таъмин карда мешавад.

бемайлони қувваҳои истеҳсолкунанда дар ҷомеаи шуравӣ ва мусоидат ба барҳам додани муфлисшавии иқтисодӣ ва аз байн бурдани бекорӣ; чорум, ҳуқуқ ба меҳнат дар алоқамандӣ бо ҳуқуқи истироҳат қарор дошт»[97]. Ба ғайр аз хусусиятҳои ишорашуда мазмуни конститутсионии ҳуқуқ ба меҳнат дар Конститутсияи соли 1936 аз инҳо иборат мебошад: имкони амалӣ гардонидани ҳуқуқҳои баробари меҳнатии занон бо мардон. Зиёда аз ин, занон ҳуқуқи баробар бо мардонро дар самти татбиқнамоии ҳуқуқ ба меҳнат, музд, истироҳат ва ғ. доро буданд; роҳ надодан ба ҳама гуна маҳдуднамоии бевосита ё бавоситаи ҳуқуқ, ё муқаррар намудани бартарияти бевосита ё бавосита ба шаҳрвандон вобаста ба баромади миллӣ ва нажодӣ, инчунин, нисбат ба ҳама гуна таблиғоти нажодӣ ва миллӣ, хусумат, бадбинӣ ва беэътиноӣ тибқи қонуни ҷазо муқаррар гардида буд; таъмини ҳуқуқ ба муттаҳидшавӣ дар ташкилотҳои ҷамъиятӣ – иттифоқҳои касаба, иттиҳодияҳои кооперативӣ, ташкилотҳои ҷавонон, ташкилотҳои варзишӣ ва мудофиавӣ, ҷамъиятҳои моддию техникӣ ва илмӣ[98].

Конститутсияи соли 1977-уми ИҶШС ва конститутсияҳои ҷумҳуриҳои иттифоқ равишҳои умумии танзими ҳуқуқӣ-конститутсионии ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро дар соҳаи муносибатҳои меҳнатӣ нигоҳ дошта, ба мазмуни он тағйироти ҷиддӣ ворид накарданд. А.И. Имомов қайд менамояд, ки «Конститутсияи ИҶШС соли 1977 ва Конститутсияи Тоҷикистон соли 1978 онро бо ҳуқуқи мувофиқи истеъдод, лаёқат, малакаи касбӣ, маълумот ва талаботи ҷомеа интихоби касб, машғулият ва кор пурра намуданд. Инчунин, ба меҳнати фоиданоки ҷамъиятӣ машғул гардидан, интизоми меҳнатро қатъи риоя намудан вазифаи асосии ҳар як шаҳрванд дониста шуд. Аз ин рӯ, ҳуқуқ ба меҳнат ва вазифаи меҳнат кардан яке аз рукнҳои вазъи ҳуқуқии шаҳрванд гардид» [99].

---

97 Борисов О.В. Конституционно-правовое регулирование прав и свобод человека и гражданина в сфере трудовых отношений в Российской Федерации: дис. … канд. юрид. наук. – М., 2006. – С. 21-22.
98 Ниг.: Борисов О.В. Конституционно-правовое регулирование прав и свобод человека и гражданина в сфере трудовых отношений в Российской Федерации: дис. … канд. юрид. наук. – М., 2006. – С. 22-23
99 Имомов А.И. Ҳуқуқи конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2017. – С. 432.

Ҳамин тариқ, гуфтаҳои болоро ҷамъбаст намуда, ба хулосае омадан мумкин аст, ки танзими конститутсионии ҳуқуқ ба меҳнат дар Тоҷикистон дорои хусусиятҳои зерин мебошад. Якум, ташаккул ва дар сатҳи конститутсионӣ мустаҳкам намудани ин ҳуқуқ, дар нахустмарҳила зери таъсири санадҳоии ҳуқуқии ҶШСФР (аз ҷумла, Конститутсияи соли 1918) қарор дошт. Дуюм, дар ибтидо ҳуқуқи мазкур дар шакли уҳдадорӣ ба меҳнат муқаррар гардида буд, танҳо пас аз қабул намудани Конститутсияи соли 1936 он ба ҳуқуқи инсон мубаддал гардид.

Танзими минбаъдаи конститутсионии ҳуқуқ ба меҳнат бо равандҳое вобаста аст, ки дар охири солҳои 80-ум ва ибтидои солҳои 90-уми асри XX ба амал омадаанд. О.В. Борисов иброз менамояд, ки «бо мурури замон танзими ҳуқуқӣ-конститутсионии ҳуқуқ ба меҳнат ва озодии меҳнат, ки дар сатҳи конститутсионӣ мустаҳкам гардида буд, бинобар гузаштан ба муносибатҳои бозорӣ ва тағйир ёфтани асосҳои низоми иқтисодии кишвар, ба талаботи ҳаёти воқеӣ ҷавоб дода наметавонист. Идеяи хоҷагидории сотсиалистӣ дар шакли пурра татбиқ нашуд. Он усулҳо ва механизмҳои ҳифзи меҳнат, ки аз ҷониби ИҶШС аксар маврид истифода мешуданд, барои ҷумҳуриҳои собиқ шуравӣ қобили қабул набуданд»[100]. Воқеан, раванди гузариш ба иқтисоди бозорӣ муносибати навро ба танзими муносибатҳои меҳнатӣ, таҳияи механизмҳои нави татбиқи ин ҳуқуқ, аз ҷумла дар масъалаи таъминот ва кафолатҳо тақозо мекард.

Аз ин рӯ, қабули Конститутсияи соли 1994 дар танзими ҳуқуқии муносибатҳои меҳнатӣ марҳалаи нав гардид. Тавре дар боби пешин қайд карда будем, ба фарқ аз аксари кишварҳои пасошӯравӣ дар Тоҷикистон, идомаи муқаррароти конститутсионие, ки ҳуқуқи меҳнатро танзим мекарданд, нигоҳ дошта шуд. Ҳамзамон, ба он унсурҳои наве илова карда шуданд, ки аз мазмуни санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон эътироф кардааст, бармеоянд.

[100] Борисов О.В. Конституционно-правовое регулирование прав и свобод человека и гражданина в сфере трудовых отношений в Российской Федерации: дис. … канд. юрид. наук. – М., 2006. – С. 23.

А.М. Диноршоҳ қайд менамояд, ки «иродаи муайяни сиёсии роҳбарияти давлат дар ташаккули моддаҳои 1, 12 ва 13 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон инъикос ёфтааст, ки рушди мамлакатро ба сӯи давлати иҷтимоӣ ва иқтисоди бозоргонӣ муайян менамояд. Дар Тоҷикистон меҳнат ва саломатии одамон ҳифз карда шуда, ҳадди ақалли музди меҳнати кафолатнок муқаррар гардида, дастгирии давлатии оила, модар, падар ва кӯдак, маъюбон ва пиронсолон, инчунин, низоми хизматрасонии иҷтимоӣ кафолат дода шуда, нафақаи давлатӣ, имтиёзҳо ва дигар навъҳои кафолатҳои иҷтимоӣ пешбинӣ карда шудааст» [101]. Дар навбати худ Г.Д. Солеҳзода қайд мекунад, ки «танзими конститутсионии ҳуқуқи меҳнат ба қонеъ гардонидани талаботи доимии инсон, ки барои фароҳам овардани заминаҳои моддии мавҷудияти инсон, инчунин, таъмини шароити рушди ҳамаҷонибаи шахсият зарур аст, нигаронида шудааст»[102].

Дар баробари ин, таҳлили меъёрҳои Конститутсияи Тоҷикистон нишон медиҳад, ки танзими конститутсионии ҳуқуқ ба меҳнат ба таври мустақим ва бавосита сурат гирифтааст. Ин ҳуқуқ, тавре дар боло зикр гардид, дар моддаи 35 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар гардида, унсурҳои зеринро дар бар мегирад: ҳуқуқи озодона муайян намудани қобилиятнокии худ ба меҳнат; озодона интихоб намуди фаъолият ва касб; ҳуқуқ ба кор дар шароите, ки ба талаботи бехатарӣ ва гигиенӣ ҷавобгӯ мебошанд; ҳуқуқ ба подоши меҳнат, бидуни ҳеҷ гуна табъиз ва на камтар аз ҳадди ақалли музди меҳнат, ки қонун муқаррар кардааст; манъи меҳнати маҷбурӣ.

Танзими бавоситаи ҳуқуқ ба меҳнатро метавон дар чунин меъёрҳои конститутсионӣ, аз қабили кафолати фаъолияти соҳибкорӣ (моддаи 12 Конститутсия) мушоҳида намуд. Ба таври умум эътироф шудааст, ки фаъолияти соҳибкорӣ яке аз навъҳои фаъолияти меҳнатӣ мебошад. Илова бар ин, муҳаққиқони ватанӣ таъкид мекунанд, ки дар моддаҳои 28, 37 ва 39, ки фарогирандаи ҳуқуқ ба муттаҳидшавӣ, ҳуқуқ ба истироҳат ва ҳуқуқ ба

---

[101] Диноршоев А.М. Классификация прав, свобод и обязанностей человека и гражданина в РТ. – Душанбе, 2013. – 140 с.

[102] Солехзода Г.Д. Конституционно-правовые основы Республики Таджикистан как социального государства: дис. … канд. юрид. наук. – Душанбе, 2020. – С. 116-117.

таъмини иҷтимоӣ мебошанд, робита бо ҳуқуқ ба меҳнат вуҷуд дорад. Дар воқеъ, яке аз иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ иттифоқҳои касаба мебошанд, ки мақсади асосии онҳо ҳифзи манфиатҳои меҳнаткашон маҳсуб меёбад. Ҳуқуқ ба истироҳатро бошад, бештари пажуҳишгарон ҳамчун ҷузъи ҷудонашавандаи ҳуқуқ ба меҳнат баҳогузорӣ менамоянд. Инчунин, ҳалли масъалаҳои таъминоти иҷтимоӣ бевосита аз мазмуни муносибатҳои меҳнатӣ бармеояд.

Бо баинобатгирии гуфтаҳои боло, ҳаминро месазад қайд намуд, ки ҳуқуқ ба меҳнат дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун ҳуқуқи субъективии инсон мустаҳкам шуда, принсипҳои бунёдӣ ва асосии ташаккулёбии муносибатҳои меҳнатиро муайян мекунад. Ҳуқуқ ба меҳнат дар заминаи муносибати аксиологӣ дорои мазмуни махсуси конститутсионӣ-арзишӣ буда, дар худ хусусиятҳои меъёр-қоида ва меъёр-принсипро ҷой дода, чандин арзиши шахсии ва аз ҷиҳати иҷтимоӣ муҳимро фарогир аст, ки бо меҳнат алоқаманданд: арзишҳои моҳият, мазмун ва ҷараёни меҳнат, арзишҳои шароити мусоиди меҳнат, арзишҳои моддии меҳнат, арзишҳои ҳифзи меҳнат.

Дар баробари ин, танзими конститутсионии ҳуқуқи мазкур моҳияти дугонаро инъикос менамояд. Яъне, дар танзими конститутсионӣ, махсусан конститутсияҳои қаблан баррасишуда, мо шоҳид гардидем, ки он ба сифати ҳуқуқ ба меҳнат на озодии меҳнат танзим гардидааст. Аз тарафи дигар, бо ворид гардидани меъёрҳои ҷудогона ба конститутсия дар заминаи эътироф кардани санадҳои байналмилалӣ оид ба ҳуқуқи инсон, мазмун ва моҳияти ин ҳуқуқ васеътар гардид.

Меъёрҳои санадҳои байналмилалӣ оид ба ҳуқуқи инсон ба ташаккули мазмуни ҳуқуқ ба меҳнат дар Тоҷикистон таъсири ҷиддӣ расониданд. Яке аз муваффақиятҳои тамаддуни башарӣ таҳия ва қабул кардани стандартҳои байналмилалии меҳнат мебошад, ки дар натиҷаи ҳамкориҳои байнидавлатӣ, эътирофи принсипҳои байналмилалӣ ва махсусиятҳои низоми ҳуқуқии миллӣ қабул гардидаанд.

Ҳар як ҷомеа ва миллат дорои низоми арзишҳои хоси худ буда, ба ҳуқуқу озодиҳои инсон аз нигоҳи ин арзишҳо назар менамояд. Ҳаёт, озодӣ, баробарӣ ва саъю кӯшишро ҳар як халқ аз нигоҳи худ дарк менамояд. Барои амалӣ гардидани ҳуқуқ ва озодиҳои дар сатҳи байналмилалӣ эътирофшудаи инсон ва барои он ки ниҳодҳои миллӣ ва байналмилалии ҳимояи ҳуқуқи инсон вазъи воқеии ин соҳаро муайян намоянд, зарур аст, то меъёрҳои ягонаи фарогири байналмилалӣ ва ё стандартҳои эътирофшудаи ҳуқуқ ҷой дошта бошанд.

Пайдоиш ва муттаҳид гардидани стандартҳои байналмилалӣ ба андешаи мо, чандин сабаб дорад. Якум, давлатҳо арзиши инсон ва ҳуқуқу озодиҳои ҷодонашвандаи ӯро дарк намуда, ба ҳар кас аз лаҳзаи таваллуд хос будани онро, новобаста аз эътирофнамоии дохилидавлатӣ, қабул намуданд. Дуюм, имрӯз зарурати истифода аз иқтидорҳо дар соҳаи меҳнат, сарфи назар аз мавқеи ҷуғрофӣ ва сарҳади муваққатӣ, ба вуҷуд омадааст. Сеюм, муносибати инсондӯстонаи байналмилалӣ шаҳодат аз он медиҳад, ки муносибатҳои байналмилалӣ манфиатҳои ҳақиқии халқҳо ва тамоми миллатҳоро танҳо дар ҳоле пурра инъикос менамоянд, агар шахс, ҳуқуқ ва озодиҳои ӯ дар меҳвари тамоми фаъолиятҳои давлат қарор дошта бошад. Чорум, таҷрибаи амалӣ нишон медиҳад, ки кафолатҳои иловагии ҳуқуқҳои меҳнатии инсон бояд ба вуҷуд оварда шаванд, ки онҳо на танҳо маҷмуи меъёрҳои ҳуқуқии танзимкунандаи ин ҳуқуқҳо, балки шароит, роҳҳои татбиқи самаранок ва ҳифзи онҳоро дар бар мегиранд.

Стандартҳои байналмилалӣ дар соҳаи танзими ҳуқуқ ба меҳнат дар як ҳуҷҷат танзим нагардидааст. Онҳо дар маҷмуи санадҳои ҳуқуқии байналмилалии хусусияти ҳатмӣ ва ғайриҳатмидошта, ки унсурҳо ва ҷанбаҳои гуногуни ҳуқуқ ба меҳнатро танзим мекунанд, инъикос ёфтаанд.

Санадҳои ҳуқуқии байналмилалиро, ки ҳуқуқ ба меҳнатро танзим менамоянд, метавон ба ду гурӯҳ ҷудо намуд:

1. Санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ, ки хусусияти умумӣ доранд;

2. Санадҳои ҳуқуқии байналмилалии махсусгардонидашуда, ки дар соҳаи меҳнат қабул гардидаанд.

Ба гурӯҳи якум ҳамаи он санадҳои ҳуқуқии байналмилалие дохил мешаванд, ки ҳуқуқҳои инсонро танзим менамоянд, ба мисли Эъломияи умумии ҳуқуқи башар, Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои шахсӣ ва сиёсӣ, Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ. Гурӯҳи дуюм аз санадҳои ҳуқуқие иборат мебошанд, ки ҷанбаҳои мухталифи ҳуқуқ ба меҳнатро танзим менамоянд, аз ҷумла Конвенсия дар бораи ҳифзи ҳуқуқҳои ҳамаи муҳоҷирони меҳнатӣ ва аъзои оилаи онҳо, конвенсияҳо ва тавсияҳои Ташкилоти байналмилалии меҳнат (минбаъд – ТБМ)

Мухтасар санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки ҳуқуқ ба меҳнатро танзим менамоянд, мавриди баррасӣ қарор медиҳем.

Дар низоми санадҳои байналмилалие, ки ҳуқуқ ба меҳнатро танзим мекунанд, санадҳои дар доираи Созмони Милали Муттаҳид қабулшуда – Эъломияи умумии ҳуқуқи башар аз соли 1948, Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои шахсӣ ва сиёсӣ аз соли 1966 ва Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ аз соли 1966 ҷойи махсусро ишғол менамоянд, ки дар маҷмуъ онҳоро Билл оид ба ҳуқуқҳои СММ ном мебаранд. Дар ин санадҳо ҷанбаҳои асосӣ ва принсипҳои роҳбарикунандаи танзими байналмилалии ҳуқуқ ба меҳнат дарҷ ёфтаанд.

Ш.М. Менглиев қайд менамояд, ки «санадҳои қабулкардаи СММ дар самти меҳнатро метавон чунин баҳогузорӣ намуд: якум, дараҷаи бадаст омадаи раванди ҷаҳонӣ дар танзими муносибатҳои меҳнатӣ; дуюм, онҳо намунаи танзими муносибатҳои меҳнатӣ дар давлатҳое мебошанд, ки ба дараҷаи дурусти тараққиёт ва рушди истеҳсолот расидаанд; сеюм, ба таъмини ягонагии қонунгузории меҳнатӣ дар давлат мусоидат мекунанд; чорум, барои амалишавии ҳуқуқи инсон ба меҳнат, ки дар санадҳои байналмилалии хусусияти фарогирдошта пешбинӣ гардидаанд, мусоидат

менамоянд»[103]. Ба андешаи Д.К. Назаров бошад «конвенсияҳои СММ на танҳо ҳуқуқ ба меҳнатро муқаррар мекунанд, балки мазмуни ҳуқуқии онро низ ошкор менамоянд»[104].

Ҳуқуқ ба меҳнат бори нахуст дар Эъломияи умумии ҳуқуқи башар хусусияти умумибашарӣ пайдо намуд[105]. Дар моддаи 23 он пешбинӣ мегардад, ки «ҳар як инсон дорои ҳаққи меҳнат, интихоби озодонаи кор ва шароити одилонаю мусоиди меҳнат ва ҳаққи ҳимоя аз бекорист». Дар чунин шакл танзим ёфтани ҳуқуқ ба меҳнат дар Эъломия, боиси муайянсозии принсипҳои асосии он шуд. Б.А. Сафарзода иброз менамояд, ки «Эъломия асоси фалсафии санадҳои ҳатмии байналмилалӣ дар соҳаи ҳуқуқи инсон буда, ризоияти умумии давлатҳо ва халқҳоро оид ба ҳуқуқи ҳар як шахс инъикос мекунад. Он феҳристи универсалии ҳуқуқ ва озодиҳоеро муайян менамояд, ки бояд пайваста рушд ва таҷдид карда шаванд»[106]. Дар навбати худ, А.М. Диноршоҳ таъкид месозад, ки «барои дарк кардани зарурати эълоннамоии ҳуқуқ ба меҳнат ҷомеаи мутамаддин дар асри XX як зумра буҳронҳои иқтисодӣ ва иҷтимоиро паси сар намуд. Бо вуҷуди ин, аллакай соли 1948 Эъломияи умумии ҳуқуқи башар асосҳои танзими меъёрии ҳуқуқ ба меҳнатро дар сатҳи байналмилалӣ гузошт»[107]. Дар ҳамин замина, Д.Қ. Назаров қайд менамояд, ки «ин ҳуқуқ дар баробари дигар ҳуқуқҳо барои ноил шудан ба озодии волои шахсияти инсон нигаронида шудааст»[108]. Мундариҷаи моддаи ишорашудаи Эъломияро таҳлил намуда, ба хулосае омадан мумкин аст, ки унсурҳои зерин ҳамчун ҷанбаҳои низомноки таъмини ҳуқуқ ба меҳнат дар он баромад менамоянд – озодии интихоби меҳнат; ҳифзи бекорӣ; ҳуқуқ ба шароити одилона ва мусоиди меҳнат.

---

[103] Менглиев Ш.М. Международное частное право. Часть 1 / Ш.М. Менглиев. – Душанбе: «Деваштич», 2002. – С. 37-39.

[104] Назаров Д.Қ. Санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ дар низоми сарчашмаҳои танзими ҳуқуқии меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: дис. ... номзд. илм. ҳуқ. – Душанбе, 2021. – 185 с.

[105] Права человека. Сборник международных и национальных документов в 8-ми томах. 2-е изд. перераб. и доп. Под ред. Диноршоҳа А.М. Т. 1. – Душанбе, 2010. – С. 8-14.

[106] Сафарзода Б.А. Международные стандарты в области прав человека: История и современность. – Душанбе: Эр-граф, 2016. – С. 318

[107] Диноршоев А.М. Конституционные основы регламентации и реализации прав и свобод человека и гражданина в Республике Таджикистан: дис. ... д-ра юрид. наук. – Москва, 2015. – 535 с.

[108] Назаров Д.Қ. Санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ дар низоми сарчашмаҳои танзими ҳуқуқии меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: дис. ... номзд. илм. ҳуқ. – Душанбе, 2021. – 185 с.

Санади дигари муҳимми ҳуқуқӣ-байналмилалии СММ, ки ҳуқуқ ба меҳнатро бо меъёрҳои алоҳидаи худ танзим мекунад, Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ аз 16 декабри соли 1966 мебошад[109]. Паймони мазкур ҳуқуқ ва кафолатҳои меҳнатиро, ки дар Эъломияи умумии ҳуқуқи башар қайд шудаанд, сайқал медиҳад. Мазмуни ҳуқуқ ба меҳнат дар моддаҳои 2, 6-8 Паймон инъикос ёфтаанд. И.Я. Киселев иброз менамояд, ки «дар байни ҳуқуқҳои иқтисодию иҷтимоие, ки дар ин санад эълон ва кафолат дода шудаанд, ҳуқуқ ба меҳнат ҷойгоҳи махсусро ишғол менамояд. Ба ҳуқуқҳои асосии меҳнатӣ инҳо дохил мешаванд: ҳуқуқ ба меҳнат; ҳуқуқ ба шароити хуб ва мусоиди меҳнат, аз ҷумла музди одилона бидуни табъиз; шароити хуби зиндагӣ барои кормандон ва аъзои оилаи онҳо; шароити меҳнати бехатар ва солим; имкониятҳои якхела барои пешрафт дар кор барои ҳама дар асоси собиқаи корӣ ва сатҳи маҳорат; ҳуқуқ ба истироҳат; ҳуқуқ ба ташкили иттифоқҳои касаба; ҳуқуқ ба корпартоӣ; ҳифзи махсуси меҳнат ва манфиатҳои занон-модарон, кӯдакон ва наврасон»[110].

Тавре маълум мегардад, дар тафовут аз Эъломияи умумии ҳуқуқи башар ҳуқуқҳои меҳнатӣ дар Паймон ба таври васеъ танзим гардидаанд. Илова бар ин, Паймон уҳдадориҳои мушаххасро ба давлатҳои аъзо медиҳад, то муқаррароти дар он инъикосёфтаро дар қонунгузории худ истифода намоянд.

Дигар санади муҳим, ки дар самти ҳуқуқи инсон қабул шуда, ҳуқуқ ба меҳнатро танзим менамояд, ин Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои шахсӣ ва сиёсӣ мебошад[111]. Санади мазкур бештар ҳуқуқҳои шахсӣ ва сиёсиро танзим менамояд. Дар ин ҳуҷҷат танҳо ду меъёри алоқаманд бо меҳнат ба мушоҳида мерасад: манъи меҳнати маҷбурӣ (қисми 3 моддаи 8) ва озодона амалӣ намудани ҳуқуқ ба муттаҳидшавӣ, аз ҷумла ҳуқуқи ташкили иттифоқҳои касаба (моддаи 22).

---

[109] Права человека. Сборник международных и национальных документов в 8-ми томах. Т. 1. – Душанбе, 2010. – С. 14-24.
[110] Киселев И.Я. Сравнительное и международное трудовое право: учебник для вузов. – М., 1999. – С. 450.
[111] Права человека. Сборник международных и национальных документов в 8-ми томах. Т. 1. 2-е изд. перераб. и доп. – Душанбе, 2010. – С. 33-51.

Дар баробари санадҳои байналмилалӣ-ҳуқуқии фарогир дар соҳаи ҳуқуқи инсон, дар доираи СММ як қатор санадҳое таҳия ва қабул гардидаанд, ки ҳуқуқу манфиатҳои категорияҳои махсуси шаҳрвандон ё муносибатҳои мушаххасро танзим менамоянд, аз қабили Конвенсияи байналмилалӣ дар бораи барҳам додани ҳама шаклҳои табъизи нажодӣ[112], Конвенсия дар бораи ҳуқуқҳои маъюбон[113], Конвенсия дар бораи барҳам додани ҳама шаклҳои табъиз нисбат ба занон[114]. Дар ин санадҳо ҷанбаҳои гуногуни таъмини ҳуқуқ ба меҳнати гурӯҳҳои муайяни (одатан осебпазир) шаҳрвандон, муқаррар гардидаанд.

Хулоса дар санадҳои ҳуқуқӣ-байналмилалии фарогир (универсалӣ) ҳуқуқ ба меҳнат ҳамчун ҳуқуқи бунёдӣ мустаҳкам гардида, ин ҳуҷҷатҳо маҷмуи ҳадди ақалли унсурҳоеро инъикос мекунанд, ки шаҳрвандон дар давлати худ ҳангоми татбиқсозии ҳуқуқ ба меҳнат метавонанд истифода намоянд.

Ҷанбаҳои гуногуни амалишавии ҳуқуқ ба меҳнат ба таври муфассал дар санадҳои ҳуқуқӣ-байналмилалии махсусгардонидашуда танзими худро ёфтаанд. Яке аз чунин санадҳо Конвенсия оид ба ҳифзи ҳуқуқҳои ҳамаи муҳоҷирони меҳнатӣ ва аъзои оилаҳои онҳо мебошад. А.М. Диноршоҳ қайд

[112] Дар моддаи 5-и Конвенсия дар бораи барҳам додани ҳама шаклҳои табъизи нажодӣ пешбинӣ мегардад, ки «давлатҳои аъзо уҳдадор мешаванд табъизи нажодиро дар тамоми шаклҳояш манъ ва барҳам диҳанд ва баробарҳуқуқии ҳар як шахсро дар назди қонун, бидуни фарқияти нажодӣ, ранги пуст, баромади миллӣ ё этникӣ, хусусан нисбати татбиқи ҳуқуқҳои зерин таъмин намоянд, аз ҷумла: ҳуқуқ ба меҳнат, интихоби озоди кор, шароити одилона ва мусоиди меҳнат, муҳофизат аз бекорӣ, пардохти баробар барои меҳнати баробар, мукофотонии одилона ва қаноатбахш (қисми 1 банди е); ҳуқуқ ба таъсиси иттифоқҳои касаба ва дохил шудан ба онҳо (қисми 2 банди е)»

[113] Дар моддаи 27 Конвенсия дар бораи ҳуқуқҳои маъюбон сухан оид ба таъминнамоии маъюбон бо кор меравад. Мутобиқи ин модда, давлатҳои иштирокчӣ ҳуқуқи маъюбонро дар қатори дигарон ба меҳнат эътироф менамоянд, ки он ҳуқуқи гирифтани имконияти бо роҳи меҳнат ба даст овардани маблағ барои ҳаётро дар бар мегирад ва маъюб онро озод интихоб мекунад ё озод бо он розӣ мешавад, дар сурате ки бозори меҳнат ва муҳити истеҳсолӣ барои маъюбон кушода, фарогир ва дастрас бошад.

[114] Дар банди 1 моддаи 11 Конвенсия оид ба барҳам додани ҳама шаклҳои табъиз нисбат ба занон муқаррар гардидааст, ки «давлатҳои иштирокчӣ тамоми тадбирҳои дахлдорро барои барҳам додани табъиз нисбат ба занон дар соҳаи шуғл меандешанд, то дар асоси баробарии мардону занон ҳуқуқҳои баробарро таъмин намоянд, аз ҷумла: ҳуқуқ ба меҳнат ҳамчун ҳуқуқи ҷудонопазири тамоми одамон; ҳуқуқ барои имконияти баробар ҳангоми қабул ба кор, аз ҷумла, истифодаи меъёрҳои баробари интихоб ҳангоми қабул; ҳуқуқ ба интихоби озоди ихтисос ё навъи кор, пешравӣ дар вазифа ва кафолати шуғл, инчунин, ба истифодаи ҳама гуна имтиёз ва шароити кор, ба гирифтани тайёрии касбӣ ва бозомӯзӣ, аз ҷумла шогирдӣ, такмили ихтисос ва бозомӯзии мунтазам; ҳуқуқ ба музди баробар, аз ҷумла ба имтиёзҳо ва шароити баробар нисбат ба меҳнати баробарарзиш, инчунин, ба муносибати баробар нисбат ба баҳодиҳӣ ба сифати кор; ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоӣ, аз ҷумла ҳангоми ба нафақа баромадан, бекорӣ, беморӣ, маъюбӣ, пиронсолӣ ва дар дигар ҳолатҳои гум кардани қобилияти корӣ, инчунин, ҳуқуқ ба рухсатии пардохтшаванда; ҳуқуқ ба ҳифзи саломатӣ ва шароити бехатари меҳнат, аз ҷумла оид ба нигоҳдории функсияи давом додани насл». Ҳуқуқҳои ишорашуда аз зумраҳои ҳуқуқҳои умумии занон ба ҳисоб рафта, нисбат ба тамоми занон паҳн мегардад. Инчунин, дар банди 2 моддаи 11 Конвенсия меъёр ва муқарраротҳо нисбат ба занони ҳомиладор, инчунин, занони дорои масъулияти оилавӣ пешбинӣ гардидаанд.

менамояд, ки «Конвенсияи СММ оид ба ҳифзи ҳуқуқҳои муҳоҷирони меҳнатӣ ва аъзои оилаҳои онҳо аз соли 1990 шартномаи байналмилалие мебошад, ки ҳифзи ҳуқуқҳои муҳоҷирони меҳнатиро ба танзим медарорад. Ҳадафи аслии он эҷоди як низоми муассири ҳимояи ҳуқуқи муҳоҷирони меҳнатӣ ва аъзои оилаи онҳо, инчунин, ҷорӣ кардани стандартҳои байналмилалӣ дар ин самт аст»[115]. Н.П. Азаров бар ин назар аст, ки «Конвенсия барои муҳоҷирон ҳуқуқҳои навро эҷод карда барои таъмин кардани муносибат ва шароити баробари корӣ ба муҳоҷирон, дар радифи шаҳрвандони кишвари қабулкунанда, мусоидат менамояд. Конвенсия ба мафҳуми асосӣ такя мекунад, яъне ба ҳамаи муҳоҷирон бояд ҳадди ақалли муайяни ҳимояи ҳуқуқҳои онҳо таъмин карда шавад»[116]. Дар Конвенсияи мазкур бевосита ба масъалаҳои амалӣ намудани ҳуқуқ ба меҳнат якчанд модда ҷудо карда шудааст[117].

Конвенсияи байналмилалӣ оид ба ҳифзи ҳуқуқҳои ҳамаи муҳоҷирони меҳнатӣ ва аъзои оилаҳои онҳо, як қатор меъёрҳо ва муқарраротҳоеро фаро гирифтааст, ки хосси муҳоҷирони меҳнатӣ ва аъзои оилаи онҳо мебошанд, аз ҷумла: муҳоҷирони меҳнатии наздисарҳадӣ, кормандони мавсимӣ; кормандоне, ки корашон ба рафтуомад рабт дорад; кормандони кирояи мақсаднок ва ғ.

Дар танзими ҳуқуқӣ-байналмиллалии ҳуқуқ ба меҳнат санадҳое, ки дар доираи ТБМ ҳамчун ташкилоти махсуси байналмилалӣ дар соҳаи меҳнат қабул шудаанд, аҳаммияти хоса доранд. ТБМ муассисаи махсусгардонидашудаи СММ буда, вазифаи меъёрсозиашро иҷро намуда, санадҳои гуногунеро, аз қабили оинномаи ташкилот, эъломияҳо, конвенсияҳо, тавсияҳо, пактҳо ва ғ. таҳия ва қабул менамояд.

---

[115] Диноршоев А.М. Особенности международно-правового регулирования вопросов защиты прав трудящихся-мигрантов в рамках ООН // Юридический вестник. – 2021. – № 1 (5). – С. 94-98.

[116] Азаров Н.П. Международные соглашения по миграции и правам человека // Власть. – 2010. – №1. – С. 51.

[117] Масалан, дар моддаи 11 ҷалби муҳоҷирони меҳнатӣ ба меҳнати маҷбурӣ ё ҳатмӣ манъ карда шудааст. Дар банди 2 моддаи 20-и Конвенсия пешбинӣ мегардад, ки иҷро накардани уҳдадориҳое, ки аз созишномаи меҳнатӣ бармеояд, набояд асос барои маҳрум сохтани муҳоҷири меҳнатӣ ё аъзои оилаи ӯ аз иҷозатномаи истиқомат ё кор ё боиси берун кардани онҳо гардад, ба истиснои ҳолатҳое, ки агар иҷрои чунин уҳдадорӣ яке аз шартҳои гирифтани чунин иҷозатнома бошад. Дар моддаи 25-и Конвенсия зикр мегардад, ки муҳоҷирони меҳнатӣ аз муомилаи на камтар мусоидаткунандае истифода мебаранд, ки нисбат ба шаҳрвандони давлати кори кироя дар масъалаҳои пардохти музди меҳнат истифода бурда мешавад.

«Саҳми Ташкилоти Байналмилалии Меҳнат дар масъалаи танзими муносибатҳои меҳнатӣ ва густариши шарикии иҷтимоӣ байни ҳукуматҳо, иттифоқҳои касаба ва корфармоён назаррас буда, санадҳои қабулкардаи он дар шакли конвенсия ва тавсияҳо ба танзими одилонаи муносибатҳои меҳнатӣ мусоидат менамоянд», таъкид мекунанд Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар суханронии худ бо роҳбарону фаъолони Федератсияи иттифоқҳои касабаи мустақили Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24 октябри соли 2019[118].

Ҳуҷҷатҳои муҳимтарини танзимкунандаи фаъолияти ТБМ-ро Оиннома ва Эъломия дар бораи принсипҳо ва ҳуқуқҳои асосӣ дар соҳаи меҳнат ташкил медиҳанд. Ин Эъломия, ки моҳи июни соли 1998 қабул шуда аст, чаҳор принсипи асосиро мураттаб кардааст, ки риояи онҳо барои ҳамаи давлатҳои аъзои ТБМ, сарфи назар аз тасвиби конвенсияҳо ҳатмист:

– озодии муттаҳидшавӣ ва эътирофи самараноки ҳуқуқ ба гуфтушунидҳои коллективӣ;

– барҳам додани ҳамаи шаклҳои меҳнати маҷбурӣ;

– манъи истифодаи меҳнати кӯдакон;

– роҳ надодан ба табъиз дар соҳаи меҳнат ва шуғл.

Ҳамчун замимаи Эъломия механизми татбиқи он тасдиқ карда шудааст.

Сабаби фаъолияти ТБМ дар муқаддимаи Оинномаи он зикр шудааст. Созмони мазкур бояд ба пойдор нигоҳ доштани сулҳи умумӣ ва инкишоф додани адолати иҷтимоӣ ёрӣ расонад. Дар ҳамин замина вазифаҳои асосии созмон муайян карда шуда, барои татбиқ сохтани адолати иҷтимоӣ барномаҳои амалӣ таҳия ва қабул карда шудаанд. Фаъолияти ТБМ гуногун аст, аммо, чун анъана, вазифаи асосии он муқаррар кардани стандартҳо дар

---

[118] Суханронии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон бо роҳбарону фаъолони Федератсияи иттифоқҳои касабаи мустақили Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе аз 30 октябри соли 2019 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: URL: http://www. president.tj (санаи муроҷиат: 23.04.2021).

соҳаи меҳнат ва ҳамкорӣ бо кишварҳои узв, инчунин, бо ташкилотҳои корфармоён ва кормандон маҳсуб меёбад.

Санадҳои қабулкардаи ТБМ яке аз воситаҳои асосии танзими байналмилалӣ-ҳуқуқии меҳнат ба ҳисоб меравад. ТБМ ду намуди санадҳоро қабул мекунад, ки дорои стандартҳои танзими ҳуқуқии меҳнат мебошанд: конвенсияҳо ва тавсияҳо. Конвенсияҳо созишномаҳои байналмилалӣ буда, барои давлатҳое, ки онҳоро тасдиқ мекунанд, ҳатмӣ мегарданд. Дар сурати ба тасвиб расидани конвенсия давлат барои татбиқи он дар сатҳи миллӣ чораҳои зарурӣ меандешад ва мунтазам ба Созмон оид ба самаранокии чунин тадбирҳо ҳисобот пешниҳод менамояд. Тибқи Оинномаи ТБМ, қоидаҳои миллие, ки барои кормандон манфиатовар мебошанд, ҳангоми ба тасвиб расонидани конвенсия моҳияти худро гум намекунанд. Барои конвенсияҳои батасвибнарасида Шурои маъмурӣ метавонад аз давлат дар бораи ҳолати қонунгузории миллӣ ва амалияи татбиқи он, инчунин, дар бораи чораҳо оид ба такмили онҳо, маълумот талаб намояд. Тавсияҳо тасдиқро талаб намекунанд. Дар ин санадҳо муқаррароти мушаххас, тафсилоти муқаррароти конвенсияҳо ё намунаи танзими муносибатҳои иҷтимоӣ-меҳнатӣ мавҷуданд. То ба имрӯз ТБМ 184 конвенсия ва 194 тавсияро оид ба ҷанбаҳои гуногуни меҳнат қабул кардааст.

Д.Қ. Назаров масъалаи нақши санадҳои кабулкардаи ТБМ-ро таҳлил намуда, як қатор хусусиятҳои онҳоро зикр менамояд. Аз ҷумла, ӯ қайд мекунад, ки «бо назардошти муносибатҳои меҳнатӣ ҳамчун як шакли амалишавии ҳуқуқ ба меҳнат, конвенсияҳои ТБМ на танҳо уҳдадориҳои давлат ва мақомоти салоҳиятдор, балки соҳибкорон (корфармоён)-ро низ дар самти таъмини ҳуқуқҳои ишорашуда ба вуҷуд меоранд. Ҳамин тариқ, дар доираи даъвои ҳуқуқӣ шахс метавонад барои гирифтани кумакпулӣ оид ба бекорӣ, расонидани ёрии тиббӣ (моддаҳои 15, 23 Конвенсияи №168 «Дар бораи мусоидат ба шуғли аҳолӣ ва ҳимоя аз бекорӣ»[119]); додани рухсатӣ

[119] Конвенция №168 Международной организации труда «О содействии занятости и защите от безработицы» принята в г. Женева 21 июня 1988 года // Конвенции и рекомендации, принятые Международной Конференцией труда. – 1957-1990. – Т. II. – Женева, Международное бюро труда, 1991.

(Конвенсияи №132 «Дар бораи рухсатии пардохтшаванда»[120]); музди баробар барои кори баробарарзиш (Конвенсияи №131 «Дар бораи муқаррар намудани ҳадди ақалли музди меҳнат»[121]), таъмини либос ва воситаҳои дахлдори муҳифизат (моддаи 16 Конвенсияи №155 «Дар бораи бехатарӣ ва ҳифзи меҳнат»[122])»[123].

Мавриди зикр аст, ки дар санадҳои байналмилалӣ-ҳуқуқӣ – Эъломияи умумии ҳуқуқи башар, Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ ҳуқуқ ба меҳнат дар заминаи муносибатҳои байни шахс ва давлат, дар ҳоле ки дар муқарраротӣ конвенсияҳои ТБМ танҳо дар доираи муносибатҳои меҳнатӣ баррасӣ шудааст [124].

Танзими байналмилалӣ-ҳуқуқии ҳуқуқи меҳнатро метавон чунин хулоса намуд:

Якум, муҳимтарин санадҳои байналмилалӣ-ҳуқуқӣ ҳуқуқ ба меҳнатро ҳамчун ҳуқуқе эълон менамоянд, ки дар худ чунин унсурҳоро ҷой додааст: а) ҳуқуқи ҳар як шахс ба меҳнат бо мақсади таъмин намудани рӯзгор; б) озодӣ дар интихоби касб; в) аз ҷониби давлат фароҳам овардани шароит бо мақсади дар амал татбиқ намудани қобилияти меҳнатии шахс ва кафолатҳои ин ҳуқуқ.

Ҳамин тариқ, созишномаҳои фарогири байналмилалӣ имкониятҳои бунёдии шахсро дар соҳаи меҳнат муайян менамоянд ва давлат ҳаққи даст кашидан аз онҳоро надорад. Аз ин рӯ, низоми модели конститутсионӣ ва соҳавӣ, ки меъёрҳои ҳуқуқ ба меҳнатро мустаҳкам намудаанд, бояд ба ҳамин сегона асос ёбанд. Аз ин рӯ, муайян намудани мувофиқатии меъёрҳои

---

[120] Конвенция №132 Международной организации труда «Об оплачиваемых отпусках (пересмотренная в 1970 году) принята в г. Женева 24 июня 1970 г. на 54-ой сессии Генеральной конференции МОТ // СЗ РФ. – 19.12.2011. – № 51. – Ст. 7451.

[121] Конвенция № 131 Международной организации труда «Об установлении минимальной заработной платы с особым учетом развивающихся стран» заключена в г. Женеве 22 июня 1970 г. // – Женева: Международное бюро труда, 1991. – С. 1605 - 1608.

[122] Конвенция № 155 Международной организации труда «О безопасности и гигиене труда и производственной среде» принята в г. Женеве 22 июня 1981 г. на 67-ой сессии Генеральной конференции МОТ // СЗ РФ. 10.12.2001. – № 50. – Ст. 4652.

[123] Назаров Д.Қ. Санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ дар низоми сарчашмаҳои танзими ҳуқуқии меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: дис. ... номзд. илм. ҳуқ. – Душанбе, 2021. – 185 с.

[124] Ниг.: Назаров Д.Қ. Санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ дар низоми сарчашмаҳои танзими ҳуқуқии меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: дис. ... номзд. илм. хуқ. – Душанбе, 2021. – 185 с.

конститутсионӣ ва соҳавӣ оид ба меҳнат бо санадҳои дахлдори ҳуқуқи байналмилалӣ аҳаммияти муҳимро доро мебошад.

Дуюм, санадҳои ҳуқуқӣ-байналмиллалӣ ҳуқуқҳои инсонро дар соҳаи меҳнат, новобаста аз он ки фаъолияти онҳо ба кадом намуди меҳнат дахл дорад, шахс тибқи кадом шартнома – шартномаи меҳнатӣ ва ё шартномаи шаҳрвандӣ-ҳуқуқӣ ва ё бе шартнома кор мекунад, корманд аст ва ё ташкилоти роҳбарикунанда ва ё соҳибкори инфиродӣ мебошад, инчунин, сарфи назар аз он, ки шахс шаҳрванди какдом давлат аст, муқаррар менамоянд.

Сеюм, айни замон принсипҳои бунёдӣ муайян гардида, принсипҳои мавҷуда мукаммал карда шуда, санадҳои нави байналмилалӣ-ҳуқуқие, ки ҳуқуқи инсонро дар соҳаи меҳнат танзим мекунанд, қабул карда шудаанд. Стандартҳои байналмилалӣ барои равнақ додани қонунгузории меҳнатӣ, бастани шартномаҳои коллективӣ ва созишномаҳо, тартиб додани шартномаҳои меҳнатии инфиродӣ ҳамчун дастур хизмат менамоянд. Меъёрҳои ҳуқуқии байналмилалӣ яке аз сарчашмаҳои зарурии вокуниши назоратӣ-контролӣ ба поймолсозии ҳуқуқи инсон дар соҳаи меҳнат ва қабули қарорҳои судӣ оид ба ҳифзи ин ҳуқуқҳо мебошанд. Вазифаи қонунгузор аз он иборат аст, ки онҳоро пурра ба инобат гирифта, ба қонунгузории миллӣ дохил намояд.

Чорум, танзими ҳуқуқии байналмилалие, ки барои ба вуҷуд овардан ва мустаҳкам намудани стандартҳои ҳуқуқҳои меҳнатӣ равона гардидаанд, дорои хусусиятҳои зерин мебошанд.

– дар шаклҳои гуногун зуҳур меёбанд (эъломияҳо, пактҳо, конвенсияҳо, тавсияҳо ва ғ.);

– ҷой доштани меъёрҳои дорои хусусияти умумӣ ва махсус. Агар, якумӣ ба тамоми ҳуқуқҳои эътирофкардаи ҷомеаи башарӣ рабт дошта бошад, пас, дуюмӣ танҳо ба ҳуқуқҳои фардӣ (масалан, ҳуқуқ ба меҳнат) дахл дорад;

– афзалият додан ба истифодаи қонунгузории миллӣ;

– татбиқ намудани таъсири ҳуқуқӣ дар сатҳҳои гуногун.

Бояд қайд намуд, ки дар танзими ҳуқуқ ба меҳнат нақши қонунгузории махсуси соҳавӣ назаррас мебошад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба сифати қонунгузории меҳнатӣ маҷмуи васеи санадҳои ҳуқуқие баромад менамоянд, ки муносибатҳои меҳнатиро танзим мекунанд. И.О. Снигирева иброз менамояд, ки низоми қонунгузории меҳнатӣ – ин алоқамандии унсурҳои таркибии он (санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва меъёрҳои дар онҳо мавҷудбуда) дар асоси ягонагии предмети танзимнамоӣ мебошад[125].

Дар баробари ин, бояд ишора намуд, ки қонунгузории соҳаи меҳнат дорои махсусиятҳои ба худ хос буда, аз қонунгузории дигар соҳаҳо фарқ менамояд. С.В. Маврин низоми сарчашмаҳои ҳуқуқи меҳнатиро таҳқиқ намуда, қайд мекунад, ки «низоми сарчашмаҳои ҳуқуқи меҳнатӣ ба ду гурӯҳ ҷудо мешавад. Якум, санадҳои меъёрии ҳуқуқии аз ҷониби мақомоти давлатӣ ва корфармоёни мушаххас эҷодшуда, дуюм, санадҳои ҳуқуқии шартномавӣ, ки кормандон дар якҷоягӣ бо корфармоён эҷод мекунанд»[126]. Ба андешаи мо, нуқтаи назари мазкур қобили дастгирӣ мебошад. Бо назардошти он ки ҳуқуқ ба меҳнат доираи васеи муносибатҳоро фаро мегирад, танзими онҳо дар доираи маҳдуди санадҳои ҳуқуқӣ ғайриимкон мебошад. Дар баробари ин, ҳангоми таҳлили қонунгузории амалкунандаи меҳнат як хусусиятро қайд кардан лозим аст – санадҳои меъёрӣ дар шакли қонун (аз ҷумла, кодекси меҳнат), чун қоида талаботи умумиро барои таъмини ҳуқуқ ба меҳнат муқаррар карда, дар санадҳои зерқонунӣ ва ё дар санадҳои маҳдуди ташкилотҳо, муассисаҳо ва дигар шахсони ҳуқуқӣ моҳияти худро пайдо менамоянд. Ба ин тартиб, танзими соҳавии ҳуқуқ ба меҳнат дар санадҳои меъёрии ҳуқуқии зерин ба амал бароварда мешавад:

- қонунҳо, аз ҷумла санадҳои кодификатсияшуда;

---

[125] Снигирева И.О. Систематизация норм трудового права. Ее формы и технологии // Системный характер трудового права и права социального обеспечения (Первые Гусовские чтения): материала конф. / под общ. ред. Н.Л. Лютова. – М.: Проспект, 2016. – С. 273-278.

[126] Комментарий к Трудовому кодексу Российской Федерации / отв. ред. А.М. Куренной, С.П. Марвин, Е.Б.Хохлов. – М., 2007. – С. 32.

-санадҳои меъёрии ҳуқуқии зерқонунӣ (фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, низомнома ва дастурҳои вазорату идораҳои гуногун);

- созишнома ва шартномаи коллективӣ (шартномаи меҳнатӣ).

Санадҳои меъёрии ҳуқуқии ишорашударо ба таври мухтасар мавриди баррасӣ қарор медиҳем.

Дар силсилаи санадҳои меъёрии ҳуқукӣ оид ба меҳнат мавқеи марказиро Кодекси меҳнатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки 23 июли соли 2016 қабул ва аз 30 июли соли 2016 мавриди амал қарор дода шудааст, ишғол менамояд. К.Л. Томашевский қайд менамояд, ки «барои давлатҳои пасошуравӣ, ки аз низоми ҳуқуқи шуравӣ бисёр хусусиятҳоро мерос гирифтаанд ва ҳоло ба низоми романо-олмонӣ мутааллиқ мебошанд, кодификатсияи қонунгузории меҳнатӣ хос мебошад»[127]. И.А. Шестеряков ҳафт аломатеро ҷудо менамояд, ки махсусияти кодификатсияро ҳамчун шакли ҳуқуқэҷодкунӣ дар соҳаи меҳнат ифода менамоянд: 1) дар ҷараёни ҳуқуқэҷодкунӣ қабул кардани кодекси меҳнат; 2) танзим намудани муҳимтарин муносибатҳои ҷамъиятӣ дар соҳаҳои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ (муносибатҳои меҳнатӣ бо онҳо алоқаманд мебошанд); 3) аҳаммият аз рӯи ҳаҷм ва сохтори мураккаб (қисмҳо, фаслҳо, бобҳо, моддаҳо), ки бо ягонагии дохилӣ, пайгирӣ, якпорчагӣ ва пайвастагии меъёрҳо муайян карда мешаванд; низоми соҳаи ҳуқуқи меҳнатиро аз ҷиҳати техникӣ ба расмият даровардан; 5) ба сифати асоси рушди мунтазами соҳа баромад менамоянд; 6) бартарӣ доштани кодекси меҳнат дар қонунгузории меҳнатӣ; 7) мунтазамӣ, яъне ба кодекс ворид намудани меъёрҳои ҳуқуқи меҳнатӣ ба муҳлати дароз нигаронида шудааст[128]. Дар хусуси бартарӣ доштани кодекси меҳнат дар танзими муносибатҳои меҳнатӣ дидгоҳҳои гуногун ҷой доранд. Кодекси меҳнат, ба андешаи мо, санади меъёрии асосӣ,

---

[127] Томашевский К.Л. Источники трудового права государств-членов Евразийского экономического союза (Проблемы теории и практики). – М., 2017. – С. 157.

[128] Ниг.: Шестеряков И.А. Кодификация в сфере труда государств евразийской интеграции // Гармонизация социального и трудового законодательства в сфере защиты прав, свобод и интересов граждан в условиях Евразийского экономического союза: теория, практика, возможности: материалы межд. науч.-практ. конф., 29-30 апр. 2014 г.; под общ. ред. Т.М. Абайдельдинова [и др.]. – Алматы: Изд-во Казак университет, 2014. – С. 229-230.

вале ҳукмфармо нест, ки ҳуқуқ ба меҳнат ва муносибатҳои меҳнатиро, ки аз он бармеояд, танзим намояд. Кодекси мазкур муносибатҳои меҳнатии асосиро мавриди танзим қарор медиҳад, вале муносибатҳои меҳнатӣ, ки дар соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқ ба вуҷуд меоянд, тавассути қонунҳои дахлдор пурра карда мешаванд.

Андешаи мунтазам будани кодекси меҳнат низ баҳснок мебошад. Ҳар санади меъёрӣ барои танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ ба муҳлати дароз қабул карда мешавад, вале барои самаранок будан бояд он ба талаботи замон ҷавобгӯ бошад. Дар ин замина, муносибатҳои меҳнатӣ ҳамчун қисми ҷудонашавандаи фаъолияти иқтисодии давлат ва шахс бештар ба ислоҳот дучор мешаванд. Дар давраи соҳибистиқлолӣ Тоҷикистон се кодекси меҳнат қабул намудааст. Дар марҳилаи нахуст, Кодекси меҳнати ҶШС Тоҷикистон аз 16 июни соли 1972 амал мекард, баъдан 15 майи соли 1997 Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул гардид, ки он то мавриди амал қарор гирифтани Кодекси нав аз 23 июли соли 2016 фаъол буд.

Ғ.М. Бобокалонов ва Н. Шонасридинов аҳаммияти Кодекси меҳнатро дар танзими ҳуқуқ ба меҳнат баррасӣ намуда, иброз менамоянд, ки «Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон манбаи кодификатсияшудаи ҳуқуқи меҳнат маҳсуб шуда, мутобиқи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, асосҳои сиёсати давлатиро дар бахши меҳнат муайян намуда, кафолатҳои давлатии ҳуқуқҳои меҳнатии шаҳрвандонро муқаррар менамояд ва баҳри таъмини риояи манфиатҳои қонунии кормандон, корфармоён ва давлат нигаронида шудааст»[129]. Дар кодекс бо таври мушахас масоили танзими меҳнати гурӯҳи алоҳидаи кормандон, шарикии иҷтимоӣ ва муносибатҳои коллективӣ дар соҳаи меҳнат, бехатарӣ ва ҳифзи меҳнат ба танзим оварда шудааст.

Дар баробари ин таҳлили меъёрҳои Кодекси меҳнат нишон медиҳад, дар он на ҳама унсурҳое, ки мазмуни ҳуқуқ ба меҳнатро ташкил медиҳанд, инъикос ёфтаанд, аз ҷумла танзими масъалаҳои таъмини шуғли аҳолӣ аз доираи меъёрҳои кодекси мазкур берун мондаанд. Воқеан, Кодекси меҳнати

[129] Шонасридинов Н., Бобокалонов Ғ.М. Тафсири Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикситон. – Душанбе 2017. – С. 18-25.

Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз санадҳои асосии меъёрӣ-ҳуқуқии танзимкунандаи ҳуқуқ ба меҳнат буда, як қатор унсурҳои таркибии ин ҳуқуқро ошкор намуда, барои танзими унсурҳои дигаре, ки мазмуни ҳуқуқ ба меҳнатро ифода менамоянд, асос мегузорад.

Дар баробари Кодекси меҳнат дар танзими ҳуқуқ ба меҳнат қонунҳои махсусгардонидашуда, ки унсурҳои ин ҳуқуқро танзим мекунанд, вале дар Кодекси меҳнат инъикос наёфтаанд, нақши муҳим доранд. Қонунҳо барои пурра ва мушаххас кардани меъёрҳои ҳуқуқ ба меҳнат, ки дар Конститутсия ва Кодекси меҳнат пешбинӣ шудаанд, қабул мегарданд[130]. Дар инҷо ду намуди қонун аст, ки ба танзими муносибатҳои меҳнатӣ равона гардидаанд:

1. қонунҳои комплексӣ (маҷмуӣ);

2. қонунҳои одӣ.

Гурӯҳи якуми қонунҳо дар баробари танзими муносибатҳои меҳнатӣ боз дигар муносибатҳои ҷамъиятии ба ҳам алоқамандро танзим менамоянд (масалан, дар соҳаи таъминоти иҷтимоӣ). Гурӯҳи дуюм, қонунҳои танзимкунандаи муносибатҳои меҳнатие мебошанд, ки дар Кодекси меҳнат моҳияти худро пайдо накардаанд[131].

Дар чунин шакл таснифбандӣ намудани муносибатҳои меҳнатӣ барои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон низ хос мебошад. Ба қонунҳои комплексӣ (маҷмуӣ) метавон Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 5 марта соли 2007 «Дар бораи хизмати давлатӣ», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 декабри соли 2010 «Дар бораи ҳифзи иҷтимоии маъюбон», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 декабри соли 2014 «Дар бораи хизмати дипломатӣ», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 18 марти соли 2015 «Дар бораи адвокатура ва фаъолияти адвокатӣ»-ро дохил намуд. Дар қонунҳои мазкур фаъолияти меҳнатии категорияҳои алоҳидаи шаҳрвандон ва ё ҷанбаҳои иҷтимоие, ки аз муносибатҳои меҳнатӣ бармеоянд, мавриди танзим қарор гирифтаанд.

---

[130] Томашевский К.Л. Источники трудового права государств-членов Евразийского экономического союза (Проблемы теории и практики). – М., 2017. – С. 167.

[131] Ниг.: Томашевский К.Л. Источники трудового права государств-членов Евразийского экономического союза (Проблемы теории и практики). – М., 2017. – С. 167.

Ба қонунҳои одӣ метавон қонунҳои зеринро дохил намуд, аз ҷумла Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 августи соли 2003 «Дар бораи мусоидат ба шуғли аҳолӣ», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 августи соли 2011 «Дар бораи иттифоқҳои касаба». Қонунҳои ишорашуда муносибатҳои марбут ба фаъолияти меҳнатӣ, махсусан фаъолияти иттифоқҳои касаба ва раванди ташкили таъмини шуғли аҳолиро мавриди танзим қарор додаанд.

Дар амалӣ кардани ҳуқуқ ба меҳнат нақши санадҳои зерқонунӣ низ назаррас мебошад. Ба онҳо дар асоси Конститутсия ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» амру фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва худидоракунии маҳаллӣ дохил мешаванд.

Дар байни санадҳои зерқонунӣ амру фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистонро мақоми махсусро доро мебошанд. Дар ҳамин замина, муҳаққиқони ватанӣ яке аз хусусиятҳои асосии санадҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистонро ишора менамоянд. Онҳо иброз менамоянд, ки на ҳамаи фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон хусусияти меъёриро доро буда, ҳамчун манбаи танзимкунандаи муносибатҳои меҳнатӣ ва муносибатҳои ба онҳо вобаста баромад менамоянд (масалан, фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар хусуси ба вазифа таъин ва аз вазифа озод намудан, додани рутба, мукофотонидан, ҳадди ақалли музди меҳнат ва ғайра).

Дар баробари чунин фармонҳо Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон фармонҳое низ мебарорад, ки хусусияти меъёрӣ дошта, манбаи ҳукуқ аз ҷумла ҳуқуқи меҳнат маҳсуб меёбанд (масалан, Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 сентябри соли 1997 «Оид ба давомияти рухсатиҳои асосӣ ва иловагии меҳнатӣ» ва Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 июни соли 2016, №697 «Дар бораи тадбирҳои тақвият бахшидани сатҳи ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ва зиёд намудани маоши

амалкунандаи вазифавии кормандони муассисаю ташкилотҳои соҳаҳои иҷтимоӣ, андозаи нафақа ва стипендия») ва ғайра.

Пас аз таҳлил намудани фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон метавон ба хулосае омад, ки дар онҳо одатан механизмҳои кафолати ҳифз ва таъмини ҳуқуқу манфиатҳои қонунии кормандон, аз ҷумла муқаррар намудани имтиёзҳо барои категорияҳои алоҳидаи кормандон ва таъмини ҳифзи иҷтимоии онҳо муқаррар карда мешаванд. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо қабули чунин фармонҳо вазифаи конститутсионии худро ҳамчун ҳомии ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд амалӣ менамояд.

Инчунин, дар байни санадҳои зерқонунӣ қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷойгоҳи хосаи худро доранд. Ғ.М. Бобокалонов ва Н. Шонасриддинов қайд менамоянд, ки «тибқи қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон паҳлуҳои гуногуни меҳнати кормандон ҳаллу фасл мешаванд, чунончи, тартиби пешбурди дафтарчаи меҳнатии кормандон; муқаррар намудани шарту шароити дар ду (якчанд) ҷой кор кардан; муайян намудани номгӯи кормандони рӯзи кориашон ба меъёр гирифтанашуда; муайян намудани шароити пешниҳод ва давомнокии рухсатиҳо барои собиқаи кори тулонӣ; тарифкунонии кор аз рӯи маълумотномаи ягонаи тарифию тахассусии кору касби кормандон ва маълумотномаи тахассусии мансабҳои роҳбарон, мутахассисон ва хизматчиён ва тайра»[132].

Дар танзими ҳуқуқии муносибатҳои меҳнатӣ ва дигар муносибатҳои ба онҳо вобаста накши муайянро санадҳои меъёрии мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ мебозанд, ки одатан ба намудҳои гуногуни иловапулиҳои шаҳрвандони минтақаҳои дахлдор, вақти оғоз ва анҷоми кори ташкилот ва муассисаҳои соҳаи савдо, нақлиёт ва хизматрасонӣ дахл доранд.

Категорияи сеюми санадҳое, ки мо ишора кардем, санадҳои меъёрии дохилӣ (локалӣ) мебошанд. Дар асоси моддаи 1 Кодекси меҳнат, санадҳои меъёрии дохилӣ (локалӣ) – ин санадҳои меъёрии аз тарафи мақомоти дахлдори идоракунии ташкилот бо розигии мақомоти намояндагии

[132] Шонасридинов Н., Бобокалонов Ғ.М. Тафсири Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикситон. – Душанбе, 2017. – С. 18-25.

кормандон қабулнамудае мебошанд, ки муносибатҳои меҳнатӣ ва дигар муносибатҳои ба онҳо алоқамандро танзим намуда, дар ҳудуди ташкилот амал мекунанд.

Ҳамин тариқ, Кодекси меҳнатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар сатҳи қонунгузорӣ санадҳои меъёрии ҳуқуқии локалиро ҳамчун шакли ҳуқуқи меҳнатӣ эътироф кардааст. Санадҳои меъёрии ҳуқуқии дохилӣ (локалӣ) – ин натиҷаи меъёрофаринии дохилӣ дар ташкилот мебошад. Ба ибораи дигар, онҳо санадҳои меъёрие мебошанд, ки меъёрҳои ҳуқуқи меҳнатро фаро гирифта, аз ҷониби корфармо дар доираи салоҳияти ҳуҷҷатҳои дохилии худ қабул гардидаанд ва муносибатҳои тарафҳои шартномаи меҳнатиеро танзим менамоянд, ки дар сатҳи қонунгузорӣ танзим нашудаанд. Ба сифати санадҳои маъмулии дохилӣ (локалӣ) – низомномаҳо, қоидаҳо ва дастурамалҳо дохил мешаванд. Дар санадҳои локалӣ, ҳатто ҷадвали басти вазифаҳо ва ҷадвали рухсатиҳои меҳнатӣ низ ҷой дода мешаванд.

М.В. Лебедев қайд менамояд, ки сарчашмаи меъёрофарии локалӣ на танҳо иҷозат ва муҷозоти давлатӣ шуда метавонанд, балки махсусияти ташкилот ҳамчун ҷузъи ҷомеаи шаҳрвандӣ дар шароити иқтисоди бозорӣ, инчунин, ҳамчун як воҳиди иҷтимоию иқтисодии дорои мухторият, ки унсурҳои зарурии ягонагии ташкилиро дорост, онро тақозо менамоянд[133].

Ба андешаи А.Л. Шведов, санадҳои локалии корфармо бояд аз ҳуҷҷатҳои таъсисӣ ва дохилии шахси ҳуқуқӣ (категорияҳои ҳуқуқи гражданӣ) фарқ карда шаванд, зеро онҳо метавонанд меъёрҳои ҳуқуқи меҳнатиро нисбат ба категорияҳои муайяни кормандон низ дар бар гиранд ва сарчашмаи соҳа бошанд, дар ҳоле ки шарти маҳдудият субъект ва тартиби қабул аст[134].

Давлат, воқеан, вазифаи меъёрофарии корфармо ва ҳуқуқи муқаррар намудани меъёрҳои рафтори меҳнатӣ, ки барои фаъолияти самараноки ташкилоти ӯ заруранд, эътироф мекунад, агар онҳо, якум бо тартиби

---

[133] Ниг.: Современное трудовое право (опыт трудоправового компаративизма) / Под ред. В.М. Лебедева. – М., 2007. – С. 150.

[134] Шведов А.Л. Система источников трудового права России: основные проблемы функционирования и тенденции развития // Российский ежегодник трудового права. – 2008. – № 4. – С. 93.

муқаррарнамудаи қонунгузории меҳнатӣ қабул шуда бошанд, дуюм вазъи ҳуқуқии кормандони ташкилотро бад накарда, кафолатҳои дар қонунгузории меҳнатӣ пешбинишударо ихтисор нанамоянд.

И.Я. Шиян ишора менамояд, ки хусусияти асосии санадҳои меъёрии локалӣ дар он аст, ки онҳо танҳо дар доираи ташкилоти мушаххас татбиқ карда мешаванд (гурӯҳи кормандоне, ки барои соҳибкори инфиродӣ кор мекунанд)[135].

Дар баробари ин, аломатҳои зерини санадҳои локалиро ҷудо кардан мумкин аст:

1) онҳо санади меъёрии зерқонунӣ мебошанд;

2) онҳо аз ҷониби корфармо танҳо дар доираи салоҳияти худ ва ё бо баинобатгирии фикру андешаи (дар ҳолатҳои пешбининамудаи шартномаи коллективӣ, созишнома – дар асоси мувофиқа) мақомоти намояндагии кормандон қабул карда мешаванд.

Хулоса дар заминаи муқаррароти конститутсионӣ қонунгузории соҳаи меҳнат чунин муносибатҳоро танзим намудааст:

а) ҳуқуқҳои меҳнатӣ, аз ҷумла ҳуқуқи бастан, тағйир додан ва бекор кардани шартномаи меҳнатӣ; ҳуқуқи додани коре, ки дар шартномаи меҳнатӣ пешбинӣ шудааст; ҳуқуқ ба ҷойи кор, ки ба талаботи меъёрҳои давлатии ҳифзи меҳнат ва шартҳои пешбининамудаи шартномаи коллективӣ ва ғ., ҷавобгӯ мебошад;

б) принсипҳои танзими ҳуқуқии муносибатҳои меҳнатӣ ва дигар муносибатҳои ба онҳо бевосита алоқаманд, ба мисли озодии меҳнат, аз ҷумла ҳуқуқ ба меҳнат; манъи меҳнати маҷбурӣ ва табъиз дар соҳаи меҳнат; ҳифзи бекорӣ ва кумак барои бо кор таъминсозӣ; таъмини ҳуқуқи ҳар як корманд ба шароити одилонаи меҳнат; баробарии ҳуқуқу имкониятҳои кормандон ва ғайра.

[135]Ниг.: Шиян В.И. Трудовое право: Учебное пособие. – М., 2008. – С. 38.

## 1.3. Мавқеи ҳуқуқ ба меҳнат дар низоми ҳуқуқу озодиҳои инсон ва алоқамандии он бо дигар ҳуқуқҳои инсон

Эътироф намудани ҳуқуқи инсон заминаи воқеиро барои бавуҷудоии конститутсионализм гузошта, низоми ҳуқуқҳои конститутсионии инсон ва шаҳрванд – унсури марказии сохтори ҳуқуқи конститутсионии ҳар як давлат, аз ҷумла Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳсуб меёбад. Ин муқаррарот дар мазмуни моддаи 5 Конститутсияи Тоҷикистон равшан ифода ёфта, мазмуни он дар бобҳои минбаъдаи қонуни асосии давлат баён шудааст. Ҳамин тавр, дар марҳилаи муосири рушди ҷомеа ҳуқуқи инсон ба стандарти муайяне табдил ёфтааст, ки давлат бояд фаъолияти қонунэҷоднамоӣ ва ҳуқуқтатбиқсозиро дар асоси он муайян намояд.

Ҳуқуқ ба меҳнат дар низоми ҳуқуқу озодиҳои конститутсионии инсон мавқеи муҳимро ишғол мекунад. Он яке аз ҳуқуқҳои асосии комплексии инсон буда, бо дигар ҳуқуқҳое, ки ба низоми конститутсионии ҳуқуқи инсон дохил карда шудаанд, зич алоқаманд аст. Бо ин мақсад, зарур аст, то мавқеи ҳуқуқ ба меҳнат дар ин низом муайян карда шуда, робитаи он бо дигар ҳуқуқҳои инсон мавриди таҳлил қарор гирад. Мушкилоти асосӣ он аст, ки то ҳол дар байни олимон дар хусуси ба кадом гурӯҳи ҳуқуқҳо шомил будани ҳуқуқ ба меҳнат андешаи якранг вуҷуд надорад, ки ин муайянсозии алоқамандии ҳуқуқ ба меҳнатро бо дигар ҳуқуқҳои конститутсионии инсон душвор менамояд. Ҳалли ин масъалаи баҳснок, аз нигоҳи мо, мубрамияти мавзуи баррасишавандаро ошкор менамояд.

А.И. Имомов масъалаи мазкурро пайгирӣ намуда, иброз менамояд, ки «ҳуқуқ ва озодиҳо низоми муайянро ташкил медиҳанд. Низоми мазкур ба ягонагии дохилии ҳуқуқу озодиҳо асос ёфта, дар алоқамандии онҳо ифода меёбад. Ин низом соҳаҳои гуногуни ҳаёти инсонро фаро мегирад»[136]. А.М. Диноршоҳ ва С.М. Салоҳидинова андешаи мазкурро ҷонибдорӣ намуда, қайд менамоянд, ки «ҳуқуқи инсон низоми муайянест, ки намудҳои алоҳидаи

[136] Имомов А.И. Ҳуқуқи конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2012. – С. 182.

ҳуқуқу озодиҳои инсонро дар бар мегирад»[137]. Чунин мавқеъро бисёре аз олимони кишварҳои пасошуравӣ баён мекунанд. Масалан, муаллифони китоби «Институти ҳуқуқи инсон дар Русия» қайд мекунанд, ки «ҳуқуқҳои конститутсионӣ (асосӣ) ҷавҳари мақоми ҳуқуқии шахсро ташкил медиҳанд. Маҷмуи ҳуқуқ, озодӣ ва уҳдадориҳои ҳуқуқӣ як низоми муайянро ташкил медиҳанд. Ҳарчанд ин ҳуқуқҳо аз ҷиҳати моҳият ва мазмун гуногунанд, вале ҳамаи онҳо робитаҳои бунёдии байни давлат ва шахсро ифода намуда, аз ҳам ҷудонашванда мебошанд»[138].

Дар илми ҳуқуқи конститутсионӣ навъҳои зиёди таснифоти ҳуқуқи инсон мавҷуд аст, аз ин рӯ, қабл аз таҳлил кардани робитаи ҳуқуқ ба меҳнат бо дигар ҳуқуқҳо, зарур аст, то ба кадом категорияи ҳуқуқҳо мутааллиқ будани онро ошкор намоем.

Навъи якуми таснифоти ҳуқуқҳои инсон марбут ба вазъи ҳуқуқӣ ва сиёсии шахс мебошад, ки онҳо ба ҳуқуқу озодиҳои инсон ва ҳуқуқу озодиҳои шаҳрванд ҷудо мешаванд. Инчунин, вобаста ба ҳайати субъективӣ ҳуқуқҳои инсон ба инфиродӣ ва дастаҷамъӣ (гурӯҳӣ) тақсим мегарданд. Аз нигоҳи инъикосёбӣ дар санадҳои ҳуқуқӣ, ҳуқуқҳои инсон ба асосӣ (конститутсионӣ) ва иловагӣ (ҳосилӣ, мушаххаскунанда) ҷудо мешаванд. Вобаста ба имконияти маҳдудсозии муваққатӣ ҳуқуқҳои инсон ба мутлақ ва нисбӣ тақсим мегарданд[139].

Ҳамчунин, муҳаққиқони соҳаи ҳуқуқи конститутсионӣ бо такя ба рушди таърихии ҳуқуқи инсон, ҳуқуқҳои инсонро дар асоси равиши наслӣ ба се насл ҷудо мекунанд[140].

Бо назардошти таснифоти боло метавон мавқеи ҳуқуқ ба меҳнатро дар низоми ҳуқуқу озодиҳои инсон ба таври зайл муайян намуд. Вобаста ба вазъи

---

[137] Диноршоев А.М., Салохидинова С.М. Право на предпринимательскую деятельность в системе социально-экономических и культурных прав в Республике Таджикистан. – Душанбе, 2015. – С. 72.
[138] Институт прав человека в России / Г.Н. Комкова, О.В. Шудра и др. Под ред. Г.Н. Комковой. – Саратов: Изд-во СГУ, 1998. – С. 54.
[139]Ниг.: Диноршоев А.М., Салохидинова С.М. Право на предпринимательскую деятельность в системе социально-экономических и культурных прав в Республике Таджикистан. – Душанбе, 2015. – 190 с.; Саидов И.И. Развитие личных и политических прав человека в Таджикистане: историко-правовой и общетеоретический анализ: дис. … канд. юрид. наук. – Душанбе, 2015. – 209 с.
[140]Ниг.: Диноршоев А.М., Салохидинова С.М. Право на предпринимательскую деятельность в системе социально-экономических и культурных прав в Республике Таджикистан. – Душанбе, 2015. – 190 с.

ҳуқуқӣ ва сиёсии шахс ҳуқуқ ба меҳнат ҳуқуқи инсон аст, зеро он ба шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин, ба шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд низ дахл дорад. Шаҳодати ин гуфтаҳо истифода гардидани ибораи «ҳар кас» дар Конститутсия нисбат ба ин ҳуқуқ мебошад. Инчунин, дар Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва моддаи 7 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи вазъи ҳуқуқии шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 2 январи соли 2018 муқаррароте ҷой дорад, ки мутобиқи он «1. Фаъолияти меҳнатии шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон танзим карда мешавад. 2. Шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванде, ки ба Ҷумҳурии Тоҷикистон барои истиқомати муваққатӣ омадаанд, ба фаъолияти муайяни меҳнатӣ ба шарте машғул шуда метавонанд, ки он бо мақсадҳои ба Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид шуданашон мувофиқ бошад. 3. Шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд бо шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар муносибатҳои меҳнатӣ ҳуқуқу уҳдадориҳои баробар доранд. 4. Шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияти меҳнатиро дар асоси иҷозате, ки аз ҷониби мақомоти ваколатдори давлатӣ дода мешавад, амалӣ карда метавонанд. 5. Қоидаҳои додани иҷозати кор ба шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванде, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияти меҳнатиро амалӣ менамоянд ва намунаи ҳуҷҷати иҷозати он аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда мешаванд»[141].

Вобаста ба ҳайати субъектӣ ҳуқуқ ба меҳнат ба категорияи ҳуқуқҳои инфиродӣ дохил мешавад, дар ҳоле ки баъзе олимон ин ақидаро ҷонибдорӣ намекунанд, зеро як қатор унсурҳое, ки мазмуни ин ҳуқуқро ташкил медиҳанд, хусусияти дастаҷамъӣ доранд (ҳуқуқи ташкили иттифоқҳои касаба, ҳуқуқи корпартоӣ ва ғ.). Дар ин маврид мо ҷонибдори муаллифоне ҳастем, ки ҳуқуқ ба меҳнат ба сифати ҳуқуқҳои инфиродӣ баҳогузорӣ менамоянд. А.М. Диноршоҳ иброз менамояд, ки «хусусияти ҳуқуқҳои дастаҷамъӣ дар он аст,

[141]Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи вазъи ҳуқуқии шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 2 январи соли 2018, № 1471 // АМОҶТ с. 2018, №1, мод.3, №5, мод.276.

ки онҳоро як шахс ба таври инфиродӣ амалӣ карда наметавонад. Иҷрои онҳо азму иродаи як гурӯҳ шаҳрвандон, ташкилотҳои ҷамъиятӣ, коллективҳои меҳнатиро талаб менамояд»[142]. Ба андешаи мо, ҳуқуқ ба меҳнат хусусияти инфиродӣ дошта, ба нафари муайян таъллуқ дорад, на ба гурӯҳи шаҳрвандон, дар ҳоле ки амалишавии ин ҳуқуқ дар баъзе маврид характери оммавӣ (дастаҷамӣ) дорад, яъне дар шакли дастаҷамъона ба амал бароварда мешавад.

Аз нигоҳи инъикосёбӣ дар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ҳуқуқ ба меҳнат ба гурӯҳи ҳуқуқу озодиҳои асосӣ (конститутсионӣ) шомил мегардад. Мазмуни ин ҳуқуқ аз як қатор меъёрҳои конститутсионӣ, аз ҷумла дар моддаҳои 1 ва 12 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон бармеояд. Ҳамчун ҳуқуқи субъективӣ он бевосита дар моддаи 35 Конститутсия мустаҳкам гардидааст. Илова бар ин, ҳуқуқи мазкур ҳамчун ҳуқуқи низомнок дар санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ, аз ҷумла дар Эъломияи умумии ҳуқуқи башар ва Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ инъикос ёфтааст.

Вобаста ба имконияти маҳдудсозии муваққатӣ ҳуқуқ ба меҳнат хусусияти дугона дорад. Ин ба он вобаста аст, ки як қатор ҷанбаҳои ин ҳуқуқ мутлақанд, аз ҷумла манъи меҳнати маҷбурӣ, ки яке аз шаклҳои ғуломӣ маҳсуб мешавад. Дар мавридҳои дигар ҳуқуқи мазкур дар ҳолатҳои пешбининамудаи қонун маҳдуд карда мешавад (масалан, ҷалб намудани занон ва ноболиғон ба корҳои вазнин ва зеризаминӣ).

Аз рӯйи замони пайдоиш, яъне вобаста ба марҳилаи ташаккул ва инкишофи ҳуқуқҳои инсон, ин ҳуқуқ бинобар он ки аксари муаллифон онро ҳамчун ҳуқуқи иқтисодӣ маънидод менамоянд, ба марҳилаи дуюми ташаккул ва инкишофи ҳуқуқҳои инсон, яъне бо инкишофи ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии инсон дар ибтидои асри XX алоқамандӣ дорад.

Дар доираи таҳқиқоти мо ду категорияи таснифоти ҳуқуқҳои инсон аҳаммияти бештарро соҳибанд. Якум, вобаста ба иштироки давлат дар

---

[142]Диноршоев А.М. Реализация конституционных прав и свобод человека и гражданина в Республике Таджикистан. – Душанбе, 2015. – 225 с.

таъмин ва татбиқсозӣ – ҳуқуқҳои инсон ба ҳуқуқҳои амали фавридошта ва барномавӣ ҷудо мешаванд. Дуюм, аз ҷиҳати мазмун ва хусусияти муносибатҳои танзимшаванда – ҳуқуқҳои инсон шахсӣ, сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ мешаванд.

Нахуст таснифоте, ки мо ишорааш кардем, аз мазмуни муқаррароти Конститутсия ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ, ки давлат онҳоро эътироф кардааст, бармеояд. Аз ҷумла, дар моддаҳои 5 ва 14 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ мегардад, ки «ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро давлат эътироф, риоя ва ҳифз менамояд ва онҳо мақсад, мазмун ва татбиқи қонунҳо, фаъолияти ҳокимияти қонунгузор, иҷроия, мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва худидоракуниро муайян мекунанд ва ба воситаи ҳокимияти судӣ таъмин мегарданд» [143]. Дар навбати худ, моддаи 2 Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои шахсӣ ва сиёсӣ ишора менамояд, ки «ҳар давлати иштирокчии ҳамин Паймон ӯҳдадор мешавад ба ҳамаи шахсони дар қаламрави ҳудуди он ва ҳудуди тахти тобеияти ҳуқуқии он қарор дошта ҳуқуқҳоеро, ки дар ҳамин Паймон эътироф гаштааст, таъмин кунад, инчунин ӯҳдадор мешавад, ки мутобиқи расмиёти конститутсионии худ ва меъёрҳои ҳамин Паймон барои қабули чунин санадҳои қонунгузорӣ ё дигар тадбирҳое, ки мумкин аст барои амалӣ шудани ҳуқуқҳои дар ҳамин Паймон эътирофшаванда зарур бошанд, тадбирҳо андешанд»[144]. Яъне, муқаррароти зикркардаи мо гувоҳӣ медиҳад, ки давлат бо эътирофи афзалияти ҳуқуқҳои инсон ва бо назардошти имкониятҳои дар давлат мавҷудбуда, онҳоро таъмин ва ҳифз менамояд. Аз ин рӯ, дар ҳуқуқи конститутсионӣ ва ҳуқуқи байналмилалии ҳуқуқи инсон ӯҳдадориҳои давлатҳоро ба ӯҳдадориҳое тақсим мекунанд, ки бояд фавран иҷро шаванд (ҳуқуқҳои амали фавридошта) ва ӯҳдадориҳое, ки дар сурати набудани захираҳо тадриҷан амалӣ карда мешаванд (ҳуқуқҳои барномавӣ).

---

[143] Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 ноябри соли 1994 бо тағйиру иловаҳо аз 26 сентябри соли 1999, 22 июни соли 2003 ва 22 майи соли 2016 (бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ). – Душанбе: «Ганҷ», 2016. – 136 с.

[144] Международный пакт о гражданских и политических правах. (Принята резолюцией Ген. Ассамблеи ООН 2200 A (XXI) от 16.12.1966) // Права человека. Сборник международных и национальных документов. В 8 томах. Под ред. Диноршоҳа А.М. Т.1. Душанбе, 2010 г.

Бисёре аз муаллифони ватанию хориҷӣ ба ҳуқуқҳои амали фавридошта, чун қоида, ҳуқуқҳои шахсӣ ва сиёсиро дохил менамоянд, зеро риояи одии онҳо боиси таъмини онҳо мегардад. Илова бар ин, ин ҳуқуқҳо таҳти ҳимояи бевоситаи судӣ қарор доранд. Ҳуқуқҳои иҷтимоию иқтисодӣ ва фарҳангӣ бошад ба категорияи ҳуқуқҳои барномавӣ дохил мешаванд, зеро барои таъмини онҳо захираҳои муайян заруранд ва таҳти ҳимояи бевоситаи судӣ қарор намегиранд. Пас, саволе ба миён меояд, ки ҳуқуқ ба меҳнат ба кадоме аз категорияҳои ҳуқуқҳои ишорашуда дохил мешавад? Агар ҳуқуқ ба меҳнатро ҳамчун ҳуқуқи иқтисодӣ баҳогузорӣ намоем, пас, мантиқан он ҳуқуқи барномавӣ аст. Аммо аз сабаби он ки ин ҳуқуқ аз рӯи мазмун унсурҳои озодиро (озодии меҳнат, манъи меҳнати маҷбурӣ ва ғ.) низ дорост ва табиатан ба миён меояд, таъмин, амалӣ ва ҳимояи он хусусиятҳои ҳуқуқҳои фавридоштаро ба худ мегирад. Ҳамин тариқ, муаллифони «Ҳуқуқи инсон ва нишондиҳандаҳо – асоснокӣ ва баъзе масъалаҳо», ки таҳти сарпарастии Созмони Милали Муттаҳид гузаронида шудааст, нишон медиҳанд, ки ҳуқуқ ба меҳнат ва ё шароити одилона ва мусоиди корӣ, ки тавассути таъмини риояи стандартҳои асосӣ аз ҷониби конфармоёни шахсӣ ба роҳ монда мешаванд, ҳамчун уҳдадориҳое маҳсуб меёбад, ки иҷрои фавриро талаб мекунанд[145].

Дар асоси омӯзиши нуқтаи назаре, ки дар адабиёт ва амалияи татбиқи ҳуқуқ мавҷуд аст, мо ба хулосае омадем, ки ҳуқуқ ба меҳнат сарфи назар аз он ки ба шумораи ҳуқуқҳои иқтисодӣ тааллуқ дорад, ҳуқуқи амали фавридошта мебошад. Мо мавқеи худро бо он асоснок менамоем, ки дар шароити муосир амалӣ кардани ин ҳуқуқ, пеш аз ҳама, ба худи шахс вобаста мебошад. Вазифаи давлат аз он иборат аст, ки барои иҷрои он шароити зарурриро фароҳам оварад. О.В. Борисов қайд менамояд, ки «дар шароити муосир нақши давлат дар соҳаи меҳнат тағйир ёфтааст. Рад кардани милликунонии ҷаҳонии иқтисод, эътирофи моликияти хусусӣ дар асоси манфиати иқтисодӣ, фаъолият ва масъулияти шахс боиси он гардид, ки

145 Права человека и показатели - обоснование и некоторые вопросы. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://www.ohchr.org › issues (санаи муроҷиат: 21.03.2022).

давлат ба танзими бозори меҳнат то ҳадди имкон камтар дахолат карда, талош менамояд, то кафолатҳои давлатиро дар соҳаи меҳнат, ки дар қонунгузории конститутсионӣ ва соҳавӣ муқаррар карда шудаанд, таъмин намояд. Бо ин мақсад, давлат дар доираи сиёсати худ барои пешрафти иқтисодиёти мамлакат ва бештар бо кор таъмин намудан даъват намуда, барои фаъолияти меҳнатии шаҳрвандон шароити мусоидро фароҳам меорад»[146].

Навъи дуюми таснифот, ки мо болотар ишора намудем, бештар ҳангоми омӯзиши масъалаҳои марбут ба ҳуқуқҳои мушаххаси субъективии инсон, ки дар Конститутсия ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ пешбинӣ шудаанд, истифода мешавад. Таснифоти ҳуқуқҳои инсон аз нигоҳи мазмун ва хусусияти муносибатҳои танзимшаванда, ҳамон тавре қаблан иброз намудем, ба ҳуқуқҳои шахсӣ, сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ ҷудо мешаванд.

Бештари муаллифони ватанӣ ва хориҷӣ ҳуқуқ ба меҳнатро ба категорияи ҳуқуқҳои иқтисодӣ дохил мекунанд. Ин мавқеъ бо он асоснок карда мешавад, ки маҳз ҳамин ҳуқуқ дар баробари ҳуқуқ ба моликият ва озодии фаъолияти соҳибкорӣ ба танзими муносибатҳои вобаста ба қонеъ гардонидани эҳтиёҷоти моддии шахс нигаронида шуда, дар ташаккулёбии дараҷаи зиндагии шаҳрвандон мусоидат менамояд. Аммо дар байни олимон оид ба моҳияти ин ҳуқуқ андешаҳои дигар вуҷуд дорад. Ин аз он сабаб аст, ки мазмуни ҳуқуқ ба меҳнат дар бештари давлатҳои собиқ шуравӣ ба таври куллӣ дигар гардидааст, ки мо дар зербандҳои қаблӣ оид ба он ибрози назар намуда будем. Дар робита ба он ки мазмуни ҳуқуқ ба меҳнат аз ҳисоби унсурҳое, ки озодии меҳнатро ташкил медиҳанд, васеъ гардид, як гурӯҳи олимон онро марбут ба ҳуқуқҳои шахсӣ медонанд, на иқтисодӣ. Д.Н. Дружинин қайд менамояд, ки «эътироф намудани моҳияти табиӣ доштани ҳуқуқу озодиҳои иқтисодии инсон ва шаҳрванд (масалан, озодии меҳнат ва ҳуқуқ ба меҳнат, ҳуқуқ ба истироҳат, ҳуқуқ ба моликият) бояд ҳамчун омили муҳимми аксиологӣ барои қонунгузорӣ хизмат намоянд, ки вазифааш аз

---

[146] Борисов О.В. Конституционно-правовое регулирование прав и свобод человека и гражданина в сфере трудовых отношений в Российской Федерации: дис. … канд. юрид. наук. – М., 2006. – С. 89-101.

нигоҳи позитивӣ таҳким бахшидани ҳуқуқу озодиҳои табиӣ ва ҷудонопазири инсон мебошад»[147]. Дар навбати худ, муаллифони тафсири илмию амалии Конститутсияи Федератсияи Россия қайд мекунанд, ки «ба вуҷуд омадани як қатор ҳуқуқҳои дигари инсон ва шаҳрванд (масалан, ҳуқуқи иштирок дар идоракунии давлатӣ, ҳуқуқи интихоб кардан ва интихоб шудан, ҳуқуқи озодона ихтиёрдорӣ намудани қобилияти меҳнатии худ, ҳуқуқ ба истироҳат, ҳуқуқ ба муттаҳидшавӣ ва ғ.), на танҳо бо тавлид ёфтани шахс, балки бо мавҷуд будани дигар ҳолатҳо низ алоқаманд мебошанд. Аммо аз нигоҳи онҳо ин ҳуқуқҳо ба он хотир табиӣ ва ҷудонопазир мебошанд, ки барои таъмини озодии инсон пешбинӣ шуда, барои ӯ шарти муҳимми баромадан ва худмуайянкунӣ мебошанд»[148].

Дар умум мавқеъҳои матраҳшударо ҷонибдорӣ намуда, дар ҳамин замина қайд менамоем, ки дар конститутсияҳои давлатҳо, аз ҷумла Ҷумҳурии Тоҷикистон доираи муайяни муносибатҳое, ки ба танзими масъалаҳои иқтисодӣ нигаронида шуда, асосҳои иқтисодии давлатро ташкил медиҳанд, муқаррар шудаанд. Ин низоми муқарраротӣ конститутсионӣ принсипҳои конститутсиониро дар соҳаи иқтисодӣ (дар бораи озодии фаъолияти иқтисодӣ, фазои ягонаи иқтисодӣ, ҳаракати озоди мол, хизматрасонӣ ва захираҳои молиявӣ, дастгирии рақобат, гуногунрангӣ ва ҳифзи баробари ҳуқуқии шаклҳои гуногуни моликият ва ғ.) фаро мегирад. Ин меъёрҳои конститутсионӣ, ки ҳуқуқҳои асосии иқтисодӣ ва ҷиҳатҳои ҳуқуқӣ-конститутсионии ҳифзи моликияти хусусӣ, озодии соҳибкориро ҳамчун институтҳои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ, ки асоси моддии ташкили муайяни ҳокимияти давлатӣ мебошанд, таъмин менамоянд. Олимони ватанӣ қайд мекунанд, ки «ҳуқуқҳои иқтисодӣ бо нигоҳ доштани сатҳи муътадил ва таҳкими шароити зиндагии иқтисодии ҳар як шахс, муайян намудани мавқеи ӯ дар соҳаи меҳнат ва истироҳат, шуғли аҳолӣ, ҳифзи иҷтимоӣ ва муҳайё

[147] Дружинин Д.Н. Экономические права и свободы граждан РФ (конституционно-правовой аспект): дис. ... канд. юрид. наук. – Ростов н/Д., 2003. – С. 32-33.
[148] Конституция Российской Федерации: научно-практический комментарий / Под ред. Б.Н. Топорнина. – М.: Юристь, 1997. – С. 170

сохтани шароити озоди меҳнат ва зиндагӣ равона шудаанд»[149]. Онҳо ба нигоҳдорӣ ва таҳкими шароити иҷтимоию иқтисодии зиндагӣ, муайян кардани мавқеи шахс дар соҳаи меҳнат ва зиндагӣ, шуғл, некуаҳволӣ, таъминоти иҷтимоӣ нигаронида шудаанд, то шароите фароҳам оранд, ки одамон аз тарсу ҳарос озод бошанд[150].

Аз ин рӯ, мо чунин мешуморем, ки ҳуқуқ ба меҳнат ҳуқуқи иқтисодӣ буда, дорои хусусиятҳои зерин аст:

– тавассути ҳуқуқ ба меҳнат моҳияти иҷтимоии давлат ошкор мегардад;

– ҳуқуқ ба меҳнат метавонад ҳамчун ҳуқуқ ва кафолате баромад намояд, ки барои амалишавии дигар ҳуқуқҳо мусоидат намуда, бо онҳо дар робитаи зич қарор дорад;

– ҳуқуқ ба меҳнат ба низоми ҳуқуқҳои иқтисодӣ-иҷтимоӣ моҳияти умумииҷтимоиро ворид менамояд, зеро он ҳамчун воситаи пойдор нигоҳ доштани инсондӯстӣ ва адолат баромад мекунад.

Нақш ва ҷойгоҳи ҳуқуқ ба меҳнатро дар низоми ҳуқуқҳои инсон баррасӣ намуда, алоқамандии онро бо дигар ҳуқуқҳои субъективии инсон мавриди омӯзиш қарор медиҳем.

Тавре болотар ишора намудем, ҳуқуқ ба меҳнат бо бештари ҳуқуқҳои инсон дар робита буда, ба низоми ҳуқуқҳои инсон ворид мегардад.

А.М. Хурматулина ду намуди алоқамандии ҳуқуқ ба меҳнатро бо дигар ҳуқуқҳои инсон ҷудо менамояд:

– муқаррароти боби дуюми Конститутсия, ки ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро фарогир аст, дар муносибат бо ҳуқуқ ба меҳнат ҳамчун шарти қонунӣ (ҳуқуқ ба ҳаёт, ҳуқуқ ба дахлнопазирии шахс, озодии мусофират, ҳуқуқ ба иттилоот, ҳуқуқ ба муттаҳидшавӣ, ҳуқуқ ба моликияти хусусӣ, ҳуқуқ ба таҳсил), шаклҳои амалисозӣ (ҳуқуқи дастрасии баробар ба хизмати давлатӣ, ҳуқуқ ба фаъолияти соҳибкорӣ, ҳуқуқ ба озодии санъат ва эҷодиёти илмию техникӣ), умумӣ (ҳуқуқи мурочиат кардан ба мақомоти давлатӣ,

---

[149] Ҳуқуқи инсон: китоби дарсӣ барои синфҳои 10 / зери таҳрири муал:. Т.Н. Зиеев, А.Т. Халиков ва Р.Ш. Сативолдиев. – Душанбе, 2010. – С. 56.
[150] Ниг.: Права человека: учебник \ Отв. ред. Е.А. Лукашева. – М., 2001. – С. 159.

ҳуқуқ ба ҳифзи судӣ) ва ё кафолати махсуси ҳуқуқӣ (ҳуқуқ ба муттаҳидшавӣ, аз ҷумла ташкили иттифоқҳои касаба, ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоӣ, ҳуқуқ ба ҳифзи саломатӣ) ва ё ҳуқуқ ба меҳнат нисбат ба онҳо ҳамчун шарти ҳуқуқӣ (ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоӣ, ҳуқуқ ба таҳсил) ва ё кафолати махсуси ҳуқуқӣ (ҳуқуқ ба муттаҳидшавӣ, аз ҷумла ташкили иттифоқҳои касаба, ҳуқуқ ба ҳифзи саломатӣ) баромад менамоянд.

– бо муқаррароти боби дуюми Конститутсия, ки ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро муқаррар кардааст, дар муносибат бо онҳо ҳуқуқ ба меҳнат ҳамчун шарти ҳуқуқӣ (ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоӣ, ҳуқуқ ба таҳсил) ва ё ба сифати кафолати махсуси ҳуқуқӣ (ҳуқуқ ба зиндагӣ, ҳуқуқ ба манзил) баромад менамояд[151].

Робитаи ҳуқуқ ба меҳнат бо дигар ҳуқуқҳои инсон дар ду асос сурат мегирад. Якум, робитае, ки дар натиҷаи он кафолати амалӣ гардидани ҳам ҳуқуқ ба меҳнат ва ҳам дигар ҳуқуқҳои субъективӣ дода мешавад, яъне таъсири мутақобилаи муҳофизатӣ-ҳимоявӣ. Ба ибораи дигар, ин навъи муносибат дар асоси он ташаккул меёбад, ки амалишавии ҳуқуқ ба меҳнат кафолати амалишавии дигар ҳуқуқҳои инсон мегардад ва баръакс.

Дуюм, робитае, ки дар натиҷаи ба татбиқи ҳам ҳуқуқ ба меҳнат ва ҳам дигар ҳуқуқҳои субъективӣ кумак мерасонад, яъне робитаи амалисозӣ. Дар натиҷаи ин ҳамкорӣ, амалишавии ҳуқуқ ба меҳнат барои амалишавии дигар ҳуқуқҳои субъективӣ мусоидат менамояд ва баръакс.

Акнун доир ба ин навъи робитаҳо ба таври муфассал истода мегузарем.

Ҳуқуқ ба меҳнат ҳамчун чораи кафолатдиҳӣ ва баръакс, нисбат ба ҳуқуқ ба ҳаёт, озодӣ аз шиканҷа, ҳуқуқ ба мурофиаи одилона ва ғ. баромад менамояд. Аз ҷумла, ҳуқуқ ба ҳаёт яке аз ҳуқуқҳои асосии инсон аст. Тавре ҳуқуқшиносони ватанию хориҷӣ қайд кардаанд, «ҳуқуқ ба ҳаёт имконияти табиӣ, аз шахс ҷудонашавандаи ҳифзи дахлнопазирии ҳаёт, инчунин, озодии ихтиёрдории онро ифод менамояд, ки бо санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ ва қонунгузории миллӣ кафолат дода шудааст. Ҷомеаи ҷаҳонӣ ҳуқуқ ба ҳаётро

[151] Хурматулина А.М. Право на труд как конституционная ценность и его обеспечение в субъектах Российской Федерации: дис. … канд. юрид. наук. – Казань, 2015. – С. 69-90.

ҳамчун ҳуқуқи табиӣ эътироф намуда, меъёрҳои асосиро муқаррар мекунад, ки ҳар як давлате, ки эҳтироми ҳуқуқ ва озодиҳои инсонро эълон мекунад, бояд мавқеи худро нисбат ба ҳаёти ҳар як фард муайян кунад»[152].

О.В. Борисов масъалаи таъсири мутақобилаи ҳуқуқ ба меҳнат ва ҳуқуқ ба ҳаётро таҳлил намуда, аз ҷумла қайд менамояд, ки «ҳуқуқ ба меҳнат ҳамчун ҳуқуқи конститутсионӣ бо ҳуқуқ ба ҳаёт дар алоқамандӣ қарор дорад, зеро одам дар қисмати бештари ҳаёти бошууронаи худ меҳнат менамояд. Мавҷудияти минбаъдаи шахс ба чи тавр меҳнат намудани ӯ вобаста мебошад. Илова бар ин, таҳдидҳои мавҷуда ба фаъолияти меҳнатӣ (ҷароҳатҳо, садамаҳо дар истеҳсолот) бевосита ба ҳуқуқи инсон ба ҳаёт алоқамананд. Ҳуқуқ ба меҳнати бехатар бидуни ҳеҷ гуна табъиз метавонад ҳамчун кафолати ҳуқуқи конститутсионӣ ба ҳаёт баррасӣ шавад. Меъёрҳои ҳуқуқӣ ҳудуди истифодаи доруҳо, асбобҳо, механизмҳо ва равандҳои барои ҳаёт ва саломатӣ хавфнокро муқаррар мекунанд, барои меҳнати бехавф заминаи ҳуқуқиро муҳайё месозанд»[153]. Ҳамин тавр, дар моддаи 343 Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон кафолати ҷуброни зарар бо сабаби бад шудани саломатӣ ё фавти корманд муқаррар карда шудааст.

Дар навбати худ, А.М. Хурматулина қайд мекунад, ки «дар як қатор санадҳои байналмилалӣ ҳуқуқ ба музд ҳамчун шарти асосии зиндагии шоистаи корманд ва оилаи ӯ муайян карда шудааст. Дар таҷрибаи судӣ имконияти бо меҳнати худ таъмин намудани худ ва зиндагии худ ҳамчун неъмати табиӣ ҳисобида мешавад, ки бе он бисёр неъматҳо ва арзишҳои дигар аҳаммияти худро гум мекунанд. Бо назардошти он ки дар адабиёт як қатор муаллифон чунин унсурро, ба монанди ҳуқуқ ба зиндагии шоиста ба мазмуни ҳуқуқ ба ҳаёт дохил мекунанд, метавон қайд кард, ки гирифтани музди меҳнат як зуҳуроти ба амал баровардани ҳуқуқи конститутсионӣ ба

[152] Диноршоев А.М. Гражданские права человека: современные проблемы теории и практики / Под ред. Рудинский Ф.М. – М., 2006. – С. 79.
[153] Борисов О.В. Конституционно-правовое регулирование прав и свобод человека и гражданина в сфере трудовых отношений в Российской Федерации: дис. … канд. юрид. наук. – М., 2006. – С. 21-22.

ҳаёт ва кафолати таъмини он мебошад»[154].

Ҷанбаи дигари таъсири мутақобилаи ин ҳуқуқҳоро Г.Б. Романовский баррасӣ намуда, қайд менамояд, ки «давлат ба мавҷудияти касбҳое иҷозат медиҳад, ки барои ҳаёти шахс хавфнок мебошанд… Ҷуброни эҳтимолӣ – пардохтҳои иловагӣ, суғуртаи ҳатмии давлатӣ, кумакпулии иҷтимоӣ ва дигар кафолатҳои хусусияти ҳуқуқӣ, ташкилӣ, моддӣ мебошанд»[155]. Дар ҳамин замина қайд кардан зарур аст, ки ҳуқуқ ба меҳнат бо ҳуқуқ ба ҳаёт ҳангоми ба амал баровардани кафолатҳои иҷтимоӣ, масалан, ҳангоми татбиқи дастгирии давлатии оилаҳое, ки ҳангоми иҷрои вазифа ҳалок шудаанд, дар робита қарор мегиранд.

Ҳамин тариқ, метавон хулоса намуд, ки амалишавии ҳуқуқ ба меҳнат ба таври бевосита ва ё бавосита ҳифз гардидани ҳуқуқ ба ҳаётро кафолат медиҳад.

Ҳуқуқи навбатӣ, ки дар ҳамбастагӣ бо он ҳуқуқ ба меҳнат ҳамчун гарави амалӣ шудан баромад мекунад, озодӣ аз шиканҷа (дахлнопазирии шахс) мебошад, ки дар моддаи 18 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар гардида, муносибати бераҳмона ва ғайриинсониро манъ менамояд. Яке аз чунин навъи муносибат ғуломӣ мебошад. Конвенсияи ТБМ №105 «Дар бораи бекор кардани меҳнати маҷбурӣ» меҳнати маҷбуриро ҳамчун шакли муосири ғуломӣ эътироф мекунад[156]. Меҳнати маҷбурӣ ҳама гуна кор ё хизматрасоние мебошад, ки бо таҳдиди татбиқи ҷазо бидуни иродаи шахс сурат гирифтааст[157]. Метавон хулоса кард, ки меҳнати маҷбурӣ дорои ду унсури асосиест, ки онро ҳамчун амали ғайриқонунӣ ва шакли ғуломӣ тавсиф мекунад: иҷрои кор бо таҳдиди татбиқи ҷазо ва набудани розигии ихтиёрии шахс ба иҷрои он. Маҳз ҳамин ду унсур аз рафтори ғайриинсонӣ ва таҳқиркунандаи шаъну шарафи одамон шаҳодат медиҳанд.

Мутаассифона, масъалаи меҳнати иҷборӣ ҳамчун як шакли ғуломӣ дар

[154] Хурматулина А.М. Право на труд как конституционная ценность и его обеспечение в субъектах Российской Федерации: дис. … канд. юрид. наук. – Казань, 2015. – С.69-90.
[155] Романовский Г.Б. Теоретические проблемы права человека на жизнь: Конституционно-правовое исследование: автореф. дис. …д-ра юрид. наук. – М., 2006. – С. 21.
[156] Конвенция № 105 МОТ «Об упразднении принудительного труда»
[157] Конвенция № 105 МОТ «Об упразднении принудительного труда»

айни замон яке аз мушкилоти ҷаҳонӣ мебошад. Ба далели мушкилоти мухталифи иҷтимоиву иқтисодие, ки дар кишварҳои мухталифи ҷаҳон вуҷуд доранд, чунин шаклҳои меҳнати маҷбурӣ, аз қабили танфурӯшӣ, кор дар киштзорҳои гуногун ва дигар шаклҳои муомилоти ғайриинсонӣ васеъ паҳн шудаанд. Илова бар ин, меҳнати маҷбурӣ бо чунин раванди бади муосир, ба мисли хариду фурӯши одамон дар алоқа аст. Аз ин рӯ, дар маҷмуъ ҷомеаи ҷаҳонӣ ва ҳар як давлати алоҳида барои мубориза бо ин падидаҳои номатлуб, ки ҳуқуқи инсонро поймол мекунанд, чораҳои дахлдор меандешанд.

Дар Тоҷикистон меҳнати иҷборӣ манъ аст. Ин муқаррарот дар моддаи 35 Конститутсия ва моддаи 8 Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон инъикос ёфтааст. Муқаррар намудани ин меъёрҳо, аз ҷумла ба таъмин ва ҳифзи шаъну шарафи инсон нигаронида шудааст.

Як қатор ҳуқуқҳо, ба мисли ҳуқуқ ба мурофиаи одилона, дастрасӣ ба адолат ва ҳуқуқи шикоят кардан ба сифати кафолати ҳуқуқ баромад менамоянд. Дар баробари ин, бояд қайд кард, ки ин ҳуқуқҳо дар алоқамандӣ бо ҳуқуқ ба меҳнат хусусияти дугонаро дороянд. А.М. Хурматулина қайд менамояд, ки «эътироф намудани инсон, ҳуқуқ ва озодиҳои ӯ ба сифати арзиши олӣ, ки маъно, мазмун ва татбиқи қонунҳоро муайян мекунанд, ҳуқуқи шахсро барои ҳимояи ҳуқуқ ва озодиҳои худ, ки қонун манъ накардааст, иҷозат медиҳанд. Давлат тавассути Конститутсия ва қонунҳо ҳуқуқи шахсро ба ҳимояи судӣ, имконияти мурочиат кардан ба суд аз қарор ва амали (беамалии) мақомоти ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии маҳаллӣ ва шахсони мансабдор кафолат медиҳад»[158]. Аз ин хулоса баровардан мумкин аст, ки ҳуқуқи мурочиат кардан ба мақомоти давлатӣ, ҳуқуқ ба худмуҳофизатӣ ва ҳуқуқ ба ҳимояи судӣ ҳамчун кафолатҳои умумии амалишавии ҳуқуқ ба меҳнат маҳсуб меёбанд. Ба таври муфассал чунин шаклҳои ҳифзи ҳуқуқҳои меҳнатӣ дар Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон дода шудаанд: ҳимоя намудани ҳуқуқҳои меҳнатӣ аз

[158] Хурматулина А.М. Право на труд как конституционная ценность и его обеспечение в субъектах Российской Федерации: дис. … канд. юрид. наук. – Казань, 2015. – С. 69-90.

ҷониби корманд; ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии кормандон аз ҷониби иттифоқҳои касаба; назорати давлатӣ оид ба риояи қонунгузории меҳнат ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии фарогирандаи меъёрҳои ҳуқуқи меҳнатӣ; ҳимояи судӣ.

Ҳуқуқ ба меҳнат ҳамчун шакли кафолати татбиқи ин ҳуқуқҳо баромад менамояд. М.Н. Обидова алоқамандии ҳуқуқ ба меҳнат ва дастрасӣ ба адолатро баррасӣ намуда, иброз менамояд, ки «алоқамандӣ байни ҳуқуқ ба амалишавии адолати судӣ ва ҳуқуқ ба меҳнат дар он аст, ки шаклҳои иштирок дар амалишавии адолати судиро метавон ҳамчун фаъолияти меҳнатӣ баҳогузорӣ намуд, яъне иштироки шаҳрвандон ба сифати машваратчиёни халқӣ ва арбитрҳо ҳамчун як намуди фаъолияти меҳнатие донистан мумкин аст, ки дар асоси пардохти музднок анҷом дода мешавад ва ба он фарогирандаи ҳама унсурҳое мебошад, ки дар ҳуқуқ ба меҳнат ифода ёфтаанд»[159].

Яке аз робитаҳои кафолатноки ҳуқуқ ба меҳнат бо ҳуқуқ ба озодии виҷдон ва дин маҳсуб меёбад. Муҳаққиқони ватанӣ қайд мекунанд, ки «озодии виҷдон ва дин нақши муҳимро дар давлати дунявӣ ичро намуда, аз муҳимтарин унсурҳои худшиносии диндорон ва андешаҳои онҳо нисбат ба ҳаёт мебошад»[160]. Зимнан Конститутсияи Тоҷикистон дар моддаи 1 дунявӣ будани давлатро муқаррар кардааст, ки он ба тамоми соҳаҳои ҳаёти давлат, аз ҷумла ба муносибатҳои меҳнатӣ дахл дорад.

Робитаи ҳуқуқ ба меҳнат ва озодии виҷдон ва динро С.О. Вализода таҳқиқ намуда, қайд менамояд, ки «алоқаи мазкур миёни ҳуқуқҳо дар ду ҷанбаи мухталиф зоҳир мегардад. Якум, қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи озодии виҷдон ва иттиҳодияҳои динӣ» имконияти фаъолияти меҳнатиро дар доираи иттиҳодияҳои мазкур пешбинӣ менамояд. Дуюм, Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон корфармоёнро аз рад кардани қабул ба кор аз рӯи аломати мансубияти динӣ манъ менамояд. Чунин амал дар

159 Обидова М.Н. Право граждан на участие в отправлении правосудия: теоретико-правовое и конситуционно-правовое исследование. дис. … канд. юрид. наук. – Душанбе, 2021. – 184 с.
160Диноршоев А.М. Реализация конституционных прав и свобод человека и гражданина в Республике Таджикистан. – Душанбе, 2015. – 225 с.

қонунгузорӣ ҳамчун табъиз аз рӯи принсипи мансубияти динӣ арзёбӣ мегардад. Сеюм, ҳуқуқи дар Конститутсия мустаҳкамшуда оид ба озодии меҳнатро амалӣ намуда, пайравони ҳама гуна динҳо имкон доранд дар фаъолияти меҳнатии худ қоидаву қонунҳои таълимоти динии хешро риояву пайравӣ намоянд. Ба ин маъно, ки дар рӯзҳои муайяни ҳафта ва ё идҳо таълимоти баъзе равияҳои динӣ меҳнат кардани пайравони худро манъ менамояд. Бинобар ин, дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рӯзҳои ид» ва дар Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар шудааст, ки рӯзҳое, ки ба идҳои Рамазон ва Қурбон рост меоянд, истироҳатӣ мебошанд. Ҷанбаи охирин озодии виҷдон ва эътиқоди диниро на танҳо бо ҳуқуқ ба меҳнат, балки бо ҳуқуқ ба истироҳат алоқаманд мекунад»[161]. Ҳамин тариқ, озодии виҷдон ва дин имкони риояи эътиқоди худро дар иҷрои фаъолияти меҳнатӣ кафолат дода, ҳамчун чораи кафолати зидди табъизи динӣ амал мекунад.

Далели эътирофшуда он аст, ки асри XXI асри технологияҳои рақамӣ ва иттилоотонӣ мебошад. Технологияҳои муосири иттилоотӣ ба тамоми соҳаҳои ҳаёти инсон, аз ҷумла меҳнат низ ворид шудаанд. Аз ин лиҳоз, ҳуқуқ ба иттилоот, ки қобилияти озодона ҷустуҷӯ кардан, гирифтан, интиқол додан, истеҳсол ва паҳн кардани иттилоотро бо ҳама гуна роҳҳои қонунӣ дар бар мегирад, ба татбиқи доираи васеи ҳуқуқҳои инсон, аз ҷумла ҳуқуқи меҳнат таъсири назаррас мерасонад. Ҳамин тариқ, дар моддаи 18 Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар карда шудааст, ки корманд ҳуқуқ дорад дар бораи шароити меҳнат ва ҳифзи меҳнат маълумоти пурра ва боэътимод гирад. Дар моддаи 128 Кодекси мазкур муқаррар карда шудааст, ки корманд ҳуқуқ дорад дар бораи ҷойҳои холии корӣ ва ғ. маълумот гирад.

Шаҳрванд дар ҷараёни татбиқи ҳуқуқи дастрасӣ ба иттилоот, на танҳо истеъмолкунандаи маълумоти ба ӯ пешниҳодшуда, балки манбаи иттилооте мебошад, ки ӯ вазифадор аст, тибқи қонунгузории амалкунанда, ба мақомоти давлатӣ пешниҳод намояд. Ҳамин тариқ, уҳдадории пешниҳоди маълумот

[161] Вализода С.О. Ташаккул ва инкишофи озодии виҷдон ва эътиқоди динӣ дар Тоҷикистон: дис. … номз. илм. ҳуқуқ. – Душанбе, 2020. – 188 с.

дар бораи худ, аз ҷониби шаҳрванд иҷрои дигар ҳуқуқу уҳдадориҳои муқаррарнамудаи қонунро ба миён меорад, ки иҷрои онҳо бе пешниҳоди маълумот дар бораи худ (маълумоти шахсӣ) ба мақомот ва сохторҳои дахлдор ғайриимкон аст, масалан, ҳангоми ба кор қабул намудан. Ҳамин тариқ, ин ҳуқуқҳо дар муносибатҳои мутақобила имкони татбиқи онҳоро кафолат медиҳанд.

Ҳуқуқ ба меҳнат дар робита бо ҳуқуқҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва фарҳангӣ кафолати таъминнамоиро ба вуҷуд меорад. Ҳамин тавр, ҳуқуқ ба меҳнат бо муқарраротн Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ҳифзи давлатии оила ва кӯдакро асоси ҷомеа эълон кардааст (моддаи 33), модару кӯдак таҳти ҳимояи ва ғамхории махсуси давлат қарор доранд, масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд, масъулияти фарзандони болиғу қобили меҳнат барои нигоҳубин ва таъминоти иҷтимоии падару модари худ (моддаи 34) алоқамандии зич дорад. Ҳуқуқҳои мазкур дар қонунгузории меҳнатӣ барои шахсоне, ки уҳдадориҳои оилавӣ доранд, як қатор кафолатҳои иловагиро пешбинӣ менамоянд (моддаҳои 215-227 Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон).

В.Р.Исмоилова иброз менамояд, ки «давраи гузариш нобаробарии мавҷудаи байни зану мардро на танҳо бартараф накард, балки боз ҳам мураккабтар намуд. Занон ба бозори меҳнат ҳамчун захираи иловагии таъминоти ҳаётии аъзои ҷамъият дохил карда шуданд. Кор барои бисёре аз занон на танҳо роҳи дарёфти ризқу рӯзӣ барои худ ва оила, балки воситаи тасдиқи худшиносии шахсӣ гардид»[162]. Муаллиф дар идома қайд мекунад, ки «яке аз роҳҳои муассири ҷалби таваҷҷуҳ ба мушкилоти занон ва кӯдакон ин ширкат дар инъикоси мушкилоти онҳо ва маҳкум кардани қолабҳои гендерӣ ва табъиз нисбат ба занон аст»[163].

Ҳамин тариқ, бо мақсади ҳифзи модару кӯдак дар Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои истифодаи меҳнати занон, шахсони дорои

[162] Исмоилова В.Р. Освещение гендерных проблем в печатных средствах массовой информации РТ: автореф. дис.… канд. филол. наук. – Душанбе, 2010. – С. 11.
[163] Исмоилова В.Р. Освещение гендерных проблем в печатных средствах массовой информации РТ: автореф. дис.… канд. филол. наук. – Душанбе, 2010. – С. 13.

уҳдадориҳои оилавӣ ва ноболиғон барои корҳои шабона, изофакорӣ, рӯзҳои истироҳат дастгириҳои давлатии муайян пешбинӣ шудааст (қисми 4-и моддаи 77, қисми 3-и моддаи 79, қисми 3-и моддаи 87); нисбат ба занон ва дигар шахсоне, ки масъулияти оилавӣ доранд, инчунин, кормандони ба синни ҳаждаҳ нарасида муҳлати кӯтоҳи корӣ муқаррар карда шудааст (қисми 2-и моддаи 68); корфармо ҳуқуқ надорад занони ҳомиладорро ба кори шабона, кор дар рӯзҳои истироҳат ва идҳои ғайрикорӣ, изофакорӣ ҷалб намояд, ба сафари хизматӣ фиристад, инчунин, онҳоро аз рухсатии ҳарсолаи пардохтшаванда бозхонд намояд (қисми 1-и моддаи 217) ва ғ.

Муқаррароти қонунгузории конститутсиониро таҳлил намуда, А.М. Диноршоҳ қайд мекунад, ки «дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон як қатор маҳдудиятҳое пешбинӣ шудаанд, ки онҳоро ҳамчун табъизи мусбат ифода кардан мумкин аст. Ҳамин тариқ, модар ва оила таҳти ҳимояи махсуси давлат қарор доранд, ки танзими ҳуқуқии меҳнати занон, аз ҷумла бо роҳи қонунгузорӣ маҳдуд кардани доираи корҳоеро, ки занон метавонанд ба онҳо иҷозат дода шаванд, амалӣ менамояд. Чунин маҳдудият табъиз нест, балки ба ҳифзи саломатии занон ва наслҳои оянда нигаронида шудааст»[164]. Далели он ки чунин имтиёзҳо табъиз нестанд, аз ҷониби Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон низ изҳор карда мешавад. Аз ҷумла, дар қарори суд оид ба парвандаи «Дар бораи муайян кардани мутобиқати моддаи 17 Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қисми 2-и моддаи 17 ва қисми 2 моддаи 33 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки бо пешниҳоди судяи Суди ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе Ш.Р. Шодиев сурат гирифтааст, пешбинӣ менамояд, ки манфиати модару кӯдак барои ҳифз аз ҳар гуна сӯиқасд афзалияти аввалиндараҷа буда, ба онҳо ҳуқуқи истифода аз ғамхорӣ ва ёрии махсусро медиҳад[165].

Ҳамин тариқ, қонунгузории меҳнати кишвар доираи қобили қабул будани чунин фарқиятҳо, маҳдудиятҳо ё афзалиятҳоро муайян мекунад: якум,

[164] Диноршоев А.М. Реализация конституционных прав и свобод человека и гражданина в Республике Таджикистан. – Душанбе, 2015. – С. 158.
[165] Сборник решений Конституционного суда Республики Таджикистан. – Душанбе, 2010. – С. 224-229.

агар онҳо ба талаботи ин намуди кор хос бошанд ва дуюм, агар онҳо бо таваҷҷуҳи махсуси давлат барои ашхоси эҳтиёҷманд ба ҳифзи афзояндаи иҷтимоию ҳуқуқӣ нигаронида шуда бошанд.

Мазмуни ҳуқуқҳои меҳнатиро ошкор намуда, А.А. Максимов тафриқаи гендерии онҳоро нишон дода[166], онҳоро ба се гурӯҳ ҷудо мекунад:

1) танзими воқеии меҳнати занон;

2) танзими меҳнати занони ҳомиладор;

3) танзими меҳнати занони кӯдакдор[167].

Ҳамин гурӯҳбандиро метавон дар танзими ҳуқуқҳои меҳнатии занон дар Тоҷикистон низ татбиқ кард.

Ҳуқуқ ба меҳнат бо ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоӣ низ алоқаманд аст (моддаи 39 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон). Тавре маълум аст, ҳуқуқ ба меҳнат ва ҳуқуқ ба таъмини иҷтимоӣ ҳуқуқҳои асосии инсон мебошанд, ки дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои ҳуқуқии гуногуни байналмилалӣ муқаррар шудаанд. Ҳуқуқҳои меҳнатӣ яке аз рукнҳои муҳимтарине мебошанд, ки барои расидан ба шароити арзанда ва шукуфони иҷтимоӣ имконият фароҳам меорад. Дар мавриди амалӣ намудани ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоӣ нақши асосӣ дар он зоҳир мегардад, ки ҳар шахс дар пиронсолӣ, ҳангоми бемориӣ, маъюбӣ, гум кардани қобилияти кор, маҳрум шудан аз сарпараст ва мавридҳои дигаре, ки қонун муайян кардааст, кафолати таъмини иҷтимоӣ дорад.

Яке аз ҳуқуқҳои иҷтимоӣ, ки бо ҳуқуқ ба меҳнат дар алоқамандӣ қарор дорад, ин ҳуқуқ ба манзил мебошад (моддаи 36 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон). Масалан, давлат бо манзил таъмин намудани хизматчиёни ҳарбиеро, ки ихтиёран хизмат мекунанд[168] ва бо манзил таъмин намудани хизматчиёни давлатиро аз ҳисоби фонди давлатӣ бо тартиби муқарраршуда кафолат медиҳад; ҷудо намудани замин барои беҳтар намудани шароити

[166] Ниг.: Максимов А. А. Конституционно–правовые основы обеспечения равенства прав и свобод мужчин и женщин: дис. … канд. юрид. наук. – М., 2013. – С. 125.
[167] Ниг.: Ҳамон ҷо. – С. 125.
[168] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи уҳдадории ҳарбӣ ва хизмати ҳарбӣ» аз 29 январи соли 2021, №1753 // АМОҶТ с. 2021. №1-2, мод. 3.

манзил, сохтани манзили шахсӣ ва ё кооперативӣ; ҷудо кардани қарзи бефоиз ба муҳлати то 20 сол барои харидан ё сохтани манзил, инчунин, беҳтар намудани шароити манзил[169], ба коркунони милитсия, ки ба беҳтар намудани шароити манзил эҳтиёҷ доранд, ҳуқуқи гирифтани қарзҳои имтиёзнок барои сохтмони манзили шахсӣ ва ё кооперативӣ ба муҳлати 20 сол ва додани 50 фисади қарзҳои пешниҳодшуда аз ҳисоби буҷети дахлдор; манъи аз биноҳои истиқоматии расмӣ берун кардани кормандони милитсия бидуни додани дигар биноҳои истиқоматӣ, ки дар мақомоти корҳои дохилӣ зиёда аз даҳ сол кор кардаанд, инчунин, аъзои оилаи корманди фавтидаи милитсия[170]. Ин муқаррарот ба мо имкон медиҳанд, ки ҳуқуқ ба меҳнатро ҳамчун кафолати махсуси ҳуқуқии амалӣ намудани ҳуқуқ ба манзил баррасӣ кунем.

Ҳуқуқи меҳнат бо ҳуқуқ ба ҳифзи саломатӣ (моддаи 38-и Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон), бо назардошти чунин ҷиҳатҳо, дар алоқамандӣ мебошад:

1. Муҳайё намудани шароит барои амалӣ гардонидани ҳуқуқ ба меҳнат, ки ба талаботи бехатарӣ ва гигиенӣ ҷавоб медиҳад;

2. Таъмини ҳуқуқ ба истироҳат, аз ҷумла давомнокии вақти кории муқарраршуда, рӯзҳои истироҳат ва ид, рухсатии ҳарсолаи пулакӣ.

Дар баробари ин, давлат ваколатдор мегардад, ки тамоми воситаҳои ҳуқуқиро ҷиҳати амалигардии ин ҳуқуқ андешад, ҳам истифодаи воситаҳои хусусӣ-ҳуқуқӣ (суғурта, ҷуброни зарар) ва ҳам оммавӣ-ҳуқуқӣ (суғуртаи давлатӣ, таъминоти иҷтимоӣ ва ғ.). Инчунин, давлат вазифадор мегардад, ки механизми самарабахши ташкилию ҳуқуқиро ба шаҳрванд ва аъзои оилаи ӯ дар ҳолати вафот ва ё зарари ба ҳаёт ё саломатии ӯ расонида ҳангоми иҷрои уҳдадориҳои хизматӣ андешад.

Ҳифзи саломатӣ яке аз самтҳои афзалиятноки ҷомеа буда, дар соҳаи меҳнат нақши муҳим дорад. Дар ҳеҷ ҳолат иҷрои фаъолияти меҳнатӣ набояд

---

[169] М. 40 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» аз 5 марти соли 2007, № 233 // АМОҶТ с. 2007, №3, мод.166.

[170] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи милитсия» аз 17 майи соли 2004, № 41 // АМОҶТ с. 2004, №5, мод. 352.

ба саломатӣ зарар расонад, яъне нигоҳдории саломатӣ нисбат ба натиҷаи меҳнатӣ афзалиятнок мебошад.

Ҳеҷ як корманд вазифадор нест, ки ҳангоми иҷрои уҳдадориҳои меҳнатӣ ҳаёт ё саломатии худро зери хатар гузорад, ба истиснои категорияҳои алоҳидаи кормандон (сухторхомӯшкунандагон). Умуман, дар Кодекси меҳнатии Ҷумҳури Тоҷикистон меъёрҳои зиёде мавҷуданд, ки ба ҳифзи саломатии меҳнаткашон нигаронида шудаанд.

Бо назардошти ин, ба амал баровардани ҳуқуқ ба ҳифзи саломатӣ шарти асосии инкишофи шахсият буда, барои самаранок амалӣ шудани ҳуқуқҳои конститутсионӣ, аз ҷумла ҳуқуқ ба меҳнат мусоидат менамояд.

Ҳуқуқи дигари конститутсиони, ки дар татбиқи ҳуқуқ ба меҳнат нақши муҳимро иҷро менамояд, ҳуқуқ ба таҳсил мебошад (моддаи 41 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон).

А.Э. Пашерстник бисёр бамаврид ишора менамояд, ки «ҳуқуқ ба меҳнат ин ҳуқуқи гирифтани кор аз рӯйи ихтисос, такмил додани ихтисос ва ташаккул ёфтан дар соҳаи фаъолияти кории худ мебошад»[171]. Ин хулоса асоснок аст, зеро маҳорати кордонӣ ва эҷодкорӣ худ аз худ ба вуҷуд намеояд. Барои таъмини сатҳи шоистаи зиндагӣ, талабот дар бозори меҳнат шахс маҷбур аст, ки пайваста омӯзад, донишҳои нав гирад, таҷрибаи касбиро ғанӣ гардонад ва малакаҳои иҷтимоиро инкишоф диҳад.

Бисёре аз муҳаққиқон таваҷҷуҳи худро ба робитаи зичи байни ҳуқуқи меҳнат ва ҳуқуқ ба таҳсил равона кардаанд. О.В. Смирнова қайд менамояд, ки «муносибати махсуси байни ҳуқуқ ба меҳнат ва ҳуқуқ ба таҳсил дар он ифода меёбад, ки ба амал баровардани ҳуқуқ ба меҳнат, пеш аз ҳама, бо амалишавии ҳуқуқ ба таҳсил алоқаманд аст ва баръакс амалӣ намудани ҳуқуқ ба таҳсил бо мақсади ба амал баровардани ҳуқуқ ба меҳнат анҷом дода мешавад»[172].

Ҳуқуқ ба таҳсил, ба андешаи А.С. Пашкова, ба он нигаронида шудааст, ки ба шаҳрвандон озодии қонеъ гардонидани талаботи моддӣ ва маданиро

---

[171] Пашерстник А.Е. Право на труд. – М., 1951. – С. 33
[172] Смирнов О.В. Природа и сущность права на труд в СССР. – М.: Юрид. лит, 1964. – С. 52-53.

мувофиқи қобилиятҳои шахсии худ таъмин намояд. Ғайр аз ин, ҳуқуқ ба таҳсил ҳамчун шарти зарурии амалӣ намудани дигар ҳуқуқҳо аз ҷониби шаҳрвандон, аз ҷумла ҳуқуқи озодона ихтиёрдорӣ кардани қобилияти меҳнатии худ, интихоби намуди фаъолият ва касб хизмат мекунад. Баъзан гирифтани маълумоти дахлдор боиси дар кор пешбарӣ шудан, инчунин, зиёд шудани ҳаҷми музди меҳнат мегардад[173].

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳсилот ба таҳсилоти томактабӣ, таҳсилоти умумӣ (таҳсилоти ибтидоӣ, таҳсилоти умумии асосӣ, таҳсилоти миёнаи умумӣ), таҳсилоти касбӣ (таҳсилоти ибтидоӣ, миёна ва олии касбӣ, таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи таҳсилоти олӣ), таҳсилоти иловагӣ ва махсус ҷудо мешавад[174]. Чун қоида, яке аз талаботи асосии шуғл мавҷудияти таҳсилоти касбӣ мебошад, вале, тибқи қонунгузорӣ, ҳуқуқ ба таҳсил кафолати татбиқи ҳуқуқи меҳнат ба ҳисоб намеравад.

Шахс метавонад маълумоти касбӣ гирад, новобаста ба он ки ӯ аз рӯи ихтисосаш кор мекунад ё не; Шаҳрванд дар гирифтани таҳсилоти баробарсатҳ; гирифтани таҳсилот ба таври шартномавӣ; ба таври фаъол гирифтани таҳсилоти иловагӣ (умумӣ ва касбӣ) ва хизматрасониҳои таълимии иловагии пулакӣ ҳуқуқи баробар доранд.

Бояд гуфт, ки соҳаи маориф ва бозори меҳнат ҳатто дар шароити тағйирёфтаи рушди худ ва мутаносибан тағйирёбии меъёрҳое, ки муносибатҳои ин соҳаҳоро танзим менамоянд, дар робитаи мутақобила қарор доранд. Инчунин, корманд, сарфи назар аз манфиатҳои корфармо, ҳуқуқ ба таҳсили худро ба амал бароварда, дар баробари таҳсил ҳуқуқ ба меҳнати худро амалӣ месозад. Дар баробари ин, меъёрҳое ҷой доранд, ки барои баланд бардошти дараҷаи дониши кормандон имконият фароҳам оварда, чораҳои ҳавасмандгардониро низ пешбинӣ менамоянд.

Ба сифати меъёри ҳавасмандкунанда банди 12 моддаи 44 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» баромад менамояд, ки мутобиқи

---

[173] Ниг.: Пашков А. С. Избранные труды по трудовому праву. – СПб.: Изд. дом Санкт-Петербургского гос. ун-та, 2006. – С. 41-42.

[174] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» аз 22 июли соли 2013, № 1004 // АМОҶТ с. 2013, № 7, мод. 532.

он шахсони дар муассисаҳои таълимии давлатӣ ва ғайридавлатӣ таҳсил мекунанд, ба рухсатии иловагӣ дар ҷойи кор ҳуқуқ доранд.

Ба сифати меъёри муҳофизатӣ қисми 3 моддаи 21 Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон баромад менамояд, ки тартиби бастани шартномаи меҳнатиро бо корманди ноболиғе, ки таҳсилоти умумӣ дорад, пешбинӣ намудааст, инчунин, моддаи 211-и Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои таълимгирандагони муассисаҳои таълимӣ, ки якҷоя дар давраи соли таҳсил кор ва таҳсил мекунанд, вақти кории кӯтоҳшударо муқаррар менамояд, то ба гирифтани таҳсил халал ворид насозад.

Бо назардошти гуфтаҳои боло, метавон иброз намуд, ки ҳуқуқ ба таҳсил шарти зарурии татбиқсозии ҳуқуқ ба меҳнат мебошад. Ғайр аз ин, бояд гуфт, ки ҳуқуқ ба таҳсилоти иловагӣ ва касбомӯзӣ танҳо аз сабаби мавҷуд будани муносибатҳои меҳнатии байни корманд ва корфармо ба миён меояд.

Дар баробари ин, таносуби моддаи 35 бо моддаи 41 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон низ имкон медиҳад, ки дар бораи фаъолияти тарбиявӣ ҳамчун намуди махсуси фаъолияти меҳнатӣ сухан ронем.

Ҳамин тавр, дар як қисми муайян татбиқи ҳуқуқ ба таҳсилот тавассути меъёрҳои қонунгузории меҳнат таъмин карда мешавад, зеро татбиқи он аксаран бо татбиқи фаъолияти меҳнатӣ алоқаманд аст.

Тавре дар боло қайд кардем, намуди дуюми таъсири ҳуқуқ ба меҳнат бо дигар ҳуқуқҳои субъективӣ, ин таъсири мутақобилаи татбиқнамоӣ мебошад. Ҳамин тариқ, ҳуқуқ ба меҳнат ба амалӣ шудани чунин ҳуқуқҳо, аз қабили озодии ҳаракат, ҳуқуқ ба муттаҳидшавӣ, ҳуқуқи баргузории гирдиҳамоиҳои осоишта, озодии фаъолияти соҳибкорӣ ва як қатор ҳуқуқҳои дигар мусоидат мекунад. Ҳуқуқҳои мазкур шаклҳои амалишавии ҳуқуқи конститутсионии шахс ба меҳнат ва баръакс мебошад. Аслан, ҳуқуқ ба меҳнат имконияти интихоби соҳаи татбиқи қобилиятҳои шахсиро пешакӣ муайян мекунад. Ҳамаи ваколатҳои таъиншудаи шахс ҳуқуқи конститутсионии ӯро ба меҳнат таъмин намуда, ба сифати унсурҳои таркибии ин ҳуқуқ баромад менамоянд.

Ба тарзи мухтасар ин алоқамандиро дида мебароем.

Яке аз ҳуқуқҳои асосии инсон, ки тавассути он ҳуқуқ ба меҳнат амалӣ мегардад, озодии ҳаракат мебошад. Ин ҳуқуқ аксар вақт ҳамчун шарти зарурии татбиқи он хизмат мекунад.

Озодии ҳаракат ҳамчун унсури муҳимми низоми ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар низоми ҳуқуқии давлат ҷой дода шудааст. Озодии ҳаракат ҳамчун ҳуқуқ қобилияти озодона ҳаракат карданро дар макон, сарфи назар аз касб, ҷои истиқомат ва ғайра фаро мегирад. Озодии ҳаракат нақши калидиро иҷро менамояд, зеро он барои татбиқи самараноки қонунии дигар ҳуқуқҳо (ҳуқуқи интихоби касб, ҳаёти оилавӣ ва ғ.) асосӣ мебошад. Ҳуқуқи конститутсионии ҳаракати озод маънои ҳаракати бемаҳдуди ашхоси бо роҳи қонунӣ дар қаламрави кишвар қарордошта, инчунин, интихоби озоди ҷойи истиқомат ё истиқомати доимиро ифода менамояд.

Дар адабиёти ҳуқуқӣ се шакли асосии ҳаракати аҳолӣ ҷудо карда мешавад: табиӣ (динамикаи таваллуд ва фавт), иҷтимоӣ (тағйирёбии мавқеи одамон дар сохтори иҷтимоию иқтисодии ҷомеа ба маънои васеъ) ва фазоӣ (ҳаракат дар саросари қаламрав). Ин шаклҳои ҳаракат бо ҳам алоқаманд ва вобаста мебошанд[175]. Дар доираи ҳуқуқ ба меҳнат шакли дуюми ҳаракат, ки дар он одамон барои пайдо кардани кори муносиб ҷои истиқомати худро иваз мекунанд, аҳаммияти калон дорад. Аз ин рӯ, дар ҷомеа ва муҳити илмӣ мафҳуми муҳоҷирати меҳнатӣ ташаккул ёфтааст. Дар замони муосир масъалаи муҳоҷирати меҳнатӣ аҳаммияти ҳамаҷониба пайдо кардааст. Дар доираи Созмони Милали Муттаҳид ва созмонҳои минтақавӣ, инчунин, дар сатҳи давлатӣ садҳо санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва барномаҳое қабул шудаанд, ки ба ҳалли масъалаҳои муҳоҷирати меҳнатӣ нигаронида шудаанд. Ҳамин тариқ, қобилияти ҳаракат дар дохили кишвар ва берун аз он ба шаҳрвандон имкон медиҳад, ки фаъолияти меҳнатии худро анҷом диҳанд.

Ҳуқуқ ба фаъолияти соҳибкорӣ (моддаи 12 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон) низ яке аз шаклҳои имконпазири татбиқи ҳуқуқ ба меҳнат

---

[175] Структура права человека и гражданина на свободу передвижения, выбор места пребывания и жительства [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: URL: https://superinf.ru/view_-helpstud.php?id=1739] (санаи муроҷиат: 18.01.2023 с.).

мебошад.

Ба масъалаи муносибат байни ҳуқуқ ба меҳнат ва ҳуқуқ ба фаъолияти соҳибкорӣ дар адабиёти ҳуқуқӣ ишора шудааст, ки он яке аз шаклҳои амалигардонии меҳнат ба ҳисоб меравад[176]. Ҳамзамон, қайд карда мешавад, ки мазмуни ҳуқуқ ба меҳнат нисбат ба мазмуни ҳуқуқ ба фаъолияти соҳибкорӣ васеътар аст, зеро он имкони интихоби кор ба сифати соҳибкор ё корфарморо фароҳам меорад[177].

Н.А. Грачёв иброз менамояд, ки ҳуқуқ ба меҳнат ва ҳуқуқ ба фаъолияти соҳибкорӣ мақсадҳои гуногунро доро мебошанд, аз ҷумла агар ҳуқуқ ба фаъолияти соҳибкорӣ ба ташкили бозори озод нигаронида шуда бошад, пас, ҳуқуқ ба меҳнат барои дастгирии шаҳрвандони камбизоат, фароҳам сохтани зиндагӣ барои онҳоест, ки меҳнат карда метавонанд[178].

Бо вуҷуди ин, бояд қайд намуд, ки хусусиятҳои хоси ҳуқуқ ба меҳнатро дар ҳуқуқ ба фаъолияти соҳибкорӣ низ метавон муайян кард. Масалан, татбиқи он ҳам бевосита ба ҳуқуқҳои инсон ва шаҳрванд дар соҳаи таъминоти иҷтимоӣ, татбиқи ваколатҳои ҳуқуқи конститутсионӣ ба меҳнат (ҳуқуқи ҳар кас ба интихоби касб, кор, муҳофизати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоӣ аз бекорӣ) алоқаманд аст.

Самтҳои гуногуни ин масъаларо баррасӣ намуда, С.М. Салоҳидинова ба чунин хулоса меояд, ки «муносибати ҳуқуқӣ дар байни ҳуқуқҳои асосии инсон – ҳуқуқ ба меҳнат ва ҳуқуқ ба фаъолияти соҳибкорӣ аз он иборат аст, ки имкони интихоби озодонаи кор барои ҳар кас имконияти фаъолияти соҳибкориро низ дар назар дорад. Ҳуқуқи меҳнат ба шахс имконият медиҳад, ки бо роҳи бастани шартномаи (қарордоди) меҳнатӣ, иҷрои кори муайян тибқи шартномаи ҳуқуқи гражданӣ ё машғул шудан бо фаъолияти соҳибкорӣ

---

[176] Ниг.: Крусс В.И. Конституционное право личности на предпринимательскую деятельность в Российской Федерации: дис. … канд. юрид. наук. – М., 1997. – С. 30; Хурматуллина А.М. Право на труд как конституционная ценность и его обеспечение в субъектах Российской Федерации: дис. … канд. юрид. наук. – Казань, 2015. – С. 56.

[177] Ниг.: Гаджиев Г.А. Защита основных экономических прав и свобод предпринимателей за рубежом и в Российской Федерации. – М., 1995. – С. 128; Сошникова Т.А. Механизм защиты конституционных прав и свобод в сфере труда в Российской Федерации. – М., 2004. – С. 8.

[178] Ниг.: Грачев Н.А. О видах и месте конституционных экономических прав и свобод человека и гражданина в системе прав и свобод // Конституционное и муниципальное право. – 2006. – № 8. – С. 14-15.

дар асоси инфиродӣ ё тавассути иштирок дар фаъолияти тиҷоратӣ машғул шудан ба ҳама гуна фаъолияти меҳнатиро интихоб намояд. Ба ибораи дигар, ҳар як шахс ҳуқуқ дорад, ки фаъолияти соҳибкориро ҳамчун воситаи истифодаи қувва ва қобилиятҳои худ интихоб намояд. Дар якҷоягӣ бо ҳуқуқ ба фаъолияти соҳибкорӣ, ҳуқуқ ба меҳнат доираи ваколатҳои шахсро дар соҳаи иқтисодӣ васеъ мекунад. Ҳамин тариқ, шахс тавассути амалӣ намудани ҳуқуқ ба фаъолияти соҳибкорӣ ҳуқуқ ба меҳнатро амалӣ менамояд»[179].

Тафовути асосии байни ҳуқуқҳои баррасишаванда дар он аст, ки дар навбати аввал шахс тавассути пешбурди фаъолияти соҳибкорӣ таваккали муайяни ба даст наовардани фоидаро ҳамчун мақсади асосии ин фаъолият ба дӯш мегирад, дар ҳоле ки фаъолияти меҳнатӣ чунин таваккалро истисно мекунад; дуюм, ба фаъолияти соҳибкорӣ мустақилият хос аст, дар ҳоле ки ба фаъолияти меҳнатӣ хос нест[180].

Ҳуқуқ ба меҳнат аз нигоҳи шакл ва мазмун метавонад бо ҳуқуқҳои сиёсӣ алоқамандӣ қарор дошта бошад. Ҳуқуқ ба хизмати давлатӣ (қисми 2 моддаи 27 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон) яке аз шаклҳои имконпазири амалишавии ҳуқуқ ба меҳнат дониста мешавад.

Дуруст ишора мешавад, ки ҳуқуқи пеш бурдани фаъолияти соҳибкорӣ ва дигар шаклҳои фаъолияти хоҷагидорӣ, инчунин, ҳуқуқи дастрасии баробар ба хизмати давлатӣ ва мунисипалӣ, шаклҳои амалӣ сохтани ҳуқуқи конститутсионии шахс ба меҳнат мебошанд[181].

Шаҳрванд ҳуқуқ дорад, ки ҳуқуқу манфиатҳои меҳнатӣ ва иқтисодию иҷтимоии худ, аз ҷумла ҳуқуқи шомил шудан ба иттифоқҳои касабаро ба амал барорад. Иттифоқҳои касаба ташкилоти ҷамъиятӣ буда, шаҳрвандонеро муттаҳид мекунанд, ки бо манфиатҳои умумӣ аз рӯи хусусияти фаъолияти касбиашон алоқаманданд. Иттифоқҳои касаба бе иҷозати пешакӣ дар асоси интихоби озоди аъзои худ ташкил карда

[179] Салохидинова С.М. Право на предпринимательскую деятельность в конституционном праве Республики Таджикистан: дис … канд. юрид. наук. – М., 2016. – С. 56
[180] Ниг.: Ҳамон ҷо.
[181] Ниг.: Хурматуллина А.М. Право на труд как конституционная ценность и его обеспечение в субъектах Российской федерации: дис. … канд. юрид. наук. – Казань, 2015. – С. 56.

мешаванд. Ҳама иттифоқҳои касаба ҳуқуқҳои баробар доранд. Ин масъала дар боби оянидаи рисола муфассалтар баррасӣ карда мешавад.

Ҳаёти инсонро дар ҷомеаи давлатӣ бидуни меҳнати озод тасаввур намудан ғайриимкон мебошад, меҳнати озодро бошад, бидуни ҳуқуқ ба истироҳат – ҳуқуқи табиӣ ва талаботи ботинии шахси меҳнаткаш, тасаввур намудан мушкил аст[182]. Дар асоси моддаи 37 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, «шаҳрванд ҳуқуқи истироҳат дорад. Ин ҳуқуқ бо роҳи муқаррар кардани ҳафта ва рӯзи корӣ, рухсатии ҳарсолаи пардохтшаванда, рӯзҳои ҳарҳафтаинаи истироҳат ва шароитҳои дигаре таъмин карда мешавад, ки қонун муайян кардааст».

Масъалаҳои вобаста ба тартиби татбиқи ин ҳуқуқ дар қонунгузории амалкунанда, аз ҷумла дар Кодекси меҳнат муқаррар карда шудаанд. Шаҳрванд ҳангоми бастани шартномаи меҳнатӣ ҳуқуқ дорад аз корфармои мушаххас риояи вақти муқарраршудаи кориро талаб намояд, ба ӯ рӯзҳои истироҳат ва ид, рухсатии пулакӣ диҳад ва корфармо бошад, дар навбати худ вазифадор аст, ки ин талаботро қонеъ гардонад ва шароит барои истифода бурдани ҳуқуқ ба истироҳатро муҳайё созад. Кафолати муҳимми ҳуқуқ ба истироҳат ин дар қонунгузории меҳнат танзими муфассали масъалаҳои вақти корӣ ва вақти истироҳат мебошад. Санадҳои асосии ҳуқуқие, ки вақти корӣ ва истироҳатро дар ташкилотҳо танзим мекунанд, қоидаҳои меҳнатии дохилие мебошанд, ки аз ҷониби корфармо, бо назардошти андешаи мақомоти намояндагии кормандони ташкилот, тасдиқ карда мешаванд ва шартномаҳои коллективие, ки аз ҷониби кормандон ва корфармоён баста шудаанд. Вақти истироҳат, аз як тараф, вақте мебошад, ки корманд аз уҳдадориҳои меҳнатӣ озод буда, онро метавонад бо салоҳдиди худ истифода барад, аз тарафи дигар, вақти барқарорсозии қувваи ҷисмонӣ ва маънавие мебошад, ки дар кору фаъолият сарф шудааст, инчунин, вақте мебошад, ки шахс метавонад онро барои рушди иҷтимоию фарҳангӣ, фаъолияти

[182] Ниг.: Диноршоев А.М. Права человека. Учебник. – Душанбе, 2011. – С. 173.

ҷамъиятӣ, таҳсил, эҷодиёти илмию техникӣ ва бадеӣ, тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш ва ғ.-и худ сарф намояд.

Тибқи қонунгузории меҳнат (моддаи 82-и Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон), вақти холӣ аз кор инҳоро дар бар мегирад:

– танаффусҳо дар давоми рӯзи корӣ (дамгирӣ, хӯрокхӯрӣ, дохилибастӣ ва махсус); – танаффусҳо байни рӯзҳои (басти) корӣ; – рӯзҳои истироҳат (истироҳати бефосилаи ҳарҳафтаина); – рӯзҳои иди ғайрикорӣ ва – рухсатиҳо.

Ҳуқуқ ба меҳнат бо ҳуқуқу озодиҳои фарҳангӣ, аз ҷумла ҳуқуқи иштирок дар ҳаёти фарҳангии ҷомеа, эҷодии бадеӣ, илмӣ ва техникӣ (моддаи 40 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон) низ дар алоқамандӣ қарор дорад. Фаъолияти касбии эҷодӣ ва омӯзгорӣ яке аз шаклҳои имконпазири амалишавии ҳуқуқ ба меҳнат мебошад.

Маврид ба тазаккур аст, ки дар адабиёти илмӣ озодии эҷодиётро ҳамчун ҳуқуқи субъективие баҳогузорӣ менамоянд, ки ба воситаи он гуногунии идеологӣ таъмин карда мешавад[183].

Ҳамин тариқ, аз таҳлили қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон бармеояд, ки ҳуқуқ ба меҳнат бо дигар ҳуқуқҳои асосии инсон, ки дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мустаҳкам гардидаанд, дар алоқамандӣ қарор дошта, ҳамчун кафолати амалишавии дигар ҳуқуқҳои инсон баромад менамояд.

[183] Конституция Российской Федерации: доктринальный комментарий (постатейный) / Под ред. Ю.А. Дмитриева. - М.: «Деловой двор», 2009 г. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: URL: http://base.garant.ru/5697462/2/ (санаи муроҷиат: 06.04.2020 с.).

# БОБИ 2. МЕХАНИЗМИ АМАЛИГАРДОНИИ ҲУҚУҚИ КОНСТИТУТСИОНИИ ШАХС БА МЕҲНАТ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## 2.1. Тартиби амалишавии ҳуқуқи конститутсионӣ ба меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

Дар замони муосир амалишавии ҳуқуқу озодиҳои меҳнатии инсон ва шаҳрванд аҳаммияти хосаро дорост. Ба таври самарабахш амалӣ гардидани ин ҳуқуқҳо имконият медиҳад, то рушди бомароми иқтисодӣ ва иҷтимоӣ таъмин карда шуда, баҳри инкишофи устувори давлат заминаи воқеӣ фароҳам орад. Бо ин мақсад, аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон як қатор тадбирҳои ташкилию ҳуқуқӣ андешида мешаванд, ки ба баланд бардоштани сатҳи зиндагии шаҳрвандон, аз ҷумла тавассути фароҳам овардани шароит барои таъсиси ҷойҳои нави корӣ равона гардидаанд. Бояд қайд намуд, ки шаҳрвандони кишвар ҳамеша ба механизми пурраи амалишавӣ ва ҳифзи ҳуқуқҳои меҳнатии худ, таҳияи низоми нави муносибатҳо бо намояндагони бахши соҳибкорӣ ва шохаҳои гуногуни ҳокимият ниёз доранд. Бо ин мақсад, тадбирҳои андешидашуда баҳри амалишавии муқаррароти моддаи 1 Конститутсия, ки Тоҷикистон ҳамчун давлати иҷтимоӣ муаррифӣ намудааст, нигаронида шудаанд. Аз ҳамин лиҳоз, Г.Д. Солеҳзода ишора менамоянд, ки «мустаҳкам намудани ин муқаррарот меҳвари Конститутсияи Тоҷикистонро ташкил медиҳад»[184].

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба ҳалли ин масъалаҳо таваҷҷуҳи хоса зоҳир намуда, ҳангоми ироаи Паёми худ ба Маҷлиси Олии кишвар аз 23 декабри соли 2022 таъкид намуданд, ки «бо вуҷуди дигаргуниҳои идомадошта дар иқтисоди ҷаҳонӣ ва таъсири манфии омилҳои беруна ба иқтисоди миллии мо, ба шарофати ислоҳоти пурсамари иқтисодӣ,

[184]Диноршоҳ А.М., Солехзода Г.Д. Социальное государство: история, теория и практика. – Душанбе, 2022. – С. 4.

татбиқи стратегияву барномаҳо ва андешидани тадбирҳои зиддибуҳронӣ дар панҷ соли охир рушди иқтисоди Тоҷикистон ҳамасола ба ҳисоби миёна дар сатҳи 7,3 фоиз ва маҷмуи маҳсулоти дохилӣ аз 71 миллиард сомонӣ ба 115 миллиард сомонӣ расида, ба ҳар сари аҳолӣ 1,5 баробар афзуд. Аз ҷумла, дар соли 2022 корҳо ҷиҳати ҳифзи устувори нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ, коҳиш додани таъсири таҳдидҳои эҳтимолӣ ба иқтисодиёти миллӣ, фаъолияти мунтазами низоми бонкӣ, афзоиши истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ ва кишоварзӣ, беҳбуди фазои сармоягузорӣ ва дастгирӣ намудани соҳибкорӣ, ки дар натиҷаи он тараққиёти хоҷагии халқ ба дараҷаи 8 фоиз таъмин гардид. Дар ин давра беш аз 900 ҳазор ҷойи нави корӣ, аз ҷумла дар соли 2022 190 ҳазор ҷойи корӣ таъсис дода шуд, ки ба беҳтар шудани сатҳи шуғли аҳолӣ дар кишвар мусоидат намуд»[185].

Ҳамин тариқ, таҳия намудани механизмҳои самарабахш дар самти таъмин ва амалишавии ҳуқуқҳои инсон, аз ҷумла ҳуқуқи меҳнат барои рушди давлат мусоидат менамояд.

Дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба масъалаи таъмин ва амалишавии ҳуқуқҳои инсон таваҷҷуҳи хосса зоҳир карда шудааст. Аз ҷумла, дар моддаҳои 5 ва 14 Конститутсия ҳуқуқи инсон арзиши олӣ маънидод гардида, давлат вазифадор гардидааст, ки онро эътироф, риоя ва ҳифз намояд[186]. Инчунин, мақсад, мазмун ва татбиқи қонунҳо, фаъолияти ҳокимияти қонунгузорӣ, иҷроия ва ҳокимияти маҳаллӣ ва худидоракунӣ, ки аз ҷониби ҳокимияти судӣ таъмин карда мешаванд, дар сатҳи конститутсионӣ муайян карда шудааст[187].

Дар адабиёти ватанӣ ишора мегардад, ки меъёрҳои мазкур барои бевосита таъмин ва амалишавии ҳуқуқи инсон нигаронида шудаанд. Ҳамин тавр, А.М. Диноршоҳ қайд мекунад, ки «чунин таҳрири Конститутсияи

[185] Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» аз 23-юми декабри соли 2022. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.president.tj. (санаи муроҷиат: 24.04.2023 с.).
[186] Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 ноябри соли 1994 бо тағйиру иловаҳо аз 26 сентябри соли 1999, 22 июни соли 2003 ва 22 майи соли 2016 (бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ). – Душанбе: «Ганҷ», 2016. – 136 с.
[187] Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 ноябри соли 1994 бо тағйиру иловаҳо аз 26 сентябри соли 1999, 22 июни соли 2003 ва 22 майи соли 2016 (бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ). – Душанбе: «Ганҷ», 2016. – 136 с.

Тоҷикистон маънои онро дорад, ки масъулияти асосии давлат ин ташкили тамоми шароит ва фароҳам овардани заминаҳо барои истифодаи ҳуқуқу озодиҳои ҳар як инсон ва шаҳрванд, инчунин, иҷрои уҳдадориҳои конститутсионӣ аз ҷониби онҳо мебошад»[188]. И.Қ. Миралиев бошад қайд мекунад, ки «эълони ҳуқуқи инсон ҳамчун арзиши олӣ маънои онро дорад, ки дар доираи Конститутсия модели муносибатҳои волоияти қонун ва ҳуқуқи инсон бунёд шудааст. Танҳо дар давлати ҳуқуқбунёд инсон бо тамоми ҳуқуқу озодиҳои худ ҳамчун арзиши олии иҷтимоӣ пазируфта шуда, эътироф мегардад»[189]. Мо андешаи С. Салоҳидиноваро ҷонибдорӣ менамоям, ки аз нигоҳи ӯ, «дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун арзиши олӣ эътироф намудани ҳуқуқи инсон аҳамияти асосӣ дорад, зеро он муносибати шахсро бо давлат муайян намуда, манфиатҳои ӯро дар ҷои аввал мегузорад ва он шарти асосии танзими вазъи ҳуқуқии шахс ва шаҳрванд мебошад. Бояд гуфт, ки дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мафҳуми «арзиши олӣ» танҳо дар робита ба ҳуқуқ, озодиҳои инсон ва шаҳрванд истифода мешавад. Ҳеҷ як падидаи ҳуқуқӣ-конститутсионӣ чунин хусусиятро надорад»[190].

Ҳарчанд дар Конститутсияи кишвар муқаррар намудани ин меъёр як ҷанбаи муҳим дар амалишавии онҳо маҳсуб меёбад, аммо барои татбиқнамоии он кофӣ нест. Н.И. Матузов қайд мекунад, ки «эълон доштани ҳуқуқу озодиҳои муайян кифоя нест, зеро муҳиммият ба амалишавӣ ва татбиқ намудани онҳо меравад, зеро ҳуқуқу озодиҳои инсон дар рӯи коғаз ба осонӣ тасвир мешаванд, аммо дар ҳаёт амалӣ кардани онҳо хеле душвор аст»[191] Андешаи ба ин монандро олими ватанӣ А.М. Диноршоҳ иброз менамод, ки «ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд танҳо ҳангоми амалишавии онҳо маъно пайдо мекунанд, яъне дар ҳаёт татбиқ мегарданд. Бидуни ин дар бораи риояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд ҳарф задан ғайриимкон аст».

---

[188]Диноршоев А.М. Механизмы защиты прав человека в Республике Таджикистан. Монография. – Душанбе, 2014. – С. 5.
[189] Миралиев И.К. Права человека в условиях формирования правового государства в Республике Таджикистан: дис. … канд. юрид. наук. – Душанбе, 2014. – 258 с.
[190] Салохидинова С.М. Право на предпринимательскую деятельность в конституционном праве Республики Таджикистан: дис … канд. юрид. наук. – М., 2016. – 200 с.
[191] Теория государства и права / Под ред. Н.И. Матузова, А.В. Малько. – М., 2002. – С. 299.

Инчунин, Л.Д. Воеводин қайд менамояд, ки мавҷудияти меъёрҳои ҳуқуқие, ки қобилияти озодона истифода бурдани ҳуқуқу озодиҳои конститутсионии шаҳрвандро муқаррар мекунанд, маънои онро надорад, ки ба ҳар кас ба таври худкор амалӣ шудани онҳо ё ҳифзу ҳимояи онҳо кафолат дода мешавад, зеро аз қабули қонун то татбиқи он фосилаи калон вуҷуд дорад[192].

Дар сатҳи конститутсионӣ на танҳо муқаррар намудани кафолати ҳуқуқи мушаххаси шахс талаб карда мешавад, балки амалишавии он мазмуни дилхоҳ ҳуқуқро ташкил медиҳад. Л.С. Явич зикр менамояд, ки агар меъёрҳои ҳуқуқӣ дар фаъолияти одамон ва ташкилотҳо, инчунин, дар муносибатҳои ҷамъиятӣ амалишавии худро пайдо накунанд, пас, арзише надоранд[193]. Дарки ҳуқуқ бидуни амалишавии он имконнопазир аст, аз ин рӯ, механизми дар ҳаёти ҷамъиятӣ амалӣ намудани онро набояд сарфи назар кард[194]. Маҳз бо ҳамин мақсад, мавқеи муаллифони «Энсиклопедияи ҳуқуқи конститутсионии Русия»-ро ҷонибдорӣ намудан дуруст мебошад, зеро таъкид мекунанд, ки «ҳуқуқу озодиҳое, ки дар Конститутсия ва қонунгузории кишвар пешбинӣ шудаанд, дар сурате ҳадафҳои иҷтимоии худро соҳиб мегарданд, ки агар тавонанд дар амал татбиқ гардида, тавассути механизмҳои ҳуқуқи конститусионӣ ба мақсаду ҳадафҳои худ ноил гарданд»[195].

Аз ин рӯ, танҳо эълон доштани ҳуқуқу озодиҳои инсон кофӣ набуда, барои таъмин ва амалишавии онҳо воситаву механизмҳои муассир эҷод кардан лозим аст. Набудани ин гуна воситаю механизмҳо ҳуқуқи инсонро ба мафҳуми номукаммал табдил медиҳад.

Дар баробари он, олимон бар ин назаранд, ки масъалаи мазкур дар илми ҳуқуқшиносӣ аз зумраи масъалаҳои баҳсбарангез маҳсуб меёбад. Ҳамин тавр,

---

192 Ниг.: Воеводин Л.Д. Юридический статус личности в России. – М., 1997. – С. 221.

193 Ниг.: Явич Л.С. Общая теория права. – Л., 1971. – С. 201.

194 Ниг.: Диноршоев А.М. К вопросу о понятии и содержании реализации прав и свобод человека и гражданина // Правовая жизнь. – 2014. – №1 (05). – С. 5.

195 Иванец Г.И., Калинский И.В., Червонюк В.И. Энциклопедия конституционного права России. – М., 2002. – С. 301.

В.И. Крусс зарур мешуморад, ки амалишавии ҳуқуқҳои асосии шахсӣ ҳамчун мушкилоти махсуси ҳуқуқи конститутсионӣ эътироф карда шавад[196].

Дар адабиёти ҳуқуқӣ мафҳуми «механизм»-ро аз нуқтаи назари гуногун баррасӣ мекунанд: «механизми танзими ҳуқуқӣ», «механизми амалишавии ҳуқуқ ва озодиҳо», «механизми таъмини ҳуқуқ ва озодиҳо», «механизми ҳифзи ҳуқуқу озодиҳо», «механизми ҳифз» ва ғайра.

Умуман, «механизм» сохтори дохилии ягон низом, маҷмуи ҳолатҳо ва равандҳоест, ки як падидаро ташкил медиҳанд[197]. Ба ибораи дигар, «механизм» маҷмуи унсурҳои ба ҳам алоқаманд буда, низоми муайянеро ташкил медиҳад, ки дар ҳаракати муайян қарор доранд. Ба он мақсад механизм ном мебаранд, ки он рамзи ҳаракатро ифода менамояд.

Мазмуни механизми амалишавии ҳуқуқи инсон дар илм ба маънои васеъ ва маҳдуд шарҳ дода мешавад. Ба маънои маҳдуд ин мафҳумро И.Э. Фарбер пешбинӣ кардааст, ки мувофиқи ақидаи ӯ, “механизми амалишавии ҳуқуқҳои конститутсионӣ бо мушкилоти таъсири бевоситаи меъёрҳои ҳуқуқи конститутсионӣ алоқаманд аст. Ҳуқуқи субъективӣ танҳо дар муносибатҳои бавуҷудомада ҳуқуқӣ амалӣ мегардад. Ин маънои онро дорад, ки он бо уҳдадорӣ (ё уҳдадориҳои) шахси (ё шахсони) дигар таъмин карда мешавад. Воқеияти ҳуқуқ ва уҳдадориҳо аз нигоҳи ҳуқуқӣ маънои онро дорад, ки онҳо танҳо дар муносибатҳои ҳуқуқӣ вуҷуд доранд. Аз ин рӯ, шартҳои асосии муносибатҳои ҳуқуқӣ ва ҳуқуқҳои субъективӣ меъёри қонун, қобилияти ҳуқуқдории иштирокчиёни муносибатҳои ҳуқуқӣ ва факти ҳуқуқӣ мебошанд”[198].

Маънои васеъ доштани масъалаи мазкурро П.П. Глушенко ва В.Я. Кикотя матраҳ намудаанд. Ба андешаи онҳо “механизми амалишавии ҳуқуқҳои конститусионӣ ва озодиҳои шахсӣ фарогирандаи ҳамаи соҳаҳо, намудҳои фаъолият оид ба мустаҳкам ва таъмин намудани истифодаи

---

[196] Ниг.: Плотникова Н.И. Конституционное право человека и гражданина на предпринимательскую деятельность в России: дис. … канд. юрид. наук. – Саратов, 2002. – С. 97.
[197] Ниг.: Словарь Русского языка. Т.2. – М., 1989. – С. 262.; Рудинский Ф.М. Личность и социалистическая законность. – Волгоград, 1976. – С. 49.
[198] Фарбер И.Е. Свобода и права человека в Советском государстве. – М., 1974. – С. 28.

ҳуқуқҳо: пешбинии ҳама кафолатҳои ҳуқуқӣ, озодӣ ва манфиатҳо; низоми васеи ҳифз ва ҳимояи ҳуқуқҳои шаҳрвандон аз тарафи давлат ва дигар субъектон, таъмини истифодаи воқеии онҳо, мубориза бар зидди навъҳои гуногуни ҳуқуқвайронкунӣ; ҷой доштани назорати давлатӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ, ки ба ҳимояи ҳуқуқу озодиҳо ва манфиатҳои қонунӣ равона гардидаанд, мебошад”[199].

Дар байни муҳаққиқони ватанӣ, ки масоили ҳуқуқи инсонро таҳлил намудаанд, бартарият ба мафҳуми васеи механизми амалишавии ҳуқуқи инсон дода мешавад. Масалан, С.М. Салоҳидинова қайд мекунад, ки «механизми амалишавии ҳуқуқи инсон тавассути сохтори муқарраршуда, омилҳои гуногуни иҷтимоию ҳуқуқӣ, шаклу усулҳо, шароит ва кафолатҳои амалишавии меъёрҳои конститутсионӣ ошкор карда мешавад. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон муқарраротеро дар бар мегирад, ки ба таъмини механизми амалишавии ҳуқуқ ва озодиҳо нигаронида шудаанд. Масалан, мафҳумҳое, ки дар матни Конститутсия истифода шудаанд: «кафолат дода мешавад», «ҳифз карда мешавад», «ҳимоя карда мешавад», «таъмин карда мешавад» «манъ карда шудааст», тавассути онҳо амалишавии ҳуқуқу озодиҳо таъмин мегардад»[200]. А.М. Диноршоҳ қайд мекунад, ки «механизми амалишавии ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд маҷмуи воситаҳо, усулҳо ва шартҳои зертобеъро ифода мекунад, ки ба татбиқи ҳуқуқҳои инсон дар Конститутсия ва санадҳои байналмилалӣ нигаронида шудаанд»[201].

Ҳама мавқеъҳои зикршударо ҷамъбаст намуда, метавон ба хулосае омад, ки механизми амалишавӣ ҳамчун роҳи татбиқи ҳуқуқ ва озодиҳо, яъне амалҳои мусбати қонунии шахс, ҳамаи шахсони уҳдадор ва субъектони дигари ҳуқуқ, инчунин, шарту омилҳое, ки ба ин раванд таъсир мерасонанд, фаҳмида мешавад.

---

[199] Глущенко П.П., Кикоть В.Я. Теория и практика социально-правовой защиты конституционных прав, свобод и интересов граждан в Российской Федерации: учебник. – М., 2006. – С. 55-56.

[200] Салохидинова С.М. Право на предпринимательскую деятельность в конституционном праве Республики Таджикистан: дис … канд. юрид. наук. – М., 2016. – 200 с.

[201]Диноршоев А. М. Конституционная регламентация и реализация прав и свобод человека и гражданина. – Душанбе, 2015. – 209 с.

Хусусияти амалишавии ҳуқуқу озодиҳои конститутсионӣ дар он аст, ки субъект бояд аз ҳуқуқу озодиҳо, яъне аз неъматҳои ба ӯ хос пайваста истифода барад. Чун қоида, барои ноил шудан ба натиҷаҳои пешбининамудаи ҳуқуқҳои конститутсионӣ саъю кӯшиши фаъолона лозим нест, зеро татбиқи онҳо дар ҳолати муайяни воқеии субъект, ки пайваста аз манфиатҳо дар шакли ҳуқуқу озодиҳо истифода мебарад, ифода меёбад ва ин истифодабарии бевосита бо ҳаракат (амал) ё беҳаракатӣ (беамалӣ) алоқаманд нест.

Мавқеи Т.М. Пряхина сазовори диққат аст, ки «раванди амалишавии Конститутсия бо хусусияти муайян, гунонгунӣ ва бисёрсатҳӣ фарқ карда мешавад. Дар сатҳи аввал амалишавӣ дар доираи муносибатҳои конститутсионӣ сурат мегирад, ки ба чунин масъалаҳо, аз қабили ташкили ҳокимият, муносибати шаҳрванд ва давлат, таърифи ҳокимият дахл доранд. Дараҷаи дуюми амалишавӣ қариб ба ҳамаи муносибатҳои ҳуқуқӣ дахл мекунад. Дар зинаи аввал мақомоти давлатӣ ё бевосита меъёрҳои Конститутсияро татбиқ мекунанд, ё қонунҳо дар асоси меъёрҳои конститутсионӣ қабул мешаванд. Дар сатҳи дуюм, меъёрҳои конститутсионӣ, чун қоида, дар ҳамбастагӣ бо қонунгузории соҳавӣ амал мекунанд»[202].

Ҳамин тариқ, метавон хулоса кард, ки механизми амалишавии ҳуқуқу озодиҳои конститутсионӣ, ҳам аз ҷиҳати ташкилию сиёсӣ ва ҳам аз ҷиҳати ҳуқуқӣ низоми мураккаб ва гуногунҷанба буда, аслан, раванди воқеии арзи ҳастӣ намудани ҳуқуқҳои конститутсионӣ мебошад[203].

Барои муайян кардани хусусияти механизми амалишавии ҳуқуқу озодиҳо масъалаи муҳимро муайян намудани унсурҳои таркибии он ва шаклҳои амалишавии ҳуқуқу озодиҳо ташкил медиҳад. Дар илми ҳуқуқи конститутсионӣ низ ба ин масъала муносибати яксон вуҷуд надорад. Масалан, муҳаққиқони ватанӣ, аз ҷумла А.И. Имомов ва А. Диноршоҳ ҳамчун унсурҳои раванди амалишавии ҳуқуқи инсон «масъалаҳои мазмуни

[202] Пряхина Т.М. Понятие конституционности и реализация Основного закона // Реализация Конституции России. – 1994. – С. 65.
[203]Ниг.: Воеводин Л.Д. Юридический статус личности в России. – М., 1997. – С. 267.

дохилии ин ҳуқуқҳо, кафолати қонунгузории онҳо, муайян кардани доираи амали онҳо, яъне муқаррар намудани маҳдудиятҳо ба ин ҳуқуқҳо, инчунин масъалаҳои масъулият барои ин ҳуқуқҳоро ҷудо менамоянд»[204]. Масъалаи мазкур аз ҷониби С.М. Салоҳидинова ба таври васеъ таҳлил шуда, ӯ чунин унсурҳоро муайян кардааст: «1. заминаи меъёрӣ (мустаҳкамнамоии конститутсионии ҳуқуқу озодиҳо ва мушаххас кардани он дар қонунгузории соҳавӣ); 2. Соҳибҳуқуқӣ (қобилияти ҳуқуқдорӣ, қобилияти амалкунӣ ва қобилияти ҳуқуқвайронкунӣ)-и иштирокчиёни муносибатҳои ҷамъиятӣ; 3.Фактҳои ҳуқуқӣ (ҳолатҳое, ки дар меъёрҳои ҳуқуқӣ пешбинӣ шудаанд ва барои фарорасии оқибатҳои ҳуқуқӣ асос мебошанд); 4. Амалишавии бевоситаи ҳуқуқ (истифода, иҷро ва риояи меъёрҳои ҳуқуқӣ); 5. Дастгирии давлатии амалишавии бевоситаи ҳуқуқу озодиҳо (амалишавии қонун аз ҷониби мақомоти давлатӣ ва шахсони мансабдори онҳо); 6. Тартиби бо қонун муқаррарнамудаи ҳифз ва ҳимояи ҳуқуқу озодиҳо»[205]. И.И. Саидзода бошад, ба сифати унсурҳо "масъалаҳои кафолати ҳуқуқи инсон, имкони маҳдуд кардани онҳо, усулҳои ҳимоя ва ҷавобгарӣ барои поймолшавии ҳуқуқи инсон"-ро муайян менамояд[206].

Муаллифони хориҷӣ низ масъалаи мазкурро омӯхта, ба зарурати дақиқ муайян кардани унсурҳои механизми амалишавии ҳуқуқи инсон таваҷҷуҳ зоҳир намудаанд. Ҳамин тавр, ба ақидаи В. Хижняк, «унсурҳои механизми амалишавии ҳуқуқи мушаххас инҳо мебошанд: 1) вазъи ҳуқуқии ин ҳуқуқ; 2) муносибатҳои ҳуқуқии конститутсионӣ; 3) истифода аз фоидаи мушаххас; 4) муайян намудани ҳуқуқу уҳдадориҳои субъектҳои муносибатҳои ҳуқуқӣ; 5) қабули қарори мушаххас; 6) иҷрои қарори дар рафтори одамон қабулшуда ва тафтиши иҷрои дурусти муқаррароти интихобшуда»[207]. Механизми

[204]Диноршоев А.М. К вопросу о понятии и содержании реализации прав и свобод человека и гражданина // Правовая жизнь. – 2014. – №1 (05). – С. 8.; Имомов А.И. Ҳуқуқуи конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2017. – С.177.
[205] Салохидинова С.М. Право на предпринимательскую деятельность в конституционном праве Республики Таджикистан: дис … канд. юрид. наук. – М., 2016. – 200 с.
[206] Ниг.: Саидов И.И. Развитие личных и политических прав человека в Таджикистане: историко-правовой и общетеоретический анализ: дис. … канд. юрид. наук. – Душанбе, 2015. – 209 с.
[207] Хижняк В.С. Право человека на информацию: Механизм реализации / Под ред. В.Т. Кабышева. – Саратов, 1998. – С. 18-25.

амалишавии ҳуқуқ ва озодиҳои асосиро Н.В. Витрук муайян намуда, қайд мекунад, ки он се зернизомро дар бар мегирад: «Низоми кафолатҳои ҳуқуқ ва озодиҳои конститутсионӣ, худи раванди амалишавӣ ва ҳифзи (ҳимояи) ҳуқуқҳои конститутсионӣ»[208].

Дар ин ҷо мавқеи Д.Н. Дружинин, ки ба омӯзиши масъалаи амалишавии ҳуқуқҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ равона гаштааст ва ҳуқуқ ба меҳнатро низ дар бар мегирад, ҷолиби диққат мебошад. Ӯ масъалаҳои амалишавии ҳуқуқҳои иҷтимоию иқтисодиро баррасӣ намуда, қайд мекунад, ки «асоси механизми амалишавии ин гурӯҳи ҳуқуқҳо пурра татбиқ намудани ҳуқуқҳои инсон ба моликияти хусусӣ, меҳнат ва озодии меҳнат, озодона истифода бурдани қобилият ва молу мулки худ барои фаъолияти соҳибкорӣ, фаъолияти иқтисодӣ ва фаъолияти дигаре, ки қонун манъ накардааст, инчунин, дигар ҳуқуқу озодиҳои иқтисодӣ ташкил медиҳад, аммо, мустақилона амалишавии меъёрҳои ҳуқуқиро, ки аз ҳуқуқу озодиҳо бармеоянд, таъмин наменамоянд. Онҳо танҳо чун шарти зарурии таъмини ҳуқуқҳои инсон амал мекунанд»[209].

Ин шартҳоро Д.Н. Дружинин хеле равшан нишон медиҳад. Ӯ қайд мекунад, ки раванди амалишавии ҳуқуқҳои иқтисодиро озодиҳо ва уҳдадориҳо, таъмини онҳо дар асоси сохтори конститутсионӣ, эътирофи инсон, ҳуқуқу озодиҳои ӯ чун арзиши олӣ, воситаи риоя ва ҳифзи ҳуқуқҳои инсон ва шаҳрванд, ташаккули давлати иҷтимоӣ, фаъолияти озоди иқтисодӣ ва ҳифзи ҳамаи шаклҳои моликият, ташкил медиҳанд. Ин талабот ба меъёрҳои омирона дахл доранд, ки қувваи олии ҳуқуқӣ доранд ва шартҳои мавҷудаи иқтисодӣ-ҳуқуқӣ, сиёсӣ-ҳуқуқӣ ва иҷтимоӣ-ҳуқуқии амалишавии ҳуқуқу озодиҳои иқтисодии шаҳрвандон, инчунин, иҷрои вазифаҳои онҳоро нишон медиҳанд.

Баъдан муҳаққиқ қайд мекунад, ки дар Конститутсия низоми муайяни тадбирҳои мушаххаси давлатие пешбинӣ гардидаанд, ки дар таъмини ҳуқуқҳои иқтисодӣ, озодӣ ва вазифаҳои шаҳрвандон мусоидат менамоянд.

---

[208] Белянская О.В. Механизм непосредственной реализации прав и свобод личности: дис. … канд. юрид. наук. – Тамбов, 2003. – С. 61.
[209] Дружинин Д.Н. Экономические права и свободы граждан РФ (конституционно-правовой аспект): дис. ... канд. юрид. наук. – Ростов н/Д., 2003. – С. 76-78.

Ин тадбирҳо то андозае бо истифода аз усулҳои ҳалкунанда, бо ном меъёрҳои дахлдор, ки дар амалигардонии уҳдадориҳои давлат ва мақомоти он оид ба амалишавии гурӯҳи ҳуқуқу озодиҳои номбаршуда ошкор мегарданд, ба даст оварда мешаванд. Дар ин муқаррароти конститутсионӣ уҳдадориҳои давлат оид ба ташкили шароит, фароҳам овардани воситаҳо барои таъмини имконияти амалшавии ҳуқуқу озодиҳои иқтисодии шаҳрвандон пешбинӣ мегардад»[210].

Баъдан ишора менамояд, ки дар Конститутсия низоми тадбирҳои кафолатҳои махсуси давлатии ҳар як ҳуқуқи иқтисодӣ ва ҳар як озодии иқтисодӣ пешбинӣ карда шудааст.

Дар ниҳоят Д.Н. Дружинин ҳамчун воситаи хеле муҳимми ҳуқуқӣ-конститутсионии кафолатҳои ҳуқуқҳои ичтимоию иқтисодӣ, тартиби муқаррарнамудаи Конститутсия ва қонунгузориро оид ба амалишавии ин ҳуқуқҳо, инчунин, ҳифз ва ҳимояи онҳо, чораҳои барқароркунӣ дар сурати вайрон гардиданро пешбинӣ менамояд[211].

Ҳамин тариқ, дар сохтори механизми амалишавии ҳуқуқҳои шаҳрвандон се қисмати асосиро чудо мекунанд: 1) механизми таъмин, ки шарти ҳатмии татбиқи ҳуқуқҳои шаҳрвандон мебошад; 2) механизми амалишавии бевосита – ба воқеият табдил ёфтани ин ҳуқуқҳо дар ҳаёт; 3) механизми ҳимоя, ки ҳангоми поймол шудани ҳуқуқҳо амалӣ мегардад ва ба барқарорсозии онҳо нигаронида шудааст[212].

Бо назардошти гуфтаҳои боло, ба хулосае омадан мумкин аст, ки унсурҳои механизми амалишавии ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандон, аз чумла ҳуқуқ ба меҳнат инҳо мебошанд: кафолати ҳуқуқу озодиҳои инсон, масъалаи маҳдудкунии ҳуқуқи инсон ва механизми ҳимояи ҳуқуқи инсон[213].

---

210 Дружинин Д.Н. Экономические права и свободы граждан РФ (конституционно-правовой аспект): дис. ... канд. юрид. наук. – Ростов н/Д., 2003. – С. 76-78.

211 Ниг.: Дружинин Д.Н. Экономические права и свободы граждан РФ (конституционно-правовой аспект): дис. ... канд. юрид. наук. – Ростов н/Д., 2003. – С. 76-78.

212 Ниг.: Пучкова М.В. Нормативные акты Совета Министров союзной республики в механизме реализации конституционных прав граждан // Советское государство и право. – 1985. – N3. – С. 123.

213 Ниг.: Унсурҳои ишорашударо, мо дар заминаи ҳуқуқ ба меҳнат дар зербобҳои минбаъдаи боби мазкур ба таври муфассал мавриди баррасӣ қарор медиҳем.

Дар асоси таҳлили гузарондашуда мо ба хулосае омадем, ки механизми амалишавии ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар соҳаи муносибатҳои меҳнатӣ маҷмуи воситаҳои ҳуқуқии танзимкунанда ва муҳофизатии сатҳҳои гуногун мебошад, ки бо ёрии онҳо ҳуқуқҳои субъективӣ ба амал бароварда мешаванд ва дар рафтори воқеии субъектҳо таҷассум мегарданд.

Меъёрҳои конститутсионӣ дар амал татбиқ ёфта, ба амалҳои (ҳаракат ва беҳаракатии) воқеии мушаххаси мақомоти давлатӣ, инчунин, шаҳрвандон ва иттиҳодияҳои онҳо табдил мегарданд. Таҳлили мушаххас ва хусусиятҳои амалишавии меъёрҳои конститутсионӣ нишон медиҳад, ки он шаклҳои мушаххаси амалишавӣ дорад. В.В. Лазарев қайд мекунад, ки «амалишавии меъёрҳои ҳуқуқӣ ин рафтори субъектҳои ҳуқуқ мебошад, ки талаботи меъёрҳои ҳуқуқӣ (рафтори ҳуқуқӣ), фаъолияти амалии одамонро оид ба татбиқи ҳуқуқ ва иҷрои уҳдадориҳои ҳуқуқӣ таҷассум мекунад. Ба ибораи дигар, ин таҷассуми он талаботест, ки дар амалҳои одамон тавассути меъёрҳои қонун ифода ёфтаанд. Амалишавии ҳуқуқ натиҷаи бевоситаи танзими ҳуқуқӣ, зуҳуроти мушаххаси он мебошад»[214].

Ҳамин тариқ, амалишавии ҳуқуқ раванди мураккабест, ки дар он на танҳо давлат, балки барандагони ҳуқуқ ва уҳдадориҳои субъективӣ низ иштирок мекунанд. Аз ин бармеояд, ки хосиятҳои зерин барои амалишавии ҳуқуқ хосанд: Аввалан, манфиати амалӣ намудани ҳуқуқ ба субъекти ҳуқуқ тааллуқ дорад, зеро қарор дар бораи амалӣ гардидан ё нагардидани дорандаи ҳуқуқ ба он вобаста аст. Дуюм, амалишавии механизми ҳуқуқии ҳифзи ҳуқуқҳои субъективӣ, яъне механизми ҷавобгарии ҳуқуқӣ ва сеюм, амалишавии ҳуқуқ дар доираи талаботи қатъиян муқарраршуда амалӣ мегардад.

Ҳамин тавр, шаклҳои зерини амалишавии ҳуқуқ ҷудо карда мешаванд: 1) иҷроиш; 2) истифодабарӣ; 3) риоя намудан.

*Иҷрои вазифаҳо* – иҷрои меъёрҳои хатмӣ, ки уҳдадориҳои позитивиро пешбинӣ намуда, рафтори фаъолонаи шахсро талаб мекунад. *Истифодаи*

---

[214] Лазарев В.В. Реализация законодательной воли // Общая теория права: учебное пособие / под ред. А. С. Пиголкина. – М., 1994. – С. 396.

*ҳуқуқи субъективӣ* маънои онро дорад, ки тавассути ин шакл меъёрҳои ваколатдиҳанда амалӣ карда мешаванд, ки диспозитсияҳои онҳо ҳуқуқҳои субъективиро пешбинӣ мекунанд. *Риояи манъкуниҳо* иҷрои меъёрҳои манъкунанда ва муҳофизатиро дар амалишавии ҳуқуқҳо таъмин менамояд.

Шакли махсуси фаъолияти давлатӣ, ки ба амалишавии меъёрҳои ҳуқуқӣ нигаронида шудааст, *татбиқи ҳуқуқ мебошад.* Давлат ҳангоми татбиқи ҳуқуқ ду вазифаи асосиро иҷро мекунад: 1) ташкили амалигардонии меъёрҳои ҳуқуқӣ (бо роҳи қабули санадҳои ҳуқуқӣ); 2) ҳифз ва ҳимояи ҳуқуқҳо аз вайронкунӣ.

Ҳамин тариқ, механизми амалишавии ҳуқуқ ҳаракати ҳуқуқро ба самти амалишавии воқеии меъёрҳои давлатӣ, ки дар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ инъикос ёфтаанд, ифода намуда, ҳадафи он баргардонидани санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳа то ба сатҳи рафтори ҳуқуқии субъектон маҳсуб меёбад. Механизми амалишавии ҳуқуқ ба меҳнат ин баргардонидани муқаррароти конститутсионӣ ва соҳавии ҳуқуқи меҳнатист, ки ин ҳуқуқро ба амалҳои мушаххас, аз ҷумла татбиқи амалии салоҳиятҳои субъективии меҳнатӣ, ки ҳуқуқ ба меҳнатро ташкил медиҳанд ва бе дуруст амал кардани ҳуқуқҳои умумии меҳнатӣ унсурҳои иҷтимоию ҳуқуқии татбиқи ин ҳуқуқ, низоми меҳнат ғайриимкон ё ниҳоят душвор мегардад, ташкил медиҳад.

Масъалаи рафти амалшавии ҳуқуқи конститутсионии шахс ба меҳнатро О.В. Борисов таҳқиқ намуда, қайд мекунад, ки ин як раванди бисёрмарҳила буда, марҳилаи муқаррарнамоӣ, яъне муайян кардани мақоми ҳуқуқии шахс дар муносибатҳои меҳнатӣ; марҳилаи муносибатҳои ҳуқуқӣ; марҳалаи муайян намудани тартиби ташкилию ҳуқуқие, ки барои амалишавии ин ҳуқуқ мувофиқ аст ва марҳилаи муайян намудани ҳуқуқу уҳдадориҳои субъектҳои муносибатҳои ҳуқуқиро дар бар мегирад[215].

М.И. Лавитская масъалаи амалишавии ҳуқуқ ба меҳнатро таҳлил намуда, ишора менамояд, ки онро мушкилоти дар ин соҳа мавҷудбуда ташкил медиҳад ва онҳоро метавон ба амалишавии назариявӣ ва ҳуқуқӣ ҷудо

---

[215]Ниг.: Борисов О.В. Конституционно-правовое регулирование прав и свобод человека и гражданина в сфере трудовых отношений в Российской Федерации: дис. ... канд. юрид. наук. – М., 2006. – С. 119-136.

намуд. Ба категорияи якум ӯ масъалаҳои марбут ба эътирофи меъёрии ҳуқуқ ба меҳнат ва мафҳуми «табъиз дар муносибатҳои меҳнатӣ»-ро мансуб медонад. Мавсуф ба мушкилоти амалишавии ҳуқуқӣ масъалаи тафсири меъёрҳои қонунгузории меҳнат, масъалаҳои шуғл, бехатарии меҳнат, музди меҳнат ва ғайраро ворид менамояд[216].

Пас аз омӯхтан ва ҷамъбаст кардани мавқеъҳои дар адабиёти ватанӣ ва хориҷӣ омада, инчунин, амалияи татбиқи ҳуқуқ, мо ба хулосае омадем, ки раванди амалишавии ҳуқуқ ба меҳнат ду марҳила – муқаррарнамоӣ ва таъминнамоиро дар бар мегирад.

Марҳилаи муқаррарнамоӣ масъалаҳои таҳкими ҳуқуқии механизмҳои амалишавӣ, вазъи ҳуқуқии шахси иштирокчии муносибатҳои меҳнатӣ ва мушаххас кардани доираи ҳуқуқу уҳдадориҳои корманд ва корфарморо дар бар мегирад.

Марҳилаи таъминнамоӣ раванди амалишавии ҳуқуқҳои меҳнатии шахсро бо истифода аз воситаҳо ва усулҳои мувофиқ, ки ба кафолат ва ҳифзи ин категорияи ҳуқуқ нигаронида шудааст, дар назар дорад.

Муфассалтар ба ҳар яке аз ин марҳилаҳо назар меандозем.

Ҳамин тариқ, ҷузъи якуми марҳилаи муқаррарнамоӣ раванди амалишавии масъалаи танзими ҳуқуқии муносибатҳои меҳнатӣ мебошад. Тавассути танзими ҳуқуқӣ расмиёти ташкилию ҳуқуқие, ки барои татбиқи ин ҳуқуқ мувофиқанд, муайян карда мешаванд. Ин масъаларо О.В. Борисов баррасӣ намуда, қайд мекунад, ки барои амалигардонии тартиботи ташкилию ҳуқуқӣ зарур аст, ки матни меъёрӣ- ҳуқуқӣ дуруст бошад; меъёр аз ҷониби мақоми ваколатдор дода шудааст; он дар як вақт ва дар ҳудуди муайян амал мекунад; метавонад ба шахс ва объекти додашуда татбиқ карда шавад. Дар ин давра шаҳрвандон аз имтиёзҳои мушаххас истифода мебаранд, зеро, аслан, тамоми раванди амалишавӣ бояд бо қонеъ гардонидани манфиатҳои субъектҳои онҳо анҷом ёбад [217].

---

[216]Ниг.: Лавицкая М.И. Проблемы реализации права на труд в РФ на современном этапе // Гуманитарный научный вестник. – 2021. – №3. – С. 214-221.

[217] Ниг.: Борисов О.В. Конституционно-правовое регулирование прав и свобод человека и гражданина в

Мо ин масъаларо дар боби гузаштаи рисола ба таври муфассал баррасӣ намуда, дар натиҷа қайд кардем, ки ҳуқуқ ба меҳнат бо доираи васеи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ танзим шудааст. Чунин танзим, аз як тараф, ба амалишавии ҳамаҷонибаи ин ҳуқуқ мусоидат мекунад, аз тарафи дигар, метавонад боиси поймол шудани ҳуқуқи меҳнатии шаҳрвандон гардад, зеро, дар сатҳи конститутсионӣ ва қонунгузорӣ танҳо муқаррароти умумӣ оид ба таъминнамоӣ ва амалишавии ҳуқуқ ба меҳнат пешбинӣ мегардад, шартҳои асосии меҳнат бошад, танҳо дар санадҳои дохилии корхонаҳо, муассисаҳо ва ташкилотҳо муайян мегарданд. Маҳз дар ин маврид мо номутобиқатиро байни ин санадҳо ва муқаррароти Конститутсия ва Кодекси меҳнат мушоҳида менамоем.

Дар ин раванд тафсири ин меъёрҳо нақши муҳим бозида, он ба мо имкон медиҳад, ки мундариҷаи меъёри ҳуқукро муқаррар намоем, зеро бидуни фаҳмиши мазмуни меъёри ҳуқуқӣ татбиқи он ғайриимкон аст. Дар ин самт, ба ақидаи мо, як қатор носозгориҳо мавҷуданд, ки шарҳи дурустро тақозо мекунанд. Мисол, мутобиқи талаботи банди 2-и қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 апрели соли 2018, № 197 “Дар бораи Номгӯйи соҳаҳо, истеҳсолот, кор, касб ва вазифаҳо (мансабҳо), шароити пешниҳод ва давомнокии рухсатӣ барои собиқаи кории давомнок”, ба кормандоне, ки дар як соҳа ё дар як ташкилот муддати дароз кор карда, дорои собиқаи кории давомнок мебошанд, аз ҷониби корфармо, дар мувофиқа бо намояндагони кормандон, то 10 рӯзи тақвимӣ рухсатии иловагӣ дода мешавад. Талаботи қарори мазкур дар хусуси собиқаи кории давомнок дар як соҳа ё як ташкилоти айни ҳол фаъолияткунанда ё пештар фаъолият карда норавшан буда, нофаҳмиҳоро ба вуҷуд меорад.

Мушкилоти дар боло овардашуда равшан нишон медиҳад, ки барои амалишавии ҳуқуқ ба меҳнат танзими ҳуқуқӣ аҳаммияти аввалиндараҷа дорад. Аз сабаби норавшании муқаррароти санадҳои меъёрии ҳуқуқии пешниҳодшуда ҳолатҳое ба миён омада метавонанд, ки боиси вайрон шудани

---

сфере трудовых отношений в Российской Федерации: дис. ... канд. юрид. наук. – М., 2006. – С. 119-136.

ин ҳуқуқ мегарданд. Аз ин лиҳоз, мо чунин мешуморем, ки бо мақсади дастгирии иҷтимоии синфи корманд ба қарори мазкур ё ба моддаи 1-и Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон тағйиру иловаҳо ворид карда шуда, мафҳуми собиқаи кории давомнок дар шакли «Собиқаи кории давомнок-фосилаи бетанаффуси вақте, ки корманд тибқи шартномаи меҳнатӣ дар як соҳа ё як ташкилот кор кардааст» ифодаи худро меёфт.

Як қатор мушкилот дар татбиқ ва шарҳи қонунгузории меҳнатӣ ва ба он алоқаманд дар масъалаи пардохти нафақаи меҳнатӣ ҷой доштанд, ки дар қарорҳои Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон равшан карда шудаанд. Аз ҷумла, қарорҳои Суди конститусионӣ оид ба парванда аз рӯйи дархости шаҳрвандон Хурамов З.Н. ва Ҳасанов У.К. "Дар хусуси муайян намудани мавҷудияти сархати чоруми қисми 4 моддаи 59 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 12 январи соли 2010, № 595 "Дар бораи нафақаҳои суғуртавӣ ва давлатӣ" аз 30 январи соли 2017 , № 6 «Дар бораи гузариши пурра ба низоми нави таъмини нафақаҳои шаҳрвандон ва тартиби таъини нафақаҳо аз 1 январи соли 2017» ба моддаи 39 Конститутсияи Ҷумҳурииии Тоҷикистон» аз 8 декабри соли 2017 ва оид ба дархости директорони матбааи шаҳри Исфара Абдуллоев И.Н. «Дар бораи муайян намудани мутобиқати қисми дуюми моддаи 12 ва моддаи 117 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таьмини нафақаи шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 25 июни соли 1993, № 797 ба моддаҳои 12 ва 39 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 13 ноябри соли 2014[218], ки дар он таъкид шудааст, ки "ҳуқуқ ба таъмини иҷтимоӣ ин як навъ дастгирии моддӣ ва маънавии инсон ва шаҳрванд барои меҳнати фоиданоки дар давраи фаъолияти меҳнатиаш ба манфиати ҷомеа, давлат ва талаботи худ иҷрокардаи шахс мебошад. Инчунин, воситаи асосии пешбурди ҳаёти шаҳрванде мебошад, ки пурра ё қисман қобилият ва имконияти меҳнатии худро гум кардааст ва бо ин ё дигар ҳолатҳои пешбининамудаи

[218]https://constcourt.tj/qarorho/%d2%9baror-oid-ba-darhosti-direktori-matbaai-shahri-isfara-abdulloev-in/

қонунгузорӣ имконияти меҳнат кардан ва аз самараи меҳнаташ фоида диданро аз даст додааст ё аз дастгирии саробони худ маҳрум гардидааст»[219].

Дар баробари ин, бояд гуфт, ки дар ин ду парванда Суди конститутсионӣ мухолифатро дар байни меъёрҳои ишорашудаи қонунҳо ва Конститутсияи кишвар пайдо накардааст.

Дар раванди муқаррарнамоии амалишавии ҳуқуқ ба меҳнат, муайян кардани мақоми ҳуқуқии субъект аҳаммияти муҳим дорад. Тавре мо дар боби гузашта қайд кардем, ҳуқуқ ба меҳнат ҳуқуқи инсон аст, яъне ҳам ба шаҳрвандони кишвар ва ҳам ба хориҷиён ва шахсони бешаҳрванд дахл дорад. Асосан, аз рӯи он, имкониятҳои муайяни ҷойдоштаи шахс дар бахши меҳнат муайян карда мешавад.

Сарфи назар аз он ки Конститутсияи кишвар ин ҳуқуқро барои ҳар як шахс таъмин кардааст, ин ба ҳеҷ ваҷҳ маънои онро надорад, ки қонун ин ҳуқуқро вобаста ба шаҳрвандии шахсони алоҳида маҳдуд карда наметавонад. Ин масъала дар як қатор санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, аз ҷумла дар қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи вазъи ҳуқуқии шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»,[220] «Дар бораи гурезаҳо»,[221] «Дар бораи муҳоҷират»[222] ва ғайра ба таври возеҳ танзим шудааст.

У.Қ. Муъминов қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистонро таҳлил намуда, қайд мекунад, ки «қонунгузор шаҳрвандони хориҷиро ба ду категория ҷудо мекунад: 1) доимӣ зиндагикунанда; 2) муваққатан зиндагикунанда»[223]. Муаллиф дар идома таъкид мекунад, ки “дар қонунгузории Тоҷикистон категорияи шаҳрвандони хориҷӣ, ки муваққатӣ зиндагӣ менамоянд, ҷой надорад”[224].

---

[219] [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://constcourt.tj/qarorho/%d2%9baror-oid-ba-darhosti-direktori-matbaai-shahri-isfara-abdulloev-in/(санаи муроҷиат: 24.05.2021).
[220]Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи вазъи ҳуқуқии шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 2 январи соли 2018, № 1471 // АМОҶТ с. 2018, №1, мод.3, №5, мод.276.
[221]Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи гурезаҳо» аз 10 майи соли 2002, № 50 // АМОҶТ с. 2002, №4, қ.1, мод.305.
[222]Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муҳоҷират» аз 11 декабри соли 1999, №881 АМОҶТ с.1999, №12, мод. 320.
[223]Муминов У.К. Конституционно-правовые основы статуса иностранных граждан в Республике Таджикистан и роль органов внутренних дел в его обеспечении: дис. … канд. юр. наук. – М., 2020. – С. 90.
[224]Ҳамон ҷо. – С. 91.

Воқеан, мутобиқи қ. 1 моддаи 5 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи вазъи ҳуқуқии шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" «шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд , ки аз ҷониби мақомоти корҳои дохилӣ иҷозатномаи иқомат доранд, сокини доимии Ҷумҳурии Тоҷикистон эътироф карда мешаванд»[225], дар ҳоле ки мафҳуми «шаҳрвандони муваққатии хориҷӣ» ҷой надорад. Дар баробари ин, қайд кардан лозим аст, ки дар моддаи 7-уми ҳамин қонун ихтилофи муайяне мавҷуд аст, ки дар қисми 2 ҳамин модда зикр шудааст, мутобиқи он, «шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд, ки ба Ҷумҳурии Тоҷикистон барои иқомати муваққатӣ омадаанд, метавонанд бо фаъолияти муайяни меҳнатӣ машғул шавад, ба шарте ки ин ба мақсадҳои ба Ҷумҳурии Тоҷикистон омадани онҳо мувофиқ бошад».[226] Тавре ки аз мазмуни ин меъёр дида мешавад, қонунгузор имкони кор карданро барои «шаҳрвандони хориҷии муваққатӣ» пешбинӣ менамояд, дар ҳоле ки дар бораи «шаҳрвандони доимӣ зиндагикунанда» чизе зикр нашудааст. Вобаста ба ин, зарур мешуморем, ки ба қисми 2 моддаи 7 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи вазъи ҳуқуқии шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» тағйиру иловаҳо дар шакли зайл ворид карда шавад:
– «Шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд, ки ба Ҷумҳурии Тоҷикистон барои доимӣ ё истиқомати муваққатӣ омадаанд, метавонанд бо фаъолияти муайяни меҳнатӣ машғул шаванд, ба шарте он бо максадҳои ба Ҷумҳурии Тоҷикистон омадани онҳо мувофиқ бошад».

Мазмуни асосии фаъолияти меҳнатии шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар он аст, ки он дар асоси иҷозатномаҳои аз ҷониби мақомоти ваколатдори давлатӣ додашуда амалӣ карда мешавад[227]. Ба ибораи дигар, барои истифода аз ҳуқуқҳои меҳнатии хориҷиён як қатор шартҳо бояд иҷро шаванд.

---

[225]Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи вазъи ҳуқуқии шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 2 январи соли 2018, № 1471 // АМОҶТ с. 2018, №1, мод.3, №5, мод.276.
[226]Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи вазъи ҳуқуқии шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 2 январи соли 2018, № 1471 // АМОҶТ с. 2018, №1, мод.3, №5, мод.276.
[227] Ниг.:Муминов У.К. Конституционно-правовые основы статуса иностранных граждан в Республике

Аввалан, шаҳрванди хориҷӣ танҳо дар сурати доштани иҷозатномаи корӣ ҳақ дорад фаъолияти меҳнатиро анҷом диҳад. Мутобиқи Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 октябри соли 2008, № 529 «Дар бораи тасдиқи Қоидаҳои додани иҷозат барои кор ба шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияти меҳнатиро анҷом медиҳанд ва намунаи шакли он» ва замимаи 1 ба он,[228] иҷозати кор ба муҳлати то 1 сол дода мешавад. Шахсони зерин аз гирифтани иҷозатномаи кор озод карда мешаванд: онҳое, ки дар қисмҳои ҳарбии хориҷӣ, ки дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон воқеъ гардидаанд, хизмати ҳарбиро адо мекунанд; кор ва фаъолият дар намояндагиҳои дипломатӣ ва ташкилотҳои байналмилалӣ; онҳое, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳсил мекунанд; онҳое, ки бо раводиди саёҳӣ меоянд, тавассути агентиҳои сайёҳӣ; шахсоне, ки ба сафари хизматӣ омадаанд, аз ҷумла, варзишгароне, ки ба мусобиқаҳо омадаанд, санъаткороне, ки бо даъвати расмии мақомот ва ташкилотҳои давлатӣ ба сафари ҳунарӣ омадаанд; сармоягузорон ва амонатгузороне, ки дар давоми як сол аз рӯзи бақайдгирии давлатӣ на камтар аз 500 ҳазор доллари ИМА сармоягузорӣ мекунанд; намояндагони воситаҳои ахбори оммаи хориҷӣ, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аккредитатсия шудаанд; шахсони дар иттиҳодияҳои динӣе, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон расман ба қайд гирифта шудаанд, ба фаъолияти касбӣ машғуланд; шахсоне, ки бо мақсади расонидани кумаки башардӯстона ва хайрия ба Ҷумҳурии Тоҷикистон омадаанд; роҳбарон ва кормандони ширкатҳои хориҷӣ, ки дар асоси созишномаҳои байнидавлатӣ ё байниҳукуматии сармоягузорӣ ва қарзи имтиёзнок фаъолият мекунанд[229].

Баъдан шаҳрванди хориҷӣ ҳуқуқи худро барои кор дар он ҷойҳое истифода мебарад, ки давлат ба кори шаҳрвандони хориҷӣ иҷозат медиҳад. Ҳамин тариқ, тибқи моддаи 22 Қонуни мазкур, "ҳам шаҳрвандони хориҷӣ ва ҳам шахсони бешаҳрванд, мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон,

---

Таджикистан и роль органов внутренних дел в его обеспечении: дис. … канд. юр. наук. – М., 2020. – С. 90.
[228][Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://www.mehnat.tj/ru/legalacts(санаи муроҷиат: 05.06.2022 с.).
[229][Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://www.mehnat.tj/ru/legalacts(санаи муроҷиат:05.06.2022 с.).

наметавонанд ба мақомоти ҳокимияти қонунгузор, иҷроия ва судӣ интихоб ё таъин шаванд, инчунин, дар интихобот ва раъйпурсӣ иштирок намоянд[230]".

Ҳама хусусиятҳои зикршуда ба мо имкон медиҳанд, то бигӯем, ки мақоми ҳуқуқии субъект дар муайян кардани маҷмуи ваколатҳои он нақш мебозад. Дар айни замон масоили ҷалби қувваи кории хориҷӣ мубрамияти бештарро пайдо намуда истодааст. Тадбирҳое, ки Ҳукумати кишвар ҷиҳати беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ андешида истодааст, бояд ба ҷалби мутахассисони баландихтисос ба соҳаҳои гуногуни иқтисодиёти миллӣ мусоидат намояд. Ҳамин тариқ, дар Паёми худ аз 23 декабри соли 2022 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қайд намуданд, ки «бо мақсади ҷалби бештари сайёҳон ва сармоягузории хориҷӣ Тоҷикистон аз 1 январи соли 2022, якҷониба бо 52 кишвар тартиби воруди бидуни раводид ҷорӣ карда шуд ва ин раванд бояд самаранок истифода гардад. Ҳамчунин, бо ин ҳадаф барои шаҳрвандони 126 кишвари ҷаҳон пешниҳоди раводид ба Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври сода ҷорӣ шудааст. Дар ин раванд ба масъалаҳои татбиқи самаранок ва босифати лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар соҳа, идомаи бунёди инфрасохтори сайёҳӣ мутобиқи стандартҳои байналмилалӣ, баланд бардоштани мақоми байналмилалии кишвар, ташаккули сохтори миллии бренди фарогирии имкониятҳои сайёҳӣ ва муаррифии он дар арсаи ҷаҳонӣ, инчунин, таъмини соҳаи захираҳои инсонӣ диққати ҷиддӣ равона намудан зарур аст»[231].

Аз ин лиҳоз, меҳнати хориҷиён метавонад ин мушкилотро қисман ҳал кунад. Дар асоси ин, мо пешниҳод менамоем, ки консепсияи ҷалби мутахассисони баландихтисоси хориҷӣ ба соҳаҳои афзалиятноки иқтисоди миллӣ барои давраи муайян таҳия карда шавад, ки он бояд ба ҳалли ҳадафи

[230] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи вазъи ҳуқуқии шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 2 январи соли 2018, № 1471 // АМОҶТ с. 2018, №1, мод.3, №5, мод.276.
[231] Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» аз 23-юми декабри соли 2022. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.president.tj. (санаи муроҷиат: 24.04.2023 с.).

чоруми стратегии давлат – саноатикунонии босуръати кишвар мусоидат намояд.

Ҷузъи ниҳоии марҳилаи муқаррарнамоии раванди амалишавии ҳуқуқ ба меҳнат масъалаи муайян кардани доираи ҳуқуқ ва уҳдадориҳои корманд ва корфармо мебошад, ки муҳимтарин унсури мақоми ҳуқуқии корманд ва корфармост. Тибқи мушаххасоти ҳуқуқ ва уҳдадориҳо, О.В. Борисов танзими муфассали ҳуқуқ ва уҳдадориҳои субъектҳои муносибатҳои ҳуқуқиро дар қонунгузории ҷорӣ (соҳавӣ) дар назар дорад[232].

Ҳуқуқ ва уҳдадориҳо дар моддаҳои 18 ва 19-и Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ гардидааст, ки Ю.П. Орловский қайд мекунад, «ин ҷудонопазирии онҳоро нишон медиҳад» [233]. Дар баробари ин, бояд гуфт, ки масъалаи танзими ҳуқуқии ҳуқуқу уҳдадориҳои кормандон ва корфармоён нисбат ба қонунгузории давраи шуравӣ тағйироти муайяне ворид шудааст. Агар дар масъалаи танзими ҳуқуқи кормандон як пайгирӣ ва муттасилии муайянеро мушоҳида кунем, пас, масъалаи танзими ҳуқуқу уҳдадориҳои корфармоён падидаи нав дар қонунгузории аксари давлатҳои пасошуравӣ, аз ҷумла Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. М.С. Сагандиков дар ин хусус қайд мекунад, ки «дар қонунгузории шуравӣ оид ба меҳнат ба ҳуқуқу вазифаҳои кормандон афзалияти равшан дода шудааст. Дар ягон санади шуравии кодификатсияшуда оид ба меҳнат ҳуқуқу уҳдадориҳои корфармо ҳамчун унсури мақоми ҳуқуқӣ ифода нашудааст. Ин маънои онро надорад, ки корфармо дар симои маъмурияти корхонаҳо, муассисаҳо, ташкилотҳо ва намояндагӣ, нисбат ба корманд ҳуқуқ ва уҳдадориҳое надошт, зеро қонун ба ин масъала диққат равона намекард”[234].

Тавре таҳлили ин моддаҳои Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон медиҳад, ҳуқуқу уҳдадориҳои асосии кормандон ва корфармоён аз

---

[232]Ниг.: Борисов О.В. Конституционно-правовое регулирование прав и свобод человека и гражданина в сфере трудовых отношений в Российской Федерации: дис. ... канд. юрид. наук. – М., 2006. – С. 119-136
[233] Комментарий к Трудовому кодексу Российской Федерации / отв. ред. Ю. П. Орловский. – М., 2002. – С.61
[234] Сагандыков М. С. Реализация конституционных принципов в правовом статусе работника и работодателя по нормам трудового права // Вестник ЮУрГУ. Серия «Право». – 2014. – № 3. – С.106 -109.

мазмуни муқаррароти конститутсионӣ бармеоянд, ки мо дар боби гузашта ба таври муфассал баён кардем.

Ҳамин тариқ, ба ҳуқуқи кормандон уҳдадориҳои корфармо мувофиқат мекунад ва баръакс. Ба ибораи дигар, вақте мо дар бораи механизми амалишавии ҳуқуқии ҳуқуқ ба меҳнат сухан меронем, сухан дар бораи амали мутақобилаи субъектҳои муносибатҳои меҳнатӣ меравад, ки ҳуқуқу уҳдадориҳои тарафайнро ба миён меоранд. Минбаъд мо як катор ҷиҳатҳоеро, ки барои амалишавии ҳуқуқ ба меҳнат хеле муҳиманд, мухтасар дида мебароем.

Ҷанбаи аввал дар ин механизм масъалаи бастан, тағйир додан ва қатъи шартномаи меҳнатӣ мебошад. Ин ҳуқуқ, ҳам барои корманд ва ҳам барои корфармо, асосист. Аз ин рӯ, дар қонунгузорӣ ҳуқуқи бастани шартномаи меҳнатӣ, дар навбати аввал, барои ҳар ду тарафи муносибатҳои меҳнатӣ зикр шудааст.

Муаллифони ватанӣ ва хориҷӣ нишон медиҳанд, ки ҳуқуқи корманд ба бастани шартномаи меҳнатиро метавон аз якчанд ҷиҳат баррасӣ кард, аз ҷумла:

– ин ҳуқуқ зуҳуроти бевоситаи принсипҳои озодии меҳнат ва манъи табъиз дар соҳаи меҳнат мебошад, ки дар кодекс муқаррар шудааст (моддаҳои 5 ва 7 Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон);

– корманд ҳуқуқ дорад дар шакли хаттӣ бастани шартномаи меҳнатиро талаб намояд;

- Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон тартиби бастани шартномаи меҳнатиро муайян намуда, нисбат ба корфармо талаботи қатъӣ мегузорад, ки эҳтимолияти сӯистифода аз ҷониби ӯро коҳиш диҳад.

Дар баробари ин, аз як тараф, корфармо масъалаҳои кадриро, ки бо интихоб ва тақсим кардани кадрҳо вобастаанд, мустақилона ҳал мекунад. Ҳуқуқи қабули қарорҳои зарурӣ оид ба кадрҳо (интихоб, ҷобаҷогузорӣ, аз кор озод кардани кормандон), тибқи моддаи 19 Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба корфармо дода мешавад. Бастани шартномаи меҳнатӣ бо

шахси мушаххас, ки дар ҷустуҷӯи кор аст, ҳуқуқи корфармо мебошад на ӯҳдадориаш. Аз тарафи дигар, ҳуқуқи корфармо барои бастани шартномаи меҳнатӣ ба ӯҳдадориҳои худи ӯ мувофиқат мекунад. Аввалан, моддаи 23 Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои корманд ҳангоми ба кор қабул кардан кафолатҳо муқаррар кардааст: беасос рад кардани бастани шартномаи меҳнатӣ, аз ҷумла бо сабабҳои табъиз, занон бо сабабҳои ҳомиладорӣ ё ҳузури кӯдакон, кормандон ва ғ. Дуюм, корфармо барои ба таври хаттӣ ба расмият даровардани шартномаи меҳнатӣ ва дигар ҳуҷҷатҳои ҳатмӣ масъул аст. Тағйир додани шартномаи меҳнатӣ ба ҳуқуқи корманд ба меҳнат на камтар аз бастани шартномаи меҳнатӣ таъсир мерасонад. Принсипи асосии тағйир додани шартнома аз он иборат аст, ки агар дар қонун тартиби дигаре пешбинӣ нагардида бошад, он бо созиши тарафҳои муносибатҳои меҳнатӣ ба амал бароварда мешавад. Қонунгузор бо маҳдуд кардани ҳолатҳои бе розигии корманд тағйир додани шартномаи меҳнатӣ ва додани кафолатҳои назаррас ба кормандон дар ин бобат кӯшиш менамояд, ки кормандро аз поймолкунии ҳуқуқи меҳнатиаш ҳифз намояд. Инчунин, бояд гуфт, ки тағйирот ба шартномаи меҳнатӣ метавонад ба манфиати корманд низ сурат гирад, масалан, мувофиқи хулосаи тиббӣ, ба кори дигар гузарондани корманд (моддаи 167 Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон).

Муҳимтарин ҳуқуқе, ки ба амалишавии ҳуқуқ ба меҳнат алоқаманд аст, ҳуқуқи корманд оид ба бекор кардани шартномаи меҳнатӣ мебошад. Ин ҳуқуқро тавре фаҳмидан лозим аст, ки корманд, чун қоидаи умумӣ, дар бораи давом додани муносибатҳои меҳнатии худ бо корфармо қарор қабул кунад. Дар баробари ин, ба ин ҳуқуқ вобаста ба қобилияти корфармо оид ба қатъ кардани муносибатҳои меҳнатӣ бо ташаббуси худ маҳдуд карда мешавад. Корфармо ҳуқуқ надорад, ки муносибатҳои меҳнатиро бе асосҳои қонунӣ қатъ кунад, бар хилофи корманде, ки ҳуқуқ дорад бо хоҳиши худ бе нишон додани сабаб аз кор озод шавад. Дар Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ташаббуси корфармо аз кор озод кардани категорияҳои алоҳидаи кормандон (масалан, занони ҳомиладор) ё дар давраи муайяни муносибатҳои

меҳнатӣ (масалан, ҳангоми корношоямии муваққатии корманд) манъ карда шудааст. Ҳамзамон, Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба корфармо имкониятҳои кофии вобаста ба мустақилона интихоб, ҷобаҷогузорӣ ва аз кор озод кардани кадрҳоро фароҳам оварда, маҳдудиятҳои дар боло зикршуда бо муқаррар намудани кафолатҳои ҳуқуқи меҳнатии кормандон ва роҳ надодан ба суиистифода аз ҳуқуқҳои корфармо пешбинӣ мекунад[235].

Ҳамзамон, вазъи ҳуқуқии корманд аз ҳуқуқҳое иборат аст, ки барои бо кор таъмин намудани ӯ алоқамананд. Ин ҳуқуқҳо, инчунин, аз муқаррароти конститутсионӣ, аз ҷумла ҳуқуқи корманд дар интихоб намуди фаъолият ва касб, мутобиқи талаботи бехатарӣ ва гигиенӣ ба кор, бармеоянд. Дар ҳуқуқи меҳнатӣ ин муқаррароти конститутсионӣ, пеш аз ҳама, дар ҳуқуқи таъмини коре, ки дар шартномаи меҳнатӣ пешбинӣ шудааст, ифода ёфтаанд. Ин ҳуқуқ дар мафҳуми шартномаи меҳнатӣ инъикос ёфтааст, ки уҳдадории корфарморо оид ба таъмини кор аз рӯи вазифаи муайяни меҳнатӣ нишон медиҳад. Корманд ба ҷои коре, ки ба талаботи меъёрии давлатии ҳифзи меҳнат ва шартҳои пешбининамудаи шартномаи коллективӣ ҷавобгӯ бошад, ҳуқуқ дорад. Ин ҳуқуқҳои кормандон ба уҳдадориҳои муайяни корфармо мувофиқат мекунанд. Хусусияти меҳнати кироя вобастагии ташкилии корманд аз корфармо мебошад, ки дар уҳдадории корфармо оид ба таъмини кор ва шароити зарурии меҳнат ифода меёбад. Ин уҳдадорӣ дар таъмини коре ифода меёбад, ки корманд ба он озодона розӣ мешавад, дар сурати имконнопазирии яктарафа ба кори дигар гузаштан, пардохти музди бекористии корманд бо сабабҳои ба кирдори гунаҳгории корманд вобаста набуда ва ғайра. Барои аз корманд иҷрои уҳдадориҳои меҳнатӣ талаб кардан корфармо бояд кормандонро бо санадҳои меъёрии дохилии қабулшуда, ки бевосита ба фаъолияти меҳнатии онҳо алоқаманд аст, шинос намояд. Мутобиқи қисми 7 моддаи 26 Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ин бояд пеш аз бастани шартномаи меҳнатӣ анҷом дода шавад. Сипас, корфармо кормандро бо санадҳои меъёрии нав қабулшуда шинос мекунад.

---

[235] Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23 июли соли 2016, № 1329 // АМОҶТ с. 2016, №7, мод. 604.

Бинобар хусусияти хоси меҳнати кироя маҳз корфармо бояд кормандро бо тамоми масолеҳ, асбобҳо ва ғайра, ки барои кор зарур аст, таъмин намояд. Ғайр аз ин, шароити меҳнат аз ҷониби корфармо бояд бехатар бошад ва ба талаботи меъёрии давлатии ҳифзи меҳнат мувофиқ бошад. Иҷро накардани ин уҳдадорӣ ба корманд имкон медиҳад, ки аз иҷрои кор даст кашад. Кафолати муҳим дар ин бобат нигоҳ доштани даромад дар давраи боздоштани кор мебошад.

Принсипи конститутсионӣ, ки ҳуқуқи кормандро ба музди меҳнат таъмин менамояд, дар ҳуқуқи корманд ба сари вақт ва пурра пардохта шудани музди меҳнат мувофиқи тахассус, мураккабии кор, миқдор ва сифати кори анҷомдодашуда амалӣ мегардад. Ин ҳуқуқи корманд ҳам аз принсипҳои асосии ҳуқуқи меҳнат ва ҳам аз мафҳуми шартномаи меҳнатӣ бармеояд. Таъмини музди баробар барои кори арзиши якхела ба кормандон инъикоси принсипи баробарӣ буда, дар зарурати ба назар гирифтан ҳангоми муқаррар кардани андозаи музди меҳнат, тахассуси корманд, мураккабии кори иҷрошуда, миқдор ва сифати меҳнати сарфшуда фаҳмида мешавад.

Яке аз ҳуқуқҳои муҳимтарини кормандон, ки зуҳуроти бевоситаи муқарраpоти конститутсионӣ мебошад, ҳуқуқ ба иттиҳодияҳо, аз ҷумла ҳуқуқи таъсис додан ва ба иттифоқҳои касаба шомил шудан барои ҳифзи ҳуқуқ, озодӣ ва манфиатҳои қонунии онҳо мебошад. Ин ҳуқуқ бо роҳи дар Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар намудани ҳуқуқи таъсис ва аъзо шудан ба иттифоқҳои касаба, ваколатҳои иттифоқҳои касаба дар соҳаи ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии кормандон ва намояндагии онҳо дар муносибатҳо бо корфармо ва кафолатҳои фаъолияти иттифоқҳои касаба амалӣ карда мешавад. Ба ин ҳуқуқ уҳдадории корфармо оид ба гузаронидани гуфтушунидҳои дастаҷамъӣ, инчунин, бастани шартномаи коллективӣ, тибқи тартиби муқаррарнамудаи Кодекси меҳнат, дохил карда мешавад.

Ҳамин тариқ, метавон хулоса кард, ки ҳуқуқу уҳдадориҳои кормандон ва корфармоён мазмуни муносибатҳои меҳнатӣ ва дигар муносибатҳои ба онҳо бевосита алоқамандро ташкил медиҳанд ва мушаххас кардани онҳо имкон

медиҳад, ки монеаҳо дар амалишавии ҳуқуқҳои меҳнатӣ бартараф карда шаванд. Монеаҳо дар амалишавии ҳуқуқҳо ба тамоми раванди иҷрои қонун таъсири манфӣ мерасонанд.

Марҳилаи дуюми раванди амалишавӣ, тавре ки дар боло қайд кардем, марҳилаи таъминнамоӣ мебошад, ки раванди амалишавии ҳуқуқҳои меҳнатии шахсро тавассути истифодаи воситаву усулҳои мувофиқ, ки ба кафолат ва ҳифзи ин категорияи ҳуқуқ нигаронида шудааст, дар назар дорад.

О.В. Борисов ин раванди амалишавиро баррасӣ намуда, қайд мекунад, ки он аз ду ҷузъ – қабули қарори мушаххас ва санҷиши дурустии иҷрои дастурҳои таҳияшуда ташкил ёфтааст[236]. Ин ҷузъҳо, ба андешаи мо, бо кафолатҳои муқарраршудаи ҳуқуқӣ ва механизмҳои муҳофизатӣ таъмин карда шудаанд. Ҳамин тариқ, қабули қарори мушаххас бояд комилан дар мувофиқа бо қонунгузорӣ бошад. Дар баробари ин, бояд он хусусиятҳои инфиродии ҳолатҳои мушаххасро ба назар гирад. Дар умум, таҳияи қарор раванди амалишавии ҳуқуқҳоро фаро намегирад. Барои анҷом додани ин раванд зарур аст, ки қарори қабулшуда дар рафтори одамон амалӣ карда шавад, яъне онҳо, воқеан, аз имкониятҳои пешбининамудаи қонун истифода баранд. Дар навбати худ, тафтиши иҷрои дурусти тартиботи таҳияшуда ҳамчун механизми ҳуқуқи инсон амал мекунад. Арзиши ҳуқуқҳои меҳнатӣ дар он аст, ки онҳо ба шаҳрвандон имкон медиҳанд, то ҳуқуқҳои худро дар соҳаи меҳнат, ба он доирае, ки давлат иҷозат додааст, амалӣ намоянд. Аз ин рӯ, нуқтаи муҳимро, дар баробари эълон ва мустаҳкам намудани ҳуқуқҳои дахлдор, масъалаи пурра намудани мазмун, қайд намудани таъмини кафолати иҷрои дурусти онҳо ташкил медиҳад. Яке аз ин кафолатҳо низоми ҳимояи ҳуқуқҳои меҳнатии шаҳрвандон баромад мекунад. Асосҳои кафолати амалишавии ҳуқуқ ба меҳнат ва усулҳои ҳимояи онҳо дар зербобҳои минбаъда муфассалтар баррасӣ карда мешаванд.

Ҳамин тавр, таҳқиқоти масъалаи раванди амалишавии ҳуқуқ ба меҳнатро ҷамъбаст намуда, мо ба чунин хулоса омадем:

---

[236]Ниг.: Борисов О.В. Конституционно-правовое регулирование прав и свобод человека и гражданина в сфере трудовых отношений в Российской Федерации: дис. ... канд. юрид. наук. – М., 2006. – С. 119-136.

1. Зери механизми амалишавии ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар соҳаи муносибатҳои меҳнатӣ маҷмуи воситаҳои ҳуқуқии танзим ва ҳифз дар сатҳҳои гуногун фаҳмида мешавад, ки бо ёрии онҳо ҳуқуқи субъективӣ дар ҳаёт татбиқ гардида, дар рафтори воқеии субъектон таҷассум меёбад.

2. Ҳамчун унсурҳои механизми амалишавии ҳуқуқ ба меҳнат баромад мекунанд: кафолатнокии ҳуқуқу озодиҳои инсон (таъмин), масъалаи маҳдудкунии ҳуқуқи инсон ва механизми ҳимояи ҳуқуқи инсон.

3. Раванди амалишавии ҳуқуқ ба меҳнат ду марҳиларо дарбар мегирад муқаррарнамоӣ ва таъминнамоӣ. Марҳилаи муқаррарнамоӣ масъалаҳои мустаҳкамгардонии ҳуқуқии механизмҳои амалишавӣ, вазъи ҳуқуқии шахси иштирокчии муносибатҳои меҳнатӣ ва мушаххас кардани доираи ҳуқуқу ӯҳдадориҳои корманд ва корфарморо дар бар мегирад. Марҳилаи таъминнамоӣ бошад, раванди амалишавии ҳуқуқҳои меҳнатии шахсро бо истифода аз воситаҳо ва усулҳои мувофиқ, ки ба кафолат ва ҳифзи ин категорияи ҳуқуқҳо нигаронида шудааст, дар назар дорад.

## 2.2. Кафолатҳои давлатии ҳуқуқ ба меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

Ҳуқуқи меҳнат, тавре ки дар боло қайд кардем, яке аз ҳуқуқҳои асосии низоми умумии ҳуқуқи инсон буда, ба доираи номуайяни шахсон (дар баробари ҳуқуқ ба моликият, ҳуқуқ ба ҳаёт ва дигар ҳуқуқҳои конститутсионии инсон ва шаҳрванд) дахл дорад. Ҳамчун ҳуқуқи бунёдӣ, он барои давлат дар байни дигар ҳуқуқҳои инсон афзалият дорад. Д.М. Худолей қайд мекунад, ки «озодии меҳнат яке аз ҳуқуқҳои асосии инсон мебошад, ки табиатан ҷудонашаванда ва бегонашаванда, мисли озодии сухан, озодии фикр, озодии ҳаракат ва ғ. аст. Шахси аз озодии меҳнат маҳрумшуда ба ғулом мубаддал гардида, асосан шаъну шарафи инсониро аз даст дода, ба «олоти гӯянда» табдил мегардад»[237].

[237]Худолей Д.М. Конституционализация права на труд в зарубежных государствах // Вестник Пермского университета. Юридические науки. 2010. – Вып. 1(7). – С.168.

Давлат бояд низоми кафолатҳоеро таъмин намояд, ки ба инсон барои амалинамоии қобилияти меҳнатиаш имконият диҳад. Дар асоси ин, дар сатҳи конститутсионӣ ва санадҳои байналмилалӣ уҳдадории давлат оид ба пешбурди сиёсати пурраи шуғли аҳолӣ ҳамчун воситаи амалишавии самараноки ҳуқуқ ба меҳнат муқаррар гардидааст. Ба ибораи дигар, сухан на танҳо дар бораи мустаҳкам намудани ҳуқуқи меҳнат, балки дар бораи кафолатҳои таъмини он меравад[238]. Ҳуқуқ ба меҳнат ба категорияи ҳуқуқҳое тааллуқ дорад, ки амалишавии онҳо фаъолияти муттасил ва уҳдадории давлатро барои бомуваффақият татбиқ сохтани онҳо тақозо менамояд.

Нақши муҳимми кафолатҳо дар раванди таъмини ҳуқуқ ва озодиҳои инсон аз таҳкими конститутсионии он низ шаҳодат медиҳад. Дар моддаи 17 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар карда шудааст, ки «давлат ҳуқуқ ва озодиҳои ҳар касро, сарфи назар аз миллат, нажод, ҷинс, забон, дин, эътиқоди сиёсӣ, маълумот, вазъи иҷтимоӣ ва молумулкӣ кафолат медиҳад»[239].

Дар ҷаҳони муосир, ки равандҳои ҷаҳонишавӣ ва муҳоҷират фаъолона инкишоф меёбанд, ҳуқуқи меҳнат ба унсури муҳимми ташаккули муносибатҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва идеологӣ дар давлат табдил ёфтааст. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии кишвар аз 21 декабри соли 2021 қайд намуданд, ки «ҳалли саривақтии мушкилоти иҷтимоӣ ва фароҳам овардани шароит барои рушди ҷомеа зиндагии шоистаи мардум, аз ҷумла тавассути ташкили мунтазами ҷойҳои нави корӣ, зиёд намудани даромади аҳолӣ, афзоиши музди меҳнати кормандон, нафақа ва стипендия дар ин давра аз муҳимтарин вазифаҳост. Барои ҳалли мушкилоти марбут ба шуғли аҳолӣ зарур аст, ки Консепсияи рушди шуғли босамари Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2040, инчунин, барномаҳои миёнамуҳлати он қабул ва амалӣ карда шавад. Вобаста

[238]Ниг.: Мелешенко Н.Т. О конституционных основах права на труд // Вестник ТвГУ. Серия «Право». 2012. – Вып.31. – С. 141.
[239] Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 ноябри соли 1994 бо тағйиру иловаҳо аз 26 сентябри соли 1999, 22 июни соли 2003 ва 22 майи соли 2016 (бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ). – Душанбе: «Ганҷ», 2016. – 136 с.

ба ин, бори дигар таъкид менамоям, ки Ҳукумати кишвар вазифадор аст, ки то соли 2026 шаҳрвандони аз 18-сола болоро, ки соҳиби касбу кор нестанд, ба омӯзиши касбу ҳунар ҷалб намуда, барои ҳаматарафа таъмин намудани онҳо бо ҷойи корӣ чораҳои иловагӣ андешад. Дар давоми 5 соли наздик 1 млн. нафар шаҳрвандони кишвар соҳиби касб шаванд. Дар баробари ин, дар муассисаҳои таълимӣ сифати таълим ва азхудкунии касбҳоро беҳтар намуда, сокинонро ба рушди касбу ҳунарҳои дар бозори меҳнат талабгор ҷалб намуда, ҷиҳати таъмини шуғли шаҳрвандони кишвар, махсусан ҷавонон, занону духтарон чораҳои қатъӣ андешад»[240].

Ҳангоми омӯзиши масъалаҳои кафолати ҳуқуқи инсон, аз ҷумла ҳуқуқ ба меҳнат дар адабиёти ватанӣ ва хориҷӣ муаллифони гуногун ба се ҷанбаи ба ҳам алоқаманд таваҷҷуҳ зоҳир мекунанд. Аввалан, ин саволҳо оид ба муайян кардани мафҳум ва мундариҷаи кафолатҳои ҳуқуқи инсон мебошанд. Сониян, масъалаҳое, ки бо муайян кардани мақоми ҳуқуқии онҳо алоқаманданд. Сеюм, масъалаҳои амалинамоии бевоситаи кафолатҳо.

Ҳар яке аз ин ҷиҳатҳоро мухтасар баррасӣ менамоем. Дар мадди аввал, бояд мафҳум ва мундариҷаи кафолатҳо муайян карда шавад. Мафҳуми «кафолатҳо» объекти таҳқиқоти зиёди илмӣ дар соҳаҳои гуногуни ҳуқуқ мебошад. Ин категория аксар вақт тавассути призмаи татбиқи соҳавии комплекси ҳуқуқи инсон омӯхта мешавад. Ҳамин тариқ, олимони соҳаи ҳуқуқи конститутсионӣ таърифҳои зерини кафолатҳои ҳуқуқи инсонро шарҳ медиҳанд. С.А. Авакян кафолатҳоро “шароит ва заминаҳои моддӣ, ташкилӣ, маънавӣ ва ҳуқуқӣ, ки татбиқи ҳуқуқу озодиҳои асосӣ, иҷрои уҳдадориҳои инсон ва шаҳрвандро воқеият мегардонад ва ҳифзи онҳоро аз маҳдудиятҳо ва таҷовузҳои ғайриқонунӣ таъмин менамояд” маънидод менамояд[241]. Л.Д. Воеводин чунин мешуморад, ки «кафолатҳои дар қонуни конститутсионӣ баррасишаванда шароит ва воситаҳои воқеӣ, аз ҷумла моддӣ, сиёсӣ, идеологӣ ва ҳуқуқиро ифода мекунанд, ки истифодаи чунин қудратро ба мисли таври

[240][Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://prezident.tj/ru/node/27418(санаи муроҷиат: 11.04.2022 с.).
[241] Ниг.: Авакьян С.А. Конституционное право России. – М., 2014. – С. 682-683.

воқеӣ ва на хаёлӣ таъмин мекунанд»[242]. А.С. Мордовес кафолатро ҳамчун «низоми заминаҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ, сиёсӣ, маънавӣ, ҳуқуқӣ, ташкилӣ, шароит, воситаҳо ва усулҳое, ки имкониятҳои баробарро барои амалӣ намудани ҳуқуқ, озодиҳо ва манфиатҳои шахс фароҳам меоранд», муайян мекунад [243].

Мафҳуми «кафолатҳо»-ро аз нуқтаи назари амалишавии муносибатҳои меҳнатӣ мутахассисони соҳаи ҳуқуқи меҳнат пешниҳод мекунанд. Ҳамин тавр, В.Н. Скобелкин кафолатҳои ҳуқуқии ҳуқуқ ба меҳнатро ҳамчун «воситаҳо ва усулҳои пешбининамудаи меъёрҳои ҳуқуқӣ, ки тавассути онҳо ҷомеа ба меҳнат ва дигар муносибатҳои ҳуқуқии марбут ба онҳо ва амалишавии минбаъдаи ҳуқуқҳои меҳнатиро, ки қонунгузории меҳнат ба кормандон ва хизматчиён додааст, таъмин менамояд» мефаҳмад[244]. О.Н. Волкова кафолатҳои ҳуқуқ ба меҳнатро «маҷмуи шартҳо, воситаҳо ва усулҳое мешуморад, ки тавассути он ба ҳар як шаҳрванд амалишавии воқеии ҳуқуқ ва озодиҳо, инчунин, иҷрои вазифаҳои ба ӯ гузошташуда таъмин карда мешавад»[245] мефаҳмад. М.В. Молодтсов кафолатҳои ҳуқуқ ба меҳнатро «воситае мефаҳмад, ки тавассути онҳо дар тамоми марҳалаҳои амалӣ гардондани онҳо бемамониат ва ҳифзи ҳаматарафаи ин ҳуқуқҳо таъмин карда мешаванд»[246]. Ба ақидаи К.Н. Гусов, кафолатҳои ҳуқуқии ҳуқуқҳои қонунии меҳнатӣ воситаҳои ҳуқуқӣ ва тадбирҳое мебошанд, ки қонунгузории меҳнат барои амалишавии беҳтари ин ҳуқуқҳо муқаррар кардааст[247].

Муҳаққиқони ватанӣ низ мафҳуми кафолати ҳуқуқи инсонро тафсирҳои гуногун медиҳанд. А.М. Диноршоҳ кафолати ҳуқуқи инсонро «шароит ва воситаҳое мефаҳмад, ки қобилияти истифодаи ҳуқуқҳои муқаррарнамудаи Конститутсия, шартномаҳои ҳуқуқии байналмилалӣ ва дигар санадҳои

---

[242] Воеводин Л.Д. Юридический статус личности в России. – М., 1997. – С. 229-230.
[243]Ниг.: Мордовец А. С. Социально-экономические механизмы обеспечения прав человека и гражданина. – Саратов, 1996. – С.44.
[244]Ниг.: Скобелкин В.Н. Юридические гарантии трудовых прав рабочих и служащих в СССР: автореф. дис… д-ра юрид. наук. – М., 1971. – С. 13.
[245]Волкова О.Н. Юридические гарантии трудовых прав граждан СССР при приеме на работу в качестве рабочих и служащих: автореф. дис. … канд. юрид. наук. – М., 1979. – С. 7.
[246]Молодцов М.В. Гарантии и компенсации рабочим и служащим. – М.: Юрид. лит., 1973. – С. 3.
[247]Ниг.: Гусов К.Н., Толкунова В.Н. Трудовое право России: учебник. – М.: Проспект, 2004. – С.101.

меъёриро таъмин менамоянд»[248]. Х.О. Ойев кафолатро ҳамчун «низоми воситаҳо ва имкониятҳои ҳуқуқие, ки қонун ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ муайян намуда, тартиби иҷрои ҳуқуқ ва уҳдадориҳоро ба таври мувофиқ пешбинӣ менамояд», муайян кардааст[249]. Шарҳи васеи кафолатҳои ҳуқуқи инсонро С.М. Салоҳидинова додааст, ки ба ду ҳолати кафолати ҳуқуқи инсон ишора мекунад: кафолат дар статика ва кафолат дар динамика[250]. Зери кафолатҳо дар статика, муаллиф «мустаҳкамкунии ҳуқуқии кафолатҳо ва кафолат дар динамика шароит ва воситаҳое мебошанд, ки ба амалишавии ҳуқуқи инсон мусоидат мекунанд», мефаҳмад. Дар ҳамин замина муаллиф ба хулосае меояд, ки «дар сурати мавҷуд будани ин ду ҷузъи кафолат метавон ҳуқуқи инсонро таъмин кард»[251].

Таҳлили мавқеъҳои дар боло зикршуда хусусиятҳои соҳавии танзими ҳуқуқи инсонро нишон медиҳад. Олимони соҳаи ҳуқуқи конститутсионӣ ба мазмуни мафҳуми «кафолат» маҷмуи тадбирҳоеро дохил мекунанд, ки давлат бояд барои амалишавии ҳуқуқи субъективии мушаххас чора андешида, ҷанбаҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва идеологиро дар бар мегирад. Олимони соҳаи ҳукуқи меҳнат категорияи «кафолатҳо»-ро тавассути призмаи воситаҳо ва усулҳои ҳуқуқӣ, ки ба таъмин ва ҳимояи ин ҳуқуқи мушаххаси субъективӣ нигаронида шудаанд, баррасӣ мекунанд.

Дар асоси таҳлили андешаҳои пешниҳодшудаи олимони ватанию хориҷӣ ба хулосае омадан мумкин аст, ки кафолат маҷмуи шартҳо, воситаҳо ва усулҳоест, ки тавассути онҳо ҳуқуқи субъективии инсон дар амал татбиқ карда мешавад. Ин мафҳум пурра ба ҳуқуқи меҳнат низ дахл дорад. Дар баробари ин, таърифҳои назариявии боло ҷиҳати асосии кафолатҳо дар самти меҳнат – амалишавии ҳуқуқҳои ба кормандон додашуда, яъне

[248]Диноршоҳ А.М. Права человека. – Душанбе 2010. – С. 212.
[249]Ниг.: Ойев Х.О. Фарҳанги истилоҳоти ҳуқуқи конститутсионӣ ва маъмурӣ. Зери таҳрири Имомов А.И., Диноршоев А.М. – Душанбе, 2013. – С. 184.
[250]Ниг.: Салохидинова С.М. Право на предпринимательскую деятельность в конституционном праве Республики Таджикистан. – Душанбе, 2018. – С.151.
[251]Салохидинова С.М. Право на предпринимательскую деятельность в конституционном праве Республики Таджикистан. – Душанбе, 2018. – С.151.

амалишавии он ҳуқуқҳоеро, ки дар сатҳи қонунгузорӣ ва шартномавӣ муқаррар шудаанд, инъикос мекунанд.

Дар баробари ин, дар заминаи амалишавии ҳуқуқ ба меҳнат муайян кардани чунин мафҳумҳо, ба монанди «восита», «усул» ва «шароит» ба мақсад мувофиқ аст. Мафҳумҳои ишорашуда дар радифи мафҳуми «кафолатҳо» моҳияти худро дар Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон пайдо накардаанд.

Аз нуқтаи назари этимология истилоҳи «восита» ба маънои усули амал барои расидан ба чизе истифода мешавад[252]. Бо ин мақсад, мо кӯшиш мекунем, ки мафҳуми «восита»-ро нисбат ба кафолатҳои ҳуқуқ ба меҳнат мавриди баррасӣ қарор диҳем.

В.Н. Толкунова чунин мешуморад, ки воситаҳои таъмини имконияти воқеии истифодаи ҳуқуқ, аз ҷумла ҳуқуқ ба меҳнатро воситаҳои гуногуни ҳуқуқӣ ва иҷтимоии амалишавии ҳуқуқи занон ба меҳнат ва воситаҳои ҳимояи он аз дахолат ташкил медиҳанд[253]. С.С. Алексеев мафҳуми «воситаҳои ҳуқуқиро» ҷудо карда, онҳоро ҳамчун ҳодисаҳои объективии моддии ҳуқуқие муайян мекунад, ки хосиятҳои қайдиро дошта, истифодаи онҳо қувваи (энергияи) ҳуқуқро фаъол мегардонад, бинобар ин, ба пайдоиши воқеӣ, натиҷаи иҷтимоию иқтисодии фактӣ мусоидат мекунад ва дар ҳаёти ҷамъиятӣ самараи дилхоҳ медиҳад[254].

Дар ин таърифҳо муаллифон калимаи «восита»-ро ба маънои усули амал барои ноил шудан ба чизе, инчунин, барқарорсозии воқеии ҳуқуқи поймолшуда истифода мебаранд.

В.Н. Скобелкин маънои истилоҳҳои «восита» ва «усулҳои истифодашаванда»-ро таҳлил карда, ба хулосае меояд, ки мафҳуми «восита» фарогиртар аст: ҳар усул восита аст, аммо ягон восита роҳ нест[255]. В.И.

[252]Ниг.: Ожегов С.И., Шведова Н.Ю. Толковый словарь русского языка. – М.: АЗЪ, 1995. – С. 749.
[253]Ниг.: Толкунова В.Н. Социально-правовые проблемы труда женщин в СССР: дис… д-ра юрид. наук. – М., 1969. – С. 190.
[254]Ниг.: Алексеев С.С. Правовые средства: постановка проблемы, понятие, классификация // Советское государство и право. – 1987. – № 6. – С. 12-19.
[255]Ниг.: Скобелкин В. Н. Юридические гарантии трудовых прав рабочих и служащих в СССР: автореф. дис. ... д-ра юрид. наук. – М., 1971. – 40 с.

Симонов дар ин масъала мавқеи каме дигарро ишғол мекунад. Ба ақидаи ӯ, воситаҳо усулҳои хусусияти молумулкӣ ва усулҳо бошад, амали дорои хусусияти ғайримолумулкӣ мебошанд, бинобар ин, воситаҳо ва усулҳо низоми амалиёти дорои хусусияти молумулкӣ ва ғайримолумулкиро ташкил медиҳанд, ки ба амалишавии меъёрҳои кафолат ва ҷубронҳо нигаронида шудаанд. В.И. Симонов чунин мешуморад, ки мафҳуми «усул» васеътар аст ва ҳангоми муайян кардани моҳияти кафолатҳои меҳнатӣ бояд танҳо ба он такя намуд[256].

Дар асоси андешаҳои пешниҳодшуда, мо чунин мешуморем, ки категорияҳои «восита» ва «усул» категорияҳои ба ҳам алоқаманд буда, истифодаи онҳо барои расидан ба як ҳадаф пешбинӣ шудааст, вале дар айни замон мазмуни гуногун доранд. Зери мафҳуми воситаҳо мо таъминоти моддии амалӣ гардондани ҳуқуқ ба меҳнатро мефаҳмем, дар сурате ки усул мазмуни мурофиавӣ дорад. Ҳамин тавр, мо дар қонунгузорӣ муқаррар намудани ҷавобгариро барои поймолкунии ҳуқуқи меҳнатӣ «восита» мешуморем, дар сурате ки муроҷиат ба суд барои ҳимоя, аллакай, усули ҳимояи ҳуқуқи поймолшуда мебошад.

Аз нуқтаи назари этимологӣ вожаи «усул» маънои амал ё низоми амалҳоеро ифода менамояд, ки ҳангоми иҷрои кор истифода мешавад. Ҳамин тариқ, истилоҳи «усулҳо» бояд ҳамчун амале баррасӣ карда шавад, ки истифодаи онҳо амалишавии меъёри ҳуқуқиро дар самтҳои дахлдор таъмин менамояд. Дар мавриди таърифи мафҳуми «шарт» низ дар байни олимон андешаҳои гуногун мавҷуданд, ҳарчанд онҳо аз ҳамдигар фарқи куллӣ надоранд. Ҳамин тариқ, В.И. Симонов қайд мекунад, ки шарт бояд ҳамчун ҳолате фаҳмида шавад, ки исботи он барои таъмини амалишавии ҳуқуқҳои корманд имкон медиҳад, усуле, ки дар муносибат оид ба таъмини кафолат ва ҷуброн имкон медиҳад[257]. Л.Д. Воеводин зери истилоҳи “шарт” муҳайё кардани шароити мусоид барои амалишавии ҳуқуқу озодиҳои асосӣ ва иҷрои

---
[256]Ниг.: Симонов В.И. Понятие гарантий и компенсаций в трудовых отношениях // Трудовое право в России и за рубежом. – 2011. – № 4. – С. 49-52.
[257]Ниг.: Симонов В.И. Понятие гарантий и компенсаций в трудовых отношениях // Трудовое право в России и за рубежом. – 2011. – № 4. – С. 49-52.

ухдадориҳоро мефаҳмад[258]. А. Гавралина бошад, шартҳоро ҳамчун созишномаи муайяни тарафҳо (ризоияти корманд), ки амалишавии он амалишавии ҳуқуқҳои кормандро таъмин менамояд, муайян менамояд[259].

Ҳамин тариқ, шартҳо дар баробари воситаҳо ва усулҳо аз ҷониби қонунгузор ҳамчун ҳолате истифода мешаванд, ки кафолатҳоро тавсиф мекунанд ва ба мо имкон намедиҳанд, ки истилоҳи «шартҳо»-ро барои истинод ба кафолатҳо рад кунем. Дар Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон «шарт» ба маънои «ҳолате, ки аз он чизе вобаста аст» истифода мешавад. Ба назар бояд гирифт, ки меъёрҳое, ки кафолатҳои ҳуқуқҳои меҳнатии кормандонро муқаррар менамоянд, хусусияти ҳатмӣ ва императивиро доро мебошанд. Озодии тарафҳои шартномаи меҳнатӣ бошад, ба манфиати корманд маҳдуд карда мешавад: ба ӯ шарти меҳнат муқаррар кардан мумкин нест, ки сатҳи ҳуқуқҳои меҳнатии ӯро нисбат ба қонунгузории меҳнат паст мекунанд.

Дар омӯзиши кафолатҳои ҳуқуқи инсон гурӯҳбандии онҳо муҳим аст. Аз нуқтаи назари илмӣ методологӣ, чун анъана, низоми кафолатҳои ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд ба умумӣ (иқтисодӣ, сиёсӣ, идеологӣ) ва махсус (ҳуқуқӣ) ҷудо мешавад. Бо вуҷуди ин, амалишавии онҳо гуногун аст.

Якчанд муаллифон кафолатҳои ташкилиро вобаста ба фаъолияти мақомоти гуногуни давлат ва иттиҳодияҳои ҷамъиятиро оид ба ҳифзи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд, ҷудо мекунанд. Аммо на ҳама олимон ба мавҷудияти кафолатҳои ташкилӣ розӣ ҳастанд. Масалан, ба андешаи С.Ю. Лапин, «кафолатҳои ташкилӣ ба мафҳуми кафолатҳои махсус (ҳуқуқӣ) дохил мешаванд ва ба гурӯҳи алоҳида ҷудо кардани онҳо шарт нест»[260].

Тавассути кафолатҳои сиёсӣ ҳолат ва инкишофи низоми сиёсии ҷамъият, аз ҷумла давлат ва ҳокимияти давлатӣ муайян карда мешавад. Аз ин рӯ, кафолатҳои сиёсии ҳуқуқ тавассути самти сиёсати давлатӣ дар соҳаи меҳнат

---

[258]Ниг.: Воеводин Л.Д. Юридический статус личности в России. – М., 1997. – С. 221-229.
[259]Ниг.: Гаврилина А. Гарантии и компенсации // Хозяйство и право. – 2002. – № 9. – С. 14.
[260]Лапин С. Ю. Обеспечение доступа граждан к информации о деятельности органов государственной власти и местного самоуправления в Российской Федерации: информационно-правовой аспект: дис. ... канд. юрид. наук. – Саратов, 2011. – С. 124

ва шуғли аҳолӣ, инчунин, танзими ҳуқуқии онҳо муайян карда мешаванд. В.Е. Чиркин қайд мекунад, ки «асоси кафолатҳои сиёсӣ ҳокимияти халқ мебошад»[261]. Яъне, кафолатҳои сиёсӣ барои фароҳам овардани шароите пешбинӣ шудаанд, ки зиндагии шоиста ва рушди озодонаро таъмин намуда, амнияти умумии мардум ва ҳар як фардро таъмин кунанд.

Кафолатҳои сиёсӣ дар меъёрҳои Конститутсияи ҶТ бевосита таҷассум ёфта, дар фаъолияти ҳаррӯзаи мақомоти давлатӣ амалӣ мегарданд. Аз ин рӯ, чунин муқаррароти конститутсионӣ, ба монанди кафолатҳои сиёсии ҳуқуқ ба меҳнатро метавон ҷудо намуд:

–ташаккули давлати ҳуқуқбунёд, демократӣ ва иҷтимоӣ (моддаи 1);

– озодии фаъолияти иқтисодӣ ва соҳибкорӣ (моддаи 12);

– танзими шаклҳои гуногуни моликият (моддаи 12);

– манъи меҳнати маҷбурӣ (моддаи 35);

– музди баробар барои кори баробар (моддаи 35);

– манъи табъиз дар муносибатҳои меҳнатӣ (моддаи 35).

Ин муқарраротҳои конститутсионӣ, ҳам дар алоҳтдагӣ ва ҳам дар маҷмуъ, барои шахс имконияти машғул шудан ба фаъолияти меҳнатӣ дар асоси қобилият, маҳорат ва донишҳо замина фароҳам оварда, бо ҳамин фазоеро ба вуҷуд меорад, ки дар он шахс имкони расидан ба ташкили шароити мусоид, барои худ ва аҳли оилаашро пайдо мекунад.

Кафолатҳои иқтисодӣ барои таъмини заминаи моддии ҷамъият пешбинӣ шудаанд, ки тавассути онҳо амалишавии ҳуқуқ ва озодиҳои инсон таъмин карда мешавад. Ин кафолатҳо аз мазмуни моддаи 12 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки асосҳои иқтисодиёти кишварро тавассути ба роҳ мондани муносибатҳои бозаргонӣ, инкишофи соҳибкорӣ ва ҳифзи ҳама шаклҳои моликият муқаррар менамояд, бармеоянд. Дар ин замина, тамоюли рушди муносибатҳои иқтисодӣ дар давлат тавассути тағйир додани инфрасохтори бозор, таҳкими механизми кафолатҳо ва ҳимояи ҳуқуқҳои соҳибмулкон, соҳибкорон ва дигар категорияҳои шаҳрвандоне, ки ҳуқуқҳои

---

[261]Чиркин В.Е. Конституционное право в Российской Федерации: учебник. – М.: Юристъ, 2001. – С. 176.

конститутсионии худро амалӣ мекунанд, аҳаммияти хоса пайдо мекунад. Ба ибораи дигар, кафолатҳои иқтисодӣ (самаранокии истеҳсолоти ҷамъиятӣ ва ғ.) воқеияти ҳуқуқи рухсатиро муайян мекунанд, зеро онҳо барои ба амал баровардани он шароити моддиро ба вуҷуд меоваранд.

Кафолатҳои иҷтимоӣ барои муҳайё намудани шароити баробар ва амалӣ гардондани неруи шахсият заруранд. Онҳо ба нигоҳ доштани суботи иҷтимоӣ дар шароити муносибатҳои бозорӣ, инчунин таъмини ҳар як шахс бо сатҳи зиндагии шоиста нигаронида шудаанд. Кафолатҳои иҷтимоӣ низ аз мазмуни Конститутсия бармеоянд (эътироф намудани давлат ҳамчун давлати иҷтимоӣ, ки сиёсати он ба фароҳам овардани шароити зиндагии шоиста ва инкишофи озодонаи хар як инсонро таъмин намудан, нигаронида шудааст). Функсияҳои иҷтимоии конститутсияҳо яке аз хусусиятҳои асосӣ он мебошад, зеро маҳз Конститутсия ҳамчун қонуни асосӣ роҳҳои «шаҳрвандигардонии» ҷомеаро муайян менамояд. Вобаста ба ин хусусияти худ Конститутсия дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқиро водор месозад, ки дар ин самт инкишоф ёбанд[262].

Кафолатҳои идеологӣ аз ғояҳои ҳуқуқии ҷойдошта ва аз тарафи давлат пешбаришаванда иборат мебошанд, ки ба ташаккули ҷаҳонбинии муайян дар байни аъзои ҷомеа, инчунин, ба ташаккули фарҳанги ҳуқуқии ҳар як шахс ва тарбияи ҳуқуқии онҳо нигаронида шудаанд, зеро таълими ҳуқуқӣ вазифаи таъхирнопазири давлат дар марҳилаи бознигарии арзишҳои ҳуқуқӣ, тағйир додани самтҳои рушди ҷомеа, ислоҳоти ҷории иқтисодӣ, сиёсӣ, иҷтимоӣ мебошад[263].

*Кафолатҳои идеологӣ* ба ҷаҳонбинии инсон ва шаҳрванд, ба фарҳанги ҳуқуқӣ ва шуури ҳуқуқии онҳо дахл доранд. Чи тавре, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомали Раҳмон зимни ироаи Паёми худ ба Маҷлиси Олии

---

[262]Ниг.: Сулаймонов Ф.С. Конституционные аспекты регулирования отношений собственности в Республике Таджикистан Проблемы правового воспитания и пути их решения // Материалы Международной научно-практической конференции на тему: «Развитие конституционализма в Таджикистане в периол независимости» / Под ред. А.М. Диноршоев. – Душанбе: Голд-принт, 2014. – С. 150.

[263]Ниг.: Насурдинов Э.С. Проблемы правового воспитания и пути их решения // Материалы Международной научно-практической конференции на тему: «Развитие конституционализма в Таджикистане в период независимости» / Под ред. А.М. Диноршоев. – Душанбе: Голд-принт, 2014. – С. 12.

Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 декабри соли 2023 қайд намуданд «Дар раванди бунёди ҷомеаи пешрафта ва адолатпарвар масъалаи ташаккули маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон нақши калидӣ дорад. Амалӣ намудани меъёрҳои Конститутсия ба мо имкон дод, ки пояҳои устувори ҷомеа ва давлатро созмон диҳем, сулҳу оромӣ, суботи сиёсӣ ва ваҳдати миллиро таҳким бахшем, рушди устувори иқтисодии кишварамонро таъмин намоем, барои ҳар як шаҳрванди мамлакат шароити зиндагии арзанда ва инкишофи озодонаро муҳайё созем»[264].

Дар ин замина маърифати ҳуқуқӣ ва фарҳанги ҳуқуқии намояндагони корфармоён-ташкилотҳо ва корфармоён-шахсоне, ки аксар вақт ҳуқуқи меҳнатии кормандон ва кафолатҳои ҳуқуқии онҳоро сарфи назар мекунанд, аҳаммияти хоса дорад.

Дар асоси гуфтаҳои боло хулоса баровардан мумкин аст, ки аҳаммияти кафолатҳои умумии ҳуқуқ ба меҳнат дар он ифода меёбад, ки инкишофи муносибатҳои сиёсӣ, иҷтимоию иқтисодӣ ва идеологӣ воқеияти ҳуқуқу озодиҳои эълоншударо таъмин менамояд.

Барои таъмини ҳуқуқ ба меҳнат, кафолатҳои ҳуқуқӣ нақши муҳим доранд. Маҳз кафолатҳои ҳуқуқӣ бевосита раванди амалишавии ин ҳуқуқро таъмин мекунанд. ***Кафолатҳои ҳуқуқӣ (қонунӣ)*** маҷмуи воситаҳо ва усулҳои махсуси ҳуқуқие мебошанд, ки ба воситаи онҳо ҳуқуқу озодиҳо амалӣ, ҳифз ва ҳимоя, рафъи вайронкунии онҳо, барқарор кардани ҳуқуқҳои поймолшуда амалӣ карда мешаванд[265]. Кафолатҳои ҳуқуқӣ ин меъёрҳои ҳуқуқие (ҳатмӣ, иҷозатдиҳанда ва манъкунанда) мебошанд, ки воситаҳои таъмини амалӣ ва ҳифзи ҳуқуқу уҳдадориҳои субъективиро таъмин намуда, дар шакли иҷозат, дастур, манъкунӣ ифода ёфтаанд.

Г.Н. Комкова иброз менамояд, ки кафолатҳои ҳуқуқӣ аз муҳайё намудани муҳити муътадили ҳуқуқӣ барои амалӣ гардондани ҳуқуқу

---

[264] Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» аз 28-уми декабри соли 2023. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.president.tj. (санаи муроҷиат: 30.12.2023 с.).
[265]Ниг.: Глотов С.А., Миронов О.О., Фомиченко М.П., Шаклеин Н.И. Права человека в международном и российском праве: курс лекций / отв. ред. О.О. Миронов. – М., 2007. – С. 56.

озодиҳои инсон иборатанд. Давлат бо қабули қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ қоидаҳои аниқ ва дақиқро таъмин менамояд, ки онҳоро на танҳо шаҳрвандони давлат, балки ҳамаи шахсони мансабдор, мақомоти давлатӣ ва иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ бояд риоя кунанд. Дар баробари ин, худи санадҳои меъёрӣ бояд ба Конститутсияи кишвар мутобиқат намуда, фаҳмо бошанд ва ба меъёрҳои он мухолифат накунанд[266]. Дар асоси ин, як қатор муҳаққиқон хусусиятҳои зерини кафолатҳои ҳуқуқиро муайян мекунанд:

Якум, кафолатҳои ҳуқуқии амалишавии ҳуқуқу озодиҳои асосиро салоҳияти мақомоти давлатӣ, мақомоти худидоракунии маҳаллӣ, ташкилотҳои ҷамъиятию сиёсӣ ва шахсони мансабдор оид ба ҳалли масъалаҳои марбут ба татбиқи вазъи ҳуқуқии шахс, ки ба ин мақомот ва шахсони мансабдор ваколатҳои заруриро вогузор мекунанд, муайян менамояд.

Дуюм, мақомоти давлатӣ, мақомоти худидоракунии маҳаллӣ, ташкилотҳои ҷамъиятию сиёсӣ ва шахсони мансабдори дорои салоҳияти дахлдор уҳдадоранд, ки маҷмуи тадбирҳои дар қонун зикргардидаро барои таъмини амалишавии вазъи ҳуқуки шахс татбиқ намоянд.

Сеюм, муқаррар намудани ҷавобгарӣ нисбати мақомоти давлатӣ, мақомоти худидоракунии маҳаллӣ, ташкилотҳои ҷамъиятию сиёсӣ ва шахсони мансабдор барои иҷро накардан ё сари вақт иҷро накардани вазифаҳои вобаста ба амалишавии ҳуқуқу озодиҳои инсон.

Чорум, мақомоти ваколатдори давлатӣ, мақомоти худидоракунии маҳаллӣ, ташкилотҳои иҷтимоию сиёсӣ ва шахсони мансабдор уҳдадоранд, ки ҳуқуқу озодиҳои поймолшудаи шахсро барқарор намоянд, ҷуброни зарари маънавӣ ва моддие, ки расонида шудааст, баргардонанд ва шахсони гунаҳгорро ба ҷавобгарии ҳуқуқӣ кашанд.

Бешубҳа, нақши кафолатҳои ҳуқуқӣ дар амалишавиии ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд калон аст, зеро мавҷудияти қонунгузории амалкунанда

[266]Комкова Г. Н. Конституционные гарантии прав человека в России: понятие и классификация // Известия высших учебных заведений. Поволжский регион. Серия Общественные науки. Право. – 2016. – № 3 (39). – С. 36.

барои қонеъ гардонидани талаботи гуногуни инсон ва шаҳрванд мусоидат мекунад. Дар баробари ин, кафолати ҳуқуқҳои инсон ва шаҳрванд танҳо дар сурате таъмин мегардад, ки ҳуқуқи вайроншуда фавран ва пурра барқарор карда шавад. Ба ибораи дигар, кафолатҳои ҳуқуқӣ, аз як тараф, шароит ва воситаҳои таъмини иҷтимоӣ-иқтисодӣ, сиёсӣ, фарҳангӣ, ташкилию техникии ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсонро «ташаккул» медиҳанд, аз тарафи дигар, ҳамчун шартҳои умумӣ ва махсуси ҳуқуқӣ, воситаҳои таъмин ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои шахс аҳаммияти мустақил доранд.

Дар адабиёти ҳуқуқӣ аз ҷониби муҳаққиқон кӯшиши ҷудо кардани ин намуди кафолатҳо нисбати ҳуқуқ ба меҳнат карда шудааст. Масалан, як қатор муаллифон кафолатҳои ҳуқуқиро ба кафолатҳое, ки амалишавии онро таъмин мекунанд ва онро ҳифз менамоянд, ҷудо кардаанд.

Е.Н. Хазов қайд менамояд, ки “амалишавии кафолатҳои ҳуқуқӣ ба истифода бурдани ҳуқуқҳо аз ҷониби шаҳрвандон, иҷрои вазифаҳояшон ва қонунӣ ба ҷавобгарӣ кашидани онҳо нигаронида шудааст. Кафолатҳои ҳимоякунанда, чун қоида, дар сурати вайрон кардани вазъи ҳукуқи шахс, ба вуҷуд омадани монеаҳо дар истифодаи он татбиқ карда мешавад”[267].

Г.Н. Комкова дар робита ба ин қайд мекунад, ки «дар байни кафолатҳои ҳуқуқӣ метавон заминаи воқеии мавҷудаи қонунгузориро, ки ба шаҳрвандон амалӣ намудани ҳимояи ҳуқуқҳояшонро тавассути низоми мақомоти давлатӣ имкон медиҳад, инчунин, технологияҳои ҳуқуқии таъмин ва ҳифзи ҳуқуқи инсонро муайян намудан мумкин аст. Дар байни кафолатҳои ҳуқуқии ҳуқуқу озодиҳо шароити татбиқи қонунии онҳо (кафолатҳои амалишавии ҳуқуқҳо) ва воситаҳои ҳимояи онҳо (кафолатҳои ҳимояи ҳуқуқҳо) фарқ карда мешаванд[268].

Ҳамин тариқ, ба гурӯҳи якум меъёрҳое, ки ҳудуди татбиқи ҳуқуқу озодиҳоро муайян мекунанд; танзими онҳо дар қонунгузории ҷорӣ; фактҳои

---

[267] Хазов Е.Н., Дорожко Ф.Л. Особенности и классификация юридических гарантий прав, свобод и обязанностей человека и гражданина в России // Вестник Московского университета МВД России. – 2009. – № 8. – С. 141-142.

[268] Ниг.: Комкова Г. Н. Конституционные гарантии прав человека в России: понятие и классификация // Известия высших учебных заведений. Поволжский регион. Серия Общественные науки. Право. – 2016. – № 3 (39). – С. 36.

ҳуқуқӣ, ки бо соҳибӣ ва истифодаи бевоситаи онҳо алоқаманданд; шаклҳои мурофиавии амалишавӣ; чораҳои ҳавасмандкунӣ ва имтиёзҳо барои ҳавасмандгардонии татбиқи қонунии онҳо дохил мешаванд.

Гурӯҳи дуюми кафолатҳои ҳуқуқиро «механизмҳо ва институтҳои ҳимояи ҳуқуқу озодиҳо ташкил медиҳанд, аз қабили назорат ва контроли конститутсионӣ; чораҳои ҳимоя ва чораҳои ҷавобгарӣ нисбат ба шахсоне, ки барои вайрон кардани ҳуқуқу озодиҳои шахсӣ айбдор мешаванд; шаклҳои мурофиавии амалигардонии назорат ва контрол; воситаҳои огоҳкунӣ ва пешгирии вайронкунии ҳуқуқҳои шахс ва дигар чораҳои муқаррарнамудаи қонун[269].

Дар асоси гуфтаҳои боло метавон хулоса кард, ки кафолатҳои ҳуқуқӣ як низоми дуҷонибаи таъмини ҳуқуқи инсон – танзими меъёрӣ ва ташкили механизмҳое, ки барои барқарор кардани ҳуқуқҳои поймолшуда ва ба ҷавобгарӣ кашидани шахсони содиркардаи ин ҳуқуқвайронкуниҳо нигаронида шудаанд.

Дар илм нуқтаҳои назари гуногун оиди ба намудҳои муайян ҷудо намудани кафолатҳо ҷой дорад. Ҳамин тавр, О.В. Смирнов кафолатҳоро аз рӯи мазмун ва усулҳои амалишавии онҳо гурӯҳбандӣ карда, ба кафолатҳои зерин ҷудо кардааст:

а) моддӣ;

б) мурофиавӣ;

в) иҷтимоӣ-ҳуқуқӣ, яъне он ҳуқуқҳое, ки бо амалишавии функсияҳои муҳофизатии иттифоқҳои касаба алоқаманданд [270].

Ғайр аз ин, ӯ кафолатҳои ҳуқуқҳои меҳнатиро аз рӯи таъиноташон ба намудҳои зерин тақсим намудааст: а) кафолатҳои амалишавии ҳуқуқҳои меҳнатӣ; б) кафолатҳои ҳифзи ҳуқуқҳои меҳнатӣ.

Ба кафолатҳои амалишавии ҳуқуқҳои меҳнатӣ О.В. Смирнов, аз ҷумла, ҳуқуқи корманд барои бо ташаббуси худ бекор кардани шартномаи меҳнатӣ,

---

[269] Мигачев Ю.И. Понятие и виды юридических гарантий // Государство и право. – 2000. – № 11. – С. 96-98.
[270]Ниг.: Смирнов О.В. Гарантии трудовых прав рабочих и служащих по КЗоТ РСФСР 1922 года // КЗоТ РСФСР 1922 года и современность. Тр. ВЮЗИ. – М., 1974. – Т. 35. – С. 44-46.

зиёд кардани музди корӣ аз ҳисоби изофакорӣ ва рӯзҳои идро дохил менамояд. Кафолатҳои ҳифзи ҳуқуқҳои меҳнатӣ уҳдадории маъмурияти корхона ё муассисаро дар бобати бо мақомоти давлатӣ мутобиқ кардани фаъолитяи худ, номгӯи асосҳои қатъиян муайяншудае, ки маъмурият аз рӯи онҳо кормандонро аз кор озод карда, ба ҷавобгарӣ кашида метавонад, дар бар мегирад [271].

Дар ин маврид таснифоти кафолатҳои ҳуқуқ ба меҳнат ба маънои васеъ пешниҳод карда мешавад, ки сазовори таваҷҷуҳи хосса аст.

Дар назарияи ҳуқуқи кафолатҳои ҳуқуқ ба меҳнат дар шакли маҳдуд низ тасниф мешаванд, яъне ба кафолатҳои пардохтӣ ва кафолати иловапулӣ ба корманд додашуда, то ба камшавии музди меҳнат роҳ надиҳанд[272].

В.И. Симонов кафолатҳоро аз рӯи ин гурӯҳбандӣ мекунад:

1) шартҳои таъмини онҳо ба кормандон;

2) воситаҳои таъмини онҳо;

3) хусусиятҳои субъектҳои муносибатҳо оид ба додани кафолат;

4) мақсади банақшагирии онҳо.

*Аз рӯи намудҳо (шаклҳо)-и таъмини кормандон кафолатҳо* ба кафолатҳои молумулкӣ (дар шакли пулӣ) ва ғайримолумулкӣ (дар шакли ғайрипулӣ), ки характери умумӣ ва махсус доранд ҷудо мешаванд.

*Аз рӯи асосҳои субъективӣ* кафолатҳои умумӣ ва махсус ҷудо карда мешаванд. Ба кафолатҳои умумӣ онҳое дохил мешаванд, ки ҳангоми иштирок дар муомилоти коллективӣ, таҳияи лоиҳаи шартномаи коллективӣ, созишнома, барои ба кор қабул кардан, ба кори дигар гузаронидан, коркарди маълумоти шахсии корманд, муқаррар намудани вақти корӣ, вақти истироҳат, ҳифзи меҳнат ва дар дигар ҳолатҳо пешниҳод карда мешаванд. Кафолатҳои махсус онҳое мебошанд, ки бо хусусиятҳои танзими ҳуқуқии меҳнати категорияҳои алоҳидаи кормандон алоқаманданд.

---

[271]Ниг.: Ҳамон ҷо. С. 44-46.

[272]Ниг.: Каринский С.С. Правовая природа гарантийных и компенсационных выплат, предусмо-тренных трудовым законодательством // Уч. зап. ВНИИСЗ. – М., 1966. – Вып. 8. – С. 125-126.

Бо мақсади пешбинишуда кафолатҳо вобаста ба намуди муносибатҳои ба предмети ҳуқуқҳои меҳнатӣ дохилшаванда тақсим карда мешаванд:

а) муносибатҳое, ки то муносибатҳои меҳнатӣ ба вуҷуд меоянд;

б) муносибатҳои меҳнатӣ ва дигар муносибатҳои ба он алоқаманд;

в) муносибатҳое, ки аз муносибатҳои меҳнатӣ бармеоянд[273]

Таснифи нисбатан ҷолиби кафолатҳои ҳуқуқ ба меҳнатро В.Н. Скобелкин манзур менамояд, ки ба се гурӯҳ ҷудо мешаванд:

1) кафолатҳое, ки ворид шудан ба муносибатҳои ҳуқуқиро таъмин мекунанд;

2) кафолатҳои таъмини амали бемамонияти ҳуқуқҳои меҳнатӣ дар муносибатҳои ҳуқуқӣ;

3) кафолатҳое, ки барқарор намудани ҳуқуқҳои вайроншударо таъмин менамоянд[274].

Дар асоси андешаҳои боло ва таҳлили қонунгузории дохилии меҳнат мо ба хулосае омадем, ки кафолатҳои таъмин ва амалишавии ҳуқуқ ба меҳнатро метавон ба се гурӯҳ ҷудо кард:

1. Кафолатҳое, ба муносибатҳои томеҳнатӣ тааллуқ доранд;
2. Кафолатҳое, ки дар раванди фаъолияти меҳнатӣ амалӣ мешаванд;
3. Кафолатҳое, ки барқарор намудани ҳуқуқҳои поймолшудаи меҳнатиро таъмин мекунанд.

Акнун, мо намудҳои муайяни кафолатҳои ҳуқуқҳои меҳнатиро мухтасар дида мебароем.

Чи тавре маълум аст, раванди ба амал баровардани ҳуқуқи шахсро ба меҳнат ба якчанд марҳала ҷудо намудан мумкин аст. Яке аз онҳо ҷустуҷӯ ва интихоби озоди кор, инчунин, иҷрои амалҳои муайяне мебошад, ки ба бастани шартномаи меҳнатӣ бо корфармои эҳтимолӣ нигаронида шудааст ва ин яке аз воситаҳои асосии пайдоиши муносибатҳои меҳнатӣ мебошад. К.Н. Гусов қайд менамояд, ки «шартномаи меҳнатӣ ҳолати ҳуқуқии шаҳрвандро

---

[273] Ниг.: Симонов В.И. Реализация права на гарантии и компенсации в трудовых отношениях: автореф. дис. ... канд. юрид. наук. – М., 2011. – С. 21-23.

[274] Ниг.: Скобелкин В.Н. Юридические гарантии трудовых прав рабочих и служащих в СССР: автореф. дис. ... д-ра юрид. наук. – М., 1971. – С. 13, 17-20, 22, 26, 29.

ҳамчун иштирокчии кооператсияи меҳнатӣ ва ҳамчун корманди ин коллективи меҳнатӣ муайян мекунад. Шаҳрванд танҳо ҳангоми бастани шартномаи меҳнатӣ узви коллективи ин ташкилот мегардад ва ба қоидаҳои тартиботи дохилии меҳнатӣ ва интизоми меҳнат итоат мекунад»[275].

Дар баробари ин, чунин саволи муҳимме ба миён меояд: то бастани шартномаи меҳнатӣ кадом ҳолатҳо ҷой дошта метавонанд? Корманд пеш аз бастани шартномаи меҳнатӣ пешниҳоди корро дида мебарояд, маълумотнома тартиб медиҳад, аз мусоҳиба мегузарад, ки аз рӯи натиҷаи он корфармо дар бораи ба кор қабул кардан ё накардан қарор қабул менамояд. Аммо қонунгузорӣ ягон тартиби мушаххаси пеш аз бастани шартномаи меҳнатиро бо тартиби расмӣ муқаррар накардааст. Дар айни замон ин расмиётро қонун танҳо ҳангоми бастани навъҳои алоҳидаи шартномаҳои меҳнатӣ танзим мекунад: масалан, дар мавриди интихобот ба вазифа, интихоб аз рӯи озмун, ба вазифа таъин шудан.

Бо вуҷуди ин, муқаддимаи Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон вазифаҳои асосии қонунгузории меҳнатиро муқаррар кардааст, ки он ба танзими на танҳо муносибатҳои меҳнатӣ, балки дигар муносибатҳои бевосита ба он алоқаманд, аз ҷумла муносибатҳои меҳнатӣ бо корфарморо ифода менамояд, ки ба гурӯҳи муносибатҳои томеҳнатӣ тааллуқ доранд.

Тавре таҷриба дар ин самт нишон медиҳад, аз сабаби мавҷуд набудани танзими дақиқи ҳуқуқӣ аз ҷониби корфармоён дар муносибатҳои меҳнатӣ ба қонуншиканиҳои гуногун роҳ дода мешавад. Маъмултарини он муқаррар кардани талаботи табъиз барои ба кор қабул шудан мебошад. Масалан, таблиғҳои қабул ба кор аксар вақт талаб мекунанд, ки довталаб ба ҷойи кори холӣ мард бошад, ки ба мазмуну моҳияти кор рабте надорад.

Муқаррар намудани ин талабот дидаю дониста вайрон кардани меъёрҳои конститутсионӣ (моддаи 17 ва қисми 2 моддаи 35) мебошад, ки ҳуқуқу озодиҳои баробар ва имкониятҳои баробарро барои амалишавии онҳо муқаррар менамояд. Дар моддаи 7 Кодекси меҳнати Ҷумҳурии

[275] Гусов К.П., Толкунова В.И. Трудовое право России. – М., 2004. – С. 181.

Тоҷикистон омадааст, ки «ҳамаи шаҳрвандон ҳуқуқи баробари меҳнат доранд, табъиз дар муносибатҳои меҳнатӣ манъ аст. Ҳама гуна тафовут, истисно ё афзалият, новобаста аз миллат, нажод, ҷинс, забон, дин, ақидаҳои сиёсӣ, вазъи иҷтимоӣ, таҳсилот, молу мулк, ки боиси вайрон кардани баробарии имкониятҳо дар соҳаи меҳнат мегардад, манъ аст»[276].

Ҳамин тариқ, чунин талабот кафолатҳои яке аз ҳуқуқҳои бунёдии инсонро, ки ҳам дар санадҳои байналмилалӣ ва ҳам дар қонунгузории миллии кишвари мо ифода ёфтааст, поймол намуда, бо ин ҳама дигар кафолатҳои ҳуқуқии ҳуқуқ ба меҳнатро ба як эъломияи амалинашаванда табдил медиҳад.

Дар Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон кафолатҳо ҳангоми бастани шартномаи меҳнатӣ, пешбинӣ шудаанд, ки дар онҳо манъи беасос рад кардани бастани шартномаи меҳнатӣ (моддаи 22) пешбинӣ шудааст. Ҳангоми бастани шартномаи меҳнатӣ ба ҳама гуна маҳдудкунии бевосита ё ғайримустақим ҳуқуқҳо ё муқаррар намудани афзалиятҳои мустақим ё ғайримустақим роҳ дода намешавад. Аммо бидуни танзими дақиқи расмиёти дахлдор далели вайрон кардани ин кафолатҳо ва беасос будани рад кардани бастани шартномаи меҳнатӣ қариб ғайриимкон аст.

Чунин ба назар мерасад, ки қонунгузорӣ бояд тартиби пешниҳоди корро дар шакли хаттӣ бо тасдиқи он ки номзади дахлдор ин пешниҳодро фиристода ва гирифтааст, дақиқтар танзим кунад. Ба ибораи дигар, бақайдгирии хаттии қонунан ҳатмии тамоми марҳилаҳои қабул ба кор, то огоҳии хаттии шаҳрванд дар бораи сабабҳои рад кардани бастани шартномаи меҳнатӣ бо ӯ, ба андешаи мо, бояд дар Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон инъикос ёбанд. Чунин қарор дар робита ба густариши муоширати маҷозӣ дар марҳилаи кунунии байни корфармои эҳтимолӣ ва довталаб барои ишғоли вазифаи мувофиқ тавассути воситаҳои электронии алоқа ба ҷои тамоси шахсӣ бо ӯ аҳаммияти хоса дорад.

---

[276]Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23 июли соли 2016, № 1329 // АМОҶТ с. 2016, №7, мод. 604.

Барои пешгирии табъизи «пинҳонӣ» ҳангоми ҳалли масъалаи ба кор қабул кардан мо, зарур мешуморем, ки қоидаеро, ки аз шахсе, ки барои кор қабул шудан муроҷиат намудааст, ба ғайр аз онҳое, ки дар Кодекс ё дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ пешбинӣ шудаанд, санадҳое, ки номатлуб будани талаб кардани маълумоти шахсиро нишон медиҳанд (масалан, маълумот дар бораи молу мулк, вазъи оилавӣ, ҳузури фарзандон ва ғайра) манъ намояд.

Гурӯҳи дуюми кафолатҳоро кафолатҳое ташкил медиҳанд, ки амалишавии ин ҳуқуқро дар раванди фаъолияти меҳнатӣ таъмин менамоянд. Ин низоми кафолатҳо васеътар буда, ба таъмини иҷрои ду ҷузъ: шароити зарурии меҳнат ва ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои кормандон ва корфармоён нигаронида шудааст.

Ҳамин тавр, Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон меъёрҳоеро дар бар мегирад, ки мақсади онҳо фароҳам овардани шароити мусоиди меҳнат, таъмини ҳифз ва ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои кормандон ва корфармоён мебошад. Бар хилофи Кодекси пештара Кодекси амалкунанда муносибатҳоеро, ки ба муносибати аз тарафи корманд ба амал баровардани ҳуқуқи меҳнат ба миён меоянд, муфассалтар танзим мекунад, ба монанди кафолатҳои давлатӣ барои ташкили меъёри меҳнат (моддаи 133-и Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон), кафолатҳои музди меҳнат (моддаи 140), кафолатҳои давлатӣ оид ба музди меҳнати кормандон (моддаи 141), кафолатҳо ҳангоми ба кори дигари доимии каммузд гузаронидани корманд (моддаи 167), кафолатҳо барои категорияҳои алоҳидаи кормандон (моддаи 171) ва ғайра.

Дар Кодекс ба масъалаи ҳифзи ҳуқуқҳои меҳнатии шаҳрвандон низ диққат дода шудааст. Ҳамин тариқ, он самтҳои асосии сиёсати давлатӣ дар соҳаи ҳифзи меҳнат, талаботи меъёрӣ оид ба ҳифзи меҳнат, уҳдадориҳои корфармо оид ба таъмини шароити бехатар ва ҳифзи меҳнат, масъулияти корманд дар соҳаи ҳифзи меҳнат, кафолатҳои ҳуқуқи кормандон барои кор кардан дар шароите, ки ба талаботи муҳофизати меҳнат мувофиқанд ва ғайраро дар бар мегирад.

Ҳуқуқи конститутсионии кормандон ба меҳнат дар шароите, ки ба талаботи ҳифзи меҳнат мувофиқат мекунад, на танҳо дар Кодекси меҳнат пешбинӣ шудааст, балки бо таъмини кафолатҳои давлатии ин ҳуқуқ (моддаҳои 340-344 КМ ҶТ), ки ба зиммаи корфармо уҳдадории таъмини шароити бехатар ва ҳифзи меҳнат гузошта шудааст (моддаи 331), пешбинӣ мегардад.

Ҳамин тариқ, шароити меҳнатие, ки дар шартномаи меҳнатӣ пешбинӣ шудааст, бояд ба талаботи ҳифзи меҳнат мувофиқат кунад. Ин маънои онро дорад, ки корфармо (шахси ҳуқуқӣ ё воқеӣ) ҳангоми бастани шартномаи меҳнатӣ бо корманд на танҳо уҳдадор мешавад, ки кормандро мувофиқи вазифаи муқарраршудаи меҳнатӣ ба кор таъмин намояд ва музди меҳнатро сари вақт ва пурра диҳад, балки шароити меҳнатро, ки қонунгузории меҳнат ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии дорои меъёрҳои ҳуқуқи меҳнат, созишномаи коллективӣ, созишномаҳо, санадҳои меъёрии ҳуқуқии маҳаллӣ, шартномаи меҳнатӣ пешбинӣ кардаанд, таъмин намояд. Корфармо ҳуқуқ надорад аз корманд иҷрои кор, аз ҷумла корҳои шароити меҳнати зараровар ё хавфнокеро, ки дар шартномаи меҳнатӣ пешбинӣ нагардидааст, талаб намояд, ба коре гузаронидан ва сафарбар намудани кормандро ба коре, ки аз руйи вазъи саломатӣ барояш манъ аст ва ғ. талаб намояд. Корфармо вазифадор аст, ки талаботи муқаррарнамудаи қонунгузорӣ оид ба низоми меҳнат ва истироҳати кормандон, инчунин, дигар талаботи муқаррарнамудаи қонунҳо ва қоидаҳои ҳифзи меҳнатро риоя намояд.

Категорияи сеюми кафолатҳо ба таъмини барқарор намудани ҳуқуқҳои меҳнатии поймолшудаи кормандон нигаронида шуда, як қатор ҷиҳатҳоро дар бар мегирад. Ин кафолатҳо, пеш аз ҳама, усулҳо ва механизмҳои ҳимоя ва барқарор кардани ҳуқуқҳои поймолшударо бо ҳама воситаҳои манънакардаи қонун, аз ҷумла худмуҳофизатӣ, тафтишоти давлатӣ (назоратӣ) оид ба риояи қонунгузории меҳнат ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқие, ки меъёрҳои ҳуқуқ ба меҳнат ва ҳимояи судиро дар бар мегиранд, муайян мекунанд.

Ҷанбаи дуюми ин категорияи кафолатҳо дар худ ҷавобгариро барои вайрон кардани қонунгузории меҳнатӣ фаро мегирад. Масалан, дар сурати вайрон кардани талаботи меъёрии давлатӣ оид ба ҳифзи меҳнат ба корфармо чунин намуди ҷазо, ба монанди боздошти маъмурии фаъолият ё чунин чораи таъмини пешбурди парвандаҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ба сифати муваққатан манъ кардани фаъолият татбиқ мегардад. Инчунин дар сурати расонидани зарар ба ҳаёт ва саломатии корманд ҳангоми иҷрои уҳдадориҳои меҳнатиаш ҷуброни зарари расонида анҷом дода мешавад (моддаи 343 Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон).

Хулоса, зери мафҳуми кафолатҳои ҳуқуқӣ-давлатии ҳуқуқ ба меҳнат воситаҳо, усулҳо ва шартҳои дар қонунгузории меҳнат муқарраргардида фаҳмида мешавад, ки тавассути онҳо амалишавии ҳуқуқҳои ба кормандон дар соҳаи меҳнат додашуда бевосита таъмин мегарданд.

Ҳамин тавр, кафолатҳои таъмин ва амалишавии ҳуқуқ ба меҳнатро ба се гурӯҳ тақсим кардан мумкин аст: кафолатҳое, ки асоси муносибатҳои меҳнатиро ташкил медиҳанд; кафолатҳое, ки дар ҷараёни фаъолияти меҳнатӣ ба амал бароварда мешаванд ва кафолатҳои таъмини барқароркунии ҳуқуқҳои вайроншудаи меҳнатӣ.

### 2.3. Маҳдудсозии ҳуқуқӣ-конститутсионии ҳуқуқи шахс ба меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

Алоқаи мутаносиб дар байни ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд ва фаъолияти давлат яке аз масъалаҳои муҳимми ҳуқуқи конститутсионӣ ба ҳисоб меравад. Яқин аст, ки дар раванди амалишавии ҳуқуқу озодиҳои инсон манфиатҳои гуногун бо ҳам бархӯрд менамоянд, аз ҷумла манфиатҳои соҳибони дигари ин ҳуқуқҳо, ҷомеа ва дар маҷмуъ давлат. Бо ин назардошт, алоқаи мутақобилаи фаъолияти муътадили ҷомеа, аз як тараф ва озодии шахс аз тарафи дигар, зарурат пеш меоранд, то ба таври табиӣ ва объективӣ ҳудуди ҳуқуқҳои бунёдӣ, шартҳои татбиқи онҳо ва роҳҳои ҳалли ихтилофҳои эҳтимолии манфиатҳо муайян карда шаванд.

Ю.В. Тихонравов дуруст ишора менамояд, ки мураккабӣ дар масъалаи мазкур бо мухолифати афзалиятҳо алоқамандӣ дорад: аз як тараф, одамон бо мақсади ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои худ давлатро бунёд менамоянд, аз тарафи дигар «давлат ҳамчун ҷавоб ба зиндагӣ карда натавонистани ҷомеаи инсонӣ бе қувва ва маҳдудияти он ба вуҷуд омада, гӯё ба як зуҳуроти олии ташкили ҷомеа ва тартиботи ҷамъиятӣ мубаддал гашта, кафили ягонаи амният, субот ва рушд мегардад»[277]. А.М. Диноршоҳ қайд менамояд, ки «инсоният дар масири таърих пайваста талош менамуд, то роҳу воситаҳои ташаккулёбии муносибати байни шахс ва ҳокимиятро пайдо намояд. Бо инкишоф ёфтани ҷомеа ва баланд гардидани шуури ҳуқуқӣ ғояи маҳдуд сохтани қудрат ва омода кардани қоидаҳои амиқ, ки дар доираи онҳо муносибатҳои байни шахс ва давлат танзим карда мешаванд, ба таври возеҳ равнақ пайдо намудаанд»[278]. Дар воқеъ, маҳдуд кардани ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд аз ҷониби давлат яке аз масъалаҳои муҳимми сиёсӣ ва ҳуқуқӣ ба ҳисоб меравад, ки дар масири таърих пайваста мавриди пайгирӣ қарор дошт, зеро бо роҳи қонунӣ маҳдуд кардани ҳуқуқу озодиҳои инсон ҳам барои давлатҳои ҷудогона ва ҳам барои ҷомеаи байналмилалӣ аз аҳаммият орӣ набуд.

Мафҳуми «маҳдуд кардани ҳуқуқи инсон» дар илми ҳуқуқи конститутсионӣ дар се даҳсолаи охир бештар равнақ ёфт, яъне пас аз пош хурдани Иттиҳоди Шуравӣ давлатҳои пасошуравӣ, аз ҷумла Ҷумҳурии Тоҷикистон аз консепсияи шуравии ҳуқуқи инсон дур шуда, модели нави муносибати байни давлат ва шахсро, ки дар заминаи консепсияи ҳуқуқҳои фитрӣ бунёд гардидааст, ба роҳбарӣ гирифтанд. Бо вуҷуди ин, муҳаққиқони ватанӣ ишора менамоянд, ки ҳангоми танзимсозии ҳуқуқҳои инсон дар Тоҷикистон, махсусан ҳуқуқҳои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ конститутсияҳои қаблии кишвар нақши муассири худро гузоштанд[279].

---

[277] Тихонравов Ю. В. Основы философии права. – М., 1997. – С. 331-332.
[278] Диноршоев А.М. История прав человека. Учебник для вузов. – Душанбе, 2016. – С. 16-17.
[279] Ниг.:Диноршоев А.М., Сафаров Б.А. Формирование прав человека в Таджикистане: История и современность. – Волгоград, 2014. – 295 с.

Дар Конститутсияи амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон чандин маврид вожаи «маҳдуд кардан» нисбат ба ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд мавриди истифода қарор гирифтааст, аз ҷумла дар қисми 3-и моддаи 14, моддаҳои 32, 35, 47. Нақши марказиро дар ин маврид қисми 3 моддаи 14 Конститутсия иҷро менамояд, ки мутобиқи он, «маҳдуд кардани ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд танҳо ба мақсади таъмини ҳуқуқ ва озодии дигарон, тартиботи ҷамъиятӣ, ҳимояи асосҳои сохтори конститутсионӣ, амнияти давлат, мудофиаи мамлакат, ахлоқи ҷомеа, сиҳатии аҳолӣ ва тамомияти арзии ҷумҳурӣ раво дониста мешавад»[280]. Меъёри мазкур талаботи асосиро нисбат ба институти маҳдуд кардани ҳуқуқу озодиҳои инсон муқаррар намуда, шартҳои умумӣ, асосӣ ва конститутсионии онро пешбинӣ менамояд, ки дар заминаи он қонунҳо маҳдудиятро нисбат ба ҳамаи ҳуқуқу озодиҳо муайян менамоянд.

Дар ҳамин замина бояд ишора намуд, ки Конститутсия ва қонунгузории ҷории кишвар мафҳуми маҳдудкунии ҳуқуқи инсонро пешбинӣ наменамоянд, ки ин боиси номуайянии мазмуни он ва рӯйи кор омадани гуногунандешиҳо перомуни ин падидаи ҳуқуқӣ гардидааст. Маҳз бо ҳамин назардошт дар илми ҳуқуқи конститутсионӣ мафҳуми ягонаи маҳдудкунии ҳуқуқи инсон аз нигоҳи конститутсионӣ ҷой надорад. Муайян намудани мафҳуми конститутсионии «маҳдудкунии ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд» на танҳо аҳаммияти муҳимми илмӣ ва назариявӣ дорад, балки аҳаммияти амалӣ низ дошта, барои аз байн бурдани зиддиятҳо дар байни меъёрҳои Конститутсия ва қонунҳои кишвар, решакан намудани мушкилот дар татбиқи меъёрҳои қонунҳо, ки марбут ба ҳолати мазкур мебошанд, инчунин, барои бартараф намудани маҳдудкуниҳои ғайриконститутсионии ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд мусоидат менамояд.

Масъалаи мазкурро П.А. Исозода мавриди таҳлил қарор дода, иброз менамояд, ки дар санадҳои байналмилалӣ оид ба ҳуқуқи инсон мафҳуми ягонаи

---

[280] Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 ноябри соли 1994 бо тағйиру иловаҳо аз 26 сентябри соли 1999, 22 июни соли 2003 ва 22 майи соли 2016 (бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ). – Душанбе: «Ганҷ», 2016. – 136 с.

«маҳдудкунии ҳуқуқ» ҷой надошта, се навъ шарҳ дода мешавад. Аз ҷумла, истилоҳи «маҳдудият» дар Эъломияи умумии ҳуқуқи башар (банди 2, моддаи 29) ва Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ (моддаи 4), истилоҳи «дур кардани давлат аз уҳдадориҳои худ» дар Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои шахсӣ ва сиёсӣ (моддаи 4) ва истилоҳи «боз доштани кафолат» дар Конвенсияи амрикоӣ оид ба ҳуқуқи инсон (моддаи 27). Баъдан муаллиф ишора менамояд, ки ин маҳдудият дар ду шакли асосӣ зоҳир мешавад: ё ба таври комил манъ намудани ҳуқуқ (озодӣ)-и муайян, бо назардошти омилҳои гуногуни субъективию объективӣ ё кам намудани имконияти амалинамоии рафтори муайян (дар доираи ҳуқуқ ё озодии мушаххас), ки аз ҷониби мақомоти баамалбарорандаи ҳокимияти давлатӣ, пеш аз ҳама ва ба таври асосӣ аз ҷониби субъекти қонунбарор дар меъёрҳои қонун ҷорӣ намудани маҳдудиятҳои мухталиф (вобаста ба макон, вақт, субъект ва ғ.)[281].

Дар хусуси истифода намудани истилоҳи «маҳдудият» дар санадҳои ҳуқуқӣ, андешаи ҷолибро А.В. Ашихмина баён карда, қайд менамояд, ки «байни ин истилоҳот фарқияти мантиқӣ-забонӣ бояд анҷом дода шавад. Ақибгардӣ (делогатсия) муваққатан аз байн бурдани ҳуқуқ ва озодиҳо буда, вале имконияти ҳимояи ҳуқуқии онҳоро таъмин менамояд. Бекоркунии ҳуқуқ ва озодиҳо маънои пурра аз байн рафтани (ҳам ба таври қонунӣ ва ҳам дар амал) ҳуқуқу озодиҳои муайян бидуни ҳимояи ҳуқуқии онҳо мебошад. Пастшавии ҳуқуқ маънои кам шудани муҳтавои ҳуқуқ, ҳаҷми он, кафолати манфиатҳои дахлдор ва ё тобеияти як ҳуқуқ ба ҳуқуқи дигарро новобаста ба баробар будани аҳаммияти ҳама ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар назар дорад. Ниҳоят, маҳдуднамоӣ маънои истифодаи ягон намуди чораҳои маҷбуриро нисбат ба ҳуқуқу озодиҳои шахс, ки ҳуқуқвайронкунӣ намудааст (ва ё хоҳад намуд), ифода намуда, бештари маврид нисбат ба шахси гунаҳгор ҳангоми татбиқи ҳукм истифода бурда мешавад ва ғ.»[282].

---

[281] Ниг.:Исозода П.А. Ҷанбаҳои назариявӣ ва ҳуқуқии конститутсионии маҳдуд кардани ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: дис. ... номз. илмҳ. ҳуқ. – Душанбе, 2023. – С.23

[282] Ашихмина А.В. Конституционно-правовой механизм ограничения прав и свобод человека и гражданина

Дар ҳамин замина А.А. Подмарева ишора менамояд, ки «ҳар як конститутсия ҳамчун асос барои қонунгузории амалкунанда баромад намуда, қувваи олии ҳуқуқӣ дорад, вале барои татбиқи меъёрҳои он бояд хусусиятҳои ҳуқуқӣ ва дарки якхелаи мафҳумҳои дар конститутсияи мавҷудбуда аз ҷониби мақомоти қонунбарор, ҳифзи ҳуқуқ ва муассисаҳо ба роҳбарӣ гирифта шавад»[283]. Г.Т. Чернобел дуруст ишора менамояд, ки «дар раванди қабул ва татбиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ набояд мафҳумҳо норавшану мубҳам бошанд»[284]. Н.В. Витрук қайд менамояд, ки «мафҳумҳо дар илми ҳуқуқ на танҳо нуқтаҳои асосии дониш, балки воситаи такмили амалии воқеияти фаъолияти давлатӣ-ҳуқуқӣ низ маҳсуб меёбанд»[285]. Дар адабиёти ватанӣ андешаи ба ин монандро И.И. Камолзода, М.З. Раҳимзода ва Р.Ш. Шарофзода манзур менамоянд[286].

Пас аз омӯзиши адабиёти ватанӣ ва хориҷӣ ба хулосае омадан мумкин аст, ки оид ба таърифи мафҳуми «маҳдудияти ҳуқуқи инсон» андеша ва назарҳои мухталиф ҷой доранд. А.В. Малко маҳдудкунии ҳуқуқи инсонро ҳамчун «маҳдудияти ҳуқуқӣ, ки функсияи манфиро нисбат ба манфиатҳои шахсии субъект иҷро менамояд, дар як вақт барои танзими ҳуқуқии рафтори ӯ нақши назаррасро иҷро мекунад, зеро он барои қонеъ намудани манфиатҳои иҷтимоии шахс ва ҷомеа дар маҷмуъ нигаронида шудааст»[287]. А.Ф. Квитко чунин мешуморад, ки дар зери мафҳуми «маҳдудкунии ҳуқуқ (озодӣ)» бояд «ҳудуди муқаррар намудани қонунгузориро баҳри амалӣ намудани ҳуқуқи инсон фаҳмид, ки дар он манъкунӣ, дахолат, уҳдадорӣ, ҷавобгарӣ вуҷуд дорад ва мақсад аз он ҳимояи арзишҳои

---

в Российской Федерации: дис. ... канд. юрид. наук. – Волгоград, 2009. – 210 с.

283 Подмарев А.А. Ограничение прав и свобод человека и гражданина: определение конституционного понятия // Вестник РУДН, серия Юридические науки. – 2014. – № 2. – С. 9-16.

284 Конституция, закон, подзаконный акт. – М.: Юридическая литература, 1994. – С.40

285 Витрук Н.В. Общая теория правового положения личности. — М.: Норма, 2008. – С. 16.

286 Ниг.: Сотиволдиев Р.Ш. Назарияи давлат ва ҳуқуқ: Китоби дарсӣ барои мактабҳои олӣ. – Душанбе: Наширёти Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, 2018. – 786 с.; Шарофзода Р.Ш. Назарияи давлат ва ҳуқуқ. Китоби дарсӣ барои муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ. – Душанбе: «Сино», 2023. – 688 с. Раҳимов М.З. Қонунгузории соҳибкорӣ: рушд ва мушкилот // Мушкилоти рушди соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: маводҳо аз семинари ҷумҳуриявии илмӣ-назариявӣ. – Душанбе, 2014. С. 19.; Камолов И.И. Нормативный правовой акт в системе источников права. – Саарбрюкен, 2014. – 157 с.

287 Малько А. В. Стимулы и ограничения в праве: теоретико-информационный аспект. – Саратов, 1994. – С. 59.

умумиэътирофшудаи конститутсионӣ ва муайян намудани мувозинат байни манфиатҳои шахс, ҷомеа ва давлат мебошад»[288]. А.В. Белий чунин мафҳуми маҳдуднамоии ҳуқуқ ва озодии инсонро матраҳ менамояд: «Маҳдудсозии ҳуқуқу озодиҳои инсон дорои омилҳои гуногун буда, бештари маврид хусусияти сиёсию ҳуқуқӣ доранд ва бо мақсади муайян татбиқ карда шуда, бо воситаю усулҳои ҳуқуқию ғайриҳуқуқӣ ба амал бароварда мешавад, ки дар натиҷаи он доираи ҳуқуқу озодиҳои субъект маҳдуд карда мешавад»[289]. А.В. Тарасов изҳор менамояд, ки «маҳдудсозии ҳуқуқу озодиҳои инсон ин фаъолияти аз ҷиҳати иҷтимоӣ муайяншудаи шахсоне мебошад, ки дар доираи муқаррарнамудаи қонунгузорӣ салоҳияти махсус дошта, бо тартиб ва асосҳои мушаххас озодиҳои ҷисмонӣ, ахлоқӣ, шахсӣ ва умумии шахс маҳдуд карда мешавад ва ҳадаф аз он расидан ба мақсаду вазифаҳои муайян мебошад»[290].

Як зумра аз муҳаққиқони ватанӣ оид ба масъалаи ишорашуда андешаронӣ намуда, мафҳуми маҳдудсозии ҳуқуқи инсонро матраҳ кардаанд. Аз ҷумла, А.М. Диноршоҳ иброз менамояд, ки «маҳдуд кардани ҳуқуқ ва озодиҳои инсон воситаи зарурӣ, муҳим, талаботи маънавӣ ва меъёрии ҳуқуқӣ мебошад, ки барои таъмини инсондӯстӣ, ҳамдигарфаҳмӣ ва нигоҳ доштани маҳдудиятҳои озодиҳои мардум пешбинӣ шудаанд. Онҳо барои муайян кардани ҳудуди муносибатҳои байни шахс, ҷомеа ва давлат бо мақсади пешгирии ҳолатҳои низоъ таҳия шудаанд»[291]. П.А. Исозода иброз менамояд, ки маҳдудсозии ҳуқуқи инсон ин шартҳои кам намудани миқдори рафторҳои аз лиҳози ҳуқуқӣ ҷоиз, ки дар меъёрҳои ҳуқуқӣ-конститутсионӣ пешбинӣ гардидаанд, бо роҳи муқаррар намудани ҳудуду сарҳадоти мухталиф (дар

[288] Квитко А.Ф. Конституционно-правовые основы ограничения прав и свобод человека и гражданина в Российской Федерации: автореф. дис. … канд. юрид. наук. – М., 2007. – С. 13.
[289] Белый А.В. Понятие и значение ограничения прав и свобод человека и гражданина // Вестник Челябинского государственного университета. Право. Вып. 18. – 2009. – № 7 (145). – С. 30-33.
[290] Тарасов А.В. Ограничение конституционных прав и свобод человека в условиях особых правовых режимов в Российской Федерации: дис. ... канд. юрид. наук. – СПб., 2006. – С. 31.
[291] Диноршоев А.М. Реализация конституционных прав и свобод человека и гражданина в Республике Таджикистан. – Душанбе, 2015. – С. 62.

шароити осоишта) ё ин ки муваққатан боз доштани имконияти амалишавии ҳуқуқҳои инсон дар шароити реҷаҳои махсус мебошад[292].

А.Х. Юсуфзода қайд менамояд, ки мафҳуми маҳдудкунии ҳуқуқи инсонро бояд аз ду дидгоҳ маънидод намуд. Якум, маҳдудият дар худ маҳдуд намудани баъзе аз ҳуқуқҳои инсонро аз маҷмуи ҳуқуқҳое, ки ба ӯ тааллуқ доранд, ҷой додааст. Чунин ҳолат, яъне кам гардидани шумораи ҳуқуқу озодиҳои инсон, ки ба ӯ тааллуқ доранд, бо назардошти ҳолатҳои гуногуни объективӣ ва субъективӣ ба вуҷуд меоянд ва амалия аксар вақт нишон медиҳад, ки онҳо дорои хусусияти сиёсӣ мебошанд. Масалан, чунин ҳолат вақте ба вуҷуд меояд, ки дар кишвар ва ё ягон минтақаи он вазъияти фавқулода эълон карда мешавад. Дуюм, маҳдудият маънои маҳдуд намудани ҳаҷм ва (ё) мазмуни ҳуқуқу озодиҳои мушаххасро тавассути муқаррар намудани маҳдудиятҳои фазоӣ, доираи вақт, доираи одамон ва ё рафтори муайяни онҳоро ифода менамояд. Чунин маҳдудият дар доираи як зумра қонунҳо (ҷиноятӣ, мурофиаи ҷиноятӣ, иҷрои ҷазои ҷиноятӣ ва ғ.) муайян карда шудаанд[293].

Бо назардошти гуфтаҳои боло, мо ҷонибдорӣ аз олимоне менамоем, ки мафҳуми «маҳдуд кардани ҳуқуқи инсон»-ро ба ду маъно шарҳ медиҳанд, зеро маҳдуд кардани ҳуқуқи инсон дар ду шароит ба вуҷуд меояд, яке дар давраи муътадил ва дигаре дар ҳолати вазъияти фавқулода. Дар мавриди нахуст сухан оид ба маҳдуд кардани доира ва ё мазмуни ҳуқуқу озодиҳои мушаххас бо роҳи муқаррар намудани маҳдудиятҳои фазоӣ, муҳлат, доираи шахсон ё рафтори муайяни шахс меравад. Дар ҳолати дуюм бошад, маҳдудсозӣ маҷмуи умумии ҳуқуқу озодиҳои инсонро фаро мегирад, ки аз ӯ гирифта мешавад.

Ҳамин тавр, барои муайян кардани мафҳуми «маҳдуд кардани ҳуқуқи инсон ва шаҳрванд» лозим аст, ки муҳимтарин хусусиятҳои ин падидаи ҳуқуқиро нишон дод. Е.Ш. Рассолава зикр менамояд, ки «муайян намудани

---

[292] Ниг.:Исозода П. Мафҳуми маҳдуднамоии ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2017. – №2/7. – С. 263-266.
[293] Ниг.: Юсуфов А.Х. Конституционно-правовые основы ограничения прав и свобод человека и гражданина в Республике Таджикистан в условиях чрезвычайного положения: дис. канд. юрид. наук. – М., 2014. – 224 с.

аломатҳои ҳуқуқии маҳдуд намудани ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд аз бисёр ҷиҳат муҳим мебошад. Якум, нишон додани аломатҳои ҳуқуқии маҳдудкунӣ дар меъёри қонун ва истифодаи онҳо дар раванди ҳуқуқтатбиқкунӣ, ба мо имкон медиҳад, то аҳаммият ва зарурати татбиқи онҳоро дар давлати ҳуқуқбунёди демократӣ баҳогузорӣ намоем. Дуюм, муайян намудани зарурат ва аҳаммияти маҳдуднамоӣ имкон медиҳад, то баҳри пешгирӣ намудани поймолкунии ҳуқуқи инсон аз ҷониби мақомоти давлатӣ замина гузошт. Сеюм, муайян кардани аломатҳои қонунӣ будани маҳдуд кардани ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд имкон медиҳад, ки хусусияти ғайриконститутсионии ҳавасмандиҳои дахлдори истифодабарандаи ҳуқуқ, манфиатҳои ӯ барои ба даст овардани имтиёзҳое, ки бо мазмуни ҳуқуқ (озодӣ) муайян шудаанд, хилофи моҳият (хусусият)-и талаботи конститутсионӣ барои истифода муқаррар карда шавад. Чорум, аломатҳо имкон медиҳанд, ки ҷанбаҳои асосии маҳдудият ҳамчун зуҳуроти ҳуқуқӣ ва моҳияти дохилии онҳо ошкор карда шавад»[294].

Бояд қайд намуд, ки дар адабиёти ҳуқуқӣ оид ба масъалаи ишорашуда назарҳои мухталиф ҷой доранд. А. Коровников мафҳуми «маҳдуднамоии ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд»-ро баррасӣ намуда, чунин «унсурҳои сохторӣ»-и маҳдуд кардани ҳуқуқу озодиҳоро номбар менамояд: заминаи ҳуқуқие, ки хусусият ва мундариҷаи маҳдуднамоиро муайян мекунад; мақсади маҳдудкунӣ; ҳолатҳое, ки маҳдуднамоиро талаб мекунанд; номгӯйи (намудҳои) ҳуқуқу озодиҳои маҳдудшаванда; огоҳ намудани ҷомеаи ҷаҳонӣ дар бораи ҷорӣ намудани маҳдуднамоӣ[295]. О.В. Борисов чунин аломатҳоро ҷудо менамояд: шакли маҳдудсозӣ (конститутсионӣ ва ғайриконститутсионӣ), мақсади маҳдудсозӣ, баробарарзиш будани маҳдудсозӣ бо мақсадҳои татбиқнамоии он, зарурати маҳдудсозии конститутсионӣ дар заминаи воқеиятҳои ҳаёти инсонӣ, ба инобат гирифтани

---

[294] Рассолова Е.Ш. Ограничения прав и свобод человека и гражданина в Российской Федерации: конституционно-правовое исследование: дис. … канд. юрид. наук. – Уфа, 2009. – 196 с.
[295] Ниг.: Коровников А. Правовая защита военнослужащих: проблема ограничения прав // Обозреватель. – 1999. – №4. – С. 34.

уҳдадориҳои байналмилалӣ ҳангоми ҷорӣ намудани маҳдудият[296]. А.А. Подмарев ба сифати аломатҳои маҳдуд намудани ҳуқуқи инсон инҳоро дохил менамояд: маҳдудияти ҳудуди муқаррарнамудаи озодии инсон, чаҳорчӯба, сарҳади фаъолият, ҳуқуқ ва озодиҳои шахс; ҷорӣ кардани маҳдудият бо мақсади муайян; андозаи маҳдудият, маҳдуд кардани ҳуқуқу озодиҳо то ҳадди имконпазир; талаботи конститутсионии шакли муайяни ҳуқуқии инъикоснамоии маҳдудсозии ҳуқуқ ва озодӣ[297].

Дар муҳити илми ватанӣ чунин аломатҳои маҳдудсозӣ ҷудо карда мешавад:

1. Ин маҳдудият оқибатҳои муайяни ҳуқуқӣ ва воқеиро дар шакли шароити номусоиди татбиқи манфиатҳои қонунии субъектон ба вуҷуд меорад, ки ҳуқуқ ва озодиҳои онҳо ҳангоми қонеъ кардани манфиатҳои қонунӣ ва ё эҳтиёҷоти худи субъект ё ин ки манфиатҳо ва ниёзҳои шахси сеюм маҳдуд карда мешаванд, ба ҷорӣ кардани чунин маҳдудиятҳо манфиатдоранд.

2. Маҳдудият дар худ ё ҳолати кам кардани озодиҳо (яъне, озодиҳои аз ҷониби меъёрҳои ҳуқуқӣ иҷозатдодашуда) ва ё муваққатан боз доштани онҳоро ҷой додааст.

3. Чунин камнамоӣ ҳамеша маҳдудиятҳои фазоӣ (ҳудудӣ), муваққатӣ ва субъективӣ (дар доираи одамон)-ро, ки бо меъёрҳои ҳуқуқ (қонун) муқаррар шудаанд, доро мебошад.

4. Маҳдуднамоии қонунӣ танҳо аз ҷониби мақомоти ваколатдори давлатӣ бо роҳи муқаррарнамудаи қонун ва бо мақсади ноил гардидан ба ҳадафҳои қонунӣ анҷом дода мешавад.

5. Маҳдудиятҳо тавассути маҷбуркунии давлатӣ ба субъектони вайронкунандаи қоидаҳои муқарраршуда анҷом дода мешавад[298].

---

[296] Ниг.: Борисов О.В. Конституционно-правовое регулирование прав и свобод человека и гражданина в сфере трудовых отношений в Российской Федерации: дис. ... канд. юрид. наук. – М., 2006. – С. 104-105.
[297] Ниг.: Подмарев А.А. Конституционные основы ограничения прав и свобод человека и гражданина в Российской Федерации: дис. ... канд. юрид. наук. – Саратов, 2001. – С. 38.
[298] Ниг.: Исозода П.А. К вопросу о понятии и признаках ограничений прав и свобод человека и гражданина в Республике Таджикистан // Государствоведение и права человека. – 2017. – №2(06). – С. 62-63.

Аз андешаҳои зикргардидаи муаллифони ватанӣ ва хориҷӣ ба хулосае омадан мумкин аст, ки аломатҳои асосӣ (моддӣ) ва иловагии (мурофиавӣ) маҳдудияти ҳуқуқи инсон мавҷуд аст, ки моҳият ва мазмуни онро ошкор мекунанд. Категорияи якуми аломатҳо ба муқаррар намудани танзими ҳуқуқии махдудиятҳо ва муқаррар кардани шартҳои татбиқи онҳо нигаронида шудааст. Ин хусусиятҳо, ба андешаи мо, инҳоро дар бар мегиранд:

Якум, ин танзими конститутсионӣ-ҳуқуқии шароит ва асосҳои маҳдудкунии ҳуқуқи инсон мебошад. Бисёре аз муаллифон таъкид мекунанд, ки масъалаҳои маҳдудияти ҳуқуқи инсон бояд бо қонун муқаррар карда шаванд ва онҳо қонунро ҳамчун навъи санади меъёрӣ нишон медиҳанд. Ин гуфтаҳо дуруст аст, вале бояд қайд намуд, ки қонун бояд шарту мақсад ва асосҳои мушаххаси ҳуқуқу озодиҳои муайяни инсонро танзим кунад. Асосҳои умумӣ бояд дар Конститутсияи давлат дарҷ карда шаванд. Бинобар ин, ба назари мо, вақте сухан дар бораи танзими ҳуқуқӣ меравад, бояд дар бораи танзими конститутсионию ҳуқуқӣ сухан ронем. Илова бар ин, муқаррар намудани маҳдудиятҳо дар санадҳои қонунгузорӣ, махсусан дар масъалаи танзими муносибатҳои меҳнатӣ қобили қабул аст. Ҳамин тавр, Суди конститутсионии ҶТ дар қарори худ дар мавриди баррасии парванди шаҳрванд М.М. Тураев «Дар бораи муайян намудани мутобиқати банди 4 Қоидаҳои гузаронидани аттестатсия ва бақайдгирии намояндагони патентии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 9 июни соли 2009, № 25 ва тағйири ба он аз 25 сентябри соли 2012, №92 воридкардашуда ба қисми дуюми моддаи 12 ва қисмҳои якум ва дуюми моддаи 35 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 28 марти соли 2013 қайд намудааст, ки «ҳифзи меҳнат аз ҳуқуқ ба меҳнат сарчашма гирифта, ҳамчун кафолати муҳимми амалишавии ҳуқуқи шахс ба меҳнат маҳсуб меёбад.

Ҳуқуқи конститутсионии шахс ба меҳнат дар шаклҳои гуногуни ташкилию ҳуқуқӣ зоҳир гардида, маъмултарини он машғул шудан ба фаъолияти озоди соҳибкорӣ ба шумор меравад ва давлат бо мақсади аз байн

бурдани монеаҳои ҳуқуқӣ ва сода кардани раванди татбиқи ин кафолати конститутсионӣ, тавассути фаъолияти меъёрэҷодкунӣ ҳамаҷониба мусоидат менамояд.

Аз ин лиҳоз, санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва санадҳои ҳуқуқии локалие, ки аз ҷониби субъектони фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ таҳия, қабул ва мавриди амал қарор дода мешавад, набояд ҳуқуқу озодиҳои шахсро поймол намуда, бар зарари манфиатҳои инсону шаҳрванд, ки тибқи моддаи 5 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар як вақт арзиши олӣ эътироф карда шудаанд, равона карда шаванд.

Фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ худ фаъолияти субъекти ҳуқуқэҷодкунанда оид ба таҳия, қабул, интишор ва қатъи амали санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ба шумор рафта, бояд дар асоси принсипҳои мутобиқат ба Конститутсия, қонуният, бартарияти меъёрҳои санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Тоҷикистон нисбат ба қонунҳо ва санадҳои зерқонунӣ, афзалияти таъмини ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, адолати иҷтимоӣ, ошкорбаёнӣ, илмият, касбият ва ба назар гирифтани афкори ҷамъиятӣ амалӣ карда шавад»[299].

Дуюм, ин муайян кардани ҳадафҳои маҳдудият мебошад. Ин максадҳо дар қисми 3 моддаи 14 Конститутсия қайд карда шудаанд. Дар асоси муқаррароти ин меъёр метавон хулоса кард, ки мақсади маҳдуд кардани ҳуқуқи инсон ҳифзи асосҳои сохтори конститутсионӣ, ахлоқи ҷомеа, саломатии аҳолӣ, эҳтироми ҳуқуқу манфиатҳои дигарон, таъмини тартиботи ҷамъиятӣ ва амнияти давлат иборат мебошад. Дар баробари ин, як қатор муаллифон қайд мекунанд, ки «маҳдудияти ҳуқуқ ё озодиҳои шахс бо воситаҳои қонунӣ метавонад ба ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои шахсони дигар нигаронида шавад»[300]. Муаллифони ватанӣ масъалаи ҳадафҳои маҳдудкунии ҳуқуқи инсонро таҳқиқ намуда, қайд мекунанд, ки «мақсади маҳдудсозӣ бо манфиатҳои субъектҳои гуногун муайян карда шуда, таъмини танзими

[299][Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://constcourt.tj/qarorho/%d2%9baror-az-r%d1%9ei-darhosti-sha%d2%b3rvand-turaev-m-m/(санаи муроҷиат: 12.01.2021 с.).

[300] Грецова Е.Е. Правомерные ограничения прав и свобод человека в международном праве: дис. ... канд. юрид. наук. – М., 2009. – 172 с.

одилонаи муносибатҳои байни шахс ва давлатро дар бар мегирад; мақсадҳое, ки дар Конститутсия ва шартномаҳои ҳуқуқии байналмилалӣ ба таври қонунӣ муқаррар шудаанд, барои иштирокчиён ҳуқуқ ва уҳдадориҳои мутақобила ба миён меоранд; ҳадафҳо роҳнамои пешбари раванди муқаррар кардани меъёрҳо мебошанд; ҳадафҳо ҳадафи маҳдудиятҳоро шарҳ медиҳанд ва мавҷудияти онҳоро асоснок мекунанд; ҳадаф аз маҳдудсозӣ таъмин намудани амнияти шахс, ҷомеа ва давлат ба ҳисоб меравад»[301]. Ҳамин тавр, тавассути мақсади маҳдудсозӣ шароит, ҳолат ва ҳаҷми татбиқи маҳдудиятҳои ҳуқуқи инсон муайян карда мешавад. Агар маҳдудиятҳо хилофи мақсадҳои зикршуда бошанд, пас онҳо ғайриқонунӣ баҳогузорӣ гардида, бекор карда мешаванд.

Сеюм, ин таносуби маҳдудиятҳо мебошад. Таносуби маҳдудиятҳо мутаносиб будани татбиқи онҳоро дар назар дорад, яъне маҳдудиятҳо бояд таносуби зарурии манфиатҳои инсон, ҷамъият ва давлатро ба назар гиранд, ки дар онҳо ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд афзалият доранд. Ин маънои онро дорад, ки маҳдудиятҳои ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд бояд ба ҳолатҳое, ки зарурати ба вуҷуд омадан ва татбиқи чораҳои маҳдудкуниро таъмин кардаанд, мувофиқ бошад. Дар ҳамин замина, муаллифони ватанию хориҷӣ аломатҳои зерини мутаносибиро муайян мекунанд: тадбирҳои (воситаҳои) маҳдудкунии ҳуқуқу озодиҳо бояд бевосита дар Конститутсия дарҷ карда шаванд; чораҳои (воситаҳои) маҳдудкунандаи татбиқшаванда бояд арзишҳои ҷамъиятии дар Конститутсия зикргардидаро ҳифз намоянд; чораҳои (воситаҳои) маҳдудкунанда набояд аз ҳад зиёд бошанд; дараҷаи маҳдудкунии ҳуқуқи муайян бояд ба мақсади муқаррар намудани ин маҳдудият мувофиқ бошад; маҳдудкунӣ набояд ба мазмуни асосии ҳуқуқ халал расонад, моҳияти онро аз байн барад, барои татбиқи он монеаҳои беасос ба вуҷуд оварад, иҷрои онро фалаҷ гардонад; чораҳои

[301] Исозода П.А., Диноршоҳ А.М. Теоретические аспекты понятия ограничений прав человека // В сборнике: Конституционные ценности и ценность Конституции. Материалы круглого стола с международным участием, проводимого в рамках XV Фестиваля науки города Москвы. – М., 2020. – С. 177-185.

(воситаҳои) маҳдудкунии ҳуқуқу озодиҳои татбиқшуда набояд ба маҳдудиятҳои номутаносиб ва аз меъёр зиёд оварда расонад[302].

Гурӯҳи дуюми аломатҳои маҳдудсозӣ бо раванд ва тартиби татбиқи маҳдудсозӣ алоқамандӣ доранд.

1. Нахустин аломати раванди маҳдудсозиро муайян намудани субъектони баамалбарорандаи маҳдудият ташкил медиҳад. Нишонаи мазкур аҳаммияти муҳимми амалӣ дорад, зеро субъекти маҳдудсозии ҳуқуқи инсонро муайян менамояд. А.М. Диноршоҳ қайд менамояд, ки «санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ ва Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон доираи субъектонеро, ки ба маҳдуд кардани ҳуқуқу озодиҳои инсон дучор меоянд, муайян намудаанд. Давлат иштирокчии бевоситаи ин муносибатҳо мебошад, зеро он дар симои мақомоти салоҳиятдори худ барои риояи чораҳои маҳдудкунанда назорат мебарад. Дар баробари ин, ҳангоми татбиқ намудани чораҳои маҳдудкунанда нисбат ба шахс, метавон ҳам хусусияти умумиро ба худ касб намояд, яъне нисбат ба доираи васеи субъектон татбиқ карда шавад (масалан, муқаррароти моддаи 14 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон) ва ҳам нисбат ба доираи мушаххас, яъне нисбат ба субъектони алоҳида татбиқ карда шавад (масалан, дар асоси қонунгузории интихобот, маҳкумшудагон наметавонанд дар интихобот иштирок намоянд)»[303]. П.А. Исозода 4 доираи субъектҳои маҳдудияти ҳуқуқи инсонро чудо менамояд: Субъектоне, ки нисбаташон чораҳои маҳдудкунӣ татбиқ карда мешавад – шаҳрвандони кишвар, шаҳрвандони хориҷӣ ва ашхоси бешаҳрванд; Субъектоне, ки мустақиман чораҳои маҳдудкуниро меандешанд ва муқаррар мекунанд – давлат дар симои мақомоти салоҳиятдори давлатӣ (парлумони кишвар ва Роҳбари давлат); Субъектоне, ки татбиқи чораҳои маҳдудкуниро амалӣ мекунанд – инҳо одатан мақомоти иҷроия ва иттиҳодияҳои ҷамъиятиро дар бар мегиранд (масалан, ҳизбҳои сиёсӣ, сохторҳои гуногуни тиҷоратӣ ва ғ.);

---

302 Ниг.: Подмарев А.А. Соразмерность как конституционный принцип ограничения прав и свобод // Известия Саратовского университета. Новая серия. Серия: Экономика. Управление. Право. – 2021. – Т. 21. – Вып. 1. – С. 83-91

303 Диноршоев А.М. Теоретические аспекты классификации ограничений прав и свобод человека по законодательству Республики Таджикистан // Научный вестник Волгоградского филиала РАНХиГС. Серия: Юриспруденция. – 2015. – №1. – С. 30-33.

Субъектоне, ки фаъолияти контроливу назоратиро ба амал мебароранд. Вазифаи асосии ин мақомот қонунӣ будани истифодаи маҳдудиятҳоро нисбат ба ҳуқуқи инсон назорат мебаранд (мақомоти прокуратура, Суди конститутсионӣ, Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон)[304].

Раванди дуюми маҳдудсозиро, аз нигоҳи мо, муайян кардани шакли маҳдудсозии ҳуқуқи инсон ташкил медиҳад. Муҳаққиқони ватанӣ ва хориҷӣ чор шакли асосии маҳдуд кардани ҳуқуқи инсонро ҷудо менамоянд: маҳдудиятҳо, уҳдадориҳо, чораҳои ҳифз ва масъулият. Татбиқи шаклҳои мушаххаси маҳдудкунӣ ба ҳолатҳои ҳаётӣ вобаста аст, ки дар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ танзим карда мешаванд. Ҳамин тариқ, инҳо метавонанд уҳдадориҳои ба зиммаи шаҳрвандон гузошташуда, манъи бевоситаи содир намудани кирдори муайян, боздоштани амалигардонии миқдори муайяни ҳуқуқу озодиҳо, татбиқи чораҳои пешгирикунанда, ҳимоя, таъқиб ва ғ. бошанд.

Ба ибораи дигар, шаклҳои маҳдудкунӣ заминаи татбиқи ҳуқуқи субъективии мушаххасро муайян намуда, доираи амалҳоеро, ки аз ҷониби субъектҳои дахлдор анҷом дода мешаванд, муайян мекунанд.

Бо назардошти гуфтаҳои боло чунин мафҳуми маҳдудкунии ҳуқуқи инсонро матраҳ намудан мумкин аст: маҳдудкунии ҳуқуқи инсон ин шакли рафтори аз ҷониби қонун иҷозатдодашудаи субъектҳо мебошад, ки қонун тавассути муқаррар намудани ҳудуди он бо баинобатгирии манфиатҳои шахс, ҷомеа ва давлат, ба ҳифзи арзишҳои конститутсионӣ ва ҷамъиятӣ аз таҷовузҳои ғайриқонунӣ равона карда шудааст.

Дар омӯзиши ҳаматарафаи маҳдудсозии ҳуқуқи инсон нақши муҳимро таснифоти он ишғол менамояд. В.В. Невинский қайд менамояд, ки «Конститутсия дорои хусусияти умумибашарӣ буда, асосан, дар робита ба маҳдуд кардани ҳуқуқҳои конститутсионӣ, ки дар дигар сарчашмаҳои ҳуқуқи конститутсионӣ зикр шудаанд, асосҳои ҳуқуқиро муқаррар менамояд. Таърифи конститутсионии бисёр ҳуқуқҳои бунёдӣ дар асоси принсипи

[304] Ниг.: Исозода П.А. Ҷанбаҳои назариявӣ ва ҳуқуқии конститутсионии маҳдуд кардани ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: дис. ... номз. илмҳ. ҳуқ. – Душанбе, 2023. – С.23

«қоидаи умумӣ – истисно» сохта шудааст. Меъёрҳои конститутсионӣ муқаррар мекунад, ки ҳуқуқҳои асосӣ бояд тавассути қонун маҳдуд карда шаванд. Талаби бо санади мақомоти қонунгузор (намояндагӣ) маҳдуд кардани ҳуқуқҳои конститутсионӣ қоидаи «зоҳир дар қонун» номида шуда, ҳамчун унсури таркибии принсипи давлатдории ҳуқуқӣ эътироф шудааст»[305].

Муҳаққиқони дохилӣ ва хориҷӣ ҷиҳати таснифи маҳдудсозии ҳуқуқи инсон асосҳои гуногунро пешниҳод менамоянд. О.В. Борисов чунин навъҳои маҳдудсозиро матраҳ менамояд: 1) аз нигоҳи мустаҳкамкунӣ – бевосита ва бавосита; 2) аз рӯйи давмонокӣ – доимӣ ва муваққатӣ; 3) аз рӯйи мутобиқатӣ ба қонун – қонунӣ ва ғайриқонунӣ[306].

Муҳаққиқони ватанӣ таснифоти зерини маҳдудиятҳои ҳуқуқи инсонро медиҳанд: вобаста ба шарти эълоннамоӣ ва татбиқи маҳдудиятҳо: маҳдудкунӣ дар ҳолати муқаррарӣ ва дар вазъияти фавқулода; вобаста ба мустаҳкамгардии ҳуқуқии маҳдудиятҳо – ба ҳуқуқи байналмилалӣ, конститутсионӣ ва соҳавӣ; вобаста ба субъектҳои чораҳои маҳдудкунанда – чораҳои умумии маҳдудкунӣ ва чораҳои махсуси маҳдудкунӣ; вобаста ба ҳудуди татбиқнамоии маҳдудиятҳо – ба умумимиллӣ ва маҳаллӣ; вобаста ба муҳлати татбиқи маҳдудиятҳо – ба доимӣ ва муваққатӣ[307].

Ҷанбаҳои муҳимми назариявии маҳдудиятҳои ҳуқуқи инсонро баён намуда, мо бевосита ба омӯзиши масъалаи маҳдуд кардани ҳуқуқ ба меҳнат мегузарем.

Дар танзими ҳуқуқии масъалаи маҳдудкунии ҳуқуқи инсон нақши марказиро меъёрҳои конститутсионӣ ишғол менамоянд. Моддаи 14 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон асосҳои маҳдудкунии ҳуқуқи инсонро пешбинӣ менамояд. Минбаъд ин муқаррароти Конститутсия дар қонунгузории соҳавии кишвар инъикоси худро меёбад. Мутахассисони соҳаи

---

[305] Невинский В.В. Юридическая конструкция правового положения человека и гражданина // Личность и государство на рубеже веков / под ред. В.В. Невинского. – Барнаул, 2000. – С. 29.

[306] Ниг.: Борисов О.В. Конституционно-правовое регулирование прав и свобод человека и гражданина в сфере трудовых отношений в Российской Федерации: дис. ... канд. юрид. наук. – М., 2006. – С. 104-105.

[307] Ниг.: Диноршоев А.М. Теоретические аспекты классификации ограничений прав и свобод человека по законодательству Республики Таджикистан // Научный вестник Волгоградского филиала РАНХиГС. Серия: Юриспруденция. – 2015. – №1. – С. 30-33.

ҳуқуқи конститутсионӣ маҳдудсозии конститутсионии ҳуқуқи инсонро ба се гурӯҳ ҷудо менамоянд: якум, маҳдудкунии умумӣ; дуюм, маҳдудкунии мушаххас; сеюм, омезиш ёфтани маҳдудкунии умумӣ ва мушаххас[308].

Дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон шаклҳои умумии маҳдудсозии ҳуқуқи инсон зикр шудааст. Асосҳои умумии маҳдудсозӣ дар моддаҳои 14 ва 47 Конститутсия муқаррар карда шудаанд. Инчунин, баъзе маҳдудиятҳои бевосита ба мушоҳида мерасанд, ки дар байни онҳо метавон аз ҳуқуқ ба меҳнат ном бурд. Ҳамин тавр, дар қисми 2-и моддаи 35 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар шудааст, ки «ҳама гуна маҳдудият дар муносибатҳои меҳнатӣ манъ аст»[309]. Ҳамзамон, дар қисми 4 муқаррар мегардад, ки «истифодаи меҳнати занон ва ноболиғон дар корҳои вазнин ва зеризаминӣ, инчунин дар корҳои шароити меҳнаташон зарарнок манъ аст»[310]. Ҳамин тариқ, дар Конститутсияи кишвар нисбат ба маҳдуд кардани ҳуқуқ ба меҳнат, ҳам талаботи умумӣ ва ҳам махсусгардонидашуда, муқаррар шудааст. Аслан,

ин маҳдудиятҳо ҳамчун воситаи танзим ва татбиқи ҳуқуқ ба меҳнат амал мекунанд. Ба ибораи дигар, Конститутсияи кишвар, ки ҳуқуқи меҳнатро муқаррар менамояд, барои татбиқи ин ҳуқуқ меъёрҳои аниқ муқаррар кардааст.

Дар баробари ин, таҳлили меъёрҳои зикргардидаи Конститутсия ва қонунгузории ҷумҳурӣ имкон медиҳад, то ба хулосае оем, ки маҳдудиятҳо нисбати ҳуқуқ ба меҳнат, ҳам ҷанбаи объективӣ ва ҳам ҷанбаи субъективӣ, дошта метавонанд. Дар мавриди аввал сухан дар бораи вазъияте меравад, ки барои амалигардонии фаъолияти меҳнатӣ маҳдудиятҳо муқаррар мекунанд. Ҳамин тариқ, озодии фаъолияти соҳибкорӣ ҳамчун як намуди фаъолияти меҳнатӣ танҳо дар сурати иҷозатномаи дахлдор имконпазир аст. Дар асоси ин муқаррарот метавон хулоса кард, ки мавҷудияти иҷозатнома шарти ҳатмӣ

---

[308] Ниг.: Дмитриев Ю.А. Правовое положение человека и гражданина в Российской Федерации. – М., 1992. – 50 с.

[309] Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 ноябри соли 1994 бо тағйиру иловаҳо аз 26 сентябри соли 1999, 22 июни соли 2003 ва 22 майи соли 2016 (бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ). – Душанбе: «Ганҷ», 2016. – 136 с.

[310] Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 ноябри соли 1994 бо тағйиру иловаҳо аз 26 сентябри соли 1999, 22 июни соли 2003 ва 22 майи соли 2016 (бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ). – Душанбе: «Ганҷ», 2016. – 136 с.

барои пешбурди фаъолияти меҳнатӣ дар шакли соҳибкории инфиродӣ буда, мавҷуд набудани он татбиқи ин ҳуқукро имконнопазир мегардонад ё чунин фаъолият ғайриқонунӣ эътироф карда мешавад. О.В. Борисов дар ин хусус қайд мекунад, ки «ҳуқуқ ба фаъолияте, ки барои он иҷозатномаи махсус (литсензия) талаб карда мешавад, аз лаҳзаи гирифтани иҷозатнома (литсензия) ё дар муҳлати дар он пешбинишуда ба вуҷуд меояд ва бо гузашти муҳлати амали он қатъ мегардад, агар тартиби дигаре пешбинӣ нагардида бошад), инчунин, дар ҳолатҳои боздоштан ё бекор кардани амали рухсатнома (литсензия)»[311].

Маҳдудиятҳои субъективии ҳуқуқ ба меҳнат маънои ҷорӣ намудани маҳдудият нисбат ба субъекти муайянро дар назар дорад. Ҳамин тавр, дар қисми 4 моддаи 35 Конститутсия, ки дар боло зикр гардид, ду доираи субъектҳоро ба корҳои вазнин ва зеризаминӣ ҷалб кардан мумкин нест – занон ва ноболиғон. Илова бар ин, дар натиҷаи ислоҳоти конститутсионии соли 2016 ба моддаҳои 49, 65, 73, 85 Конститутсия тағйирот ворид карда шуд, ки мутобиқи он, шахсони мансабдори мақомоти давлатӣ танҳо шаҳрвандии Ҷумҳурии Тоҷикистон буда метавонанд, яъне доштани душаҳрвандӣ барои ин категорияи шаҳрвандон иҷозат дода нашудааст[312].

Дар баробари ин, бояд гуфт, ки ҷанбаҳои объективӣ ва субъективии маҳдудкунии ҳуқуқ ба меҳнат аксар вақт бо ҳам алоқамандand ва якҷоя ҳудуди амалишавии фаъолияти муайяни меҳнатиро муайян мекунанд. Ҳамин тариқ, дар моддаи 12 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи адвокатура ва фаъолияти адвокатура» пешбинӣ мегардад, ки шахсони зерин ҳуқуқи соҳиб шудан ба мақоми адвокатураро надоранд:

- шаҳрвандии Ҷумҳурии Тоҷикистонро надошта бошад;
- забони давлатиро надонад;
- маълумоти олии ҳуқуқӣ надошта бошад;
- аз рӯи ихтисоси ҳуқуқшиносӣ ду сол собиқаи корӣ надошта бошад;

[311] Борисов О.В. Конституционно-правовое регулирование прав и свобод человека и гражданина в сфере трудовых отношений в Российской Федерации: дис. ... канд. юрид. наук. – М., 2006. – С. 177-185.
[312] Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 ноябри соли 1994 бо тағйиру иловаҳо аз 26 сентябри соли 1999, 22 июни соли 2003 ва 22 майи соли 2016 (бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ). – Душанбе: «Ганҷ», 2016. – 136 с.

- барои содир намудани ҷиноят маҳкум гардида бошад;

- аз мақомоти давлатӣ, судӣ, адлия, прокуратура, адвокатура дигар мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва хизмати ҳарбӣ барои вайрон кардани савганди касбӣ, содир намудани кирдорҳои хусусияти коррупсионидошта аз вазифа озод карда шуда бошад;

- барои содир намудани ҷинояти қасдона доғи судӣ дошта бошад[313].

Ба ақидаи О.В. Борисов, баррасӣ намуда, қайд мекунад, ки «давлат ҳуқуқҳои меҳнатии шаҳрвандонро вобаста ба синну сол, хусусиятҳои физиологӣ, малакаҳои меҳнатӣ ва доираи татбиқи ҳуқуқҳои меҳнатӣ, мавҷудияти таҳсилоти махсус ё иҷозатномаи кор, инчунин, дигар меъёрҳое, ки ба манфиати корманд ва давлат мебошанд, муқаррар менамояд»[314].

Е.В. Краснoярова қайд мекунад, ки «муқаррар намудани чунин меъёрҳои маҳдудкунии ҳуқуқ ба меҳнат, аз як тараф, ғамхории давлат нисбат ба шахсони махсуси ҳифзи иҷтимоӣ (ноболиғон, занони ҳомила, маъюбон, шахсоне, ки дар шароити вазнини меҳнатӣ кор менамоянд ё шароити меҳнаташон хавфнок аст) равона шуда, аз тарафи дигар, бо мақсади ҳифзи манфиатҳои давлат, ҷамъият, аз ҷумла қоидаҳои махсус барои танзими меҳнати кормандони нақлиёт, роҳбари ташкилот ва аъзоён, хизматчиёни давлатӣ ва ғ. муқаррар карда мешаванд.

Воқеан, тавре ки дар боло зикр кардем, тоифаи муайяни субъектҳо аз ҷониби давлат таҳти ҳимояи махсуси иҷтимоӣ қарор доранд. Ба ин категория занон, кӯдакон, маъюбон ва ғайра дохил мешаванд. Ба ин муносибат, Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳалномаи худ оид ба парванда «Дар бораи муайян кардани мувофиқати моддаи 17 Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қисми 2 моддаи 17 ва қисми 2 моддаи 33 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон» вобаста ба пешниҳоди судяи суди ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе Шодиев Ш.Р. аз 1 июли соли 2009 нишон дода шудааст, ки «муқарраротi конститутсионии танзимкунандаи нақши модар ва

---

[313] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи адвокатура ва фаъолияти адвокатӣ» аз 18 марти соли 2015, № 1182 // АМОҶТ с. 2015, №3, мод. 204.

[314] Борисов О.В. Конституционно-правовое регулирование прав и свобод человека и гражданина в сфере трудовых отношений в Российской Федерации: дис. ... канд. юрид. наук. – М., 2006. – С. 107.

кӯдак дар ҷомеа ва давлат ба онҳо нигаронида шуда, чунин фазои ҳуқуқиро ба вуҷуд меорад, ки механизми татбиқи он дар санадҳои меъёрии ҳуқуқии амалкунанда ифода ёфтааст. Муҳимтарин ва арзишмандтарин зуҳуроти санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ ва қонунгузории миллӣ он аст, ки дар ҳамаи соҳаҳои қонунгузорӣ, аз ҷумла дар меҳнат хусусиятҳои физиологӣ ва биологии зан ва мавқеи иҷтимоии ӯ ҳамчун ворисии насли башар ба инобат гирифта мешаванд»[315].

Бо назардошти гуфтаҳои боло, метавон хулоса намуд, ки агар маҳдудиятҳо нисбат ба ҳуқуқ ба меҳнат ба категорияҳои махсуси ҳуқуқи инсон равона шуда бошад, пас, ин маҳдуднамоӣ қонунӣ мебошад. Дар ҳолатҳои дигар, муқаррар намудани ҳама гуна талабот ва шартҳои иловагӣ ҳамчун маҳдудияти ғайриқонунӣ ҳисобида мешавад, ба монанди даст кашидан аз қабули занони ҳомила ё кӯдакони хурдсол ё кам кардани музди меҳнати онҳо (моддаи 159-и Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон)[316]. Ин кирдор дар моддаи 155-и КҶ ҶТ ҳамчун ҷиноят ба ҳисоб меравад[317].

Ҷорӣ намудани маҳдудияти синнусолӣ ва маҳдудиятҳо дар вақти кор низ бо мақсади таъмини амнияти иҷтимоӣ мебошад. Ин маҳдудиятҳо, пеш аз ҳама, ба ҳифзи саломатии кормандон нигаронида шудаанд. Дар моддаи 67 Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаи мазкур мавриди танзим қарор гирифтааст.

Маҳдудияти ҳуқуқ ба меҳнат бо мақсади ҳифзи манфиатҳои давлат ва ҷамъият алоқаманд буда, одатан, нисбат ба субъектоне рабт дорад, ки вазифаҳои махсуси давлатиро иҷро менамоянд. Ҳамин тариқ, дар моддаи 26 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 20 марти соли 2008, №374 мавҷудияти сифатҳои зарурии касбӣ ва ахлоқӣ ҳамчун талаботи

---

[315] Постановление Конституционного суда Республики Таджикистан по делу «Об определении соответствия статьи 17 Семейного кодекса Республики Таджикистан части 2 статьи 17 и части 2 статьи 33 Конституции Республики Таджикистан» в связи с представлением судьи Суда района Шохмансур города Душанбе Шодиева Ш.Р. от 1 июля 2009 года. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://constcourt.tj/ru/qarorho/postanovlenie-po-hodatajstvu-shodieva-sh-r/(санаи муроҷиат: 22.05.2022 с.).
[316] Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23 июли соли 2016, № 1329 // АМОҶТ с. 2016, №7, мод. 604.
[317] Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21 майи соли 1998, № 574 // АМОҶТ с. 1998, №9, мод. 68.

махсус муқаррар карда шудааст[318]. Маҳорати истифодаи силоҳи хидматиро метавон ба сифатҳои касбӣ нисбат дод. Сифатҳои ахлоқӣ одоби рафтори хизматчиёни давлатиро муайян мекунанд.

Дар асоси гуфтаҳои боло, мо метавонем ба хулосае омад, ки ҳуқуқ ба меҳнат дар байни ҳамаи ҳуқуқҳои субъективии инсон доираи асос ва шароити васеи маҳдудкунӣ мебошад. Маҳдудиятҳои мазкур ба таъминоти иҷтимоии меҳнаткашон ва ҳифзи манфиатҳои давлат нигаронида шудааст. Дар баробари ин, бояд асосҳои маҳдуд кардани ҳуқуқҳои меҳнатӣ қатъиян риоя карда шаванд, вагарна ин боиси вайрон шудани татбиқи ин ҳуқуқ мегардад.

## 2.4. Шакл ва усулҳои ҳимояи ҳуқуқ ба меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

Дилхоҳ ҳуқуқи субъективии конститутсионии инсонро бидуни мустаҳкам кардани механизмҳои дахлдори ҳимоя тасаввур кардан ғайриимкон аст. Субъектҳои ҳуқуқ, ки ҳуқуқҳои конститутсионии кафолатнокро амалӣ менамоянд, бояд на танҳо имконияти рафтори муайян, балки усулу воситаҳои дахлдори ҳимояи онҳоро дошта бошанд. Бе таҳкими меъёрии воситаҳои зарурии ҳимоя, ҳуқуқ метавонад беқурб шуда, ба эъломия мубаддал гардад.

Муҳаққиқони ватанӣ А.М. Диноршоҳ ва А.У. Азиззода дар ин бора қайд мекунанд, ки «механизми ҳимояи ҳуқуқи инсон ҳамчун маҷмуи воситаҳо ва усулҳои ҳуқуқӣ барои ноил шудан ба мақсади мушаххаси ҳуқуқӣ зарур баррасӣ мегардад, ки мантиқан, марҳила ба марҳила, аз рӯи нақшаи меъёрии муайяни сохташуда ташкил ва амал мекунад»[319]. С.М. Салоҳидинова қайд мекунад, ки «ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон вазифаи конститутсионии давлат дар симои мақомот ва шахсони мансабдори он ба ҳисоб меравад. Ба

[318] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 20 марти соли 2008, №374 // АМОҶТ с. 2008, №3, мод. 193.

[319] Диноршоев А.М. Механизмы защиты прав человека в Республике Таджикистан. Монография. – Душанбе, 2014. – С. 5.; Диноршох А.М., Азиззода У.А., Павленко Е.М. Искандаров Ш.Ф. Механизмы защиты прав человека. Учебное пособие / Под ред. д.ю.н., профессора А.М. Диноршоха. – Душанбе, 2018. – С. 22.

мазмуни ин масъулият фароҳам овардани шароит барои амалишавии ҳуқуқу озодиҳо ва механизмҳои ҳимояи онҳо дохил мешавад»[320]. Чунин андешаро муаллифони хориҷӣ низ баён мекунанд. Аз ҷумла, Е.И. Козлова ва О.Е. Кутафин таъкид мекунанд, ки "ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон аз давлат истифодаи амалҳои фаъол ва фароҳам овардани имконоти муносиб ба шахсро барои ҳимояи ҳуқуқҳои худ дар сурати поймол намудани онҳо тақозо мекунад"[321]. М.А. Киавлов таъкид мекунад, ки «давлат ҳамчун ташкилоти сиёсию ҳуқуқӣ ҳамеша масъулияти ҳимоя ва таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсонро ба дӯш дорад. Агар дар Конститутсия, қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд мустаҳкам нашуда бошад, пас, ҳуқуқи инсон самти татбиқи худро аз даст медиҳад»[322].

Ҳамин тариқ, ҳимояи ҳуқуқи инсон ин ҳамон воситаи ҳуқуқиест, ки истифодаи он имрӯз на танҳо мувофиқи мақсад, балки барои амалишавии пурраи ҳуқуқҳои инсон зарур аст. Ин махсусан дар соҳаи фаъолияти меҳнатии шаҳрвандон муҳим арзёбӣ мегардад, ки бо сабабҳои гуногуни объективӣ ва субъективӣ бештар вайрон карда мешаванд. Аз ин рӯ, дар шароити муосир механизмҳои ҳимояи ҳуқуқ ба меҳнат дар таҳаввулоти нав қарор доранд.

Бояд хотиррасон кард, ки чунин рушдёбӣ бо сабабҳои муайян, ки байни онҳо, пеш аз ҳама, ислоҳоти куллии низоми ҳимояи ҳуқуқи шаҳрвандон дар соҳаи меҳнат ва тағйир додани сохтори худи ҳуқуқҳои ҳимояшавандаро зикр кардан лозим аст, таҳқиқоти ҷиддии назариявиро талаб мекунад.

Мафҳуми «ҳимоя» дар илм аз ҷанбаҳои гуногун баррасӣ мешавад. Ин бо он алоқаманд аст, ки аз рӯи моҳияти худ, механизми амал, шаклҳои зуҳур, восита ва усулҳои татбиқ, барои дарк кардан хеле душвор аст. Ҳамин тавр, С.С. Алексеев таъкид кардааст, ки «ҳимояи ҳуқуқ ин фаъолияти маҷбурии давлатӣ мебошад, ки ба барқарор кардани ҳуқуқи поймолшуда ва таъмини

---

[320] Салохидинова С.М. Право на предпринимательскую деятельность в конституционном праве Республики Таджикистан. – Душанбе, 2018. – С.151.
[321] Козлова Е.И., Кутафин О.Е. Конституционное право России. – М., 2005. – С. 63.
[322] Киавлов М.А. Прокурорский надзор за обеспечением прав личности при расследовании преступления. – М., 1981. – С. 31.

иҷрои ӯҳдадориҳои ҳуқуқӣ нигаронида шудааст»[323]. Пажуҳишгари ватанӣ Ш.Х. Камолов таҳти мафҳуми ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон маҷмуи ӯҳдадориҳои конститутсионии давлатиеро мефаҳмад, ки дар санадҳои меъёрии ҳуқуқии давлат муқаррар гардидаанд ва дар низоми вазифаҳои давлат мақоми махсусеро ишғол мекунанд[324]. Масъалаи механизмҳои ҳимояи ҳуқуқҳои инсонро таҳқиқ карда, З.Х. Искандаров қайд мекунад, ки онҳо усулҳои ҳуқуқие мебошанд, ки тавассути онҳо ҳуқуқҳои инсон аз дилхоҳ таҷовузҳо ҳифз карда мешаванд[325].

А.М. Диноршоҳ қайд мекунад, ки ҳимояи ҳуқуқи инсон маҷмуи усулҳо, воситаҳо, тартиб ва шаклҳои фаъолияти ниҳодҳои байналмилалӣ, мақомоти давлатӣ ва ғайридавлатие мебошад, ки дар санадҳои меъёрии ҳуқуқие, ки дар низоми ягонаи ҳимояи ҳуқуқи инсон амал мекунанд ва амалишавии онҳоро таъмин менамоянд, муқаррар шудаанд[326].

Аз андешаҳои зикршуда ба хулосае омадан мумкин аст, ки ҳимояи ҳуқуқҳои конститутсионӣ, аз ҷумла ҳуқуқ ба меҳнат тавассути истифодаи намудҳои гуногуни фаъолияти мақомот ва шахсони мансабдор, инчунин, бо шаклу усулҳои дигар таъмин карда мешавад.

Чунин таҳқиқотҳоро аз ҷанбаҳои умумии назариявӣ бояд оғоз кард, аз ин рӯ, пеш аз ҳама, бояд мафҳуми шаклу усулҳои ҳимоя ва робитаи онҳоро муайян намуда, тавассути муносибатҳои меҳнатӣ маҳдудиятҳои имконпазири истифодаи усулу шаклҳои алоҳидаи ҳимояи ҳуқуқи субъективӣ ба меҳнатро муайян кард. Ҳамчунин, дар партави таҳқиқоти идомадошта масъалаи таносуби мафҳумҳои «ҳимоя» ва «ҳифз»-ро ба миён гузоштан зарур аст, зеро ин ду категория дар қонунгузории меҳнат истифода мешаванд. Бо таърифи ин категорияҳо мо таҳқиқоти худро идома медиҳем.

Дар адабиёти ҳуқуқӣ муносибати байни мафҳумҳои «ҳимоя» ва «ҳифз» ба таври кофӣ ва муфассал омӯхта шудааст. Муҳаққиқи ватанӣ С.М.

---

[323] Алексеев С. С. Общая теория права. – М.: Юридическая литература, 1981. – Т. 1. – С. 280.
[324] Ниг.: Камолов Ш.Х. Конституционно-правовая регламентация институтов защиты прав и свобод человека и гражданина в Республике Таджикистан: дис. ... канд. юрид. наук. – Душанбе, 2019. – С. 12.
[325] Ниг.: Искандаров З.Ҳ. Ҳуқуқҳои инсон ва механизми миллии ҳимояи он. – Душанбе, 2007. – С. 78.
[326] Ниг.: Диноршох А.М., Азиззода У.А., Павленко Е.М. Искандаров Ш.Ф. Механизмы защиты прав человека. Учебное пособие / Под ред. д.ю.н., профессора А.М. Диноршоха. – Душанбе, 2018. – С.22.

Салоҳидинова ин масъаларо таҳқиқ карда, қайд мекунад, ки донишмандонро дар ин масъала ба се гурӯҳ ҷудо мумкин аст[327]. Гурӯҳи якуми олимон чунин мешуморанд, ки мафҳумҳои «ҳифзи ҳуқуқ» ва «ҳимояи ҳуқуқ» айният доранд[328]. Гурӯҳи дуюми олимон ба ин бoваранд, ки мафҳуми «ҳимояи ҳуқуқи инсон» аз мафҳуми «ҳифзи ҳуқуқи инсон» васеътар аст[329]. Гурӯҳи сеюм таъкид мекунанд, ки ҳарчанд ин мафҳумҳо ба ҳам наздик бошанд, ҳам вале муродиф (синоним) нестанд. Бинобар ин, онҳоро омехта кардан мумкин нест[330]. Агар андешаҳои онҳоро ҷамъбаст кунем, пас, «ҳифз» ва «ҳимоя»-ро онҳо ҳамчун ҷанбаҳои гуногуни таъмини ҳуқуқҳои шахс маънидод мекунанд»[331]. Ба ибораи дигар, ҳифз хусусияти пешгирикунанда ва ҳимоя табиати ҳуқуқбарқароркунанда дорад. Бештари олимони ватанӣ нуқтаи назари гурӯҳи сеюми олимонро дастгирӣ мекунанд. Ҳамин тавр, А.М. Диноршоҳ қайд мекунад, ки «мафҳуми «ҳифзи ҳуқуқ» хусусияти пешгирикунанда, превентивиро дорад ва «ҳимояи ҳуқуқ» хусусияти барқароркунандаро»[332] дорад. Ҳамин андешаро Д.Х. Элназаров[333] ва С.М. Салоҳидинова[334] низ доранд.

Тавре таҳлили қонунгузории ватании меҳнат нишон медиҳад, дар он мафҳуми «ҳифз» истифода шудааст. Ҳамин тавр, дар моддаи 35 Конститутсия дар қисми 1 муқаррар карда шудааст, ки «ҳар кас ба меҳнат, интихоби касб, кор, ҳифзи меҳнат ҳуқуқ дорад ...» [335]. Дар моддаи 1 Кодекси меҳнат омадааст, ки «ҳифзи меҳнат ин низоми тадбирҳои ҳуқуқӣ, иҷтимоӣ-иқтисодӣ,

---

[327] Ниг.: Салохидинова С.М. Право на предпринимательскую деятельность в конституционном праве Республики Таджикистан. – Душанбе, 2018. – С.151.

[328] Ниг.: Малеин Н.С. Охрана прав личности советским законодательством. – М., 1985. – С. 18-19.; Терехин В.А. Судебная власть в государственно-правовом механизме обеспечения прав и свобод граждан (вопросы теории и практики): автореф. дис. … канд. юрид. наук. – Саратов, 2001. – С. 9.

[329] Ниг.: Зайцев О.А. Теоретические и правовые основы государственной защиты участников уголовного судопроизводства в Российской Федерации: дис. … д-ра юрид. наук. – М., 1999. – С. 22.

[330] Ниг.: Тархов. В.А. Гражданское право. – Чебоксары, 1997. – С. 259-260.

[331] Ниг.: Шадрин В.С. Обеспечение прав личности при расследовании преступления. – Волгоград, 1997. – С. 42.

[332] Ниг.: Диноршоев А.М. Механизмы защиты прав человека в Республике Таджикистан. – Душанбе, 2014. – С. 40

[333] Ниг.: Эльназаров Д.Х. К вопросу о механизме обеспечения и гарантии защиты конституционных прав и свобод человека и гражданина в Таджикистане // Вестник Таджикского национального университета. – 2012. – № ¾ (90). – С. 32.

[334] Ниг.: Салохидинова С.М. Право на предпринимательскую деятельность в конституционном праве Республики Таджикистан. – Душанбе, 2018. – 205 с.

[335] Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23 июли соли 2016, № 1329 // АМОҶТ с. 2016, №7, мод. 604.

ташкилӣ-техникӣ, санитарӣ-гигиенӣ, табобатӣ-пешгирикунанда ва офиятбахшӣ мебошад, ки Кодекси мазкур ва дигар санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ намудаанд, ки бехатарӣ, ҳифзи саломатӣ ва қобилияти меҳнатии шахсро дар ҷараёни фаъолияти корӣ таъмин мекунанд»[336].

Дар баробари ин, на дар Конститутсия ва на дар қонунгузории меҳнат таърифи бевоситаи "ҳимояи ҳуқуқҳои меҳнатӣ" пешбинӣ нашудааст, ҳарчанд ин мафҳум дар кодекс зиёда аз 60 маротиба ба кор рафтааст. Таҳлили ин муқаррарот имкон медиҳад, хулоса кард, ки мафҳуми «ҳимоя» дар ду мазмун – ҳамчун механизми таъмингари ҳифзи меҳнат ва ҳамчун фаъолияти субъектҳои дахлдор оид ба ҳимояи ҳуқуқҳои меҳнат аз вайронкунӣ, истифода мешавад. Ҳамин тавр, дар доираи тафсири якуми мафҳуми «ҳимоя» метавон мазмуни моддаи 344 КМ ҶТ «Кафолатҳои давлатии таъмини ҳуқуқи кормандон ба ҳифзи меҳнат»-ро дар зербанди 4 овардан мумкин аст, ки дар он гуфта мешавад: «бо мақсади таъмини ҳуқуқи меҳнаткашон ба ҳифзи меҳнат давлат ҳимояи судии ҳуқуқи кормандонро ба ҳифзи меҳнат аз амалҳои ғайриқонунии корфармоён ва шахсони мансабдор кафолат медиҳад»[337].

Дар тафсири дуюм категорияи «ҳимоя» дар доираи моддаи 15- «Субъектҳои муносибатҳои меҳнатӣ» истифода мешавад, ки дар қисми 2-и он омадааст: "Шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ манфиати кормандон ва корфармоёнро дар доираи ваколаташон, ки бо Кодекси мазкур ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, санади судӣ, ҳуҷҷатҳои таъсисӣ ва ё ваколатнома пешбинӣ шудааст, ҳимоя менамоянд"[338].

Ҳамин тариқ, таҳкими конститутсионӣ ва ҳуқуқии категорияҳои «ҳимоя» ва «ҳифз»-ро дар заминаи ҳуқуқ ба меҳнат ба таври мухтасар ҷамъбаст намуда, мо ба чунин хулоса омадем:

[336] Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23 июли соли 2016, № 1329 // АМОҶТ с. 2016, №7, мод. 604.
[337] Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23 июли соли 2016, № 1329 // АМОҶТ с. 2016, №7, мод. 604.
[338] Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23 июли соли 2016, № 1329 // АМОҶТ с. 2016, №7, мод. 604.

Аввалан, мо бо муаллифоне розӣ ҳастем, ки ин категорияҳоро аз рӯи таъиноти иҷтимоияшон фарқ мекунанд. Дар воқеъ, мафҳуми «ҳифзи ҳуқуқ» хусусияти пешгирикунанда, превентивӣ дорад ва «ҳимояи ҳуқуқ» барқароркунанда аст. Ин далел дар мисоли ҳуқуқ ба меҳнат возеҳ дида мешавад, ки дар он категорияи «ҳифзи ҳуқуқ ба меҳнат» ҳамчун маҷмуи тадбирҳое амал мекунад, ки аз ҷониби мақомоти ваколатдор оид ба таъмини шароити мувофиқи меҳнат андешида мешаванд. «Ҳимояи ҳуқуқ ба меҳнат» ҳамчун механизми барқарорсозӣ дар ҳолати вайрон кардани ҳуқуқҳои меҳнатӣ баромад мекунад. Ин тадбирҳо аз ҷониби субъектҳои дахлдор бо шакл ва усулҳои муқаррарнамудаи қонунгузорӣ, амалӣ карда мешаванд.

Дувум, қонунгузории меҳнатӣ бештар ба тадбирҳои ҳифзкунанда оид ба таъмини ҳуқуқ ба меҳнат нигаронида шудааст, дар ҳоле ки тадбирҳои муҳофизатӣ – барқароркунанда пурра инъикос нагардидаанд. Бо ин мақсад, мо пешниҳод менамоем, ки ба қонунгузории кишвар тағйироти дахлдор ворид карда шавад. Ҳамин тавр, мо дар асоси омӯзиши танзими конститутсионии ҳуқуқи меҳнат дар кишварҳои хориҷӣ, пешниҳод менамоем, ки моддаи 35 қисми 5-и Конститутсия бо мазмуни зайл илова карда шавад: “Шаҳрвандон ба ҳимояи ҳуқуқҳои меҳнатӣ барои таъмини манфиатҳои иқтисодӣ ва иҷтимоии худ ҳуқуқ доранд, аз ҷумла ҳуқуқи муттаҳид шудан ба иттифоқҳои касаба, бастани созишнома ва шартномаҳои коллективӣ ва ҳуқуқ ба баҳсҳои меҳнатии инфиродӣ ва коллективиро бо истифода аз усулҳои муқаррарнамудаи қонун барои ҳалли онҳоро доранд”.

Пас аз муайян кардани мафҳумҳои «ҳимоя» ва «ҳифз», инчунин истифодаи онҳо дар қонунгузории танзимкунандаи муносибатҳои меҳнатӣ, ба омӯзиши масъалаҳои марбут ба шакл ва усулҳои ҳимояи ҳуқуқҳои меҳнатӣ мегузарем.

Дар адабиёти ҳуқуқӣ таҳти мафҳуми «усул» одатан ин ё он амал ва ё дурусттараш, низоми амалҳое, ки дар иҷрои ин ё он кор ё дар татбиқи чизе истифода мешаванд, мефаҳманд. Ба ибораи дигар, зери усули ҳимояи ҳуқуқи

субъективӣ маҷмӯи муайяни амалҳоеро дар назар дорад, ки субъекти ин ҳимоя бояд барои ба даст овардани натиҷаи мусбат иҷро намояд.

Дар мавриди истилоҳи «шакл» (аз лотинии «forma» – намуд, зоҳир) бошад, дар баробари бисёрмаъноии он, робитаи мутақобилаи онро бо истилоҳи «мазмун» низ зикр кардан лозим аст. Дар ин ҷо қайд мекунем, ки агар зери мафҳуми «мазмун» мафҳуми муайяни «ягонагии ҳамаи унсурҳои асосии бутун, хосиятҳо ва алоқаҳои он, ки дар шакли мавҷуда ифода ёфтааст ва аз он ҷудонашаванда аст», фаҳмида шавад, пас, шакл ин усули муайяни мавҷудияти мазмун, ҷудонашаванда аз он ва ҳамчун ифодаи он хидматкунанда буда, аст; намуд, сохтор, тарзи ташкили чизеро мефаҳмонад. Ҳамин тавр, шакли ҳимояи ҳуқуқ ба меҳнат ин маҷмӯи тартибу тадбирҳоест, ки аз ҷониби қонун танзим мешаванд ва ба барқарор намудани ҳуқуқи поймолшуда (баҳсшуда) ва рафъ намудани амалҳои ғайриқонунӣ нигаронида шудаанд. Интихоби шакли ҳимояи конститутсионию ҳуқуқии ҳуқуқ ба меҳнат чунин муайян карда мешавад:

1) бо табиати талаботи моддӣ-ҳуқуқӣ, ки бояд ҳимоя карда шаванд;

2) бо хусусиятҳо ва табиати салоҳияти мақомоти дахлдори ҳуқуқҳимоякунанда;

3) бо шароити мушаххаси ҳуқуқӣ ва воқеие, ки корманди ҳуқуқаш поймолшуда дар он қарор гирифтааст.

Ба ибораи дигар, ин ё он усули ҳимояро тавассути мазмуну шакли муайян ифода кардан мумкин аст. Ҳамин тавр, агар мазмуни ин усул ҳамон як маҷмуи амалҳои муайяни субъекти ҳимоя бошад, пас шакл ин ифодаи протсессуалӣ ва ё ҳатто қонунгузории (дурусттараш расмикунонии) ин амалҳо мебошад. Чунин ба назар мерасад, ки як усули ҳимоя метавонад якчанд «таркиб»-ро дар бар гирад, ки дорои ин ё он мазмун (маҷмуи амалҳо) ва шакли мувофиқ (дастурҳои дар қонун ба расмият даровардашуда, ки ин амалҳо ба иҷрои онҳо нигаронида шудаанд) бошанд. Дар ин ҷо, бояд қайд кард, ки дар амал усули ҳимоя аз сабаби имкони тақсим шуданаш ба таркибҳои мустақил, маҷмуи муайяни амалҳоро ифода мекунад, ки бо

шабоҳат доштани хусусиятҳои методологии татбиқи ин амалҳо дар амал муттаҳид карда шудаанд.

Бо назардошти робитаи муайяншудаи байни шакл ва усулҳои ҳимояи ҳуқуқ ба меҳнати шаҳрвандон ва бо таҳлили усулҳои ҳимояи ин ҳуқуқҳои дар қонунгузорӣ мустаҳкамшуда, мо метавонем ба осонӣ нақшаи таснифотиеро таҳия кунем, ки робитаи мутақобилаи байни шаклҳо ва усулҳои ҳимояи ҳуқуқ ба меҳнатро равшан нишон медиҳад.

Дар асоси омӯзиши қонунгузории меҳнат усулҳои зерини ҳимояро ҷудо кардан мумкин аст: назорати давлатӣ оид ба риояи қонунгузории меҳнат; ҳимояи ҳуқуқҳои меҳнатӣ аз ҷониби иттифоқҳои касаба; ҳимояи ҳуқуқҳои меҳнатӣ дар мақомоти судӣ. Ҳамчунин, ба сифати усули ҳимояи ҳуқуқҳои меҳнатӣ бояд чунин усул, ба монанди худмуҳофизатии инфиродии ҳуқуқҳои меҳнатии худ аз ҷониби кормандонро таъкид кард.

Ҳамин тавр, ба усулҳои ҳимои ҳуқуқ ва озодиҳо дар соҳаи меҳнат метавон дохил кард:

- Худмуҳофизатии инфиродии ҳуқуқҳои меҳнатӣ, ки дар шакли талаб аз корфармо оид ба иҷрои шартҳои шартномаи меҳнатӣ, созишнома ва шартномаҳои коллективӣ амалӣ карда мешавад (моддаи 18 Кодекси меҳнати ҶТ); дар шакли даст кашидан аз иҷрои кор дар сурати ба миён омадани вазъияте, ки ба саломатӣ ё ҳаёти ӯ таҳдид мекунад, бо огоҳии хаттӣ ба роҳбари бевоситаи худ ё корфармо (моддаи 18 Кодекси меҳнати ҶТ); шикоят аз амал ё беамалии ғайриқонунии корфармо дар соҳаи бехатарӣ ва ҳифзи меҳнат (сархати 9 моддаи 345 Кодекси меҳнати ҶТ).

- Ҳимояи дастаҷамъии ҳуқуқҳои меҳнатӣ аз ҷониби коллективи меҳнатӣ (баҳси коллективӣ), ки дар шакли пешниҳоди талаби коллективи меҳнатӣ сурат мегирад (моддаҳои 318-321 Кодекси меҳнати ҶТ); дар шакли истифодабарии расмиёти мусолиҳа (миёнарав) (м. 320 Кодекси меҳнати ҶТ); дар шакли корпартоӣ (моддаҳои 323-324 Кодекси меҳнати ҶТ).

- Ҳимояи ҳуқуқҳои меҳнатӣ аз ҷониби иттифоқҳои касаба, ки дар шакли татбиқи вазифаҳои назоратии мақомоти иттифоқҳои касаба сурат мегирад

(боби 2 Қонуни ҶТ «Дар бораи иттифоқҳои касаба» аз 2 августи соли 2011); дар шакли иштироки мақомоти иттифоқҳои касаба дар қабули қарор аз ҷониби корфармо (моддаи 319 Кодекси меҳнати ҶТ).

- Ҳимояи судии ҳуқуқҳои меҳнатӣ дар шакли пешазсудии баррасии баҳсҳои меҳнатии коллективӣ - арбитражи меҳнатӣ (моддаи 321 Кодекси меҳнати ҶТ); дар шакли баррасии судии баҳсҳои меҳнатии коллективӣ (моддаи 322 Кодекси меҳнати ҶТ) ва ғайра;

- Ҳимояи ҳуқуқҳои меҳнатӣ аз ҷониби мақомоти давлатӣ, аз ҷумла дар шакли фаъолияти қонунгузории мақомоти парлумонӣ; дар шакли амали мақомоти ҳокимияти иҷроия вобаста ба ҳифз ва ҳимояи ҳуқуқҳои меҳнатии шаҳрвандон.

Таснифоти мазкури усулҳои ҳимояи ҳуқуқи шаҳрвандон ба меҳнат имкон медиҳад ба хулосае биёем, ки он аз се зернизом дар асоси нақш ва дараҷаи иштироки давлат дар механизми ҳимояи ҳуқуқи инсон ташаккул меёбад.

Аввалан, ин усулҳои ҳимояи ҳуқуқҳои меҳнатӣ мебошанд, ки дар онҳо иштироки давлат хусусияти маҳдудӣ дорад, яъне давлат дар ҳалли масъалаҳои бамиёномада бевосита иштирок намекунад — ин худмуҳофизати инфиродӣ, ҳимояи дастаҷамъона ва ҳимоя аз ҷониби мақомоти иттифоқҳои касаба мебошад. Усули дуюм нақши давлатро дар ҳалли баҳсҳои меҳнатӣ ҳамчун ҳаками мустақил – арбитражи меҳнатӣ, ҳимояи судии ҳуқуқҳои меҳнатӣ тавсиф мекунад. Сеюм, усули ниҳоии иштироки давлат ин он усулҳое мебошад, ки тавассути онҳо давлат дар симои мақомоти худ дар ҳалли ҳолатҳои баҳсноки меҳнатӣ – ҳимояи ҳуқуқҳои меҳнатӣ аз ҷониби мақомоти давлатӣ бевосита иштирок мекунад.

Дар адабиёти ҳуқуқӣ ду намуди ҳимояи ҳуқуқҳои субъективӣ, аз ҷумла ҳуқуқ ба меҳнат – ҳуқуқӣ ва ғайриҳуқуқиро ҷудо мекунанд. Ҳамин тавр, А.В. Стремоухов ба ин навъҳои ҳимояи қайдшуда чунин таъриф медиҳад: шакли ҳуқуқии ҳимояи ҳуқуқи инсон дар фаъолияти мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти ҳокимияти маҳаллӣ оид ба барқарор намудани ҳуқуқи поймолшуда ифода меёбад, ки дар доираи тартиби муқаррарнамудаи қонун

амалӣ мегардад ва натиҷаи он, ҳалли масъала аз рӯи моҳият мебошад. Шакли ғайриҳуқуқии ҳимояи ҳуқуқи инсон ин маҷмуи амалҳои шахсони ваколатдор оид ба барқарор кардани ҳуқуқҳои поймолшуда ё баҳсбарангез бидуни муроҷиати кумак ба мақомоти салоҳиятдор ва ташкилотҳо мебошад.

Ба андешаи ӯ, тафовути асосии ин шаклҳои ҳимояи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон дар он аст, ки ҳимояи ҳуқуқи инсон дар шакли ғайриҳуқуқӣ дар доираи муносибатҳои ҳуқуқии моддӣ сурат мегирад ва аз ҷониби иштирокчиёни он амалӣ мегардад. Шакли ҳуқуқии ҳимояи ҳуқуқи инсон аз ҷониби мақомоти гуногуни салоҳиятдор, ки барои ин намуди фаъолият махсус ваколатдор шудаанд, бо тартиби махсуси мурофиавӣ, ки ба ҳар яки онҳо хос аст, амалӣ карда мешавад[339].

Ба ин таркиб, ҳимояи мустақилона, ҳимояи дастаҷамъона ва ҳимояи мақомоти иттифоқҳои касаба ба низоми ғайриҳуқуқии ҳимояи ҳуқуқҳои шаҳрвандон дохил мешаванд ва боқимонда усулҳои ҳимоя ба ҳуқуқӣ шомил буда, ҳам дар намуди судӣ ва ҳам дар шакли маъмурӣ-ҳуқуқӣ амалӣ карда мешаванд.

Минбаъд ин усулҳо ва шаклҳои ҳимояи ҳуқуқ ба меҳнатро муфассалтар дида мебароем.

Аввалин усули қайдшудаи ҳимояи ҳуқуқҳои меҳнатӣ худмуҳофизати инфиродӣ ба ҳисоб меравад. Бисёре аз муаллифон ин усули ҳимояро ҳамчун усули нави ҳимояи ҳуқуқҳои меҳнатӣ дар қонунгузории меҳнат эътироф намуда[340], як намуди худмуҳофизатии ҳуқуқӣ маънидод мекунанд.

Дар адабиёти ҳуқуқӣ зери мафҳуми худмуҳофизатии ҳуқуқӣ, ба таври умумӣ, чунин шакли ҳимоя фаҳмида мешавад, ки амали якҷонибаи шахси ваколатдор барои истифодаи воситаҳо ва усулҳои мушаххаси муҳофизат, бидуни муроҷиат ба мақомоти ваколатдор, ифода мекунад[341]. Ба андешаи В.Н. Карташов, худмуҳофизатии ҳуқуқӣ ин фаъолияти мушаххаси аз ҷониби

---

[339] Ниг.: Стремоухов А.В. Правовая защита человека. – М., 2007. – С. 27-30.

[340] Ниг.: Князева Н. А. Понятие и виды форм защиты трудовых прав работников // Вестник ВГУ. Серия: Право. – 2012. – № 2. – С.368.

[341] Ниг.: Уздимаева Н.И. Правовая самозащита: российские и международные стандарты: учеб. пособие / науч. ред. д-р юрид. наук проф. Н.И. Матузов. – Саранск: Изд-во Мордов. ун-та, 2017. – С. 37.

қонун манънашудаи субъектони ҳуқуқ мебошад, ки ба ҳимояи ҳуқуқ, озодиҳо, манфиатҳо ва уҳдадориҳои худ дар ҳолатҳои вайрон кардан ё кӯшиши вайрон кардани онҳо, бе муроҷиати ин субъектон ба шахсони ваколатдори давлатӣ, ғайридавлатӣ ва мақомот, нигаронида шудааст[342].

Дар Кодекси меҳнати ҶТ мафҳуми «худмуҳофизати инфиродии ҳуқуқҳои меҳнатӣ» оварда нашудааст. Бисёре аз муаллифон набудани мафҳуми аз ҷониби умум пазируфташударо бо мавҷудияти худмуҳофизатӣ дар соҳаҳои гуногуни ҳуқуқ алоқаманд мекунанд[343]. Ҳамин тавр, дар КМҶТ[1] муқаррар шудааст, ки «худҳимояи ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ иҷозат дода мешавад. Усулҳои худмуҳофизатӣ бояд ба ҳуқуқвайронкунӣ мутаносиб бошанд ва аз доираи амалҳои зарурии барои рафъи он берун набароянд»[344]. Бисёре аз муаллифон категорияҳоеро ба мисли «ҳимояи зарурӣ» ва «зарурати ниҳоӣ», ки дар соҳаҳои ҷиноятӣ ва дигар соҳаҳои ҳуқуқ истифода мешаванд, ҳамчун усулҳои худмуҳофизатӣ дохил мекунанд[345].

Аммо дар дигар соҳаҳои ҳуқуқ мавҷуд будани категорияи «худмуҳофизатӣ» маънои татбиқи якхелаи онро дар раванди танзими муносибатҳои ҳуқуқи меҳнатиро надорад. Бинобар ин, бо мавқеи як қатор муаллифон розӣ шудан душвор аст, ки принсипи мутаносибии дар ҳуқуқи шаҳрвандӣ ифодаёфта умумиҳуқуқист,[346] аз ин рӯ, дар қиёс бо ҳуқуқи шаҳрвандӣ, воситаҳои худмуҳофизатии ҳуқуқҳои меҳнатии кормандон набояд аз доираи амалҳои барои иҷрои онҳо зарур берун бароянд ва вайрон кардани ин қоида – вайрон кардани қонунгузории меҳнат буда, ба корфармо имкон медиҳад, ки барои ҳимояи ҳуқуқҳои худ ба суд муроҷиат намояд[347]. Аммо бо ин хулоса розӣ шудан душвор аст, зеро сохти ҳуқуқии

---

[342] Ниг.: Карташов В.Н. Теория государства и права: учебное пособие для бакалавров. – Ярославль: ЯрГУ, 2012. – С. 259.

[343] Ниг.: Рамонов С.А. Формы и способы самозащиты // Современный ученый. – 2019. – № 5. – С. 260-266.

[344] Ниг.: Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24 декабри соли 2022, 1918 // Ахбори Маҷлиси Оли ҶТ, 2022. – № 12. – Қисми 1-2.

[345] Ниг.: Иоффе О.С. Избранные труды. В 4-х т., Том II. Советское гражданское право. – СПб.: Юридический центр Пресс, 2004. – С. 331- 337.

[346] Ниг.: Лушникова М. В. Юридическая конструкция способов защиты трудовых прав работников // Вестн. труд. права и права соц. обеспечения: сб. науч. тр. Вып. 6: Юридические конструкции в трудовом праве и праве социального обеспечения / под ред. А. М. Лушникова, М. В. Лушниковой. – Ярославль, 2012. – С. 105-128.

[347] Ниг.: Халиков В.Р. Защита трудовых прав работников. – Челябинск: Челяб. гос. ун-т, 2004. – 75 с.

худмуҳофизатӣ дар ҳуқуқи меҳнат дигар аст: дар ҳуқуқи меҳнатӣ бар хилофи ҳуқуқи шаҳрвандӣ воситаҳои худмуҳофизатӣ танҳо дар сурати риоя кардани як қатор шартҳо ва тартиби муқарраршудаи татбиқи онҳо истифода мешаванд, ки ҳадди хоси худмуҳофизат мебошад. Ҳамин тавр, ин усули ҳимоя дар саркашӣ кардани корманд аз иҷрои уҳдадориҳои меҳнатии худ бе муроҷиат ва ё бо муроҷиат ба мақомоти баррасии баҳсҳои меҳнатии инфиродӣ ва ё мақомоти назоратии аз болои иҷрои қонунгузории меҳнат зоҳир мегардад.

Бо сабаби навгонии муайянӣ ба расмият даровардани усули баррасишавандаи ҳимояи ҳуқуқҳои меҳнатӣ дар қонун, дар Кодекси меҳнатии ҷорӣ дар танзими ҳуқуқии худмуҳофизатӣ баъзе камбудиҳо дар воқеъ ҷой доранд. Аз ҷумла, дар Кодекси меҳнати ҶТ шаклу усулҳои ҳимояи мустақилонаи ҳуқуқҳои кормандон нишон дода нашудааст, чи тавре, масалан, он нисбат ба шаклҳои ҳимояи коллективӣ сурат мегирад.

Тавре дар боло қайд кардем, худидоракунии ҳуқуқи меҳнатӣ дар айни замон танҳо бо роҳи даст кашидан аз кор ё боздоштани кор аз ҷониби корманд иҷозат дода мешавад. Тавре таҳлили КМ ҶТ нишон медиҳад (моддаи 18, 345), ин усул танҳо дар як ҳолат – ба вуҷуд омадани ҳолате имконпазир аст, ки ба саломатӣ ё ҳаёти корманд таҳдид кунад. Дар баробари ин, ӯ бояд ба роҳбари бевоситаи худ ё намояндаи корфармо дар ин бора хабар диҳад. Ҳамин тариқ, метавон хулоса кард, ки қонунгузории ватанӣ доираи татбиқи шаклу усулҳои худҳимояро (муҳофизат) маҳдуд мекунад. В.Н. Толкунова дуруст таъкид мекунад, ки «худмуҳофизатии ҳуқуқҳои меҳнатӣ на танҳо дар соҳаи бехатарии меҳнат, балки дар дигар ниҳодҳои ҳуқуқи меҳнат низ татбиқ карда мешавад»[348]. Чунин ба назар мерасад, ки ҳимояи мустақилона метавонад, масалан, ба табъизи корманд дар муносибатҳои меҳнатӣ асоснок карда шавад.

Бо ин мақсад, ба мазмуни КМ ҶТ дохил кардани боби алоҳидаро ба мақсад мувофиқ мешуморем, ки он масъалаҳои худмуҳофизати инфироди

[348] Комментарий к Трудовому кодексу Российской Федерации / Под ред. К.Н. Гусова. – М., 2002. – С. 598.

ҳуқуқҳои меҳнатӣ, аз ҷумла, шарту асосҳои татбиқи онҳоро ба танзим дарорад. Аз ҷумла, ба андешаи мо, дар мазмуни ин боб бояд асосҳое дохил карда шаванд, ки дар онҳо корманд тавонад ҳуқуқҳои меҳнатии худро ҳимоя кунад. Дар байни онҳо мо метавонем асосҳои зеринро пешниҳод кунем:

– кор бо шартномаи меҳнатӣ пешбинӣ нашуда бошад;

– корфармо ухдадориҳои худро оид ба пардохти музди меҳнат иҷро намекунад, пардохти музди меҳнатро ба корманд зиёда аз 15 рӯз бозмедорад;

– даст кашидан аз иҷрои корҳои изофакорӣ, корҳои шабона ё ба сафари хизматӣ рафтани кормандон, агар ба онҳо ҷалб намудани кормандон хилофи қонунгузории меҳнат бошад;

– рад кардани корманд аз иҷро намудани талаби корфармо дар бораи пеш аз ба охир расидани рухсатӣ ба кор баргаштан;

– рад кардани корманд аз ғайриқонунӣ ба кори дигар гузаронидан;

– даст кашидани корманд аз гирифтани дафтарчаи меҳнатӣ ҳангоми ворид намудан ба он сабти ба ҳақиқат номувофиқ;

– рад кардани корманд аз ба кор баромадан пас аз 14 рӯз аз рӯзи пешниҳоди аризаи истеъфо бо хоҳиши худ;

– рад кардани корманд аз иҷрои фармони ғайриқонунии роҳбар;

– рад кардани корманд аз гузаштани давраи озмоиши ғайриқонунии муқаррарнамудаи корфармо;

– даст кашидан аз додани ҳуҷҷатҳои ғайриқонунӣ дархостшуда ба корфармо ва дигар шаклҳои худмуҳофизати ҳуқуқҳои меҳнатии кормандон.

Дар баробари ин, дар ин боб бояд ҷанбаҳои мурофиавии татбиқи худмуҳофизатии инфиродӣ низ равшан ифода карда шуда, барои категорияи муайяни кормандон меъёрҳои маҳдудият ҳангоми татбиқи тартиби худмуҳофизат муқаррар карда шаванд. Ҳамин тавр, дар меъёри алоҳида бояд тартиби огоҳ намудани корманд дар бораи вайрон шудани ҳуқуқ ва нияти татбиқи воситаҳои худмуҳофизатӣ ба корфармо, танзим карда шавад, аз ҷумла ухдадории корманд ба корфармо дар бораи вайрон кардани ҳуқуқи вай хабардор кардан ва нияти истифодаи воситаҳои худмуҳофизатӣ муқаррар

шавад, уҳдадории намояндаи корфармо оид ба таври қатъӣ қайд намудани гирифтани чунин огоҳинома мустаҳкам шавад.

Инчунин, муқаррар карда мешавад, ки маҳдуд кардани ҳуқуқ ба худмуҳофизатии инфиродӣ танҳо иҷозат дода мешавад: 1) дар хизмати давлатӣ барои шахсони мансабдоре, ки вазифаҳои худро аз номи давлат иҷро мекунанд; 2) дар хизматрасониҳои ҳаётан муҳим ба маънои қатъии ин истилоҳ, яъне хизматрасоние, ки қатъи фаъолияти онҳо метавонад ба ҳаёт, бехатарӣ ва саломатии як қисм ё тамоми аҳолӣ хатар эҷод кунад; 3) дар ҳолати вазъияти фавқулода.

Ба фикри мо, тадбирҳои пешниҳодшуда метавонанд дараҷаи ҳимояи ҳуқуқҳои меҳнатии шаҳрвандонро баланд бардоранд. Дар баробари ин, дар байни кормандон ва корфармоён оид ба шароити татбиқи расмиёти худмуҳофизатӣ корҳои тарбиявӣ ва фаҳмондадиҳӣ гузаронидан зарур аст. Мусаллам аст, ки танҳо механизмҳои воқеӣ ва амалкунандаи худмуҳофизатӣ метавонанд ҳимояи ҳамаҷонибаи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро таъмин кард.

Усули дуюми шакли ғайриҳуқуқии ҳимояи ҳуқуқҳои меҳнатӣ ин ҳимояи дастаҷамъӣ ба ҳисоб меравад. Бар хилофи ҳимояи мустақилона, ҳимояи дастаҷамии ҳуқуқҳои меҳнатӣ ин «ихтилофҳои ҳалнашуда миёни кормандон (намояндагони онҳо) ва корфармоён (намояндагони онҳо) оид ба муқаррар намудан ва тағйир додани шароити меҳнат (аз ҷумла музди меҳнат), хулоса, тағйир додан ва иҷрои шартномаҳои коллективӣ, созишномаҳо, инчунин, вобаста ба рад кардани корфармо аз ба инобат гирифтани фикри мақомоти интихобшудаи намояндагии кормандон ҳангоми қабули санадҳои дорои меъёрҳои ҳуқуқ ба меҳнат дар ташкилотҳо» мебошад[349].

Ин таъриф ду аломати баҳсҳои меҳнатии дастаҷамъиро ҷудо мекунад (ки аз ҷумла имкон медиҳанд дар бораи ҳимояи дастаҷамъӣ ҳамчун усули мустақили ҳимояи ҳуқуқҳои меҳнатӣ сухан ронем): хусусияти дастаҷамъӣ ва предмети (мавзуи) махсуси ихтилофот.

---

[349] Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23 июли соли 2016, № 1329 // АМОҶТ с. 2016, №7, мод. 604.

Дар баробари ин, бояд қайд намуд, ки хусусияти дастаҷамъии як ё ҳар ду тарафи ихтилофот барои эътирофи низоъи пайдошуда ҳамчун баҳси меҳнатии дастаҷамъӣ ва дар ин ҷода татбиқи қоидаҳои дар моддаҳои 317-326 Кодекси меҳнати ҶТ пешбинигардида асос шуда наметавонад. Вобаста ба ин, аломати дуюми ҳатмии баҳс ин предмети он мебошад, ки ҳангоми интихоби усули ҳимояи ҳуқуқи меҳнат ҳалкунанда ба ҳисоб меравад. Муҳаққиқони ватанӣ Н. Шонасридинов ва Ғ.М. Бобокалонов қайд мекунанд, ки «баҳсҳои меҳнатии дастаҷамъӣ на ҳамагуна мухолифатҳои ҳаллу фасли худро наёфтаи байни корфармоён ва коллективи кормандон, балки он мухолифатҳои ҳаллу фаслнашудае мебошанд, ки дар хусуси муқаррар намудани шароити нав ё тағйир додани шароити дар ташкилот ҷойдоштаи меҳнат, бастани шартномаю созишномаҳои коллективӣ ва иҷрои онҳо, ҳамчунин мухолифатҳои ҳаллу фасли худро наёфта, ки дар хусуси татбиқи муқаррароти қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, шартномаю созишномаҳои коллективӣ рух медиҳанд, эътироф мегарданд»[350].

Ҳамин тариқ, баҳси дастаҷамъӣ дар мавриди муқаррар намудан ва тағйир додани шароити меҳнат, бастан, тағйир додан ва иҷрои созишномаҳо, шартномаҳои коллективӣ, даст кашидан аз ҷониби корфармо аз баинобатгирии фикри мақомоти интихобшудаи намояндагии кормандон ҳангоми қабули санадҳое, ки дорои меъёрҳои ҳуқуқи меҳнат дар ташкилот аст ба миён омаданаш мумкин аст[351].

Бояд қайд кард, ки бар хилофи худмуҳофизатӣ ҳамчун усули ҳимояи ҳуқуқи меҳнатии шаҳрвандон, ҳимояи дастаҷамъӣ ду шакли нисбатан мустақили ҳимояро дар бар мегирад: ҳалли баҳси дастаҷамъӣ бо роҳи мусолиҳа ва корпартоӣ. Шакли якумро, метавон ба якчанд марҳилаи мурофиавӣ тақсим кард, ки дар байни онҳо пешниҳоди талабот аз тарафи коллективи меҳнатӣ, тартиби созиш ва арбитражи меҳнатиро қайд кардан лозим аст.

---

[350] Шонасридинов Н., Бобокалонов Ғ.М. Тафсири кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2017. – С. 830.

[351] Ниг.: Абрамова О., Нуртдинова А. Защита трудовых прав работников. Комментарии нового законодательства // Хозяйство и право. 2002. № 11. – С. 22.

Ҳимояи дастаҷамъонаи ҳуқуқи меҳнатӣ дар шакли истифодаи расмиёти мусолиҳа ин роҳи ҳалли баҳси меҳнатии дастаҷамъӣ тавассути расидан ба ҳалли мувофиқашуда мебошад. Он бо иштироки мақомоти махсус оид ба оштии ихтиёрӣ ба амал баровварда мешавад. Дар ин ҷо вазифаи асосии тарафҳо ва мақомоти созиш (оштӣ) ин пайдо кардани созиши қобили қабул мебошад. Тартиби оштӣ нисбат ба қонунгузории қаблӣ, ба истиснои баъзе ҷузъиёт, тағйир наёфтааст. Мисли пештара дар ҳалли баҳси меҳнатии дастаҷамъӣ се марҳила ва се мақомоте, ки дар баррасии он иштирок мекунанд, вуҷуд доранд. Инҳо комиссияи созиш (оштӣ), миёнарав ва арбитражи меҳнатӣ мебошанд.

Баррасии баҳси меҳнатии дастаҷамъӣ аз тарафи комиссияи созиш марҳилаи ҳатмӣ ба ҳисоб меравад. Баъди ба охир расидани кори комиссияи созиш, агар тарафҳои баҳс ба мувофиқа наомада бошанд, онҳо метавонанд миёнараврo даъват кунанд ё ба таъсиси арбитражи меҳнатӣ шуруъ намоянд. Агар тарафҳо миёнараврo интихоб кунанд, вале он натиҷаи дилхоҳ надиҳад, пас, тарафҳо арбитражи меҳнатиро таъсис медиҳанд.

Ҳамин тариқ, ду шакли имконпазири истифодаи расмиёти созиш (оштӣ) вуҷуд дорад:

1. Комиссияи созиш – миёнаравӣ.

2. Комиссияи созиш – миёнаравӣ – арбитражи меҳнатӣ.

Барои гузаронидани ҳар як тартиб аз ҷониби қонунгузор муҳлатҳои муайяне муқаррар шудааст, ки бояд аз ҷониби тарафҳо риоя карда шавад. Мутобиқи м.м. 320 ва 321-и КМ ҶТ муҳлат барои гузарондани ҳар як тартиб 10 рӯз муқаррар карда шудааст. Ба андешаи мо, бинобар хусусиятҳои хоси муносибатҳои баррасишаванда ва ҷанбаҳои гуногуни баҳси бамиёномада, имкони дароз кардани муҳлатҳо аз рӯи ин тартибҳо пешбинӣ кардан зарур аст. Ба ин муносибат таклиф мекунем, ки моддаҳои мазкур бо муқаррароти чунин мазмун пурра карда шаванд: «Дар сурати зарурати гирифтани маълумоти иловагӣ, муҳокимаи дарозтари масъалаҳои баҳснок, ҷалб намудани мутахассисон ва ғайра, тарафҳо бо созиши мутақобила метавонанд

муҳлати ҳалли баҳси меҳнатии дастаҷамъиро дароз кунанд». Ба андешаи мо, ин тартиб имкон медиҳад, ки имкониятҳои ҳар яке аз ин расмиёти мазкурро бидуни кӯчонидани он ба марҳилаи дигари баррасии баҳс пурра истифода бурд.

Инчунин, бояд қайд кард, ки ҳалли дилхоҳ баҳси коллективӣ бояд, ҳатман, ду марҳиларо гузарад, ки марҳилаи аввал ин комиссияи созиш (оштӣ) мебошад. Аммо бояд таъкид кард, ки дар боби 33-и КМ ҶТ тартиби ташкили ин комиссия ва доираи фаъолияти он нишон дода нашудааст. Бо ин мақсад, таклиф менамоем, ки ба ин боб моддае бо мазмуни зерин дохил карда шавад: «1. Комиссияи созиш мақомоти муваққатан фаъолиятдошта оид ба баррасии баҳси меҳнатии коллективист.

2. Комиссияи созиш баҳсҳои меҳнатии коллективиро оид ба муқаррар намудан ва тағйир додани шароити меҳнат (аз ҷумла, музди меҳнат), бастан, тағйир додан ва татбиқи шартномаҳои коллективӣ, созишномаҳо, инчунин, вобаста ба рад кардани корфармо аз ба инобат гирифтани фикри мақомоти интихобшудаи намояндагии кормандон ҳангоми қабули санадҳои дорои меъёрҳои ҳуқуқи меҳнати, дар ташкилотҳо баррасӣ мекунад.

3. Баррасии баҳси меҳнатии коллективӣ аз ҷониби комиссияи созиш марҳилаи ҳатмии расмиёти мусолиҳа ба ҳисоб меравад.

4. Комиссияи созиш аз ҷониби тарафҳои баҳси меҳнатии коллективӣ дар давоми се рӯзи корӣ аз рӯзи саршавии баҳси меҳнатии коллективӣ таъсис дода мешавад. Қарор дар бораи таъсиси комиссияи созиш бо фармони корфармо ва қарори намояндаи кормандони ташкилот ба расмият даровarda мешавад".

Бар хилофи тартиби баррасии баҳсҳо аз ҷониби комиссияи созиш, тартиби иштироки миёнарав дар баҳс дар Кодекси меҳнати ҶТ муфассалтар танзим шудааст. Ҳамин тавр, тибқи моддаи 320 КМ ҶТ миёнарав бо мувофиқаи тарафҳо интихоб карда шуда, дар гуфтушунид барои ба даст овардани созиш миёнаравӣ мекунад. Тартиби миёнаравиро тарафҳо бо созиш бо миёнарав муайян мекунанд. Пас аз кӯшиши оштӣ додани тарафҳо

миёнарав ба онҳо дар шакли хаттӣ барои ҳалли баҳс тавсияҳо медиҳад. Тавсияҳо барои тарафҳо хусусияти ҳатмӣ доранд, агар тарафҳо пешниҳоди миёнаравро дар давоми даҳ рӯз рад накунанд ва ё қаблан дар бораи татбиқи онҳо созишнома баста бошанд.

Тартиби навбатии оштӣ, ки дар КМ ҶТ муқаррар шудааст, таъсиси арбитражи меҳнатӣ мебошад. Мутобиқи моддаи 321 КМ ҶТ, агар дар комиссияи созиш дар давоми даҳ рӯз созиш ба даст оварда нашавад, тарафҳои баҳси (низоъҳои) меҳнатии коллективӣ бо иштироки намояндаи мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, арбитражи меҳнатӣ таъсис дода мешавад. Дар ин замина як савол боз боқӣ мемонад – тартиби миёнаравӣ ва арбитражи меҳнатӣ расмиёти алтернативӣ ва ё марҳилаҳои пайдарпайи ҳалли баҳси меҳнатии коллективӣ мебошанд? Дар қонунгузорӣ ба ин савол ҷавоби дақиқ вуҷуд надорад. Вобаста ба ин, зарур мешуморем, ки ин масъалаҳо дар қонунгузорӣ бо роҳи муқаррар намудани низоми дугона, яъне тартиби миёнаравӣ ва арбитражи меҳнатӣ бояд ҳам расмиёти мустақиле бошанд, ки тарафҳои баҳси меҳнатӣ онҳоро интихоб карда тавонанд ва ҳам марҳилаҳои пайдарпайи ҳалли мунокишаи меҳнатӣ - агар тартиби миёнаравӣ ба ҳалли баҳс оварда нарасонад, тарафҳо кӯшиш мекарданд, ки масъаларо ба воситаи арбитражи меҳнатӣ ҳал кунанд.

Хусусиятҳои хоси арбитражи меҳнатӣ, мутобиқи КМ ҶТ, инҳоянд:

1. Ба ҳайати арбитражи меҳнатӣ вакилони халқ, намояндагони мақомоти иттифоқҳои касаба, намояндагони кормандон, мақомоти ваколатдори давлатӣ дар соҳаи меҳнат ва шуғли аҳолӣ, мутахассисон – коршиносон ва шахсони дигар дохил шуда метавонанд.

2. Арбитражи меҳнатӣ дар давоми даҳ рӯз аз рӯзи ташкил шуданаш бояд қарор қабул кунад.

3. Қарорҳои арбитражи меҳнатӣ барои иҷро ҳатмӣ мебошанд, агар тарафҳо дар ин бора қаблан созишнома баста бошанд.

Ҳамин тариқ, метавонем хулоса кард, ки арбитражи меҳнатӣ тавсияҳоеро қабул мекунад, ки барои тарафҳо танҳо дар сурати баста шудани

созишномаи махсус оид ба иҷрои ин тавсияҳо ҳатмӣ мебошанд. Натиҷаи баррасии баҳси меҳнатии дастаҷамъӣ дар арбитражи меҳнатӣ ин қабули тавсияҳо оид ба ҳалли баҳс мебошад. Онҳо дар шакли хаттӣ тартиб дода шуда, аз тарафи ҳакамони меҳнатӣ имзо карда шуда, ба ҷонибҳои баҳси меҳнатии дастаҷамъӣ супурда мешаванд. Тавсияҳо, бо назардошти ҳама ҳолатҳои парванда, дар асоси қатъии қонунҳои амалкунанда ва дигар санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии соҳаи меҳнат қабул карда мешаванд. Онҳо аз рӯи шартномаи басташуда оид ба иҷрои онҳо барои тарафҳо ҳатмӣ мебошанд.

Чунин ба назар мерасад, ки истифодаи расмиёти оштӣ дар соҳаи меҳнат ба сифати ҳимояи ҳуқуқ дар доираи ҳалли баҳсҳои коллективӣ, дар оянда бояд васеътар паҳн шавад, зеро дар ин тартиб на танҳо ҳадди ақал ба назар гирифтани манфиатҳои шумораи зиёди кормандон имконияти воқеӣ мавҷуд аст, балки ҳуқуқҳои меҳнатиро бидуни муроҷиат ба миёнаравии давлат, ки масъалаҳои мурофиавиро хеле осон мекунад ва озодии бештарро барои интихоби роҳҳои қобили қабули вазъиятҳои низоӣ фароҳам меорад, ҳимоя кард.

Дар баробари ин, расмиёти оштишавӣ, мутаассифона, на ҳамеша боиси ҳалли ихтилофҳои байни кормандон ва корфармо мегардад. Бинобар ин, қонунгузорӣ шакли дигари татбиқи ҳимояи дастаҷамъии ҳуқуқу озодиҳоро дар соҳаи меҳнат – эълони корпартоиро пешбинӣ мекунад. Корпартоӣ ҳамчун воситаи ҳалли баҳси меҳнатии дастаҷамъӣ танҳо дар сурати натиҷаи ғайриқаноатбахши расмиёти оштӣ, саркашӣ кардани корфармо аз иштирок дар онҳо ва ё аз ҷониби корфармо иҷро накардани созишномаҳои комиссияи созиш ва ё ҳангоми татбиқи миёнаравӣ, инчунин, иҷро накардани тавсияҳои арбитражи меҳнатӣ (моддаи 323 КМ ҶТ) иҷозат дода мешавад.

Ҳуқуқи корпартоиро ҳангоми ҳалли баҳси меҳнатии дастаҷамъӣ бо мақсади маҷбур кардани корфармо ба бастани шартномае истифода бурдан мумкин аст, ки талаботи кормандонро қонеъ гардонад. Чунони таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, маҳз ҳамин гуна корпартоиҳо аксариятро ташкил медиҳанд. Корпартоӣ метавонад ҳамчун воситаи маҷбур кардани корфармо

ба иштирок дар расмиёти оштӣ (агар ӯ аз гузаронидани онҳо саркашӣ кунад) ва ҳам ҳамчун воситаи таъмини иҷрои созишномаҳои ҳосилшуда хизмат кунад.

Ҳуқуқи корпартоиро тавсиф карда, мо алоқаи амалиёти коллективии кормандонро дар ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои бо қонун ҳифзшаванда бо татбиқи дигар ҳуқуқҳои меҳнатии коллективӣ қайд мекунем. Ҳуқуқ ба корпартоӣ бо тартиби муқаррарнамудаи қонун (моддаҳои 323-326 Кодекси меҳнати ҶТ) бо риояи шартҳои муайян амалӣ карда мешавад, ки муҳимтарини онҳо ин эътирофи гузаронидани пешакии расмиёти оштӣ мебошад. Ҳуқуқи эълон кардани корпартоӣ ба коллективи кормандон тааллуқ дорад, лекин як ҷанбаи фардӣ низ мавҷуд аст, ҳуқуқи ихтиёран қарор қабул кардан дар бораи иштирок кардан ё накардан дар корпартоӣ.

Маҷбур кардан ба иштирок кардан ё рад кардани иштирок дар корпартоӣ иҷозат дода намешавад. Барои чунин кирдорҳо ҷавобгарии маъмурӣ ва ҷиноятӣ пешбинӣ мешаванд.

Дар қонун шаклу тартиби гузарондани корпартоӣ пешбинӣ карда нашудааст. Оё кормандони корпарто бояд дар ҷойи кор бошанд, дар хона ва ё дар бинои (дар ҳудуди) корхона ҷамъ шаванд, оё мақомоти роҳбарикунандаи корпартоӣ бояд дар корхона доимӣ ҷойгир бошад, ин ва дигар масъалаҳо оид ба тартиби гузаронидани ҳуқуқ ба корпартоиро қонунгузорӣ ҳал накардааст. Ин маънои онро дорад, ки ба кормандон озодии муайяни интихоб дода мешавад: вобаста ба ҳолат ва шароити мушаххас онҳо ҳуқуқ доранд, ки хусусияти амалиёти корпартоӣ ва тартиби иҷрои онҳоро мустақилона муайян кунанд.

Қонун, доираи субъектҳоеро, ки ҳуқуқ ба корпартоиро доранд, муайян намекунад. Фақат маълум аст, ки ин ҳуқуқ ба коллектив (кормандон, аъзои иттифоқи касаба) тааллуқ дорад. Вобаста ба ин, дар бораи хусусияти коллективҳое, ки метавонанд корпартоиро эълон кунанд, саволе ба миён меояд: Кормандони соҳа ва ё касбу кори муайян корпартоӣ эълон карда метавонанд? Ба ин муносибат қайд кардан зарур аст, ки қарори қабулкардаи

иттифоқи касаба (иттиҳодияи иттифоқҳои касаба) дар бораи гузарондани корпартоӣ расман барои бас кардани кор асос шуда наметавонад. Он бояд бо қарори маҷлиси умумии (конференсияи) коркунони ҳар як ташкилоте, ки дар баҳси меҳнатии коллективӣ иштирок мекунанд, тасдиқ карда шавад.

Аз сабаби он ки қонунгузорӣ ҳуқуқи корпартоиро танҳо дар сурати ба миён омадани баҳси меҳнатии коллективии байни кормандон ва корфармо (корфармоён) эътироф кардааст, банди махсусе ворид карда шуд, ки истифодаи ноодилонаи ин усули ҳимояи коллективиро манъ мекунад. Дар ин ҷо, қайд кардан зарур аст, ки дар КМ ҶТ маҷмуи кафолатҳои татбиқи ҳуқуқи конститутсионӣ ба корпартоиро пешбинӣ шудааст. Ба инҳо на танҳо муайян кардани тартиби гузарондани корпартоӣ, ваколатҳои мақомоте, ки ба он роҳбарӣ мекунад, масъулияти корфармо ва мақомоти давлатӣ, балки мустаҳкам намудани вазъи ҳуқуқии меҳнаткашон вобаста ба корпартоиро низ дар бар мегирад.

Иштироки корманд дар корпартоӣ, яъне аз иҷрои уҳдадориҳои меҳнатӣ (пурра ё қисман) барои ҳалли баҳси меҳнатии коллективӣ даст кашидан амали ҳуқуқӣ ба ҳисоб рафта, онро вайрон кардани интизоми меҳнат ҳисобидан мумкин нест. Гузашта аз ин, кирдорҳои корпартоӣ набояд барои аз кор озод кардан асос шаванд. Эътироф кардани ҳуқуқи корпартоӣ ба кормандон додани чунин кафолатҳоро пешбинӣ мекунад, ки пастшавии оқибатҳои номатлубро вобаста ба татбиқи ин ҳуқуқ таъмин мекунанд. Ин, пеш аз ҳама, таъмини устувории муносибатҳои меҳнатӣ мебошад.

Кормандоне, ки дар корпартоӣ иштирок мекунанд, ҳуқуқи конститутсионии худро татбиқ мекунанд, бинобар ин, амалиётҳои корпартоӣ барои ҷавобгарии интизомӣ асос шуда наметавонанд. Манъи татбиқ намудани муҷозоти интизомӣ нисбат ба корпартоён яке аз муҳимтарин кафолатҳое мебошад, ки барои кормандон вобаста ба баҳси меҳнатии коллективӣ ва корпартоӣ муқаррар карда шудааст. Аммо ин қоида нисбат ба ҳолатҳои вайрон кардани уҳдадории бас кардан ё худдорӣ кардан аз гузарондани корпартоии ғайриқонунӣ дахл надорад.

Муносибатҳои меҳнатӣ дар вақти корпартоӣ давом карда, кормандон ҷои кор ва вазифаи худро нигоҳ медоранд. Аммо дар ин давра кормандон аз иҷрои уҳдадориҳои меҳнатии худ саркашӣ мекунанд ва корфармо аз уҳдадории пардохти музди меҳнат озод мешавад. Илова бар ин, мувофиқи моддаи 324 Кодекси меҳнат, на танҳо барои корпартоён, балки барои кормандоне, ки дар натиҷаи корпартоӣ аз уҳдаи иҷрои кор ва пурра нигоҳ доштани ҳаҷми музди меҳнат баромада наметавонанд, кафолатҳоро пешбинӣ мекунад. Ин кафолат, бешубҳа, ҳамчун воситаи муҳимми ҳимояи ҳуқуқҳои меҳнатии кормандоне, ки дар корпартоӣ иштирок намекунанд, зарур аст.

Шакли ниҳоии ҳимояи ғайриҳуқуқии ҳуқуқҳои меҳнатӣ ин ташкили фаъолияти иттифоқҳои касаба мебошад. Дар бораи нақши муҳимми иттифоқҳои касаба дар таъмини ҳуқуқи меҳнаткашон Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон низ қайд намуданд, ки «иттифоқҳои касаба низ дар баробари сохторҳои ҳокимияти давлатӣ барои ба даст овардани муваффақиятҳо саҳми арзанда мегузоранд. Онҳо ҳамчун ташкилоти оммавии халқ барои иштирок кардан дар идоракунии ҷомеа, тайёр кардани кадрҳо, ҳалли масъалаҳои тезутунди ҳаёт ва таъмини адолати иҷтимоӣ, ба вуҷуд овардани шароити мусоид барои фаъолияти меҳнаткашон дар соҳаҳои хоҷагии халқ масъуланд ва аз ин рӯ, барои иҷрои вазифаҳо ва ваколатҳои қонунии худ чораҳои зарурӣ андешанд” [352].

З.З. Нозакзода қайд мекунад, ки «иттифоқҳои касаба муҳимтарин ниҳоди ҷаҳони муосир, иштирокчиёни муносибатҳои меҳнатӣ, миёнаравҳо, як навъ ҳуқуқшиносони меҳнаткашон ба ҳисоб меравbooнд. Ҳар вақте ки ҳуқуқу манфиатҳои кормандон поймол мешавад, бо умеди натиҷаи муваффақияти кор онҳо ба муассисае, ки аллакай ба онҳо шинос аст, барои ҳимояи ин ҳуқуқҳо муроҷиат мекунанд»[353].

---

[352] [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://prezident.tj (санаи муроҷиат: 28.04.2023 с.).
[353] Нозакзода З.З. Институт профессиональных союзов в Таджикистане: (историко-правовое и сравнительно - правовое исследование): дис. … канд. юрид. наук. – Душанбе, 2023. – С. 20.

Асоси конститутсионии ташаккул ва фаъолияти иттифоқҳои касаба ҳамчун ташкилоти ҷамъиятӣ ин ҳуқуқи шаҳрвандони кишвар ба иттиҳодия мебошад, ки дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мустаҳкам шудааст. Вазъи ҳуқуқии иттифоқҳои касаба дар Тоҷикистон бо Қонуни ҶТ «Дар бораи иттифоқҳои касаба» аз 2 августи соли 2011 ва Кодекси меҳнат танзим карда мешавад. Аз ҷумла, қонун вазъи ҳуқуқӣ, тартиби таъсис ва фаъолияти ташкилотҳои иттифоқҳои касаба, ҳуқуқу кафолатҳо, ҳуқуқу уҳдадориҳо ва муносибатҳои иттифоқҳои касабаро бо мақомоти давлатӣ, корфармоён, иттиҳодияҳои онҳо ва дигар иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ муайян мекунад. Дар Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқҳои иттифоқи касаба дар таҳияи лоиҳа, ворид намудани тағйиру иловаҳо ва назорати иҷрои шартномаи коллективӣ мушаххас шуда, инчунин, асосҳои ҳуқуқӣ, тартиб ва усулҳои ҳалли баҳсҳои меҳнатии коллективиро ҳангоми ҳалли баҳси меҳнатии коллективӣ муқаррар менамояд. Дар баробари ин, Кодекс нақши иттифоқи касабаро ҳамчун намояндаи меҳнаткашон дар раванди ба миён гузоштани талаботҳо, гузарондани тартиботи созиш ва корпартоии қонунӣ ва ғ. муайян мекунад.

Таҳлили нуқтаҳои дар боло зикршуда имкон медиҳад, ки функсия ва вазифаҳои асосиро, ки иттифоқҳои касаба барои иҷрои онҳо уҳдадоранд, муайян кард. Ҳамин тавр, хусусияти хоси мақсадҳои иттифоқҳои касаба ҳамчун иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ мазмуни вазифаҳоеро, ки дар назди онҳо истодаанд, пешакӣ муайян мекунад, ки асосии онҳо ин муттаҳид шудан ва ташкилоти кормандон дар асоси умумияти ҳуқуқ ва манфиатҳои меҳнатӣ, иҷтимоӣ-иқтисодӣ мебошад.

Устувории вазифаҳои асосии оинномавии иттифоқҳои касаба имкон медиҳад, ки мазмун ва намудҳои вазифаҳои онҳоро муайян кунем, ки дар байни онҳо афзалиятнокашон инҳоянд:

1. Тавассути воситаҳои иттифоқи касаба таъмин кардани ҳуқуқу манфиатҳои кормандон (вазифаи муҳофизатӣ). Ин вазифа ба пешгирии вайронкуниҳо ва барқарор намудани ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии

поймолшудаи кормандон дар соҳаи меҳнат, инчунин, ба ҷавобгарӣ кашидани вайронкунандагони онҳо нигаронида шудааст.

Ин вазифа аз ҷониби иттифоқҳои касаба дар ҳамаи марҳалаҳои танзими ҳуқуқии меҳнат зоҳир мегардад: ҳангоми қабули санадҳои нави қонунгузории меҳнат ҳам бо тартиби марказинодашуда ва ҳам дар маҳалҳо; ҳангоми қабули қарор оид ба татбиқи баъзе меъёрҳои ҳуқуқи меҳнат аз ҷониби корфармо, бо назардошти фикри мақомоти иттифоқи касаба, аз ҷумла ҳангоми бекор кардани шартномаи меҳнатӣ бо ташаббуси корфармо; ҳангоми ба амал баровардани кафолатҳои фаъолияти онҳо, ки барои иттифоқҳои касаба ва коркунони интихобшудаи иттифоқҳои касаба муқаррар карда шудаанд; ҳангоми расонидани кумак, ҳимоя ва худмуҳофизатӣ аз ҳуқуқҳои меҳнатӣ ва манфиатҳои қонунии меҳнатии кормандон, аз ҷумла ҳангоми ҳалли баҳсҳои меҳнатии инфиродӣ ва коллективӣ ва барқарор намудани ҳуқуқҳои меҳнатии поймолшуда; ҳангоми ҳимояи ҳуқуқҳои меҳнатии кормандон ҳангоми гузаронидани назорати ҷамъиятӣ аз болои риояи қонунгузории меҳнат ва дар марҳалаи ба ҷавобгарӣ кашидани вайронкунандагони ҳуқуқҳои меҳнатии кормандон ва иттифоқҳои касаба.

2. Ҳуқуқи иттифоқи касаба барои намояндагӣ кардан аз номи кормандон ва хоҳиши онҳо, пешкаш ва ҳимояи манфиатҳои онҳо (вазифаи намояндагӣ). Вазифаҳои намояндагии кормандон дар Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон мустақиман муқаррар карда шудаанд, ки тибқи он, намояндагони кормандон дар шарикии иҷтимоии иттифоқҳои касаба ва дигар мақомоти намояндагии кормандон мебошанд, ки дар асоси санадҳои қонунгузорӣ амал мекунанд.

Намояндагони мақомоти иттифоқи касаба метавонанд дар кори комиссия оид ба баҳсҳои меҳнатӣ (КБМ) иштирок кунанд, ба корманд барои навиштани ариза ба КБМ ва ё суд ёрӣ расонанд, манфиатҳои онро намояндагӣ кунад ва ё дар баррасии ариза ба КБМ ва ё суд бо вай иштирок кунанд, иҷрои қарори қабулшударо назорат кунанд, барои пешгирии ҳамин

гуна поймолкунии ҳуқуқи кормандон чораҳо андешанд. Қонун ба иттифоқҳои касаба ҳуқуқ медиҳад, ки дар мақомотҳо оид ба ҳалли баҳсҳои меҳнатӣ на танҳо манфиатҳои аъзоёни иттифоқҳои касаба, балки дилхоҳ корманде, ки ба онҳо мурочиат мекунад, намояндагӣ кунанд. Меъёри қайдшуда ба назар хеле муҳим аст, зеро иттифоқҳои касаба дар баробари ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои шахсии аъзои иттифоқҳои касаба, пеш аз ҳама, бояд аз ёрӣ ба кормандоне, ки ба онҳо мурочиат кардаанд ва аъзои иттифоқи касаба нестанд, ба онҳо тавассути пешниҳоди ариза ба суд ва намояндагӣ намудани манфиати кормандон ҳангоми баррасии парвандаи мушаххаси меҳнатӣ ёрии ҳақиқӣ расонанд.

3. Вазифаи танзими муносибатҳои ичтимоию меҳнатӣ. Иттифоқҳои касаба ин вазифаро бо шарикони асосии ичтимоӣ: давлат ва корфармоён (иттиҳодияҳои онҳо) дар асоси баробар амалӣ мекунанд. Иттифоқҳои касаба ба ин ё он дарача ба чанбаҳои зерини муносибатҳои ичтимоӣ-меҳнатӣ таъсир мерасонанд: музди меҳнат, меъёрбандии меҳнат, ҳифзи меҳнат, шуғли меҳнат ва ғайра.

4. Вазифаи назоратӣ. Иттифоқҳои касаба ҳуқуқ доранд, то назорати чамъиятиро оид ба риояи қонунгузории меҳнат дар шакли гузаронидани санчишҳо оид ба риояи корфармо, молик ё мақомоти идораи аз чониби он ваколатдоркардаи қонунгузории Чумҳурии Точикистон дар бораи меҳнат ва иттифоқҳои касаба амалӣ ва бартараф намудани вайронкуниҳои ошкоршударо талаб намоянд.

Ҳамин тавр, дар сурати дар раванди санчиш вайронкунии қонунгузории меҳнат ошкор карда шавад, намояндагони иттифоқҳои касаба ҳуқуқ доранд бартараф намудани вайронкуниҳои ошкоршударо талаб намоянд. Ҳамин тариқ, назорати чамъиятӣ имкон медиҳад, ки, аз як тараф, манфиатҳои кормандро ҳимоя намояд, аз тарафи дигар ба корфармо то тафтиши фаъолияти ӯ аз чониби мақомоти танзимкунанда, барои рафъи қонуншикании мавчуда ёрӣ расонад. Ғайр аз ин, иттифоқҳои касаба ҳуқуқ

доранд, ба мақомоти дахлдор оид ба ҷавобгарӣ кашидани шахсоне, ки дар вайрон кардани қонунгузории меҳнат гунаҳгоранд, мурочиат кунанд.

Дар асоси гуфтаҳои боло ба хулосае омадан мумкин аст, ки сарфи назар аз душвориҳои муайян танзими ҳуқуқии аз тарафи иттифоқҳои касаба, ҳимояи ҳуқуқҳои кормандони аъзои иттифоқҳои касаба хеле самаранок аст. Иттифоқҳои касаба, бо ҳимояи манфиатҳои шаҳрвандон, барои мустаҳкам намудани қонуният дар соҳаи муносибатҳои меҳнатӣ шароит фароҳам меоваранд.

Нақши муҳимро дар ҳимояи ҳуқуқҳои инсон, аз ҷумла ҳуқуқ ба меҳнат шаклҳои ҳуқуқии ҳимоя мебозанд. Маҳз онҳо асоси механизми ҳимояи ҳуқуқиро ҳангоми поймол кардани ҳуқуқи инсон ташаккул медиҳанд.

Яке аз усулҳои асосии ҳимояи ҳуқуқӣ ин ҳимояи судии ҳуқуқи инсон мебошад. А.В. Стремоухов низоми судии ҳимояи ҳуқуқи инсонро чунин муайян мекунад: ин шакли фаъолияти ҳуқуқтатбиққунии судҳо дар татбиқи адолати судӣ оид ба парвандаҳои барқарор намудани ҳуқуқҳои поймолшудаи инсон мебошад[354]. Дар робита ба ин А.М. Диноршоҳ қайд мекунад, ки «низоми судии ҳимояи ҳуқуқи инсон дар низоми ҳимояи ҳуқуқи инсон мавқеи хосаеро ишғол мекунад. Ин бо ду омил вобаста аст. Якум, бо маҷмуи калони воситаҳое, ки барои ҳимояи ҳуқуқи инсон пешбинӣ шудаанд ва дуюм, бо доираи масъалаҳои баррасишуда. Тамоми қарору кирдори шахсони мансабдор ва мақомоти ҳокимияти давлатӣ дар суд метавонанд баррасӣ шаванд»[355].

Аксари муаллифони ватаниву хориҷӣ қайд мекунанд, ки дар масъалаи ҳимояи ҳуқуқ ба меҳнат, ҳимояи судӣ меъёри маъмултарин ва муассири барқарор намудани ҳуқуқҳои поймолшуда мебошад[356]. Бояд гуфт, ки шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқи конститутсионии худро ба ҳимояи судӣ амалӣ намуда, ҳуқуқ доранд аз ҳамаи намудҳои ин ҳимоя

[354] Ниг.: Стремоухов А.В. Правовая защита человека. – М., 2007. – С. 208.
[355] Ниг.: Диноршох А.М., Азиззода У.А., Павленко Е.М. Искандаров Ш.Ф. Механизмы защиты прав человека. Учебное пособие / Под ред. д.ю.н., профессора А.М. Диноршоха. – Душанбе, 2018. – С. 22.
[356] Ниг.: Искандаров З.Ҳ. Ҳуқуқҳои инсон ва механизми миллии ҳимояи он. – Душанбе, 2007. – 131 с.; Гафуров Х.М. Судебная система Республики Таджикистан: современное состояние и перспективы развития. – Душанбе, 2007. – 186 с.

истифода баранд. Ҳамин тавр, вобаста ба хусусияти ҳуқуқи поймолшуда ҳимоя метавонад бо роҳи мурофиаи судии ҷиноятӣ, маъмурӣ, шаҳрвандӣ ва конститутсионӣ сурат гирад. Маҳз ҳамин навъҳои мурофиаи судӣ, ки ба воситаи онҳо ҳокимияти судӣ амалӣ карда мешавад, дар Конститутсияи Тоҷикистон муқаррар гардидаанд.

Тибқи Конститутсия, навъҳои гуногуни ҳокимияти судӣ ҳангоми иҷрои вазифаҳои худ дар баррасии парвандаҳои тобеияти худ, аз тартиби хоси худ истифода мебаранд. Судҳои таъиноти гуногун қоидаҳои мурофиаи судиро, ки дар меъёрҳои мурофиавии дар сарчашмаҳои гуногуни ҳуқуқ мавҷудбуда пешбинӣ шудаанд, роҳбарӣ мекунанд. Ҳамин тавр, Суди конститутсионӣ кодекси мурофиавии худро надорад ва меъёрҳои дар қонуни конститутсионии «Дар бораи Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон» мураттабгардидаро татбиқ менамояд. Дар навбати худ судҳои тобеияти умумӣ ҳангоми баррасии парвандаҳои шаҳрвандӣ, ҷиноятӣ ва маъмурӣ кодексҳои дахлдорро ба роҳбарӣ мегиранд.

Минбаъд, мо ҳар як намуди мурофиаи судиро мухтасар баррасӣ хоҳем кард.

Масъалаи самаранокии татбиқи ҳимояи ҳуқуқи меҳнатӣ бо тартиби мурофиаи судии конститутсионӣ хеле мушаххас аст, зеро худи баррасии парвандаҳо дар Суди конститутсионии ҶТ хусусиятҳои хеле ҷолиб дорад. Суди конститутсионӣ бар хилофи дигар судҳо шикоятҳоро дар бораи истифодаи нодурусти қонун, ки боиси поймол шудани ҳуқуқи шаҳрвандон гаштааст, баррасӣ намекунад ва баҳсҳои моддӣ ва иқтисодиро ҳал намекунад, парвандаҳои ҷиноиро баррасӣ намекунад. Таъиноти он дигар аст - санҷиши конститутсионии худи қонунҳо, аз ҷумла онҳое, ки ба ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандон дахл доранд.

Мутобиқи муқаррароти Қонуни конститутсионии ҶТ «Дар бораи Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон», шаҳрванде, ки чунин мешуморад, ки ҳуқуқу озодиҳои конститутсионии ӯ, тибқи қонуне, ки дар парвандаи мушаххас татбиқ ё мавриди истифода қарор дорад, поймол шудааст, ҳуқуқ

дорад ба Суди конститутсионӣ шикоят бурда, хоҳиш кунад, ки оё қонун ба Конститутсия мувофиқат дорад ё на? Дар ин маврид дилхоҳ санади меъёрӣ - қонун ё дигар санадҳои зерқонунӣ дар назар дошта шудааст. Агар қонун ё қисмҳои алоҳидаи он ғайриконститутсионӣ эълон карда шаванд, онҳо эътибори худро гум мекунанд ва татбиқ карда намешаванд. Ҳамин тариқ, на танҳо шахсе, ки шикоят кардааст, балки дигар шаҳрвандоне, ки ҳуқуқашон зери таҳдид қарор дорад, ҳифзи судӣ мегиранд. Дар мавриди парвандаи мушаххасе, ки дар он қонуне, ки ғайриконститутсионӣ эътироф шудааст, он бояд бо тартиби маъмулӣ баррасӣ карда шавад.

Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз лаҳзаи ташкил шуданаш ҳамчун мақомоти махсуси судӣ то ба имрӯз мавқеи худро дар соҳаи таъмини кафолатҳои ҳимояи судии ҳуқуқ ва озодиҳои шаҳрвандон ба таври муназзам ишғол кардааст. Дар амалияи Суди конститутсионии ҶТ як қатор парвандаҳо баррасӣ шуданд, ки ба танзими ҳуқуқӣ ва ҳимояи ҳуқуқ ба меҳнат таъсири ҷиддӣ расонидаанд. Ҳамин тавр, Суди конститутсионӣ бо қарори худ аз 23 майи соли 1996 оид ба парвандаи «Дар бораи муайян кардани мутобиқати Конститутсияи ҶТ ба моддаи 226 Кодекси қонунҳо дар бораи меҳнати ҶТ» ба тафсири минбаъдаи қонунгузории меҳнат тағйироти куллӣ дохил кард. Моҳияти ин парванда аз он иборат буд, ки мувофиқи м. 226-и Кодекси меҳнати ҶТ, як категорияи муайяни кормандон, ки ба ҳайати он прокурорҳо шомил буданд, ҳуқуқ надоштанд аз қарори суд дар бораи аз кор озод кардан, ба вазифаи дигар гузаронидан ва як қатор ҳолатҳои дигари вобаста ба фаъолияти меҳнатии онҳо шикоят баранд. Суди конститутсионӣ тамоми ҳолатҳои парвандаро омӯхта, ба хулосае омад, ки муқаррароти м. 226-и Кодекси қонунҳо дар бораи меҳнати ҶТ хилофи м. 19-и Конститутсияи ҶТ аст, ки имконияти дастрасии баробари шаҳрвандон ба суди одилона ва беғаразро муқаррар кардааст[357].

[357] Сборник решений Конституционного суда Республики Таджикистан. – Душанбе, 2010. – С. 318-320.

Ин қарори Суди конститутсионии ҶТ ба рушди минбаъдаи қонунгузории меҳнат таъсири калон расонда, принсипи баробариро дар тамоми муносибатҳои меҳнатӣ муқаррар намуд.

Мисоли дигар – Қарори Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба дархости шаҳрванд Тураев М.М. «Дар бораи муайян намудани мутобиқати банди 4 Қоидаҳои гузаронидани аттестатсия ва бақайдгирии намояндагони патентии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 9 июни соли 2009, № 25 ва тағйири ба он аз 25 сентябри соли 2012, №92 воридкардашуда ба қисми дуюми моддаи 12 ва қисмҳои якум ва дуюми моддаи 35 Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон» мебошад. Муроҷиати мазкурро Суди конститутсиони баррасӣ намуда, ба чунин хулоса омадааст: «Ҳифзи меҳнат аз ҳуқуқ ба меҳнат сарчашма гирифта, ҳамчун кафолати муҳимми амалишавии ҳуқуқи шахс ба меҳнат маҳсуб меёбад. Амалишавии ҳуқуқ ба меҳнат машғул шудан ба фаъолияти гуногун аз ҷониби ҳар як шахс, чунончи тавассути пешбурди фаъолияти соҳибкорӣ вобастагии амиқ дошта, бо ин тарз инсон метавонад талаботи иқтисодӣ ва иҷтимоию маишии худро қонеъ намояд. Аз ин лиҳоз, санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва санадҳои ҳуқуқии локалие, ки аз ҷониби субъектони фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ таҳия, қабул ва мавриди амал қарор дода мешаванд, набояд ҳуқуқу озодиҳои шахсро поймол намуда, бар зарари манфиатҳои инсону шаҳрванд, ки тибқи моддаи 5 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар як вақт арзиши олӣ эътироф карда шудаанд, равона карда шаванд.

Фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ худ фаъолияти субъекти ҳуқуқэҷодкунанда оид ба таҳия, қабул, интишор ва қатъи амали санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ба шумор рафта, бояд дар асоси принсипҳои мутобиқат ба Конститутсия, қонуният, бартарияти меъёрҳои санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Тоҷикистон нисбат ба қонунҳо ва санадҳои зерқонунӣ, афзалияти таъмини ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, адолати иҷтимоӣ, ошкорбаёнӣ, илмият, касбият ва ба назар гирифтани афкори ҷамъиятӣ амалӣ карда шавад.

Бо назардошти ин, Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон банди 4 Қоидаҳои гузаронидани аттестатсия ва бақайдгирии намояндагони патентии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 9 июни соли 2009 №25-ро, ки бо фармоиши субъекти ваколатдор тавассути ба амал баровардани фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ 25 сентябри соли 2012, таҳти №92 дар таҳрири нав ифода карда шудааст, ҳамчун омили маҳдудкунандаи ҳуқуқи конститутсионии шахс ба фаъолияти озоди соҳибкорӣ, меҳнат ва интихоби касбу кор арзёбӣ намуда, ба қисми дуюми моддаи 12 ва қисми якум ва дуюми моддаи 35 Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон» номутобиқ мешуморад”[358].

Ҳамин тариқ, ҳимояи судии ҳуқуқҳои меҳнатӣ тавассути мурофиаи конститутсионӣ, ба пешгирии истифодаи санадҳои ғайриқонунӣ дар раванди татбиқи ҳуқуқҳои меҳнатии шаҳрвандон нигаронида шудааст.

Таҳқиқи масъалаи ҳимояи судии ҳуқуқ ба меҳнатро тавассути фаъолияти судҳои салоҳияти умумӣ, яъне дар раванди мурофиаи ҷиноятӣ, маъмурӣ ва шаҳрвандӣ амалӣ намуда, қайд кардан ба маврид аст, ки дар қонунгузории соҳавӣ категорияи вайронкуниҳое, ки шаҳрвандон бо тартиби судӣ баркарор карда метавонанд, аниқ муқаррар карда шудааст. Ҳамин тавр, дар КҶ ҶТ 6 модда (152-155-и КҶ ҶТ) пешбинӣ шудааст, ки дар онҳо қонуншиканӣ дар соҳаи меҳнат, аз ҷумла маҷбур кардани иштирок дар корпартоӣ ё рад кардани иштирок дар корпартоӣ, роҳбарӣ ба корпартоии манъшуда дар вазъияти фавқулода, вайрон кардани қонунгузории меҳнат, напардохтани музди меҳнат, нафақа, стипендия, кумакпулӣ ва ё дигар пардохтҳо, вайрон кардани қоидаҳои бехатарии меҳнат, беасос рад кардани қабул ба кор ва ё беасос аз кор озод кардан зане, ки кӯдаки то сесола дорад, пешбинӣ шудааст.

Кодекси Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳуқуқвайронкуниҳои маъмурӣ» дар моддаҳои 94-109 низ доираи кирдорҳоеро, ки ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ дар соҳаи меҳнат ба ҳисоб мераванд, муайян кардааст.

---

[358] [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://constcourt.tj/qarorho/%d2%9baror-az-r%d1%9ei-darhosti-sha%d2%b3rvand-turaev-m-m/(санаи муроҷиат: 06.06.2023 с.).

Бояд таъкид кард, ки баррасии як гурӯҳи муайяни баҳсҳои меҳнатӣ танҳо дар суд имконпазир аст, аз ҷумла дар мавриди ба кор барқарор кардан, сарфи назар аз асосҳои бекор кардани шартномаи меҳнатӣ, оид ба рад кардани қабул кардан ба кор; дар бораи поймолкунии ҳуқуқ дар соҳаи мехнат, дар бораи ситонидани қарзи музди меҳнат ва ғайра.

Таҳлили муқаррароти пешниҳодшуда имкон медиҳад, ба хулосае омад, ки ду категорияи вайронкунии ҳуқуқи меҳнатӣ дар суд барқарор карда мешаванд - табъизӣ ва маъмурӣ. Ва дар ин замина, бояд қайд кард, ки категорияи якум аз сабаби бори гарони исботи корманд дар бораи мавҷудияти табъиз аз ҷониби корфармо, ҳолатҳои душвортаринро ифода мекунад. Аз ин рӯ, бо андешаи як қатор муаллифон розӣ шудан мумкин аст, ки дар Кодекси меҳнат муқаррар намудани уҳдадории корфармо оид ба исботи мавҷуд набудани табъиз ба мақсад мувофиқ аст.

Илова бар ин, мушкилот дар он аст, ки Кодекси меҳнат мафҳуми табъизро дар соҳаи меҳнат мустақиман пешбинӣ накардааст, аз ин рӯ, корфармоёни бевиҷдон метавонанд ин меъёрҳоро ба таври мусоид барои худ шарҳ диҳанд ва кормандон маҷбуранд дар мурофиаҳои судӣ аз ҳуқуқҳои худ дифоъ кунанд. Ба гуфтаи А.Я. Чепелюк, барои халли ин масъала дар Кодекси меҳнат усулҳои махсуси ҳимояи ҳуқуқи шахсоне, ки ба табъиз гирифтор шудаанд, ба мисли он ки ин нисбат ба навъҳои алоҳидаи баҳсҳои меҳнатии алоҳида сурат мегирад, ба мақсад мувофиқ мебуд. Аз ҷумла, мумкин аст, ки ба усулҳои ҳимоя аз табъиз моддаи алоҳида ҷорӣ карда, ҳамчунин, қонуне таҳия карда шавад, ки мафҳуми табъизро дар соҳаи муносибатҳои меҳнатӣ муфассал танзим намояд[359].

Дар хотима бояд қайд кард, ки як қатор мушкилоти вобаста ба ҳимояи судии ҳуқуқҳои меҳнатии шаҳрвандон бо қонунгузории амалкунандаи меҳнат алоқаманд аст. Дар қонунгузорӣ ягон муқарраpоте вуҷуд надорад, ки корфарморо барои пешгирӣ кардани вайронкунии қонунгузории меҳнат

[359] Ниг.: Чепелюк А.Я. К вопросу о совершенствовании российского трудового законодательства о способах защиты права при дискриминации // Российское правоведение: трибуна молодого ученого. Вып. 13. – Томск, 2013. – С. 113-114

ташвиқ кунад. Инчунин, зарур мешуморем, ки дар КМ ҶТ моддаи алоҳида муқаррар карда шавад, ки дар он мафҳуми табъиз дар соҳаи меҳнат тартиб дода, усулҳои махсуси ҳимояи ҳуқуқи шаҳрвандон дар мавридҳои табъиз муқаррар карда шавад.

Усули дуюми ҳимояи ҳуқуқии ҳуқуқҳои меҳнатӣ ба истилоҳ усулҳои ғайрисудӣ ва ё маъмурии ҳимоя ба ҳисоб меравconfigurationанд. А.М. Диноршоҳ ба ин шакли ҳимояи ҳуқуқи инсон фаъолияти мақомоти ҳокимияти давлатӣ (Президенти ҶТ, Ҳукумат, Маҷлиси Олии (Парламент) ҶТ, мақомоти прокуратура ва мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва худидоракунӣ), ки ба салоҳияти онҳо баррасии масъалаҳои ҳифз, ҳимоя ва барқарор намудани ҳуқуқҳои поймолшуда дохил мешаванд[360].

Тавре олимони ватанӣ қайд мекунанд, «нақши мақомоти ҳокимияти давлатӣ, бахусус мақомоти қонунгузорӣ ва иҷроия дар таъмини татбиқи муносиби ниҳоди ҳуқуқу озодиҳои инсон хеле калон аст. Онҳо на танҳо ба муҳайё кардани шароити зарурӣ барои амалӣ гардондани ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандон даъват карда шудаанд, балки вазифаи ҳифз, ҳимоя ва барқарор намудани ҳуқуқҳои поймолшударо амалӣ мекунанд»[361].

Муаллифони ватанию хориҷӣ моҳият ва мазмуни ин шакли ҳимояро ошкор намуда, назорати давлатиро оид ба риояи қонунгузории меҳнат дар назар доранд[362]. Аз таърифи ҳуқуқии назорати давлатӣ бармеояд, ки моҳияти фаъолияти назоратӣ аз он иборат аст, ки субъекти идоракунӣ баҳисобгирӣ ва тафтиши онро амалӣ карда, ки чи тавр объекти идорашаванда супоришҳои вайро иҷро мекунад ва ҳадафи асосии он ҷилавгирӣ аз инҳирофоти фаъолияти субъекти идоракунӣ аз барномаи додашудаи идоракунӣ ва ҳангоми ошкор шудани аномалияҳо (камбудиҳо) - бо ёрии тамоми

[360] Ниг.: Диноршоев А.М. Конституционная регламентация и реализация прав и свобод человека и гражданина. – Душанбе, 2015. – С. 414.
[361] Ниг.: Диноршоев А.М. Конституционная регламентация и реализация прав и свобод человека и гражданина. – Душанбе, 2015. – С. 414.
[362] Ниг.: Шонасридинов Н. Бобокалонов Ғ.М. Тафсири кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2017. – С. 28.; Горшенев В. М. Контроль как правовая форма деятельности. – М., 1987. – С. 23.

танзимгарони иҷтимоӣ ба ҳолати устувор овардани низоми идорашаванда мебошад [363].

Фаъолияти назоратӣ аз ҷониби мақомоти ваколатдори давлатӣ на вобаста ба вайрон кардани қонунгузорӣ ва ё ҳуқуқҳои субъективии шаҳрвандон амалӣ карда мешавад, балки он мунтазам, бо гузаронидани санҷишҳои даврӣ амалӣ мегардад, дар ҳоле ки зарурат ба ҳифзи ҳуқуқҳо танҳо ҳангоми вайрон кардани онҳо ва ё ҳангоми татбиқи онҳо ба вуҷуд меоянд, вақте ки монеаҳо ба вуҷуд меоянд, баҳсу мунозираҳо ба миён меоянд. Ҳамин тариқ, фаъолияти назоратӣ на ба ҳифзи ҳуқуқҳои шаҳрвандони алоҳида ё гуруҳҳои онҳо, балки ба таъмини қонуният ва тартиботи ҳуқуқӣ нигаронида шудааст.

Ҳамзамон, Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шаҳрвандон имкон медиҳад, ки ба мақомоти давлатӣ ва мақомоти ҳокимияти маҳаллӣ муроҷиатҳои инфиродӣ ва коллективӣ намоянд. Уҳдадории мақомоти дахлдор ва шахсони мансабдор оид ба қабули шикоятҳо, бо тартиби муқарраршуда ва дар муҳлати муқарраргардида дида баромадани онҳо, чораҳои зарурӣ дидан ва аз натиҷаи баррасии шикоят ба аризадиҳандагон хабар додан ба ин ҳуқуқ мувофиқ мебошад.

Ба ин муносибат дарки шакли маъмурии ҳимоя, ки дар илми ҳуқуқи шаҳрвандӣ ҳамчун фаъолияти мақомоти давлатӣ ва шахсони мансабдори онҳо кабул шудааст, дар мавриди баррасии шикоят, ариза ва ғайра дуруст ба назар мерасад. Ин шакли ҳимоя бо хусусиятҳои муносибатҳои маъмурию ҳуқуқие, ки дар он яке аз тарафҳо салоҳияти ҳокимиятӣ дошта ҳуқуқ дорад масъалаҳои ба миён омадаро моҳиятан ҳал намояд. Азбаски ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон як институти байнисоҳавӣ мебошад, пас, мазмуни ин ё он шакли ҳимоя дар соҳаҳои гуногуни ҳуқуқ бояд якхела бошад. Мазмуни шакли маъмурии ҳимояи ҳуқуқи кормандон ин баррасии шикоятҳои кормандон аз ҷониби макомоти ваколатдор дар бораи вайрон кардани ҳуқуқҳои меҳнатӣ онҳо ва қабули қарорҳо аз рӯи онҳо ҳисобида мешавад.

---

[363] Ниг.: Горшенев В. М. Контроль как правовая форма деятельности. – М., 1987. – С. 23.

Олимони ватанӣ усулҳои зерини шаклҳои маъмурӣ-ҳуқуқии (ғайрисудӣ) ҳимояи ҳуқуқ ва озодиҳои инсонро ҷудо мекунанд:

1. Тартиби шикояти маъмурӣ (ғайрисудӣ);

2. Назорати парламентӣ аз болои фаъолияти мақомоти иҷроия;

3. Шаклҳои хоси назорати давлатӣ дар низоми ҳокимияти иҷроия;

4. Назорати прокурорӣ аз болои риояи қонунҳо аз ҷониби мақомоти ҳокимияти иҷроия.

Ин шаклҳоро тавассути ҳимояи ҳуқуқҳои меҳнатии шаҳрвандон мухтасар дида мебароем.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тартиби баррасии арзу шикоятҳои шаҳрвандон бо як қатор санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ – Қонуни ҶТ « Дар бораи мурочиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ», Кодекси мурофиавии маъмурӣ ва Кодекси мурофиавии шаҳрвандӣ танзим карда мешавад. Қонуни ҶТ « Дар бораи мурочиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ» тартиби умумӣ ва тартиби шикоят аз амали мақомоти ҳокимияти давлатӣ, Кодекси мурофиавии маъмурӣ тартиби шикоят аз санадҳои мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ ва Кодекси мурофиавии шаҳрвандӣ барои ба суд шикоят кардан аз кирдор ва амалҳои мақомотҳои давлатӣ бо тартиби судӣ муқаррар менамояд. Дар моддаи 1 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мурочиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ» муқаррар шудааст, ки «тибқи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон шаҳрвандон ҳуқуқ доранд шахсан ё якҷоя бо дигарон... ба мақомоти давлатӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, корхонаҳо, муассисаҳо, ташкилотҳо, сарфи назар аз шакли моликият, ки ба салоҳияти онҳо ҳалли масъалаҳои дар мурочиатномаҳо гузошташуда дохил мешаванд, мурочиат намоянд.

Шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон... ҳуқуқ доранд: барои ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои қонунии худ, инчунин ҳуқуқу манфиатҳои қонунии шахсони дигар ва ташкилотҳои дигар; аз ҷониби мақомоти салоҳиятдори давлат ва иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ барқарор намудани ҳуқуқҳои вайроншуда”.

Аз мазмуни меъёри дар овардашуда бармеояд, ки тартиби шикояти маъмурӣ яке аз кафолатҳои конститутсионӣ ва механизми амалигардонии ҳуқуқҳои шаҳрвандон мебошад.

Қонунгузории меҳнат ин равандро ба таври кофӣ ба таври муфассал танзим мекунад. Аз ҷумла, дар моддаи 201 КМ ҶТ муқаррар шудааст, ки «корманд метавонад ба комиссияи баҳсҳои меҳнатии инфиродӣ дар давоми се моҳ аз рӯзе, ки дар бораи поймол шудани ҳуқуқи меҳнатиаш огоҳ шудааст ё мебоист огоҳ мешуд, муроҷиат намояд. Барои муроҷиат ба суд оид ба баррасии баҳсҳои меҳнатии фардӣ мухлатҳои зерин муқаррар карда мешаванд: оид ба баҳсҳо дар бораи ба кор барқарор кардан – як моҳ аз рӯзи супурдани нусхаи санади корфармо дар бораи қатъи шартномаи меҳнатӣ; – оид ба дигар баҳсҳои меҳнатӣ се сол аз рӯзи ба корманд ё корфармо дар бораи вайрон шудани ҳуқуқи худ маълум шудан”[364]. Инчунин, тибқи моддаи 345 КМ ҶТ, корманд ҳуқуқ дорад аз амал ва ё беамалии ғайриқонунии корфармо дар соҳаи бехатарӣ ва ҳифзи меҳнат шикоят кунад[365].

Ҳамин тариқ, дар ҷамъбаст бояд қайд кард, ки қонунгузории ҶТ имкони шикоят кардан аз амалҳои ғайриқонунии мақомоти давлатӣ ва шахсони мансабдори онҳоро муайян кардааст. Инчунин, таъкид кардан зарур аст, ки тартиби маъмурии баррасии шикоят ва дигар муроҷиатҳои шаҳрвандон ҳамчун механизми ҳимояи ҳуқуқ ба таври объективӣ зарур аст ва он ба ҳеҷ ваҷҳ аҳамияти ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои судиро коҳиш намедиҳад, дар ин маврид шахс ҳуқуқ дорад усули судӣ ё ғайрисудии ҳимояи ҳуқуқҳои худро аз вайронкунии мақомоти давлатӣ интихоб кунад. Дар баробари ин, шикоят бо тартиби маъмурӣ барои шикояти минбаъдаи ин амалҳо бо тартиби судӣ монеъ намешавад.

Усули дигар ба амал баровардани назорати парламентӣ мебошад. А.М. Диноршоҳ қайд мекунад, ки «назорати парламентӣ ба низоми нигоҳдорӣ ва мувозина асос ёфтааст, ки аз принсипи тақсимоти ҳокимият бармеояд. Барои муқаррар намудани мувозинати муайян дар муносибат бо мақомоти иҷроияи

---

[364] Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23 июли соли 2016, № 1329 // АМОҶТ с. 2016, №7, мод. 604.
[365] Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23 июли соли 2016, № 1329 // АМОҶТ с. 2016, №7, мод. 604.

Маҷлиси Олӣ, ки мақомоти намояндагӣ ва қонунгузор дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад, як қатор ваколатҳо дорад. Байни онҳо аз ҳама муҳим ваколатҳои қонунгузорӣ аст, зеро дар таҳия ва қабули қонунҳо ҳуқуқи инсон бояд ҷойгоҳи арзишманд дошта бошад»[366].

М.Ф. Завялов қайд мекунад, ки «мавқеи назорати парлумонӣ дар низоми назорат аз болои риояи қонунгузории меҳнат бо хусусияти намояндагии ташаккули он пешакӣ муайян карда мешавад. Предмети назорати парламентӣ танҳо вайронкунии ҷиддитарин ва оммавии ҳуқуқҳои меҳнатӣ мебошад, ки боиси оқибатҳои вазнини предмети назорат мегардад. Тадбирҳои вокуниши андешидашуда, ба ҷуз аз тавсияву дастурҳои фавран дар анҷоми тафтишот додашуда, оғоз намудани расмиёти аз нав дида баромадани қонунгузории амалкунандаро дар бар мегиранд»[367].

Агар дар бораи мақсади назорати парлумонӣ сухан ронем, пас, бояд таъкид кард, ки мақсад аз санҷиши на танҳо қонунӣ будани амалиёти мақомотҳо, ташкилотҳо ва шахсони мансабдор, балки ба мақсад мувофиқ будани амалиёти онҳо оид ба иҷрои қонунгузорӣ низ иборат аст. Дар баробари ин, тавре ки С.В. Бендюрина қайд мекунад, «усулҳои вокуниш ба номуносиб будани амали субъектҳои алоҳида дар доираи назорати парлумонӣ аз усулҳои дахлдори вокуниши мақомоти иҷроия ба куллӣ тафовут доранд»[368]. Воқеан, дар байни усулҳо ва чораҳои вокуниши парлумон чораҳои маҷбурӣ вуҷуд надоранд. Одатан, ин муроҷиату аризаҳое мебошанд, ки ба шахсони мансабдор ва мақомоти болотар аз он субъектҳое, ки фаъолияти онҳо предмети мавриди назорати парлумонӣ қарор гирифтааст, мебошад.

Унсури муҳимтарин ва таркибии ҳама гуна фаъолияти назоратӣ шаклҳои амалишавии он мебошанд. Ин масъаларо Д.А. Радченко таҳқиқ карда, қайд мекунад, ки «хусусияти муайяни ҳуқуқҳои ҳифзшаванда ба шаклҳои ҳимояи

---

[366] Диноршоев А.М. Конституционная регламентация и реализация прав и свобод человека и гражданина. – Душанбе, 2015. – С. 424

[367] Ниг.: Завьялов М.Ф. Надзор и контроль за соблюдением законодательства о труде как способы защиты прав работников: Дисс. канд.юр.н. – М., 2013.- 237 с.

[368] Бендюрина С. В. Федеральный парламентский контроль (конституционно-правовое исследование): дис. … канд. юр. наук. – М., 2003. – С. 52.

ҳуқуқҳои меҳнатии шаҳрвандон тавассути механизми парламентӣ имкон медихад, ки (аз рӯи аҳаммияти онҳо барои ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар соҳаи меҳнат) инҳо дохил карда шаванд: фаъолияти қонунгузорӣ; фаъолияти назорат ва аудит (ки тавассути дархости парлумон ва саволҳо ба намояндагони мақомоти гуногуни давлатӣ амалӣ карда мешавад); фаъолияти экспертӣ ва таҳлилӣ; фаъолияти координатсионӣ ва фаъолияти иттилоотӣ-маърифатӣ[369].

Ҳамзамон, С.В. Бендюрина шаклҳои назорати парлумониро ба гурӯҳҳои зерин тасниф мекунад: ташкилӣ-ҳуқуқӣ, вазифавӣ-ҳуқуқӣ, мурофиавӣ-ҳуқуқӣ. Мавсуф ба шаклҳои ташкилию ҳуқуқӣ мақомотҳоеро дохил мекунад, ки палатаҳо барои пеш бурдани фаъолияти назоратӣ ташаккул медиҳанд, аз қабили комиссияҳо, кумитаҳо, иттиҳодияҳои вакилон. Фаъолияти назоратии парламент ва воҳидҳои сохтории он, аз нуқтаи назари С.В. Бендюрина, тавассути шаклҳои вазифавӣ-ҳуқуқӣ – ҷаласаҳои парлумонӣ ва маҷлисҳои палатаҳо, кори кумитаҳо ва комиссияҳо (тафтишоти парламентӣ, экспертизаи лоиҳаҳои қонун, ҷаласаҳои парламентӣ) амалӣ карда мешавад. Ба шаклҳои мурофиавию ҳуқуқӣ инҳо дохил мешаванд: ҳуқуқи пурсиш ва саволи вакилон, ҳисобот ва ахбороти намояндагони мақомоти ҳокимияти давлатӣ, инчунин, дигар шаклҳои назорат ба фаъолияти мақомоти ҳокимияти давлатӣ[370].

Хулоса, дар давлати муосир назорати парлумонӣ аҳаммияти хоса пайдо карда, дар таъмини принсипи низоми нигоҳдорӣ ва мувозинат накши муҳим мебозад. Дар баробари ин, самаранокии назорати парлумонӣ танҳо дар сурате хеле баланд хоҳад буд, ки агар, аз як тараф, мақомоти ҳокимиятиро ба ҷавобгарӣ барои кирдорашон "маҷбур" карда тавонад, аз тарафи дигар, онҳоро дар ичрои вазифаҳои бевоситаи худ халалдор накунад.

Дар масъалаи таъмини ҳуқуқи инсон шаклҳои мушаххаси назорати давлатӣ дар низоми ҳокимияти иҷроия накши калон мебозанд. Аз нуқтаи

[369] Радченко Д.А. Конституционное право человека на труд и механизм его реализации в Российской Федерации: дис. … канд. юр. наук. – М., 2004. – 216 с.
[370] Ниг.: Бендюрина С. В. Федеральный парламентский контроль (конституционно-правовое исследование): дис. … канд. юр. наук. – М., 2003. – С. 52.

назари таъмини волоияти қонун, ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ин шакли ҳифз нақши махсус дорад. Шаклҳои татбиқи онҳо гуногун буда, бо ваколатҳои конститутсионии мақомот ва шахсоне, ки шохаҳои дахлдори ҳокимияти иҷроияро намояндагӣ мекунанд, алоқаманд мебошанд.

Бидуни шак, нақши мақомоти ҳокимияти иҷроия дар ҳалли масъалаҳои ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон дар соҳаи меҳнат якхела нест, аз ин рӯ, усулҳое, ки ин мақомот истифода мебаранд, хеле гуногунанд.

Ҳамин тавр, шакли муҳими чунин назорат аз ҷониби Президенти ҶТ амалӣ намудани ваколатҳои конститутсионии худ мебошад. Президенти ҶТ ҳамчун кафили ҳуқуқу озодиҳои конститутсионии инсон ва шаҳрванд, фаъолият ва робитаи мутақобилаи мақомоти давлатиро таъмин менамояд. Тибқи Конститутсияи ҶТ (м. 64), Президенти ҶТ вазифадор аст, ки дар тамоми қаламрави ҶТ амалӣ намудани ҳокимияти иҷроияро таъмин намояд ва аз ин рӯ, фаъолияти ин мақомотро таҳти назорат қарор диҳад. Тибқи м. 69-и Конститутсияи ҶТ, Президент метавонад қарор ё фармони Ҳукумати ҶТ, агар хилофи қонунҳо ва фармонҳои Президент бошад, бекор кунад.

Дар раванди ҳимояи ҳуқуқ ба меҳнат вазорату идораҳо, ки низоми ягонаи мақомоти ҳокимияти иҷроияро ташкил медиҳанд, ва бо ягонагии мақсадҳо ва вазифаҳои ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои муайяни инсон ва шаҳрванд муттаҳид шудаанд, нақши муҳим мебозанд. Таҳлили фаъолияти ин мақомот нишон медиҳад, ки усулҳои гуногуни ҳимоя мавҷуд аст, ки тавассути онҳо мақомоти алоҳида вазифаҳои муҳофизатии худро иҷро мекунанд. Ин усулҳоро, ба андешаи мо, ба ду гурӯҳ тақсим кардан мумкин аст: бевосита (асосӣ) ва бавосита (ёрирасон).

Категорияи якум ба ҳимояи бевоситаи ҳуқуқҳои меҳнатӣ нигаронида шудааст. Ба ин категория амалҳои зерини мақомоти иҷроияро бояд дохил кард: баррасӣ ва тафтиши аризаҳо, шикоят ва дигар хабарҳо дар бораи вайрон кардани ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар соҳаи меҳнат, фаҳмонидан ба ҷабрдидагон тартиби ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои онҳо, оғоз кардан ё иштирок кардан дар мурофиаи судӣ, ошкор ва ба навъҳои гуногуни

ҷавобгарӣ кашидани вайронкунандагони ҳуқуқҳои меҳнатии шаҳрвандон, фиристодани огоҳиномаҳо дар бораи роҳ надодан ба вайрон кардани қонун ва ғ.

Мутобиқи талаботи моддаи 361-и Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон, назорати риояи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба меҳнат аз тарафи мақомоти давлатӣ ва ғайридавлатии ваколатдор бо тартиби пешбининамудаи Кодекси мазкур ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ карда мешавад.

Мақомоти ваколатдори давлатии назорати риояи қонунгузории меҳнат Хадамоти назорати давлатӣ дар соҳаи меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад.

Хадамоти назорати давлатӣ дар соҳаи меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ фаъолияти худро дар асоси Низомномаи худ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ шудааст, ба роҳ мемонад.

Хадамоти назорати давлатӣ дар соҳаи меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ мақомоти марказии иҷроияи ҳокимияти давлатӣ буда, вазифаҳои назорату санҷишҳои давлатии риояи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи меҳнат, қоидаҳои ҳифзи меҳнат, стандартҳо ва меъёрҳои бехатарии меҳнат, гузаронидани экспертизаи шароити меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолиро дар фаъолияти муассисаҳо ва ташкилотҳо, новобаста ба шакли моликият, соҳибкорони инфиродӣ ва шахсони воқеӣ, ки меҳнати кироярo истифода мебаранд, анҷом медиҳад.

Бо мақсади ҳимояи маъмурии давлатии ҳуқуқҳои меҳнатии инсон ва шаҳрванд, ҳамчунин ҷиҳати мутобиқати талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба меҳнат бо Конститутсия пешниҳод карда мешавад, ки дар қисми 7, сархати 17-и Низомномаи Хадамоти назорати давлатӣ дар соҳаи меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ тағйиру иловаҳо ворид карда шуда, баъди ибораи «бекор кардани» ибораи «санадҳои корфармо ва» ворид карда шавад.

Категорияи дуюм ба амалӣ гардондани тадбирҳои муҳофизатӣ мусоидат мекунад. Қабули санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ, ки дар асоси онҳо минбаъд танзими муносибатҳои меҳнатӣ амалӣ карда мешаванд, ки таъмини татбиқи сиёсати ягонаи давлатӣ, таҳияи ҳуҷҷатҳои барномавӣ ва татбиқи онҳо, мониторинг ва назорати риояи ҳуқуқ ва озодиҳо дар соҳаи меҳнат, фаъолияти координатсионӣ аз ҷумлаи онҳост.

Ҳамин тариқ, ба назар мерасад, ки ҳимояи ҳуқуқу озодиҳо дар соҳаи меҳнат аз ҷониби мақомоти ҳокимияти иҷроия ҳамчун усули ҳимояи ин ҳуқуқҳо, доираи васеи шаклҳои татбиқ кардан дар амалро дорад.

Шакли ниҳоии ҳимояи ҳуқуқҳои маъмурӣ-ҳуқуқии (ғайрисудӣ) ин назорати прокурорӣ аз болои риояи қонунҳо аз ҷониби мақомоти ҳокимияти иҷроия мебошад. Мавқеи прокуратура дар механизми давлатии Тоҷикистон дар вазифаҳои он моҳиятан таҷассум ёфтааст. Онҳо самтҳои асосии фаъолияти прокуратураро ифода мекунанд, ки бо истифода аз шаклу усулҳои мушаххас дар доираи ваколатҳои дақиқ амалӣ карда мешаванд. Вазифаҳо ва самтҳои асосии фаъолияти прокуратура дар Қонуни конститутсионии «Дар бораи мақомоти Прокуратураи ҶТ » муқаррар карда шудаанд.

Ба ақидаи як қатор муаллифон, прокуратура татбиқи амалии ҳуқуқҳои асосиро дар соҳаи меҳнат таъмин намуда, ҳамчун унсури зарурии механизми назорати давлатӣ амал мекунад[371]. Таҳлили қонунгузории амалкунанда имкон медиҳад, ба хулосае омад, ки мақомоти прокуратура ҳамчун шакли мушаххаси татбиқи ҳифзи ҳуқуқи меҳнати шаҳрвандон аз усулҳои зерин истифода мебарад: баррасӣ ва санҷиши ариза, шикоят ва дигар хабарҳо дар бораи вайрон кардани ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд ва дар соҳаи меҳнат; ба ҷабрдидагон фаҳмонда додани тартиби ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои онҳо, андешидани чораҳои фаъол оид ба пешгирӣ ва рафъи вайронкуниҳои ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар соҳаи меҳнат, ба ҷавобгарӣ кашидани ашхосе, ки ин ҳуқуқро поймол кардаанд ва ҷуброни зараре, ки дар натиҷаи вайрон кардани ҳуқуқ расонида шудааст, оғоз ё иштирок дар

---

[371] Ниг.: Коробченко В.В. Защита трудовых прав и интересов работников // Журнал российского права. – 2002. – № 12. – С. 59-67.

мурофиаи судӣ; аз кирдоре, ки ҳуқуқи инсон ва шаҳрвандро поймол мекунад, ба мақомот ё шахси мансабдоре, ки ин санадро баровардааст, эътироз овардан; пешниҳод намудан оид ба рафъи вайронкуниҳои ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд ба мақомот ва ё шахси мансабдоре, ки барои бартараф намудани ҳуқуқвайронкуниҳо ваколатдор аст.

Дар инҷо, метавон хулоса кард, ки қонунгузорӣ назорати давлатиро дар соҳаи меҳнат ҳамчун усули асосии ҳимояи ҳуқуқҳои меҳнатӣ муқаррар кардааст. Ҳамзамон, ба зиммаи мақомоти давлатӣ вазифаи асосии амалӣ намудани тамоми вазифаҳои ҳимояи ҳуқуқии давлат гузошта шудааст.

Ҳамин тариқ, гуфтаҳои болоро ҷамъбаст намуда, мо ба чунин хулоса омадем:

1. Дар заминаи таъмини ҳуқуқ ба меҳнат ду категория ҷудо карда мешавад: «ҳифзи ҳуқуқ ба меҳнат» ва «ҳимояи ҳуқуқ ба меҳнат». Мафҳуми якум хусусияти пешгирикунанда, превентивӣ ва дуюм барқароркунанда дорад. Ин далел дар мисоли ҳуқуқ ба меҳнат равшан дида мешавад, ки дар он категорияи «ҳифзи ҳуқуқ ба мехнат» ҳамчун маҷмуи тадбирҳое амал мекунад, ки аз ҷониби субъектони ваколатдор оид ба таъмини шароити мувофиқи меҳнат андешида мешаванд. Дар навбати худ, «ҳимояи ҳуқуқ ба меҳнат» ҳамчун механизми барқарорсозӣ дар ҳолати вайрон кардани ҳуқуқҳои меҳнатӣ баромад мекунад. Ин тадбирҳо аз ҷониби субъектҳои дахлдор бо шакл ва усулҳои муқаррарнамудаи қонун амалӣ карда мешаванд.

2. Қонунгузории меҳнат бештар ба тадбирҳои ҳифзи таъмини ҳуқуқ ба меҳнат нигаронида шудааст, дар ҳоле ки чораҳои ҳимоявию барқароркунӣ дар он пурра инъикос нагардидаанд. Бо ин мақсад, мо пешниҳод менамоем, ки ба қонунгузории кишвар тағйироти дахлдор ворид карда шавад. Ҳамин тавр, дар асоси омӯзиши танзими конститутсионии ҳуқуқ ба меҳнат дар кишварҳои хориҷӣ пешниҳод менамоем, ки қисми 5 моддаи 35-и Конститутсия бо мазмуни зайл пурра карда шавад: «Шаҳрвандон ба ҳимояи ҳуқуқҳои меҳнатӣ барои таъмини манфиатҳои иқтисодӣ ва иҷтимоии худ ҳуқуқ доранд, аз ҷумла ҳуқуқи муттаҳид шудан дар иттифоқҳои касаба,

бастани шартномаҳои (созишномаҳои) коллективӣ ва ҳуқуқи баҳсҳои меҳнатии инфиродӣ ва коллективӣ бо усулҳои мукаррарнамудаи қонун барои ҳалли онҳо”.

Мо, инчунин, пешниҳод менамоем, ки ба Кодекси меҳнат боби «Ҳимояи ҳуқуқ ва озодиҳои меҳнатӣ» дохил карда шавад, ки дар доираи он масъалаҳои назорати давлатӣ ва идоравӣ оид ба риояи қонунгузории меҳнат ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ки дорои меъёрҳои ҳуқуқ ба меҳнат мебошанд, ҳимояи ҳуқуқҳои меҳнатӣ ва манфиатҳои қонунии кормандон аз ҷониби иттифоқҳои касаба, ба таври худмуҳофизатӣ ҳимоя кардани ҳуқуқҳои меҳнатии кормандон, баррасӣ ва ҳалли баҳсҳои меҳнатии фардӣ, баррасӣ ва ҳалли баҳсҳои меҳнатии коллективӣ, ҷавобгарӣ барои вайрон кардани қонунгузории меҳнат ва дигар санадҳое, ки меъёрҳои ҳуқуқи меҳнатро дар бар мегиранд, муқаррар карда шаванд.

3. Усулҳои ҳимояи ҳуқуқи шаҳрвандон ба меҳнат аз се зернизом дар асоси нақш ва дараҷаи иштироки давлат дар механизми ҳимояи ҳуқуқи инсон ташаккул меёбад. Аввалан, ин усулҳои ҳимояи ҳуқуқҳои меҳнатӣ мебошанд, ки дар онҳо иштироки давлат хусусияти маҳдудӣ дорад, яъне давлат дар ҳалли масъалаҳои бамиёномада бевосита иштирок намекунад – ин муҳофизати мустақилона, ҳимояи коллективӣ ва ҳимоя аз ҷониби мақомоти иттифоқҳои касаба мебошанд. Усули дуюм, нақши давлатро дар ҳалли баҳсҳои меҳнатӣ ҳамчун ҳаками мустақил – арбитражи меҳнатӣ, ҳимояи судии ҳуқуқҳои меҳнатӣ тавсиф мекунад. Сеюм, усули ниҳоии иштироки давлат аст, ки тавассути он давлат дар симои мақомоти худ дар ҳалли ҳолатҳои баҳсноки меҳнатӣ, ҳимояи ҳуқуқҳои меҳнатӣ аз ҷониби мақомоти давлатӣ, бевосита иштирок мекунад.

4. Дар адабиёти ҳуқуқӣ ду намуди ҳимояи ҳуқуқҳои субъективӣ, аз ҷумла ҳуқуқ ба меҳнат ҷудо карда мешавад: ҳуқуқӣ ва ғайриҳуқуқӣ. Дар асоси ин хулоса баровардан мумкин аст, ки ҳимояи мустақилона, ҳимояи коллективона ва ҳимояи мақомоти иттифоқҳои касаба ба низоми ғайриҳуқуқии ҳимояи ҳуқуқҳои шаҳрвандон дохил мешавад.

5. Ба мазмуни КМ ҶТ дохил кардани боби алоҳидаро ба мақсад мувофиқ мешуморем, ки он масъалаҳои худмуҳофизатии ҳуқуқҳои меҳнатӣ, аз ҷумла, шарту асосҳои татбиқи онҳоро ба танзим дарорад. Аз ҷумла, ба андешаи мо, дар мазмуни ин боб бояд асосҳое дохил карда шаванд, ки дар онҳо корманд тавонад ҳуқуқҳои меҳнатии худро ҳимоя кунад.

6. Баҳси меҳнатии коллективӣ ду хусусият дорад: хусусияти коллективӣ ва предмети махсуси ихтилофот. Бар хилофи худмуҳофизатӣ ҳамчун воситаи ҳимояи ҳуқуқҳои меҳнатии шаҳрвандон, ҳимояи коллективӣ ду шакли нисбатан мустақили ҳимоя дорад: ҳалли баҳси коллективӣ тавассути расмиёти оштишавӣ ва корпартоӣ.

7. Фаъолияти иттифоқҳои касаба оид ба ҳимояи ҳуқуқҳои меҳнаткашон тавассути вазифаҳои зерин - вазифаи муҳофизатӣ, намояндагӣ, танзими муносибатҳои иҷтимоию меҳнатӣ ва вазифаи назоратӣ ба амал бароварда мешавад.

8. Яке аз усулҳои асосии ҳимояи ҳуқуқӣ ин ҳимояи судии ҳуқуқи инсон мебошад. Таҳлили муқаррароти пешниҳодшуда имкон медиҳад, то ба хулосае омад, ки ду категорияи вайронкунии ҳуқуқи меҳнатӣ дар суд барқарор карда мешаванд – табъизӣ ва маъмурӣ.

9. Усулҳои ғайрисудӣ ё маъмурии ҳимоя фаъолияти назоратии субъектҳои идоракуниро ифода мекунанд, ки сабт ва тафтиши он ки чи тавр объекти идорашаванда супоришҳои онро иҷро мекунад ва ҳадафи асосии он ҷилавгирӣ аз инҳирофоти фаъолияти субъекти идоракунӣ аз барномаи муайяни идоракунӣ мебошад ва агар камбудиҳо ошкор карда шаванд – бо ёрии ҳама танзимгарони иҷтимоӣ низоми идорашаванда ба ҳолати устувор оварда мешавад.

## Хулоса

Бо итмоми омӯзиш ва баррасии мавзуъ метавон чунин хулоса намуд:

1. Дар низоми ҳуқуқҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва фарҳангии инсон ҳуқуқ ба меҳнат мавқеи хосаро карда, ҳуқуқи ҳар як шахсро ба имконияти ба даст овардани даромад бо меҳнате, ки худаш озодона интихоб мекунад ва ё озод ба он розигӣ медиҳад, дар бар мегирад. Ин ҳуқуқ эҳтиёҷоти доимии инсонро ифода мекунад, ки барои фароҳам овардани заминаҳои моддии мавҷудияти инсон, инчунин, таъмини шароити инкишофи ҳамаҷонибаи шахсият зарур аст. Ҳуқуқ ба меҳнат ҳамчун ҳуқуқи конститутсионии шаҳрвандон таърихи нисбатан нав дорад. Эътироф шудааст, ки ҳуқуқ ба меҳнат дар конститутсияҳои даври сеюм таҳия шудааст, яъне баъди ба охир расидани Ҷанги дуюми ҷаҳон. Дар Иттиҳоди Шуравӣ ин ҳуқуқ пештар дар сатҳи конститутсионӣ ворид шуда буд, ки сабабҳои дохилӣ дошт. Кишварҳои Аврупо ва Америкои Лотинӣ зарурати дар сатҳи конститутсионӣ таъмин намудани ҳуқуқи меҳнатро дар нимаи дуюми асри XX дарк карданд. **[10-М].**

2. Бори аввал дар Тоҷикистон ҳуқуқ ба меҳнат дар сатҳи конститутсионӣ дар Конститутсияи ҶШС Тоҷикистон аз соли 1937, ки дар асоси Конститутсияи ИҶШС аз соли 1936 қабул шуда буд, муқаррар карда шуда буд. Дар Конститутсияи мазкур ин ҳуқуқ ҳамчун ҳуқуқ ба гирифтани кори кафолатнок бо музд, мувофиқи миқдор ва сифат ва вазифаи ҷамъият дар бобати бо кор таъмин намудани шаҳрвандон ва одилона додани ҳаққи онҳо, муқаррар карда шуда буд. Конститутсияи ҶШС Тоҷикистон аз соли 1978 ба муқаррароти Конститутсияи соли 1977 такя намуда, ин ҳуқуқро васеъ ва мушаххас карда, муқаррар кард, ки ҳуқуқ ба меҳнат на танҳо ҳуқуқи шаҳрванд ба гирифтани кори кафолатнок, балки ҳуқуқи интихоби касб, навъи машғулият ва кори мувофиқи хоҳиш, қобилият, тайёрии касбӣ, маълумоти ҷавобгӯ талаботи  талаботи иҷтимоиро дар бар мегирад. Танзими ин ҳуқуқ дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз соли 1994 тасдиқи конститутсионии худро пайдо кардааст. Конститутсияи кишвар ҳамчун қонуни асосии давлат як қатор муқарраротеро мустаҳкам кардааст, ки ба

муайян намудани принсипҳои ибтидоии амалӣ намудани фаъолияти меҳнатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон нигаронида шудаанд. **[8-М].**

3. Танзими ҳуқуқӣ-конститутсионии ҳуқуқ ба меҳнат ба ду намуд – бавосита ва бевосита ҷудо мешавад. Навъи якум маънои дар Конститутсия мавҷуд набудани танзими мустақили ин ҳуқуқро ҳамчун ҳуқуқи субъективии мустақил дорад. Навъи дуюм маънои онро дорад, ки ҳуқуқ ба меҳнат ва унсурҳои асосии он бевосита дар Конститутсияи давлат муқаррар шудааст. Ҳамзамон, ин мустаҳкамкунӣ метавонад чаҳор равиш дошта бошад: танзими мусбӣ (ҳуқуқ ба меҳнат), танзими манфӣ (озодии меҳнат), ҳамчун самти арзишӣ (ҳамчун принсипи асосҳои сохти конститутсионӣ) ва ҳамчун уҳдадории конститутсионӣ. **[2-М].**

4. Категорияи «ҳуқуқ» дорои хусусияти бадастомада, яъне табиати мусбат дорад, дар ҳоле ки категорияи «озодӣ» хусусияти табиӣ дорад, яъне аз худи табиати одам бармеояд. Муносибатҳои меҳнатӣ аз доираи умумии ҳуқуқи инсон ҷудо мешаванд, зеро мазмуни онро ваколатҳое ташкил медиҳанд, ки ҳам ба «ҳуқуқи инсон» ва ҳам «озодии инсон» хосанд. Муносибатҳои ҳуқуқӣ хусусияти маҷмуӣ доранд, яъне ҳуқуқ ба меҳнат, сарфи назар аз хусусияти табиӣ-ҳуқуқии худ, хусусиятҳои хоси ҳуқуқи позитивӣ дорад. Аз ин рӯ, категорияҳои «ҳуқуқ ба меҳнат» ва «озодии меҳнат» метавонанд ҳамчун мафҳумҳои муродиф баррасӣ гарданд, ки ба танзими конститутсионӣ ва ҳуқуқии муносибатҳои меҳнатӣ нигаронида шудаанд.

5. Дар асоси омӯзиши Конститутсия ва қонунгузории соҳавии меҳнат ҳуқуқ ба меҳнатро ҳамчун ҳуқуқи субъективие, ки аз ҷониби давлат таъминшуда, дар асоси озодии баёни шахс имкони амалӣ намудани фаъолияти меҳнатӣ дар шаклҳои бо қонун муқарраршуда муайян кард, ки аз низоми кафолатҳои давлатие, ки мувофиқи меъёрҳои ҳуқуқ таъмин карда мешавад, истифода барад.

Ҳуқуқ ба меҳнатро дар фаҳмиши боло тавсиф намуда, бояд қайд кард, ки он ба ифодаи ихтиёрии хоҳиши меҳнат асос ёфтааст. Бо дарназардошти гузаштан ба сиёсати нави давлатӣ-ҳуқуқӣ дар соҳаи меҳнат, фаъолияти

меҳнатии шахс аз категорияи «вазифа-ӯҳдадорӣ» ба категорияи «ҳуқуқ» гузаштааст.

6. Вобаста ба хусусиятҳои амалигардонии ҳуқуқ ба меҳнат ваколатҳоро метавон ба ду гурӯҳ тақсим кард: а) ҳуқуқ-ваколатҳое, ки татбиқи онҳо бо ифодаи иродаи субъекти ҳуқуқ ба меҳнат муайян карда мешавад, аз ҷумла ҳуқуқи ихтиёрдории озодона ба қобилияти меҳнат, интихоби намуди фаъолият ва касб, ҳуқуқ ба баҳсҳои меҳнатии фардӣ ва коллективӣ, аз ҷумла ҳуқуқи корпартоӣ; б) ҳуқуқ-талабҳое, ки татбиқи онҳо бо ифодаи иродаи субъектҳои дигари ҳуқуқ, аз ҷумла ҳуқуқи ҳар кас ба меҳнат дар шароите, ки ба талаботи бехатарӣ ва гигиенӣ ҷавобгӯ мебошад, ҳуқуқ ба музди меҳнат, бе ягон табъиз, ҳуқуқ ба ҳифз аз бекорӣ, ҳуқуқи ҳар кас ба истироҳат ва ғайра амалӣ карда мешавад.

7. Танзими ҳуқуқи-конститутсионии ҳуқуқ ба меҳнат, ки дар доираи васеи санадҳои меъёрӣ амалӣ карда мешавад, барои таъмини мувофиқати вазифаҳои иқтисодӣ ва иҷтимоии давлат пешбинӣ шуда, се вазифаи муҳимро иҷро мекунад. Якум, он метавонад заминаи қонунгузориро эҷод кунад, ки ба барқарор намудани муносибатҳои самаранок дар муносибатҳои меҳнатӣ мусоидат мекунад ва натиҷаҳои якхела, саривақтӣ ва боэътимодро аз чунин муносибатҳо таҳия кунад. Дуюм, он метавонад ҳамчун воситаи муҳимми ба роҳ мондани демократия дар ҷои кор тавассути фароҳам овардани замина барои ҳамкорӣ бо корфармоён, кормандон ва намояндагони онҳо хидмат кунад. Сеюм, он метавонад як ёдрасӣ ва кафолати принсипҳо ва ҳуқуқҳои асосӣ дар ҷои кор, ки тавассути раванди қонунгузории миллӣ дастгирии васеи иҷтимоӣ гирифтаанд, таъмин намояд ва худ метавонад тарзи татбиқи маҷбурии ин принсипҳо ва ҳуқуқҳоро муайян кунад.

8. Танзими ҳуқуқӣ-конститутсионии ҳуқуқ ба меҳнат дар се зина баррасӣ мешавад: дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ, дар соҳаи ҳуқуқи инсон, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон эътироф кардааст ва дар қонунгузории соҳавӣ. **[4-М], [5-М].**

9. Танзими конститутсионии ҳуқуқ ба меҳнат мустақиман ва бавосита муқаррар карда мешавад. Ин ҳуқуқ бевосита дар моддаи 35 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар гардида, унсурҳои зеринро дар бар мегирад: ҳуқуқ ба ихтиёрдории озодона аз қобилиятҳои худ ба меҳнат, интихоби намуди фаъолият ва касб; ҳуқуқ ба кор дар шароите, ки ба талаботи бехатарӣ ва гигиенӣ ҷавобгӯ мебошанд; ҳуқуқ ба мукофот барои меҳнат бидуни ҳеҷ гуна табъиз ва на камтар аз ҳадди ақалли музди меҳнат, ки қонун муқаррар кардааст; манъи кори маҷбурӣ. Танзими бавоситаи ҳуқуқ ба меҳнатро дар чунин муқарраротҳои конститутсионӣ, ба монанди кафолати фаъолияти соҳибкорӣ (моддаи 12 Конститутсия) мушоҳида кардан мумкин аст. Илова бар ин, дар моддаҳои 28, 37 ва 39, ки ҳуқуқ ба муттаҳидшавӣ, ҳуқуқ ба истироҳат ва ҳуқуқи таъминоти иҷтимоиро танзим мекунанд, робитаи мутақобила бо ҳуқуқ ба меҳнат мушоҳида мешавад.

10. Стандартҳои байналмилалӣ дар соҳаи танзими ҳуқуқ ба меҳнат дар чандин санад мураттаб шудааст. Онҳо дар маҷмуи санадҳои ҳуқуқии байналмилалии ҳатмӣ ва тавсиявӣ, ки унсурҳо ва ҷанбаҳои гуногуни ҳуқуқ ба меҳнатро танзим мекунанд, мустаҳкам шудаанд. Таҳлили танзими ҳуқуқ ба меҳнат дар ҳуҷҷатҳои ҳуқуқи байналмилалӣ нишон медиҳад, ки онро ба ду категория тақсим кардан мумкин аст: санадҳои ҳуқуқии байналмилалии дорои хусусияти умумӣ ва санадҳои ҳуқуқии байналмилали махсусгардонидашуда дар соҳаи меҳнат. Ба категорияи якуми санадҳо тамоми санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки ҳуқуқи инсонро ба таври умум танзим мекунанд: Эъломияи умумии ҳуқуқи башар, Паймони байналмилалӣ дар бораи ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ ва Паймони байналмилалӣ дар бораи ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангиро мансуб донистан мумкин аст. Категорияи дуюмро санадҳое ташкил медиҳанд, ки мавзуи танзими онҳо ҷанбаҳои гуногуни ҳуқуқ ба меҳнат - Конвенсия дар бораи ҳифзи ҳуқуқҳои ҳамаи муҳоҷирони меҳнатӣ ва аъзоёни оилаҳои онҳо, Конвенсияҳо ва тавсияҳои МОТ мебошанд.

11. Дар танзими ҳуқуқ ба меҳнат қонунгузории махсуси соҳавӣ мавқеи муҳимро ишғол мекунад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон қонунгузории меҳнат як гурӯҳи васеи санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқиеро дарбар мегирад, ки дар онҳо муносибатҳои меҳнатӣ танзим мешаванд. Қонунгузории соҳавии меҳнат як қатор хусусиятҳоро дорад, ки онро аз қонунгузории дигар соҳаҳо фарқ мекунонанд. Танзими соҳавии ҳуқуқ ба меҳнат дар санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии зерин амалӣ карда мешавад: қонунҳо, аз ҷумла ба тартиб даровардашуда; санадҳои меъёрии ҳуқуқии зерқонунӣ (фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, низомномаҳо ва дастурҳои вазорату идораҳои гуногун); шартномаҳои меҳнатии маҳаллӣ (созишномаҳои коллективӣ).

12. Ҳуқуқ ба меҳнат дар низоми ҳуқуқу озодиҳои конститутсионии инсон мавқеи муҳимро ишғол мекунад. Он яке аз ҳуқуқҳои асосии маҷмуии инсон буда, бо дигар ҳуқуқҳое, ки ба низоми конститутсионии ҳуқуқи инсон дохил карда шудаанд, зич алоқаманд аст. Дар асоси таснифоти мавҷуда, мавқеъи ҳуқуқ ба мехнатро дар низоми ҳуқуқу озодиҳои инсон ба таври зайл муайян карда метавонем. Ҳамин тавр, вобаста ба вазъи ҳуқуқӣ ва сиёсии шахс ҳуқуқ ба меҳнат ба ҳуқуқи инсон рабт дорад, зеро он ба шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин ба шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд низ дахл дорад. Вобаста ба хусусияти субъектҳо ҳуқуқ ба меҳнат ба категорияи ҳуқуқҳои фардӣ дохил мешавад. Аз рӯи шакли таҳкими ҳуқуқӣ ҳуқуқ ба меҳнат ба ҳуқуқу озодиҳои асосӣ (конститутсионӣ) тааллуқ дошта, вобаста ба имконияти маҳдудияти муваққатӣ ҳуқуқ ба меҳнат хусусияти дугона мегирад. Ин аз он сабаб аст, ки як қатор ҷанбаҳои ин ҳуқуқ табиати мутлақ доранд, аз ҷумла манъи меҳнати маҷбурӣ, ки ҳамчун шакли ғуломӣ ба ҳисоб меравад. Дар мавридҳои дигар бошад, ин ҳуқуқ дар ҳолатҳои муқаррарнамудаи қонун маҳдуд карда мешавад (масалан, ҷалб намудани занон ва ноболиғон ба корҳои вазнин ва зеризаминӣ). Дар асоси равиши генератсионӣ, яъне марҳилаҳои ташаккул ва инкишофи ҳуқуқи инсон, пас ин ҳуқуқ бинобар он, ки аксари муаллифон онро ҳамчун ҳуқуқи иқтисодии инсон тасниф кардаанд,

ба марҳилаи дуюми ташаккул ва инкишофи ҳуқуқи инсон, яъне бо инкишофи ҳуқуқҳои иҷтимоӣ, ҳуқуқҳои иқтисодӣ ва фарҳангии инсон дар ибтидои асри 20 ворид карда мешавад. Вобаста ба дараҷаи иштироки давлат дар таъмин ва татбиқи ҳуқуқи меҳнат, сарфи назар аз он, ки он ҳуқуқи иқтисодӣ аст, ҳуқуқи амали фаврӣ ба ҳисоб меравад. Вобаста ба мазмун ва табиати муносибатҳои танзимшаванда ҳуқуқ ба меҳнат ҳуқуқи иқтисодӣ буда, дорои хусусиятҳои зерин мебошад: - ба воситаи ҳуқуқ ба меҳнат моҳияти иҷтимоии давлат ошкор мегардад; ҳуқуқ ба меҳнат метавонад ҳамчун ҳуқуқ ва кафолате амал кунад, ки татбиқи ҳуқуқу озодиҳои дигарро таъмин менамояд ва он бо ҳуқуқҳои дигар зич алоқаманд аст; ҳуқуқ ба мехнат дар низоми ҳуқуқҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ самти умумииҷтимоиро дорад, зеро он ҳамчун воситаи тасдиқи инсондустӣ ва адолат амал мекунад.

13. Тавре таҳлили таъсири мутақобилаи ҳуқуқ ба меҳнат бо дигар ҳуқуқҳо нишон медиҳад, он дар ду асос бунёд ёфтааст. Аввалан, робитае, ки дар натиҷаи он кафолати ҳам ҳуқуқ ба меҳнат ва ҳам дигар ҳуқуқҳои субъективӣ таъмин мешавад, яъне таъсири мутақобилаи муҳофизатӣ-ҳимоявӣ. Ин навъи муносибат дар асоси он ташаккул меёбад, ки амалишавии ҳуқуқ ба меҳнат татбиқи ҳуқуқи дигари субъективиро кафолат медиҳад ва баръакс. Сониян, ҳамкорӣ, ки дар натиҷаи он кумак дар татбиқи ҳам ҳуқуқ ба меҳнат ва ҳам дигар ҳуқуқҳои субъективӣ расонида мешавад, яъне робитаи таъминотӣ. Дар ин замина муносибатҳои мутақобила ба он асос ёфтааст, ки амалигардонии ҳуқуқ ба меҳнат имкони амалӣ шудани ҳуқуқи субъективии дигарро ба вуҷуд меорад ва баръакс. **[12-М].**

14. Дар шароити имрӯза татбиқи ҳуқуқу озодиҳои меҳнатии инсон ва шаҳрванд аҳаммияти махсус пайдо мекунад. Суботи иҷтимоию иқтисодии давлат ва дар натиҷа, рушди устувори давлат аз бисёр ҷиҳат ба низоми муассир сохташудаи татбиқи ин категорияи ҳуқуқҳо вобаста аст. Дар натиҷаи таҳқиқоти анҷомдодашуда мо чунин мешуморем, ки механизми амалигардонии ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар соҳаи муносибатҳои меҳнатӣ - *ин маҷмуи воситаҳои ҳуқуқии танзимкунанда ва муҳофизатии*

*сатҳҳои гуногун фаҳмида шавад, ки бо ёрии онҳо ҳуқуқи субъективӣ дар амал татбиқ мешавад ва дар рафтори воқеии субъектҳо таҷассум меёбад.* Ба сифати унсурҳои механизми амалишавии ҳуқуқ ба меҳнат инҳо баромад мекунанд: кафолати ҳуқуқу озодиҳои инсон (таъминот), масъалаҳои маҳдудкунии ҳуқуқи инсон ва механизмҳои ҳифзи ҳуқуқи инсон. Раванди амалишавии ҳуқуқ ба меҳнат ду марҳиларо дар бар мегирад: муқарраршавӣ ва таъминотӣ. Марҳилаи муқарраршавӣ масъалаҳои таҳкими ҳуқуқии механизмҳои татбиқ, вазъи ҳуқуқии шахси иштирокчии муносибатҳои меҳнатӣ ва мушаххас кардани доираи ҳуқуқу уҳдадориҳои корманд ва корфарморо дар бар мегирад. Марҳилаи таъминотӣ раванди амалишавии ҳуқуқҳои меҳнатии шахсро тавассути истифода аз усулҳо ва методҳои мувофиқ, ки ба кафолат ва ҳифзи ин категорияи ҳуқуқҳо нигаронида шудааст, дар назар дорад.

15. Кафолат маҷмуи шартҳо, воситаҳо ва усулҳоест, ки тавассути он ҳуқуқи субъективии инсон дар амал татбиқ карда мешавад. Дар баробари ин, таърифҳои назариявии пешниҳодшуда ҷиҳати асосии кафолатҳоро дар соҳаи меҳнат – амалигардонии ҳуқуқҳои ба кормандон додашуда, яъне татбиқи он ҳуқуқхоеро, ки дар сатҳи қонунгузорӣ ва шартномавӣ муқаррар шудаанд, инъикос мекунанд. Ҳамзамон, кафолатҳои ҳуқуқӣ як низоми дуҷонибаеро ташаккул медиҳанд, ки ба таъмини ҳуқуқи инсон - танзими меъёрӣ ва эҷоди механизмҳое, ки барои барқарор кардани ҳуқуқҳои поймолшуда ва ба ҷавобгарӣ кашидани шахсони содиркардаи ин ҳуқуқвайронкуниҳо нигаронида шудаанд.

16. Ҳангоми омӯзиши кафолатҳои ҳуқуқи инсон, пеш аз ҳама, таснифи онҳо муҳим мебошад. Кафолатҳои таъмин ва амалӣ намудани ҳуқуқ ба меҳнатро метавон ба се гурӯҳ ҷудо кард: кафолатҳои пеш аз муносибатҳои меҳнатӣ; кафолатҳое, ки дар раванди фаъолияти меҳнатӣ амалӣ мегарданд; кафолатҳое, ки барқарор намудани ҳуқуқҳои вайроншудаи меҳнатиро таъмин мекунанд.

17. Дар танзим ва мустаҳкам намудани ҳуқуқии масъалаҳои маҳдудияти ҳуқуқи инсон дар қонунгузории дохилӣ, ҳуқуқи конститутсионӣ нақши муҳим мебозад. Дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон усули ба ҳам пайвастани банди умумӣ ва қайдҳои мушаххас истифода мешавад. Ҳамин тавр, асосҳои умумии татбиқи маҳдудиятҳо дар моддаҳои 14 ва 47 Конститутсия муқаррар карда шудаанд. Илова бар ин, дар як қатор моддаҳо маҳдудиятҳои бевоситаи ҳуқуқҳои инсон муқаррар шудаанд. Дар байни ин ҳуқуқҳо ҳуқуқ ба меҳнат низ ҷудо мешавад. Ҳамин тавр, дар қ. 2 м. 35 Конститутсия муқаррар карда шудааст, ки «ҳама гуна маҳдудиятҳо дар муносибатҳои меҳнатӣ манъ аст». Дар қ. 4. моддаи мазкур муқаррар карда шудааст, ки «истифодаи меҳнати занон ва ноболиғон дар корҳои вазнин ва зеризаминӣ, инчунин дар корҳои шароити меҳнаташон зарарнок манъ аст». Ҳамин тариқ, дар Конститутсияи кишвар нисбат ба маҳдуд кардани ҳуқуқ ба меҳнат ҳам талаботи умумӣ ва ҳам махсусгардонидашуда муқаррар карда шудааст. Аслан, ин маҳдудиятҳо ҳамчун як роҳи танзим ва татбиқи ҳуқуқ ба меҳнат амал мекунанд. Ба ибораи дигар, Конститутсияи кишвар, ҳуқуқ ба меҳнатро мустаҳкам намуда, барои татбиқи ин ҳуқуқ ҳудуди меъёрҳои мушаххас муқаррар кардааст. Инчунин, маҳдудиятҳои ҳуқуқ ба меҳнат дар Конститутсия ҳам ҷанбаи объективӣ ва ҳам субъективӣ дошта метавонад. Дар мавриди аввал сухан дар бораи ҳолатҳое меравад, ки ҳудуди фаъолияти меҳнатиро муқаррар мекунанд. Маҳдудиятҳои ҳуқуқи меҳнатӣ аз рӯи ҷанбаи субъективӣ муқаррар намудани махдудиятҳоро барои як гурӯҳи муайяни шахсон дар назар дорад. **[13-М].**

18. Дар заминаи таъмини ҳуқуқ ба меҳнат ду категория ҷудо карда мешавад: «ҳифзи ҳуқуқ ба меҳнат» ва «ҳимояи ҳуқуқ ба меҳнат». Мафҳуми якум профилактикӣ буда, хусусияти пешгирикунанда ва мафҳуми дуюм хусусияти барқароркунанда дорад. Илова бар ин, ҳуқуқ ба меҳнат, ки дар он категорияи «ҳифзи ҳуқуқ ба меҳнат» ҳамчун маҷмуи тадбирҳое амал мекунад, ки аз ҷониби мақомоти ваколатдор оид ба таъмини шароити мувофиқи меҳнат андешида мешаванд, равшан дида мешавад. Дар навбати худ,

«ҳимояи ҳуқуқ ба меҳнат» ҳамчун механизми барқарорсозӣ дар ҳолати вайрон кардани ҳуқуқҳои меҳнатӣ баромад мекунад. Ин тадбирҳо аз ҷониби субъектҳои дахлдор бо шакл ва усулҳои муқаррарнамудаи қонунгузорӣ амалӣ карда мешаванд.

19. Усулҳои ҳимояи ҳуқуқи шаҳрвандон ба меҳнат дар се зернизом, вобаста ба нақш ва дараҷаи иштироки давлат дар механизми ҳуқуқи инсон ташаккул меёбанд. Аввалан, ин усулҳои ҳимояи ҳуқуқҳои меҳнатӣ мебошанд, ки дар онҳо иштироки давлат маҳдуд аст, яъне давлат дар ҳалли мушкилотҳои бамиёномада бевосита иштирок намекунад, ин муҳофизати мустақилона, ҳимояи дастҷамъона ва ҳимояи мақомоти иттифоқҳои касаба мебошанд. Усули дуюм нақши давлатро дар ҳалли баҳсҳои меҳнатӣ ҳамчун ҳаками мустақил - арбитражи меҳнатӣ, ҳимояи судии ҳуқуқҳои меҳнатӣ тавсиф мекунад. Усули сеюм, ин иштироки давлат тавассути мақомоти худ дар ҳалли ҳолатҳои баҳсноки меҳнатӣ мебошад. **[14-М].**

20. Дар адабиёти ҳуқуқӣ ду намуди ҳимояи ҳуқуқҳои субъективӣ, аз ҷумла ҳуқуқ ба меҳнат – ҳуқуқӣ ва ғайриҳуқуқӣ ҷудо карда шудаанд. Ҳимояи мустақилона, ҳимояи коллективӣ ва ҳимояи мақомоти иттифоқҳои касаба ба низоми ғайриҳуқуқии ҳимояи ҳуқуқҳои шаҳрвандон ва дигар ҳимояҳо ҳам дар шакли судӣ ва ҳам дар шакли маъмурию ҳуқуқӣ, ба ҳуқуқӣ дохил мешаванд.

## ТАВСИЯҲО ОИД БА ИСТИФОДАИ АМАЛИИ НАТИҶАҲОИ ТАҲҚИҚОТ

Дар натиҷаи таҳқиқоти анҷомдодашудаи илмӣ аз ҷониби муаллиф тавсияҳои зерини хусусияти амалидошта пешниҳод карда шудаанд:

1. Қонунгузории меҳнат бештар ба тадбирҳои ҳифзкунанда оид ба таъмини ҳуқуқ ба меҳнат нигаронида шудааст, дар ҳоле ки тадбирҳои муҳофизатӣ-барқароркунанда пурра инъикос нагардидаанд. Ба ин муносибат мо пешниҳод менамоем, ки ба моддаи 35 қисми 5-и Конститутсия бо мазмуни зайл илова карда шавад: "Шаҳрвандон ба ҳимояи ҳуқуқҳои меҳнатӣ барои таъмини манфиатҳои иқтисодӣ ва иҷтимоии худ ҳуқуқ доранд, аз ҷумла ҳуқуқи муттаҳид шудан ба иттифоқҳои касаба, бастани созишнома ва шартномаҳои коллективӣ ва ҳуқуқ ба баҳсҳои меҳнатии инфиродӣ ва коллективиро бо истифода аз усулҳои муқаррарнамудаи қонун барои ҳалли онҳо доранд".**[7-М].**

2. Бо мақсади баланд бардоштани самаранокии ҳимояи маъмурии ҳуқуқи шаҳрвандон ба меҳнат ва мутобиқат он ба талаботи моддаҳои 14 ва 35 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод менамоем, ки ба қисми 3 моддаи 7, қисми 2 моддаи 23, қисми 3 моддаи 31, қисми 1 моддаи 54, қисми 1 модаи 55, қисми 1 моддаи 56, қисми 1 моддаи 225, сархати 5 қисми 1 моддаи 291, қисми 3 моддаи 342-и Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон тағйиру иловаҳо ворид карда шуда, баъди калимаи "суд" ибораи "ва мақомоти ваколатдори давлатӣ дар соҳаи меҳнат" ворид карда шавад. Ҳамчунин ба қисми 2, моддаи 15-и Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон баъд аз ибораи "санади судӣ," ибораи "санади мақомоти ваколатдори давлатӣ дар соҳаи меҳнат" низ ворид карда шавад. **[1-М].**

3. Дар татбиқи меъёрҳои танзимкунандаи соҳаи меҳнат, як қатор носозгориҳо мавҷуданд, ки шарҳи дурустро тақозо мекунанд. Мисол, мутобиқи талаботи банди 2-и қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 апрели соли 2018, № 197 "Дар бораи Номгӯйи соҳаҳо, истеҳсолот, кор, касб ва вазифаҳо (мансабҳо), шароити пешниҳод ва давомнокии рухсатӣ барои

собиқаи кории давомнок” ба кормандоне, ки дар як соҳа ё дар як ташкилот муддати дароз кор карда, дорои собиқаи кории давомнок мебошанд, аз ҷониби корфармо дар мувофиқа бо намояндагони кормандон то 10 рӯзи тақвимӣ рухсатии иловагӣ дода мешавад. Талаботи қарори мазкур дар хусуси собиқаи кории давомнок дар як соҳа ё як ташкилоти айни ҳол фаъолияткунанда ё пештар фаъолият карда норавшан буда, нофаҳмиҳоро ба вуҷуд меорад.

Мушкилоти дар боло овардашуда равшан нишон медиҳад, ки барои амалишавии ҳуқуқ ба меҳнат танзими ҳуқуқӣ аҳамияти аввалиндараҷа дорад. Аз сабаби норавшании муқаррароти санадҳои меъёрии ҳуқуқии пешниҳодшуда ҳолатҳое ба миён омада метавонанд, ки боиси вайрон шудани ин ҳуқуқ мегарданд. Аз ин лиҳоз, мо чунин мешуморем, ки бо мақсади дастгирии иҷтимоии синфи корманд ба қарори мазкур ё ба моддаи 1-и Кодекси меҳнатии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъғийру иловаҳо ворид карда шуда, мафҳуми собиқаи кории давомнок дар шакли «Собиқаи кории давомнок- фосилаи бетанафуси вақте, ки корманд тибқи шартномаи меҳнатӣ дар як соҳа ё як ташкилот кор кардааст» ифодаи худро меёбад.

4. Зарур мешуморем, ки ба қ. 2 моддаи 7 Қонуни ҶТ «Дар бораи вазъи ҳуқуқии шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» тағйиру иловаҳо ворид карда, он дар шакли зайл баён карда шавад: - «Шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд, ки барои истиқомати доимӣ ва ё муваққатан ба Ҷумҳурии Тоҷикистон омадаанд метавонанд ба фаъолияти муайяни меҳнатӣ машғул шаванд, ба шарте ки ин ба мақсади ба Ҷумҳурии Тоҷикистон омадани онҳо мувофиқ бошад”.

## Рӯйхати адабиёт

### Санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва расмӣ


1. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 ноябри соли 1994 бо тағйиру иловаҳо аз 26 сентябри соли 1999, 22 июни соли 2003 ва 22 майи соли 2016 (бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ) [Матн]. – Душанбе: «Ганҷ», 2016. – 136 с.
2. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи уҳдадории ҳарбӣ ва хизмати ҳарбӣ» 29 январи соли 2021, №1753[Матн] // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2021, №1-2, мод. 3.
3. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» 5 марти соли 2007, № 233[Матн] // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2007, №3, мод. 166.
4. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи вазъи ҳуқуқии шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 2 январи соли 2018, № 1471[Матн] // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2018, №1, мод.3, №5, мод. 276.
5. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 20 марти соли 2008, №374[Матн] // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2008, №3, мод. 193.
6. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи гурезаҳо» аз 10 майи соли 2002, № 50[Матн] // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2002, №4, қ.1, мод. 305.
7. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муҳоҷират» аз 11 декабри соли 1999, №881[Матн] // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 1999, №12, мод. 320.
8. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи вазъи ҳуқуқии шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 2 январи соли 2018, № 1471 [Матн] // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2018, №1, мод.3, №5, мод. 276.

9. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи адвокатура ва фаъолияти адвокатӣ» аз 18 марти соли 2015, № 1182 [Матн] // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2015, №3, мод. 204.

10. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷиқистон «Дар бораи маориф» аз 22 июли соли 2013, № 1004 [Матн] // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2013, № 7, мод. 532.

11. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи милитсия» 17 майи соли 2004, № 41 [Матн] // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2004, №5, мод. 352.

12. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи вазъи ҳуқуқии хизматчиёни ҳарбӣ» 1 марти соли 2005, № 90[Матн] // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2005, №3, мод.130.

13. Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23 июли соли 2016, № 1329 [Матн] // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2016, №7, мод. 604.

14. Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21 майи соли 1998, № 574 [Матн] // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 1998, №9, мод. 68.

15. Международный пакт о гражданских и политических правах. (Принята резолюцией Ген. Ассамблеи ООН 2200 А (XXI) от 16.12.1966)// Права человека. Сборник международных и национальных документов. В 8 томах. Под ред. Диноршоев А.М. Т.1. Душанбе 2010 г.

16. Конвенция № 105 МОТ «Об упразднении принудительного труда» 25 июня 1957 // [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: URL: https://base.garant.ru/70514952/ (санаи муроҷиат: 08.01.2021 с.).

17. Конвенция № 131 Международной организации труда «Об установлении минимальной заработной платы с особым учетом развивающихся стран» заключена в г. Женеве 22 июня 1970 г. – Женева: Международное бюро труда. – 1991. – С. 1605-1608.

18. Конвенция № 132 Международной организации труда «Об оплачиваемых отпусках (пересмотренная в 1970 году) принята в г. Женева 24 июня 1970 г. на 54-ой сессии Генеральной конференции МОТ // СЗ РФ. – 19.12.2011. – № 51. – Ст. 7451.

19. Конвенция № 155 Международной организации труда «О безопасности и гигиене труда и производственной среде» принята в г. Женеве 22 июня 1981 г. на 67-ой сессии Генеральной конференции МОТ // СЗ РФ. – 10.12.2001. – № 50. – Ст. 4652.

20. Конвенция № 168 Международной организации труда «О содействии занятости и защите от безработицы» принята в г. Женева 21 июня 1988 года // Конвенции и рекомендации, принятые Международной Конференцией труда. – 1957-1990. – Т. II. – Женева, Международное бюро труда, 1991.

21. Конституция (Основной закон) Таджикской ССР. – Сталинабад, 1937. – С. 26.

22. Конституция КНДР принята на I сессии Верховного Народного Собрания КНДР пятого созыва 27 декабря 1972 года с изм. от 9 апреля 1992 г. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: URL: http://vkpb.ru/old/kndr/const_kndr.shtml (санаи муроҷиат: 02.09.2020).

**Монографияҳо, китобҳои дарсӣ, васоити таълимӣ**

23. Авакьян, С.А. Конституционное право России [Текст] / С.А. Авакьян. – М., 2014. Т.1 – 860 с.

24. Азаров, А., Ройтер, В., Хюфнер, К. Права человека. Международные и российские механизмы защиты [Текст] / А. Азаров, В. Ройтер, К. Хюфнер. – М., 2003. – 560 с.

25. Александров, Н.Г. Законность и правоотношения в советском обществе [Текст] / Н.Г. Александров. – М.: Госюриздат, 1955. – 176 с..

26. Алексеев, С.С. Общая теория права [Текст] / С.С. Алексеев. – М.: Юридическая литература, 1981. – Т. 1. – 360 с.

27. Большая Советская Энциклопедия: в 30 томах [Текст]. Т. 26 / Гл. ред. А.М. Прохоров. – 3-е изд. – М.: Сов. энцикл., 1977. – 719 с.

28. Витрук, Н.В. Общая теория правового положения личности [Текст] / Н.В. Витрук. – М.: Норма, 2008. – 447 с.

29. Воеводин, Л.Д. Юридический статус личности в России [Текст] / Л.Д. Воеводин. – М., 1997. – 299 с.

30. Гаджиев, Г.А. Защита основных экономических прав и свобод предпринимателей за рубежом и в Российской Федерации [Текст] / Г.А. Гаджиев. – М., 1995. – 232 с.

31. Гафуров, Х.М. Судебная система Республики Таджикистан: современное состояние и перспективы развития [Текст] / Х.М. Гафуров. – Душанбе, 2007. – 186 с.

32. Глотов, С.А., Миронов, О.О., Фомиченко, М.П., Шаклеин, Н.И. Права человека в международном и российском праве: курс лекций [Текст] / С.А. Глотов, О.О. Миронов, М.П. Фомиченко, Н.И. Шаклеин / отв. ред. О.О. Миронов. – М., 2007. – 513 с.

33. Глущенко, П.П., Кикоть, В.Я. Теория и практика социально-правовой защиты конституционных прав, свобод и интересов граждан в Российской Федерации: Учебник [Текст] / П.П. Глущенко, В.Я. Кикоть. – М., 2006. – 448 с.

34. Горшенев, В.М. Контроль как правовая форма деятельности [Текст] / В.М. Горшенев. – М., 1987. – 176 с.

35. Гражданские права человека: современные проблемы теории и практики [Текст] / Под ред. Рудинский Ф.М. – М., 2006. – 623 с.

36. Гусов, К.Н., Толкунова, В.Н. Трудовое право России: учебник [Текст] / К.Н. Гусов, В.Н. Толкунова. – М.: Проспект, 2004. – 570 с.

37. Диноршоев, А.М. Закрепление прав и свобод человека в Конституции Республики Таджикистан [Текст] / А.М. Диноршоев. – Душанбе, 2014. – 143 с.

38. Диноршоев, А.М. История прав человека [Текст] Учебник для вузов / А.М. Диноршоев. – Душанбе, 2016. – 362 с.

39. Диноршоев, А.М. Классификация прав, свобод и обязанностей человека и гражданина в РТ[Текст] / А.М. Диноршоев. – Душанбе, 2013. – 140 с.

40. Диноршоев, А.М. Механизмы защиты прав человека в Республике Таджикистан [Текст] Монография / А.М. Диноршоев. – Душанбе, 2014. – 150 с.

41. Диноршоев, А.М. Права человека [Текст]. Учебник для Вузов / А.М. Диноршоев. – Душанбе, 2011. – С. 320 с.

42. Диноршоев, А.М. Реализация конституционных прав и свобод человека и гражданина в Республике Таджикистан [Текст] / А.М. Диноршоев. – Душанбе, 2015. – 225 с.

43. Диноршох, А.М. Солехзода, Г.Д. Социальное государство: история, теория и практика [Текст] / А.М. Диноршох, Г.Д. Солехзода. – Душанбе, 2022. – 224 с.

44. Диноршох, А.М., Азиззода, У.А., Павленко, Е.М. Искандаров, Ш.Ф. Механизмы защиты прав человека [Текст]. Учебное пособие / Под ред. д.ю.н., профессора А.М. Диноршох. – Душанбе, 2018. – 324 с.

45. Диноршоев, А.М., Салохидинова, С.М. Право на предпринимательскую деятельность в системе социально-экономических и культурных прав в Республике Таджикистан [Текст] / А.М. Диноршоев, С.М. Салохидинова. – Душанбе, 2015. – 190 с.

46. Диноршоев, А.М., Сафаров, Б.А. Формирование прав человека в Таджикистане: История и современность [Текст] / А.М. Диноршоев, Б.А. Сафаров. – Волгоград, 2014. – 295 с.

47. Дмитриев, Ю.А. Правовое положение человека и гражданина в Российской Федерации [Текст] / Ю.А. Дмитриев. – М., 1992. – 50 с.

48. Иванец, Г.И., Калинский, И.В., Червонюк, В.И. Энциклопедия конституционного права России [Текст] / Г.И. Иванец, И.В. Калинский, В.И. Червонюк. – М., 2002. – 430 с.

49. Имомов, А.И. Ҳуқуқи конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн]. Китоби дарсӣ. Нашри чорум бо тағйироту иловаҳо / А.И. Имомов. – Душанбе, 2017. – 766 с.

50. Институт прав человека в России [Текст] / Г.Н. Комкова, О.В. Шудра и др. Под ред. Г.Н. Комковой. – Саратов: Изд-во СГУ, 1998. – 282 с.

51. Иоффе, О.С. Избранные труды. В 4-х т., Том II. Советское гражданское право [Текст] / О.С. Иоффе. – СПб.: Юридический центр Пресс, 2004. – 574 с.

52. Искандаров, З.Ҳ. Ҳуқуқҳои инсон ва механизми миллии ҳимояи он [Матн] / З.Ҳ. Искандаров. – Душанбе, 2007. – 131 с.

53. Камолов, И.И. Нормативный правовой акт в системе источников права [Текст] / И.И. Камолов. – Саарбрюкен, 2014. – 157 с.

54. Карташов, В.Н. Теория государства и права: учебное пособие для бакалавров [Текст] / В.Н. Карташов. – Ярославль: ЯрГУ, 2012. – 360 с.

55. Киавлов, М.А. Прокурорский надзор за обеспечением прав личности при расследовании преступления [Текст] / М.А. Киавлов. – М., 1981. – 167 с.

56. Киселев, И.Я. Сравнительное и международное трудовое право [Текст]. Учебник для вузов / И.Я. Киселев. – М., 1999. – 728 с.

57. Козлова Е.И., Кутафин, О.Е. Конституционное право России [Текст] / Е.И. Козлова, О.Е. Кутафин. – М., 2005. – 592 с.

58. Комментарий к Трудовому кодексу Российской Федерации [Текст] / отв. ред. А.М. Куренной, С.П. Марвин, Е.Б.Хохлов. – М., 2007. – 848 с.

59. Комментарий к Трудовому кодексу Российской Федерации [Текст] / отв. ред. Ю.П. Орловский. – М., 2002. – 1500 с.

60. Комментарий к Трудовому кодексу Российской Федерации [Текст] / Под ред. К.Н. Гусова. – М., 2002. – 402 с.

61. Конституции государств Европы: в 3-х т. Т. 1[Текст] / Под общ. ред. Л.А. Окунькова. – М.: Изд-во НОРМА, 2001. – С. 137.

62. Конституции государств Центральной и Восточной Европы [Текст] / отв. ред. Н.В. Варламова. – М., 1997. – 578 с.

63. Конституции зарубежных государств: Великобритания, Франция, Германия, Италия, Соединенные Штаты Америки, Япония, Бразилия: учебное пособие [Текст] / сост. сб. В.В. Маклаков. - 7-е изд. – М.: Волтерс Клувер, 2010. – 640 с.

64. Конституционное (государственное) право зарубежных стран. Часть общая: Конституционное (государственное) право и его основные институты [Текст] / отв. ред. Б.А. Страшун. – М., 2000. – Т. 1-2. – 430 с.

65. Конституционное право зарубежных стран [Текст] / отв. ред. В.В. Чиркин. – М., 1997. – 568 с.

66. Конституция Российской Федерации: доктринальный комментарий (постатейный) [Текст] / Под ред. Ю.А. Дмитриева. – М.: «Деловой двор», 2009 г. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: URL: http://base.garant.ru/5697462/2/ (санаи муроҷиат: 06.04.2020 с.).

67. Конституция Российской Федерации: научно-практический комментарий [Текст] / Под ред. Б.Н. Топорнина. – М.: Юристь, 1997. – 621 с.

68. Конституция, закон, подзаконный акт [Текст]. – М., Юридическая литература, 1994. – 136 с.

69. Кулапов, В.Л. Теория государства и права [Текст]: учебник / В.Л. Кулапов. – Саратов: Изд-во ФГБОУ ВПО «СГЮА», 2011. – 452 с.

70. Лазарев, В.В. Реализация законодательной воли [Текст] // Общая теория права: учебное пособие / В.В. Лазарев / под ред. А.С. Пиголкина. – М., 1994. – 520 с.

71. Малеин, Н.С. Охрана прав личности советским законодательством [Текст] / Н.С. Малеин. – М., 1985. – 166 с.

72. Малько, А.В. Стимулы и ограничения в праве: теоретико-информационный аспект [Текст] / А.В. Малько. – Саратов, 1994. – 184 с.

73. Менглиев, Ш.М. Международное частное право [Текст]. Часть 1. / Ш.М. Менглиев. – Душанбе: «Деваштич», 2002. – 562 с.

74. Молодцов, М.В. Гарантии и компенсации рабочим и служащим [Текст] / М.В. Молодцов. – М.: Юрид. лит., 1973. – 72 с.

75. Мордовец, А.С. Социально-экономические механизмы обеспечения прав человека и гражданина [Текст] / А.С. Мордовец. – Саратов, 1996. – 286 с.

76. Ожегов, С.И., Шведова, Н.Ю. Толковый словарь русского языка [Текст] / С.И. Ожегов, Н.Ю. Шведова. – М.: АЗЪ, 1995. – 2314 с.

77. Ойев, Х.О. Фарҳанги истилоҳоти ҳуқуқи конститутсионӣ ва маъмурӣ [Матн] / Х.О. Ойев / Зери таҳрири Имомов А.И., Диноршоев А.М. – Душанбе, 2013. – 600 с.

78. Пашерстник, А.Е. Право на труд [Текст] / А.Е. Пашерстник. – М., 1951. – 230 с.

79. Пашков, А.С. Избранные труды по трудовому праву [Текст] / А.С. Пашков. – СПб.: Изд. дом Санкт-Петербургского гос. ун-та, 2006. – 520 с.

80. Постановление Конституционного суда Республики Таджикистан по делу «Об определении соответствия статьи 17 Семейного кодекса Республики Таджикистан части 2 статьи 17 и части 2 статьи 33 Конституции Республики Таджикистан» в связи с представлением судьи Суда района Шохмансур города Душанбе Шодиева Ш.Р. от 1 июля 2009 года. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://constcourt.tj/ru/qarorho/postanovlenie-po-hodatajstvu-shodieva-sh-r/(санаи мурочиат: 23.08.2020 с.).

81. Права человека [Текст] / Под ред. Е.А. Лукашевой. – М., 1999. – 573 с.

82. Права человека и показатели - обоснование и некоторые вопросы. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://www.ohchr.org (санаи мурочиат: 23.08.2020 с.).

83. Права человека. Сборник международных и национальных документов в 8-ми томах [Текст]. 2-е изд. перераб. и доп. Под ред. Диноршоев А.М. Т. 1. – Душанбе, 2010. – 552 с.

84. Права человека [Текст]: учебник \ Отв. ред. Е.А. Лукашева. – М., 2001. – 560 с.

85. Пряхина, Т.М. Понятие конституционности и реализация Основного закона [Текст] / Т.М. Пряхина. – М., 1994. – 427 с.

86. Ҳуқуқи инсон: китоби дарсӣ барои хонандагони синфи 10 [Матн] / Зери таҳрири умумии Т.Н. Зиёев, А.Т. Холиқов, Р.Ш. Сотиволдиев. – Душанбе, 2010. – 323 с.

87. Салохидинова, С.М. Право на предпринимательскую деятельность в конституционном праве Республики Таджикистан [Текст] / С.М. Салохидинова. – Душанбе, 2018. – 205 с.

88. Шарофзода, Р.Ш. Назарияи давлат ва ҳуқуқ[Матн]. Китоби дарсӣ барои муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ / Р.Ш. Шарофзода. – Душанбе: «Сино», 2023. – 688 с.

89. Сафарзода, Б.А. Международные стандарты в области прав человека: История и современность [Текст] / Б.А. Сафарзода. – Душанбе, 2016. – 375 с.

90. Сборник решений Конституционного суда Республики Таджикистан [Текст]. – Душанбе, 2012. – 676 с.

91. Рудинский, Ф.М. Личность и социалистическая законность [Текст] / Ф.М. Рудинский. – Волгоград, 1976. – 159 с.

92. Смирнов, О.В. Гарантии трудовых прав рабочих и служащих по КЗоТ РСФСР 1922 года [Текст] / О.В. Смирнов // КЗоТ РСФСР 1922 года и современность. Тр. ВЮЗИ. – М., 1974. – Т. 35. – С. 44-46.

93. Смирнов, О.В. Природа и сущность права на труд в СССР[Текст] / О.В. Смирнов. – М.: Юрид. лит, 1964. – 210 с.

94. Современное трудовое право (опыт трудоправового компаративизма) [Текст] / Под ред. В.М. Лебедева. – М., 2007. – 301 с.

95. Сошникова, Т.А. Механизм защиты конституционных прав и свобод в сфере труда в Российской Федерации [Текст] /. М., 2004. 464 с.

96. Стремоухов, А.В. Правовая защита человека [Текст] / Т.А. Сошникова. – М., 2007. – 312 с.

97. Тархов, В.А. Гражданское право [Текст] / В.А. Тархов. – Чебоксары, 1997. – 331 с.

98. Тахиров, Ф.Т. Становление советского права в Таджикистане [Текст] / Ф.Т. Тахиров. – Душанбе, 1987. – 192 с.

99. Теория государства и права [Текст] / Под ред. Н.И. Матузова, А.В. Малько. – М., 2002. – 776 с.

100. Тихонравов, Ю.В. Основы философии права [Текст] / Ю.В. Тихонравов. – М., 1997. – 608 с.

101. Толочек, В.А. Современная психология труда [Текст] / В.А. Толочек. – СПб: Питер, 2005. – 479 с.

102. Томашевский, К.Л. Источники трудового права государств-членов Евразийского экономического союза (Проблемы теории и практики) [Текст] / К.Л. Томашевский. – М., 2017. – 560 с.

103. Тощенко, Ж.Т., Цветкова, Г.А. Социология труда [Текст]. Учебник для вузов / Ж.Т. Тощенко, Г.А. Цветкова. – М.: Центр социального прогнозирования и маркетинга, 2012. – 464 с.

104. Трудовое право России [Текст]: учебник / под ред. Ю.П. Орловского, А.Ф. Нуртдинова. 3-е изд. – М.: Юрид. фирма «Контракт»: «ИНФРА-М», 2010. – 608 с.

105. Уздимаева, Н.И. Правовая самозащита: российские и международные стандарты [Текст]: учеб. пособие / Н.И. Уздимаева; науч. ред. д-р юрид. наук проф. Н. И. Матузов. – Саранск: Изд-во Мордов. ун-та, 2017. – 304 с.

106. Фарбер, И.Е. Свобода и права человека в Советском государстве [Текст] / И.Е. Фарбер. – М., 1974. – 190 с.

107. Фарберов, Н.П. Конституционные основы организации Советского общенародного государства [Текст] / Н.П. Фарберов. – М., 1982. – 221 с.

108. Халиков, В.Р. Защита трудовых прав работников [Текст] / В.Р. Халиков. – Челябинск: Челяб. гос. ун-т, 2004. – 75 с.

109. Хижняк, В.С. Право человека на информацию: Механизм реализации [Текст] / В.С. Хижняк / Под ред. В.Т. Кабышева. – Саратов, 1998. – 67 с.

110. Чиркин, В.Е. Конституционное право в Российской Федерации: учебник [Текст] / В.Е. Чиркин. – М.: Юристъ, 2001. – 444 с.

111. Чистяков, О.И. Конституция РСФСР 1918 года [Текст]. Учебное пособие. 2. изд., перераб / О.И. Чистяков. – М.: Зерцало-М, 2003. – 183 с.

112. Шадрин, В.С. Обеспечение прав личности при расследовании преступления [Текст] / В.С. Шадрин. – Волгоград, 1997. – 248 с.

113. Шиян, В.И. Трудовое право: Учебное пособие [Текст] / В.И. Шиян. – М., 2008. – 172 с.

114. Шонасридинов, Н. Бобокалонов, Ғ.М. Тафсири кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикситон [Матн] / Н. Шонасридинов, Ғ.М. Бобокалонов. – Душанбе, 2017. – 1120 с.

115. Шонасридинов, Н. Бобокалонов, Ғ.М. Тафсири кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикситон [Матн] / Н. Шонасридинов, Ғ.М. Бобокалонов. – Душанбе, 2020. – 823 с.

116. Юридические конструкции в трудовом праве и праве социального обеспечения [Текст] / под ред. А.М. Лушникова, М.В. Лушниковой. – Ярославль, 2012. – 188 с.

117. Явич, Л.С. Общая теория права [Текст] / Л.С. Явич. – Л., 1971. – 285 с.

**Мақолаҳо ва маърузаҳо**

118. Абрамова, О., Нуритдинова, А. Защита трудовых прав работников. Комментарии нового законодательства [Текст] / О. Абрамова, А. Нуритдинова // Хозяйство и право. – 2002. – № 11. – С. 11-32.

119. Азаров, Н.П. Международные соглашения по миграции и правам человека [Текст] / Н.П. Азаров // Власть. – 2010. – №1. – С. 50-52.

120. Алексеев, С.С. Правовые средства: постановка проблемы, понятие, классификация [Текст] / С.С. Алексеев //Советское государство и право. – 1987. – № 6. – С. 12-19.

121. Алексеева, Л.В. Исторический генезис конституционного права на труд [Текст] / Л.В. Алексеева // Юридическая наука. – 2011. – № 4. – С. 3-7.

122. Анишина, В.И., Попонов, Ю.Г. Свобода труда или право на труд? [Текст] / В.И. Анишина, Ю.Г. Попонов // Журнал российского права. – 2007. – № 4. – С. 86-96

123. Белый, А.В. Понятие и значениеограничения прав и свобод человека и гражданина [Текст] / А.В. Белый // Вестник Челябинского государственного университета. Право. Вып. 18. – 2009. – № 7 (145). – С. 30-33.

124. Гаврилина, А. Гарантии и компенсации [Текст] / А. Гаврилина // Хозяйство и право. – 2002. – № 9. – С. 14-17.

125. Грачев, Н.А. О видах и месте конституционных экономических прав и свобод человека и гражданина в системе прав и свобод [Текст] / Н.А. Грачев // Конституционное и муниципальное право. – 2006. – № 8. – С. 13-18.

126. Диноршоев, А.М. Теоретические аспекты классификации ограничений прав и свобод человека по законодательству Республики Таджикистан [Текст] / А.М. Диноршоев // Научный вестник Волгоградского филиала РАНХиГС. Серия: Юриспруденция. – 2015. – №1. – С. 30-33.

127. Диноршоев, А.М. К вопросу о понятии и содержании реализации прав и свобод человека и гражданина [Текст] / А.М. Диноршоев // Правовая жизнь. – 2014. – №1 (05). – С. 5-9.

128. Диноршоев, А.М. Особенности международно-правового регулирования вопросов защиты прав трудящихся-мигрантов в рамках ООН[Текст] / А.М. Диноршоев // Юридический вестник. – 2021. – № 1 (5). – С. 94-98.

129. Исозода, П.А., Диноршох, А.М. Теоретические аспекты понятия ограничений прав человека / П.А. Исозода, А.М. Диноршох // В сборнике: Конституционные ценности и ценность Конституции. Материалы круглого стола с международным участием, проводимого в рамках XV Фестиваля науки города Москвы. – 2020. – С. 177-185.

130. Исозода, П. Мафҳуми маҳдуднамоии ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд / П. Исозода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2017. – №2/7. – С. 263-266.

131. Исозода, П.А. К вопросу о понятии и признаках ограничений прав и свобод человека и гражданина в Республике Таджикистан / П.А. Исозода // Государствоведение и права человека. – 2017. – №2 (06).– С. 62-63.

132. Канакова, А.Е. К вопросу соотношения категорий свобода труда и право на труд в конституционной доктрине и решениях конституционного суда Российской Федерации [Текст] / А.Е. Канакова // Пробелы в юридическом законодательстве. Юридический журнал. – 2015. – №5. – С. 40-44.

133. Каринский, С.С. Правовая природа гарантийных и компенсационных выплат, предусмотренных трудовым законодательством [Текст] / С.С. Каринский // Уч. зап. ВНИИСЗ. – М., 1966. – Вып. 8. – С. 125-126.

134. Князева, Н.А. Понятие и виды форм защиты трудовых прав работников [Текст] / Н.А. Князева // Вестник ВГУ. Серия: Право. – 2012. – № 2. – С. 362-371.

135. Комкова, Г.Н. Конституционные гарантии прав человека в России: понятие и классификация [Текст] / Г.Н. Комкова // Известия высших

учебных заведений. Поволжский регион. Серия Общественные науки. Право. – 2016. – № 3 (39). – С. 31-39.

136. Комкова, Г.Н. Понятие равенства и неравенства в российском конституционном праве [Текст] / Г.Н. Комкова // Ленинградский юридический журнал. – 2012. – № 3. – С. 11-27.

137. Коробченко, В.В. Зашита трудовых прав и интересов работников [Текст] / В.В. Коробченко // Журнал российского права. – 2002. – № 12. – С. 59-67.

138. Коровников, А. Правовая защита военнослужащих: проблема ограничения прав [Текст] / А. Коровников // Обозреватель. – 1999. – № 4. – С. 34-38.

139. Лавицкая, М.И. Проблемы реализации права на труд в РФ на современном этапе [Текст] / М.И. Лавицкая // Гуманитарный научный вестник. – 2021. – №3. – С. 214-221.

140. Лушников, А.М. К вопросу о ценностных приоритетах в содержании трудовых прав [Текст] / А.М. Лушников // Вестник Пермского университета. – Выпуск 1 (1). – 2008. – С. 112-114.

141. Лушникова, М.В. Юридическая конструкция способов защиты трудовых прав работников [Текст] / А.М. Лушникова // Вестн. труд. права и права соц. обеспечения: сб. науч. тр. Вып. 6: Юридические конструкции в трудовом праве и праве социального обеспечения / под ред. А.М. Лушникова, М.В. Лушниковой. – Ярославль, 2012. – С. 105-128.

142. Марулина, А.Х., Петрова, А.В. Свобода труда или право на труд: поиск оптимальной законодательной формулировки в Российской Конституции [Текст] / А.Х. Марулина, А.В. Петрова // Гуманитарные и юридические исследования. – 2016. – №1. – С. 165-168.

143. Мелешенко, Н.Т. О конституционных основах права на труд [Текст] / Н.Т. Мелешенко // Вестник ТвГУ. Серия «Право». Вып.31. – 2012. – С. 137-144.

144. Мигачев, Ю.И. Понятие и виды юридических гарантий [Текст] / Ю.И. Мигачев // Государство и право. – 2000. – № 11. – С. 96-98.

145. Насурдинов, Э.С. Проблемы правового воспитания и пути их решения [Текст] / Э.С. Насурдинов // Материалы Международной научно-практической конференции на тему: «Развитие конституционализма в Таджикистане в период независимости» / Под ред. А.М. Диноршоев. – Душанбе: Голд-принт, 2014. – С. 10-19.

146. Невинский, В.В. Юридическая конструкция правового положения человека и гражданина [Текст] / В.В. Невинский // Личность и государство на рубеже веков / под ред. В.В. Невинского. – Барнаул, 2000. – С. 28-33.

147. Подмарев, А.А. Соразмерность как конституционный принцип ограничения прав и свобод [Текст] / А.А. Подмарев // Известия Саратовского университета. Новая серия. Серия: Экономика. Управление. Право. – 2021. – Т. 21, вып. 1. – С. 83-91.

148. Подмарев, А.А. Ограничение прав и свобод человека и гражданина: определение конституционного понятия [Текст] / А.А. Подмарев // Вестник РУДН, серия Юридические науки. – 2014. – № 2. – С. 9-16.

149. Пономаренко, Е.В. Концепция естественного права в конституционно-правовой науке и естественные права и свободы человека [Текст] / Е.В. Пономаренко // Конституционное и муниципальное право. – 2006. – № 4. – С. 26-29.

150. Пучкова, М.В. Нормативные акты Совета Министров союзной республики в механизме реализации конституционных прав граждан [Текст] / М.В. Пучкова // Советское государство и право. – 1985. – №3. – С. 123 -128.

151. Рамонов, С.А. Формы и способы самозащиты / С.А. Рамонов // Современный ученый. – 2019. – № 5. – С. 260-266.

152. Раҳимов, М.З. Қонунгузории соҳибкорӣ: рушд ва мушкилот [Матн] / М.З. Раҳимов // Мушкилоти рушди соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: маводҳои семинари ҷумҳуриявии илмӣ-назариявӣ. – Душанбе, 2014. – С. 15-25.

153. Сагандыков, М.С. Реализация конституционных принципов в правовом статусе работника и работодателя по нормам трудового права [Текст] / М.С. Сагандыков // Вестник ЮУрГУ. Серия «Право». – 2014. – Том 14. – № 3. – С. 106 -109.

154. Симонов, В.И. Понятие гарантий и компенсаций в трудовых отношениях [Текст] / В.И. Симонов // Трудовое право в России и за рубежом. – 2011. – № 4. – С. 49-52.

155. Снигирева, И.О. Трудовой кодекс Российской Федерации и наука трудового права [Текст] / И.О. Снигирева // Трудовое право в России и за рубежом. – 2012. – № 2. – С. 6-8.

156. Снигирева, И.О. Систематизация норм трудового права. Ее формы и технологии [Текст] / И.О. Снигирева // Системный характер трудового права и права социального обеспечения (Первые Гусовские чтения): материала конф. / под общ. ред. Н.Л. Лютова. – М. Проспект, 2016. – С. 273-278.

157. Структура права человека и гражданина на свободу передвижения, выбор места пребывания и жительства [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: URL: https://superinf.ru/view_-helpstud.php?id=1739] (санаи мурочиат: 18.01.2023 с.).

158. Сулаймонов, Ф.С. Конституционные аспекты регулирования отношений собственности в Республике Таджикистан Проблемы правового воспитания и пути их решения[Текст] / Ф.С. Сулаймонов // Материалы Международной научно-практической конференции на тему: «Развитие конституционализма в Таджикистане в период независимости» / Под ред. А.М. Диноршоев. – Душанбе: Голд-принт, 2014. – С. 150-157.

159. Сыроватская, Л.А. О предстоящем реформировании трудовых отношений [Текст] / Л.А. Сыроватская // Трудовое право. – 1998. – № 2. – С. 73-75.

160. Тишков, Д.С. Право каждого на труд: понятие и конституционно-правовое регулирование [Текст] / Д.С. Тишков // Алтайский юридический вестник. – 2016. – № 2 (14). – С. 49-53.

161. Трофимова, Г.А. Право на труд и свобода труда: проблемы соотношения [Текст] / Г.А. Трофимова // Трудовое право в России и за рубежом. – 2014. – № 2. – С. 24-26.

162. Федин, В.В. Соотношение принципа свободы труда и права на труд [Текст] / В.В. Федин // Lex Russica. Научные труды МГЮА. – 2004. – № 2. – С. 411-435.

163. Хазов, Е.Н., Дорожко, Ф.Л. Особенности и классификация юридических гарантий прав, свобод и обязанностей человека и гражданина в России [Текст] / Е.Н. Хазов, Ф.Л. Дорожко // Вестник Московского университета МВД России. – 2009. – № 8. – С. 141-142.

164. Худолей, Д.М. Конституционализация права на труд в зарубежных государствах [Текст] / Д.М. Худолей // Вестник Пермского университета. Юридические науки. – 2010. – Вып. 1(7). – С. 168-170.

165. Худолей, Д.М. Трудовые права в системе конституционных прав и свобод граждан зарубежных стран СНГ и Балтии [Текст] / Д.М. Худолей // Вестник Пермского университета. – 2010. – № 1 (7). – С. 171-178.

166. Чепелюк, А.Я. К вопросу о совершенствовании российского трудового законодательства о способах защиты права при дискриминации [Текст] / А.Я. Чепелюк // Российское правоведение: трибуна молодого ученого. Вып. 13. – Томск, 2013. – С. 113-114.

167. Чиканова, Л.А. Право на труд: конституционный и международный аспекты [Текст] / Л.А. Чиканова // Журнал российского права. – 2018. – №5. – С. 5-15.

168. Шаталова, Т.Н., Еленваренко, А. Теоретические аспекты в исследовании понятия «труд» с позиции процесса и экономического ресурса [Текст] / Т.Н. Шаталова, А. Еленваренко // Вестник ОГУ. – 2007. – № 4. – С. 71-73.

169. Шведов, А.Л. Система источников трудового права России: основные проблемы функционирования и тенденции развития [Текст] / А.Л. Шведов // Российский ежегодник трудового права. – 2008. – № 4. – С. 89-108.

170. Шестеряков, И.А. Кодификация в сфере труда государств евразийской интеграции [Текст] / И.А. Шестеряков // Гармонизация социального и трудового законодательства в сфере защиты прав, свобод и интересов граждан в условиях Евразийского экономического союза: теория, практика, возможности: материалы межд. науч.-практ. конф., 29-30 апр. 2014 г.; под общ. ред. Т.М. Абайдельдинова [и др.]. – Алматы: Изд-во Казак университет, 2014. – С. 229-230.

171. Эльназаров, Д.Х. К вопросу о механизме обеспечения и гарантии защиты конституционных прав и свобод человека и гражданина в Таджикистане [Текст] / Д.Х. Эльназаров // Вестник Таджикского национального университета. – 2012. – № ¾ (90). – С. 31-38.

**Диссертасия ва авторефератҳо**

172. Алпатов, А.А. Право человека на вознаграждение за труд в контексте соотношения экономики, права и справедливости (теоретико-правовые вопросы) [Текст]: дис. … канд. юрид. наук: 12.00.01 / Альпатов Алексей Андреевич. – Волгоград, 2005. – 194 с.

173. Ау, Т.И. Проблемы социальной государственности в Республике Казахстан (в контексте сравнения с опытом Российской Федерации) [Текст]: дис. ... канд. юрид. наук: 12.00.01 / Ау Татьяна Ивановна. – Москва, 2014. – 232 с.

174. Ашихмина, А.В. Конституционно-правовой механизм ограничения прав и свобод человека и гражданина в Российской Федерации [Текст]: дис. ... канд. юрид. наук: 12.00.02 / Ашихмина Алена Владимировна. – Волгоград, 2009. – 210 с.

175. Беймлер, П.Ю. Конституционно-правовое регулирование права человека и гражданина на труд в условиях, отвечающих требованиям

безопасности [Текст]: автореф. … канд. юрид. наук: 12.00.02 / Беймлер П.Ю. – Челябинск, 2012. – 24 с.

176. Белянская, О.В. Механизм непосредственной реализации прав и свобод личности [Текст]: дис. … канд. юрид. наук: 12.00.01 / Белянская Ольга Викторовна. – Тамбов, 2003. – 182 с.

177. Бендюрина, С.В. Федеральный парламентский контроль (конституционно-правовое исследование) [Текст]: дис. … канд. юрид. наук: 12.00.02 / Бендрюкина Светлана Владимировна. – М., 2003. – 223 с.

178. Бережной, В.А. Конституционные принципы и права в сфере труда и их защита в Российской Федерации [Текст]: дис. … канд. юрид. наук: 12.00.02 / Бережной Владимир Александрович. – Москва, 2007. – 182 с.

179. Бобокалонов, Г.М. Становление и развитие трудового законодательства в Таджикистане (1917-1940 гг.) [Текст]: дис. … канд. юрид. наук: 12.00.01 / Бобокалонов Гоиб Мерганович. – Душанбе, 2004. – 198 с.

180. Борисов, О.В. Конституционно-правовое регулирование прав и свобод человека и гражданина в сфере трудовых отношений в Российской Федерации [Текст]: дис. … канд. юрид. наук: 12.00.02 / Борисов Олег Владимирович. – М., 2006. – 199 с.

181. Вализода, С.О. Ташаккул ва инкишофи озодии виҷдон ва эътиқоди динӣ дар Тоҷикистон [Матн]: дис. … номз. илм. ҳуқуқ: 12.00.01 / Вализода Саёҳат Одинашоҳ. – Душанбе, 2020. – 188 с.

182. Вдовин, Г.Ю. Реализация конституционного права граждан на труд в Российской Федерации в современных условиях [Текст]: автореф. дис. … канд. юрид. наук: 12.00.02 / Г.В. Вдовин. – Москва, 2009. – 24 с.

183. Грецова, Е.Е. Правомерные ограничения прав и свобод человека в международном праве [Текст]: дис. ... канд. юрид. наук: 12.00.10 / Грецова Екатерина Евгеньевна. – М., 2009. – 172 с.

184. Диноршоев, А.М. Конституционные основы регламентации и реализации прав и свобод человека и гражданина в Республике Таджикистан

[Текст]: дис. ... д-ра юрид. наук: 12.00.02 / Диноршоев Азиз Мусоевич. – Москва, 2015. – 535 с.

185. Дружинин, Д.Н. Экономические права и свободы граждан РФ (конституционно-правовой аспект) [Текст]: дис. ... канд. юрид. наук: 12.00.02 / Дружинин Дмитрий Николаевич. – Ростов н/Д., 2003. – 171 с.

186. Завьялов, М.Ф. Надзор и контроль за соблюдением законодательства о труде как способы защиты прав работников [Текст]: дис. … канд. юрид. наук: 12.00.05 / Завьялов Михаил Федорович. – Москва, 2013. – 237 с.

187. Исозода, П.А. Ҷанбаҳои назариявӣ ва ҳуқуқии конститутсионии маҳдуд кардани ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн]: дис. … номз. илмҳ. ҳуқуқ: 12.00.01/12.00.02 / Исозода Парвиз Асадулло. – Душанбе, 2023. – 218 с.

188. Камолов, Ш.Х. Конституционно–правовая регламентация институтов защиты прав и свобод человека и гражданина в Республике Таджикистан [Текст]: автореф. дис. … канд. юрид. наук: 12.00.02 / Ш.Х. Камолов. – Душанбе, 2019. – 26 с.

189. Крусс, В.И. Конституционное право личности на предпринимательскую деятельность в Российской Федерации [Текст]: дис. … канд. юрид. наук: 12.00.02 / Крусс Владимир Иванович. – М., 1997. – С. 30.

190. Лапин, С.Ю. Обеспечение доступа граждан к информации о деятельности органов государственной власти и местного самоуправления в Российской Федерации: информационно-правовой аспект [Текст]: дис. ... канд. юрид. наук: 12.00.14 / Лапин Сергей Юрьевич. – Саратов, 2011. – 183 с.

191. Максимов, А.А. Конституционно–правовые основы обеспечения равенства прав и свобод мужчин и женщин [Текст]: дис. … канд. юрид. наук: 12.00.02 / Максимов Александр Александрович. – М., 2013. – 196 с.

192. Миралиев, И.К. Права человека в условиях формирования правового государства в Республике Таджикистан [Текст]: дис. … канд. юрид. наук: 12.00.01 / Миралиев Исфандиёр Қарахонович. – Душанбе, 2014. – 258 с.

193. Муминов, У.К. Конституционно-правовые основы статуса иностранных граждан в Республике Таджикистан и роль органов внутренних дел в его обеспечении [Текст]: дис. … канд. юр. наук: 12.00.02 / Муминов Улугбек Каримович. – М., 2020. – 213 с.

194. Назаров, Д.Қ. Санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ дар низоми сарчашмаҳои танзими ҳуқуқии меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Текст]: дис. ... номзд. илм. ҳуқуқ: 12.00.05 / 12.00.10 / Назаров Давлатхон Қурбонмуродович. – Душанбе, 2021. – 185 с.

195. Нозакзода, З.З. Институт профессиональных союзов в Таджикистане (Историко-правовое и сравнительно – правовое исследование) [Текст]: дис … канд. юрид. наук: 12.00.01 / Нозакзода Зулхия Загирдавлат. – Душанбе 2023. – 213 с.

196. Обидова, М.Н. Право граждан на участие в отправлении правосудия: теоретико-правовое и конситуционно-правовое исследование [Текст]: дис. … канд. юрид. наук: 12.00.01 / 12.00.02 / Обидова Манижа Насруллоевна. – Душанбе, 2021. – 184 с.

197. Плотникова, Н.И. Конституционное право человека и гражданина на предпринимательскую деятельность в России [Текст]: дис. … канд. юрид. наук: 12.00.02 / Плотникова Инна Николаевна. – Саратов, 2002. – 251 с.

198. Радченко, Д.А. Конституционное право человека на труд и механизм его реализации в Российской Федерации [Текст]: дис. … канд. юрид. наук: 12.00.02 / Радченко Дмитрий Александрович. – М., 2004. – 216 с.

199. Рассолова, Е.Ш. Ограничения прав и свобод человека и гражданина в Российской Федерации [Текст]: конституционно-правовое исследование: дис. …канд. юрид. наук: 12.00.02 / Рассолова Евгения Шамильевна. – Уфа 2009. – 196 с.

200. Романовский, Г.Б. Теоретические проблемы права человека на жизнь: Конституционно-правовое исследование [Текст]: автореф. дис. … д-ра юрид. наук: 12.00.02 / Романовский Г.Б. – Москва, 2006. – 56 с.

201. Саидов, И.И. Развитие личных и политических прав человека в Таджикистане: историко-правовой и общетеоретический анализ [Текст]: дис. … канд. юрид. наук: 12.00.01 / Саидов Исфандиёр Искандарович. – Душанбе, 2015. – 209 с.

202. Салохидинова, С.М. Право на предпринимательскую деятельность в конституционном праве Республики Таджикистан [Текст]: дис … канд. юрид. наук: 12.00.02 / Салохидинова Симо Мухамадиевна. – Москва, 2016. – 200 с.

203. Симонов, В.И. Реализация права на гарантии и компенсации в трудовых отношениях [Текст]: автореф. дис. ... канд. юрид. наук: 12.00.05 / В.И. Симонов. – М., 2011. – 27 с.

204. Скобелкин В.Н. Юридические гарантии трудовых прав рабочих и служащих в СССР[Текст]: автореф. дис. ... д-ра юрид. наук: 12.00.05 / В.Н. Скобелкин. – М., 1971. – 40 с.

205. Солехзода, Г.Д. Конституционно-правовые основы Республики Таджикистан как социального государства [Текст]: дис. … канд. юрид. наук: 12.00.02 / Солехзода Гулнора Давлат. – Душанбе, 2020. – 220 с.

206. Тарасов, А.В. Ограничение конституционных прав и свобод человека в условиях особых правовых режимов в Российской Федерации [Текст]: дис. ... канд. юрид. наук: 12.00.02 / Тарасов Алексей Васильевич. – СПб., 2006. – 189 с.

207. Хурматулина, А.М. Право на труд как конституционная ценность и его обеспечение в субъектах Российской Федерации [Текст]: дис. … канд. юрид. наук: 12.00.02 / Хурматулина Алсу Махмутовна. – Казань, 2015. – 267 с.

208. Цыбулевская, О.И. Нравственные основания современного российского права [Текст]: автореф. дис. … д-ра юрид. наук: 12.00.01 / О.И. Цыбулевская. – Саратов, 2004. – 58 с.

209. Юсуфов, А.Х. Конституционно-правовые основы ограничения прав и свобод человека и гражданина в Республике Таджикистан в условиях

чрезвычайного положения [Текст]: дис. …канд. юрид. наук: 12.00.01 / Юсуфов Акмалджон Хотамович. – М., 2014. – 224 с.

**Захираҳои электронӣ**

210. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://constcourt.tj/qarorho/%d2%9baror-az-r%d1%9ei-darhosti-sha%d2%b3rvand-turaev-m-m/(санаи муроҷиат: 12.06.2022 с.).

211. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://constcourt.tj/qarorho/%d2%9baror-az-r%d1%9ei-darhosti-sha%d2%b3rvand-turaev-m-m/(санаи муроҷиат: 12.06.2022 с.).

212. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://constcourt.tj/qarorho/%d2%9baror-oid-ba-darhosti-direktori-matbaai-shahri-isfara-abdulloev-i-n/(санаи муроҷиат: 12.06.2022 с.).

213. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://constcourt.tj/qarorho/%d2%9baror-oid-ba-darhosti-direktori-matbaai-shahri-isfara-abdulloev-i-n/(санаи муроҷиат: 12.06.2022 с.).

214. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://www.mehnat.tj/ru/legalacts(санаи муроҷиат: 12.06.2022 с.).

215. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» аз 21-уми декабри соли 2021. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.president.tj. (санаи муроҷиат: 02.02.2022 с.).

216. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» аз 23-юми декабри соли 2022. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://prezident.tj (санаи муроҷиат: 04.02.2023 с.).

217. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» аз 28-уми декабри соли 2023. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.president.tj. (санаи муроҷиат: 30.12.2023 с.).

218. Эмомали Рахмон - Основатель мира и национального единства - Лидера нации, Президент Республики Таджикистан. Речь на встрече с руководителями и активистами Федерации независимых профессиональных союзов Республики Таджикистан г. Душанбе 24.10.2019. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: URL: <http://www. president.tj/ru/node/21697>.(санаи муроҷиат: 6.11.2020 с.).

## ИНТИШОРОТ АЗ РӮЙИ МАВЗУИ ДИССЕРТАТСИЯ

**Мақолаҳои илмие, ки дар маҷаллаҳои илмии тақризшаванда ва тавсиякардаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудаанд:**

**[1-М].** Сангинов Д.Ш., Назаров Д.Қ., Мирзозода, Ш.М. Баъзе пешниҳодҳо оид ба такмили Кодекси меҳнатии Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Ш.М. Мирзозода, Д.Ш. Сангинов, Д.Қ. Назаров // Идоракунии давлатӣ. – 2021. – №1 (50). – С. 131-142. ISSN 2664-0651.

**[2-М].** Мирзозода, Ш.М. Танзими конститутсионии ҳуқуқи меҳнат[Матн] / Ш.М. Мирзозода // Идоракунии давлатӣ. – 2021. – №4/2 (54). – С. 210-215. ISSN 2664-0651.

**[3-М].** Назаров Д.Қ., Мирзозода, Ш.М. Танзими ҳуқуқии меҳнати кормандони дар ду (якчанд) ҷойи коркунанда [Матн] / Ш.М. Мирзозода, Д.Қ. Назаров // Маҷаллаи академии ҳуқуқ. – 2021. – №4 (40). – С. 140-144. ISSN 2305-0535.

**[4-М].** Назаров Д.Қ., Мирзозода, Ш.М. Хусусияти ҳуқуқии уҳдадориҳои давлатҳои иштирокчии Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои иқтисодӣ,

иҷтимоӣ ва фарҳангӣ [Матн] / Ш.М. Мирзозода, Д.Қ. Назаров // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон. – 2021. – № 3 (23). – С. 264-175. ISSN 2414 – 9217

**[5-М].** Мирзозода, Ш.М. Танзими ҳуқуқии ҳуқуқ ба меҳнат дар қонунҳо ва дигар санадҳои зерқонунии соҳавӣ[Матн] / Ш.М. Мирзозода // Идоракунии давлатӣ. – 2022. – №4/2 (59). – С. 307-311. ISSN 2664-0651.

**[6-М].** Диноршоҳ А.М., Мирзозода, Ш.М. Танзими ҳуқуқии ҳуқуқ ба меҳнат дар қонунгузории миллӣ[Матн] / Ш.М. Мирзозода, А.М. Диноршоҳ // Идоракунии давлатӣ. – 2023. №4-1 (62). – С. 143-153. ISSN 2664-0651.

**[7-М].** Диноршоҳ А.М., Мирзозода, Ш.М. Танзими ҳуқуқии ҳуқуқ ба меҳнат дар Конститутсия [Матн] / Ш.М. Мирзозода, А.М. Диноршоҳ // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2023, №6. – С. 252-258. ISSN 2413 – 5151

**[8-М].** Диноршоҳ А.М., Мирзозода, Ш.М. Эволютсияи таъмини конститутсионии ҳуқуқи меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / А.М. Диноршоҳ, Ш.М. Мирзозода // Маҷаллаи академии ҳуқуқ.– Душанбе, 2023., №2 (46) – С. 128-133.

**Мақолаҳои илмие, ки дар маҷмуаҳо ва дигар нашрияҳои илмӣ-амалӣ чоп шудаанд:**

**[9-М].** Мирзозода, Ш.М. Конституционное регулирование права на труд [Текст] / Ш.М. Мирзозода // Материалы республиканской научно-практической конференции «30 лет независимости: этапы пройденного пути, реалии и перспективы». – Душанбе, 2021. – С. 140-143.

**[10-М].** Мирзозода, Ш.М. Эволюция конституционного закрепления права на труд в Республике Таджикистан [Текст] / Ш.М. Мирзозода // Материалы республиканской научно-практической конференции «Конституция-как фактор стабильности государства»– Душанбе, 2022. – С. 256-263.

**[11-М].** Мирзозода, Ш.М. Регламентация права на труд в международных документах [Текст] / Ш.М. Мирзозода // Вестник филиала Московского государственного университета имени М.В.Ломоносова в городе Душанбе. – 2022. – №2 (24). – С. 98-107.

**[12-М].** Салохидинова С.М., Мирзозода, Ш.М. Соотношение права на труд и свободы предпринимательской деятельности [Текст] / Ш.М. Мирзозода, С.М. Салохидинова // Материалы международной научно-практической конференции «XII Ломоносовские чтения» посвященной Дню таджикской науки и 30-летию установления дипломатических отношений между РТ и РФ – Душанбе, 2022. – С. 626-629.

**[13-М].** Диноршоҳ А.М., Мирзозода, Ш.М. Некоторые вопросы ограничения права на труд [Текст] / Ш.М. Мирзозода, А.М. Диноршоҳ // Материалы международной научно-практической конференции «XIII Ломоносовские чтения» посвященной 115-летию академика Б. Гафурова. – Душанбе, 2023. – С. 122-130.

**[14-М].** Мирзозода, Ш.М. Худмуҳофизат ҳамчун шакли ҳимояи ҳуқуқ ба меҳнат [Матн] / Ш.М. Мирзозода // Маводи конференсияи байналмилалии илмӣ-амалии «Тоҷикон дар оинаи таърих» бахшида ба 115 -солагии академик Б. Ғафуров – Душанбе, 2023. – С. 135-139.